Empowered lives.
Resilient nations.

# КИТОБИ ДАРСИИ

# «РУШДИ ИНСОНӢ»

*(нашри 2, иловагардида ва аз сари нав коркардашуда)*

Душанбе-2014

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Донишгоҳи (словянии) Руссияву Тоҷикистон

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат

Донишкадаи молиявӣ-иқтисодии Тоҷикистон

Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ) дар Тоҷикистон

Лоиҳаи «Тадбиқи консепсияи рушди инсонӣ»

# КИТОБИ ДАРСИИ
# «РУШДИ ИНСОНӢ»

*(нашри 2, иловагардида ва аз сари нав коркардашуда)*

Зери таҳрири умумии
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
Бобоҷонов Р.М.

Душанбе
2014

УДК 331.5:330.47 ??????
ББК 65.497.8-600 ?????

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**
**Донишгоҳи (словянии) Руссияву Тоҷикистон**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**
**Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат**
**Донишкадаи молиявӣ-иқтисодии Тоҷикистон**
**Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**
**Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ) дар Тоҷикистон**
**Лоиҳаи «Татбиқи консепсияи рушди инсонӣ»**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:** Имомов М.С.–Ректори ДМТ,д.и.филологӣ, профессор, аъзо-корр. АФ ҶТ; Хоҷаева М.Ю.–Проректори ДДХ ба номи Б.Ғафуров, д.и.филологӣ,профессор; Шоев Н.Н.–Ректори ДТТ,н.и.тех.,д.и.педагогӣ.,профессор; Салихов Н.Н.–Ректори ДСРТ, д.и.филологӣ,профессор; Кодиров Д.Б.–Ректори ДСХТ,д.и.и.,профессор; Солиев А.А.–Ректори ДМИТ,н.и.и.,дотсент; Аминов И.–Директори ДИС ДДТТ,н.и.и.,дотсент; Бобоҷонов Р.М – н.и.и.,дотсент.

**Шӯрои ҳамоҳангсозӣ:** Раҳимов А.М-д.и.и., профессор, ДДХ ба номи Б.Ғафуров; Носиров Н.Н. –н.и.и.,дотсент, ДСРТ; Рабиева Т.М.–н.и.и.,дотсент, ДТТ; Мамадалиев Ф.-н.и.и., ДСХТ; Иброҳимов И.–н.и.и.,дотсент, ДМИТ; Юсупов А.–н.и.и.,дотсент, ДИС ДДТТ.

**тақризнависон:** д.и.и., профессор **Амонова Д.С.,**
д.и.и., профессор **Ғозибеков С.А.**

**Рушди инсонӣ.** Китоби дарсӣ (*нашри 2, иловагардида ва аз сари нав коркардашуда)* / ҳайати муаллифон //Таҳти таҳрири умумии Бобоҷонов Р.М. – Душанбе: Фарзин, 2014. - ??? с.

Дар китоби дарсии мазкур муқаррароти умумии Консепсияи Рушди Инсонӣ ва механизми тадбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд. Дар он моҳият ва сарчашмаҳои категорияҳои «рушди инсонӣ»; марҳилаҳои ташаккулёбии Консепсия ва эволютсияи он баррасӣ мегардад. Таносуби рушди устувор ва рушди инсонӣ; рушди иқтисодӣ ва шуғл; сатҳи некӯаҳволӣ, нобаробарӣ дар дастрасӣ ва захираҳо ва рушди инсонӣ мавриди баррасб қарор гирифта шудааст.

Ҷузъиётҳои рушди инсонӣ: шохисҳои рушди инсонӣ ва ҳисоби онҳо; саломатӣ ва давомнокии умр; маъориф; ҷабҳаҳои гендерӣ ва экологӣ махсусан қайд гардидаанд. Ташаккулёбии рушди инсонӣ дар заминаи Стратегияҳои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои ба он алоқаманд оид ба идоракунии давлат, бахши умумӣ ва захираҳои инсонӣ ба таври алоҳида қайд шудаанд.

Китоби дарсӣ барои донишҷӯён (бакалаврҳо ва магистрҳо) ва аспирантҳои шӯъбаҳои иқтисодии мактубҳои олӣ тавсия мегардад. Инчунин он мавриди истифодаи мутахассисони вазорату сохторҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳо, ки ба ҳаллу фасли проблемаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ сару кор доранд, қарор дошта метавонад.

Мутобиқи Қарорҳои Шӯроҳои илмӣ ва Шӯроҳои таълми-методии: ДДХ ба номи Б.Ғафуров; ДСРТ; ДТТ; ДСХТ; ДМИТ ва ДИС ДДТТ барои нашрия тавсия гардидааст.

ISBN 978-99975-0-075-0
© Ҳайат маллифон, 2014

Мундарича

**Пешгуфтор ба нашри 2-юм**
**Муқаддима**
**Мавзӯи 1. Асосҳои консептуалии Рушди Инсонӣ**
1.1. Моҳияти РИ ва ташаккулёбии категорияҳои РИ
1.2. Таҳаввулотҳо ва қонуниятҳои РИ
**Мавзӯи 2. Рушди устувор, Рушди Инсонӣ, Рушди Устувори Инсонӣ**
2.1. Масъалоҳои асосӣ ва боҳамалоқамандӣ
2.2. Меёр ва шоҳисҳои рушди устувор
2.3. Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Рушди Устувори Инсонӣ
**Мавзӯи 3. Ченкунии рушди инсонӣ**
3.1. Шохиси Рушди Инсонӣ ва ҷузъиёти он
3.2. Тараққиёти низомҳои ченкунии Рушди Инсонӣ
3.3. Ченкунии муосир: методика ва шохисҳо
3.4. Алоқамандии байни баҳодиҳиҳои Шохисии Рушди Инсонӣ
3.5. Тамоюл ва проблемаҳои ШРИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Мавзӯи 4. Шохисҳои Рушди Инсонӣ ва дезагрегатсияи онҳо дар ҶТ**
4.1. Методикаи ҳисобкунии нишондиҳандаҳои минтақавии ШРИ
4.2. Тафовути минтақавии ШРИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон
4.3. Харитасозии камбизоатӣ: усули ҷудосозӣ
**Мавзӯи 5. Рушди иқтисодӣ ва шуғл дар шароити Рушди инсонӣ**
5.1. Рушди иқтисодӣ ва Рушди Инсонӣ
5.2. Рушди иқтисодӣ ва шуғл
5.3. Проблемаҳои шуғл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Мавзӯи 6. Сатҳи зиндагӣ, нобаробарӣ ва Рушди Инсонӣ**
6.1. Мафҳуми некӯаҳволӣ дар Консепсияи Рушди Инсонӣ
6.2. Нобаробарии иқтисодӣ ва Рушди Инсонӣ
6.3. Камбизоатӣ. Сиёсати давлатӣ оид ба мубориза бо камбизоатӣ
**Мавзӯи 7. Рушди инсонӣ дар заминаи стратегияҳои рушд**
7.1. Стратегияи Миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 ва Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015
7.2. Ҷабҳаҳои иҷтимоии Рушди Инсонӣ; маъориф ва илм.
7.3. Рушди тандуурстӣ ва таъмини шароити беҳдошти солимии аҳолӣ
7.4. Таъмини дастрасии аҳолӣ ба оби тоза, шароити санитарӣ ва хизматрасониҳои коммуналӣ
7.5. Таъмини суботи экологӣ ва рушди устувор
**Мавзӯи 8. Давлат, бахши чаамъиятӣ ва Рушди Инсонӣ**
8.1.Вазифаҳои бахши ҷамъиятӣ ва Рушди Инсонӣ.
8.2.Сиёсати иқтисодиву иҷтимоӣ баҳри Рушди Инсонӣ
8.3.Институтҳои макроиқтисодии танзими захираҳои инсонии Тоҷикистон
**Мавзӯи 9. Амнияти инонӣ дар заминаи Рушди Инсонӣ**
9.1. Мафҳум ва критерияҳои амнияти инсонӣ
9.2. Маъноҳои мукаммали амнияти инсонӣ
9.3. Амнияти инсонӣ ва Рушди Инсонӣ
**Мавзӯи 10. Нақши Ташкилотҳои Ҷомеаи Шаҳрвандӣ, ҷамъиятҳои маҳаллӣ ва бахши хусусӣ дар пешбурди Рушди Инсонӣ**
10.1. ТҶШ ва вазифаҳои он
10.2. Консепсияи иштирок ва ҷузъиётҳои стратегияи рушди он

10.3. Шарикӣ дар пешбурди Рушди Инсонӣ

**Мавзӯи 11. Солимӣ ва давомнокии умр**

11.1. Солимӣ ва дарозумрӣ ҳамчун замина ва натиҷаи Рушди Инсонӣ

11.2. Тафсири мафҳуми «солимӣ».

11.3. Усулҳои ченкунии сатҳи тандурустӣ

11.4. Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола дар соҳаи тандурустӣ

**Мавзӯи 12. Маориф ва Рушди Инсонӣ**

12.1. Маориф, Рушди Инсонӣ ва рушди иқтисодӣ

12.2. Сармоя дар маориф

12.3. Сармояи инсонӣ ва маориф

12.4. Мақсаду вазифаҳои системаи маориф

**Мавзӯи 13. Ҷабҳаҳои гендерии Рушди Инсонӣ**

13.1. Таҳаввули нақшҳои гендерӣ ва Рушди Инсонӣ

13.2. Ченкунии обаробарии гендерӣ

13.3. Шохиси нобаробарии гендерӣ дар Шохиси Рушди Инсонӣ

13.4. Нобаробарии гендерӣ дар соҳаҳои мухталифи Рушди Инсонӣ

13.5. Буҷетҳои гендерӣ ҳамчун омили Рушди Инсонӣ

**Мавзӯи 14. Ҷиҳатҳои экологии Рушди Инсонӣ**

14.1. Ҷиҳатҳои экологии устуворӣ

14.2. Шохисҳои экологӣ

14.3. Олатҳо ва усулҳои имконпазир барои таъмини суботи экологӣ

14.4. Тағйири иқлим ва мутобиқшавӣ ба оқибатҳои он дар Тоҷикистон

**Мавзӯи 15. Масъалаҳои идоракунии молияҳои давлатӣ дар шароити Рушди Инсонӣ**

15.1. Шарҳи хароҷоти давлатӣ дар соҳаҳои афзалиятноки бахши иҷтимоӣ

15.2. Арзёбии мқсадҳои асосии ғайримарказикунии фискалӣ

15.3. Маблағгузории давлатии мақомоти маҳаллии давлатӣ

**Мавзӯи 16. Идоракунии Рушди Инсонӣ**

16.1. Масъалаҳои калидӣ ва алоқамандии байниҳамдигарӣ

16.2. Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои идоракунии Рушди Устувори Инсонӣ

**Замимаи электронӣ:**

1. Мазмуни ғоявии китоби дарсӣ (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ)
2. Луғати тафсирӣ
3. Адабиёти тавсияшавандаи электронӣ

## Пешгуфтор

Қариб зиёда аз якуним сол аз нашри курси лексияҳои “Рушди инсонӣ” сипарӣ шуд ва ҳоло бошад ба таваҷҷӯҳи Шумо нашри дуюм, иловагардида ва дубора коркардашудаи курси мазкур дар шакли китоби дарсии “Рушди инсонӣ” пешкаш мегардад.

Зарурати интишори маводи мазкур дар нашри таҷдидгардида ва тағйир додани формати чӣ гуна ба миён омад ва сабабаш аз куҷо сарчашма мегирад? Таи давраи сипаригашта дар ҳаёти ҷумҳурии мо, инчунин дар тарғибу ривоҷи принсипҳои Консепсияи Рушди инсонӣ ва тадбиқи онҳо дар ташаббусҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсии Тоҷикистон як қатор дигаргуниҳо ба вуҷуд омаданд.

Тадбиқи босамари Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 (дар заминаи Ҳадафҳои рушди ҳазорсола) боиси он гардид, ки Стратегияи миёнамӯҳлати баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 таҳия ва қабул гардад.

Моҳи декабри 2012 дар рафти қабули он дар Шӯрои миллии рушди таҳти роҳбарии Президенти ҷумҳурӣ чунин қайд гардид, ки Стратегияи миёнамӯҳлати зикргардида аз принсипҳои консептуалии Рушди инсонӣ замина мегирад.

Моҳи маи 2012 Гузориши миллӣ оид ба Рушди инсонӣ “Тоҷикистон 2011: институтҳо ва рушд” муаррифӣ гардид.

Моҳи феврали 2013 муаррифии Гузориши миллӣ оид ба рушди инсонӣ “Тоҷикистон -2012: камбизоатӣ дар заминаи тағйири иқлим” баргузор гардид.

2 июли 2013 тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №288, “Консепсияи ҳадафноки миллии илмӣ-тадқиқотӣ доир ба масъалаҳои рушди инсонӣ, таъмини минбаъдаи принсипҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ барои солҳои 2013-2028” тасдиқ гардид, ки дар таҳияи он инчунин баъзе аз муаллифони китоби мазкур ҷалб карда шуданд.

Моҳи ноябри 2013, бо дастгирии Дафтари минтақавии братиславагии БРСММ доир ба кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва ИДМ, дар панҷ макотиби олии ш. Душанбе – ҳамчун шарикони Лоиҳаи “Консепсияи Рушди инсонӣ дар Тоҷикистон”- и БРСММ баҳсҳои зиёде миёни донишҷӯёну устодон дар мавзӯи “Консепсияи Рушди инсонӣ ва натиҷаҳои тадбиқи он дар Тоҷикистон” ба вуқӯъ пайвастанд.

Дар натиҷаи чунин баҳсҳо ва инчунин дар асоси посуху тақризҳои устодон, олимон ва мутахассисони Тоҷикистон нисбат ба нашрияи нахуст, мо шумораи зиёди тавсияву пешниҳодҳои мушаххасро роҷеъ ба такмил додани сохтор ва мундариҷаи ин китоби дарсӣ пайдо намуда, як қисми онҳо дар рафти таҳияи нашрияи мазкур аз ҷониби муаллифон ба назар гирифта шуданд.

Аз ин хотир, дар нашрияи мазкур сохтори навишти матн дигаргун гардида, боби нав ворид намуда шуд ва инчунин дар муқоиса бо мавзӯҳои қаблӣ дар мавзӯҳо баъзе саволҳои иловагӣ дохил карда шуданд. Як қатор мавзӯҳо мавриди тағйиру иловаҳои ночиз қарор гирифтанд, ки ҷиҳати он бар изофа устодону мутахассисони пешқадами ҷумҳурӣ ҷалб гардиданд.

Аз фурсати муносиб истифода бурда, аз номи аҳли ҳайати муаллифон ба тамоми устодони макотиби олӣ, олимони институтҳои таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ, кошиносони вазорату муассисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба кормандони БРСММ дар Тоҷикистон ва шарикони рушди худ барои таваҷҷӯҳ ва дастгирашон баҳри таҳияи нашрияи мазкур арзи сипос менамоям.

Айни замон дар ҷумҳурӣ раванди таҳиясозии Стратегияи нави рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи баъди 2015 шурӯъ шудааст. Ҳамзамон мо умедвор ҳастем, ки истифодаи нашрияи мазкур дар ҷараёни таълимӣ ба пайдо шудани мутахассисоне

мусоидат менамояд, ки тавонанд ҳадафу мақсадҳои Стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар асоси тадбиқи принсипи Консепсияи Рушди инсонӣ босамар иҷро намоянд.

## Муқаддима

Ташаккули марҳилаи муосири рушди ҷомеа на танҳо тағйиротҳои дахлдорро дар сохтори сифатии он тақозо менамояд, балки мукаммалсозии низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ, баланд гардидани сатҳи башардӯстонаи кулли соҳаҳои ҳаёти рӯзмарра ва афзалиятнокии арзишҳои инсониро дар бар мегирад. Одамият ба хулосае омадааст, ки боигарии асосии дилхоҳ кишвар ин одамон ва нерӯи инсонии он ҳамчун ҷузъи калидии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа ба ҳисоб меравнд.

Консепсияи Рушди инсонӣ одамро дар маркази рушди тамаддун инъикос намуда, онро на танҳо ҳамчун восита, балки ҳамчун ҳадафи асосии равандҳои чамъияти-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ ифода менамояд.

Дар чаҳорчӯбаи Барномаи Рушди СММ, тибқи Эъломия оид ба ҳуқуқ ба рушд, ки аз ҷониби Ассемблеяи Генералии ММ (қарори 41/128 аз 4 декабри 1986) қабул гардидааст, нахустин бор зарурати аз сари нав баррасӣ намудани роблемаҳои рушди инсоният ва таҳияи усулҳои ҷадиди баҳодиҳии рушди давлатҳои гуногун ба миён омад. Консепсияи ҷадиди рушди ҷомеа фаҳмиши одатӣ ва яктарафи тараққиётро таввасути танҳо рушди иқтисодӣ рад менамояд. Консепсияи мазкурро назарияҳои иҷтимоӣ-иҷтисодии «рушди нерӯи инсонӣ», «сармояи инсонӣ», «пешравии аҳолӣ» ва «рушди инсонӣ» мукаммал мегардонанд.

Дар санадҳои расмии Барномаи Рушди СММ собит гардидааст, ки рушди ҳақиқии инсонӣ бояд ба одам, гурӯҳи одамон, низомҳои иҷтимоии ҷомеа на ҳамчун восита, на яке аз захираҳои мавҷудаи рушди иқтисодӣ, балки ҳамчун ҳадафи муҳимтарини стратегии ҷамъият дониста шаванд, равона гардад.

Аз соли 2010 сар карда, дар Тоҷикистон дар доираи Лоиҳаи БРСММ дар Тоҷикистон "Тадбиқи Консепсияи Рушди инсонӣ дар Тоҷикистон" қисмати "Тадбиқи курси Рушди инсонӣ дар раванди таълими макотиби олии Тоҷикистон" мавриди иҷроиш қарор гирифтааст.

Дар айни ҳол, шарикони Лоиҳа оид ба тадбиқи курси таълимии мазкур дар кулли ҷумҳурӣ 10 макотиби олӣ ва филиалҳои онҳо инҳоянд: Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон; Донишгоҳи давлатии ш.Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров; Донишгоҳи (славянии) Русия-Тоҷикистон; Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (бо назардошти филиалҳои он дар шаҳрҳо Исфара ва Кӯлоб); Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон; Донишкадаи молияви-иҷтисодии Тоҷикистон; Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Таълимоти Курси Рушди инсонӣ дар мактабҳои номбаршуда аз моҳи сентябри соли 2011 шурӯъ шуда, то кунун бомуваффақ идома ёфта истодааст.

Китоби дарсӣ аз ҷониби ҳайати байниидоравии муаллифони зерин омода шудааст:

Пушгуфтор ба нашри 2-юм ва Муқаддима - н.и.и., дотсент Бобоҷонов Р.М.
Мавзӯи 1. Асосҳои консептуалии Рушди инсонӣ – н.и.и., дотсент Бобоҷонов Р.М.
Мавзӯи 2. Рушди устувор, Рушди инсонӣ, Рушди устувори инсонӣ – н.и.и., дотсент Солиев А.А., н.и.и., дотсент Бобоҷонов Р.М.
Мавзӯи 3. Ченкунии Рушди инсонӣ – д.и.и., профессор Саидмуродов Л.Ҳ.

Мавзӯи 4. Шохисҳои Рушди инсонӣ ва дезагрегатсияии онҳо дар ҶТ – н.и.и. Муминова Ф.М.
Мавзӯи 5. Рушди иқтисодӣ ва шуғл дар заминаи Рушди инсонӣ – д.и.и., профессор Комилов С.Ч,., н.и.и. Бобоҷонов С.Р. (5.2 – н.и.и., дотсент Маҷидов А.М., Пӯлотова М.; 5.3 –н.и.и. Мутиева С.Ж.).
Мавзӯи 6. Сатҳи зиндагӣ, нобаробарӣ ва Рушди инсонӣ – н.и.и., дотсент Носиров Н.Н., н.и.и., дотсент Бобоҷонов Р.М. (6.5 – н.и.и., дотсент Иброҳимов И.)
Мавзӯи 7. Рушди инсонӣ дар заминаи стратегияҳои рушд – н.и.и., дотсент Давлатзод У.Д.
Мавзӯи 8. Давлат, бахши ҷаамъиятӣ ва Рушди инсонӣ – н.и.и. Ҷӯразода Т.Д.
Мавзӯи 9. Амнияти инсонӣ дар заминаи Рушди инсонӣ – н.и.и., дотсент Аминҷонов Р.М.
Мавзӯи 10. Нақши Ташкилотҳои Ҷомеаи Шаҳрвандӣ, ҷамъиятҳои маҳаллӣ ва бахши хусусӣ дар пешбурди Рушди инсонӣ – н.и.и., дотсент Бобоҷонов Р.М.
Мавзӯи 11.Тандурустӣ ва давомнокии умр –н.и.и. дотсент Хегай М. (11.3-н.и.и.Абдулоева М.)
Мавзӯи 12. Маориф ва Рушди инсонӣ – д.и.и., профессор Усмонова Т.Ҷ. (12.3 – н.и.и., дотсент Юсупов А.)
Мавзӯи 13. Ҷабҳаҳои гендерии Рушди инсонӣ – н.и.и., дотсент ХегайМ. (13.1 – Пирматов Ш.А.; 13.2 ва 13.4 – н.и.и. Раҷабова И.Р.; 13.5 – Норматова Н.П.)
Мавзӯи 14. Ҷиҳатҳои экологии Рушди инсонӣ – д.и.биологӣ Бобоҷонова М.П., Мустаева Н.
Мавзӯи 15. Масъалаҳои идоракунии молияҳои давлатӣ дар заминаи Рушди инсонӣ – н.и.и., дотсент Олимов А.Л., н.и.и., дотсент Бобоҷонов Р.М.
Мавзӯи 16. Идоракунии Рушди инсонӣ - н.и.и., дотсент Бобоҷонов Р.М., н.и.и., дотсент Рабиева Т.М

Дар омода намудани курси лексияҳо, китобҳои дарсӣ, маводҳои таълимӣ ва маводҳои методб аз маъхазҳои зерин истифода шуданд: Маркази Минтақавии БРСММ дар Братислава; Донишгоҳи иқтисодии тобистонаи Рушди инсони ММ БРСММ дар Будапешт; Донишгоҳи давлатии ба номи М.В.Ломоносов-и ш. Москва ва БРСММ дар Федератсияи Русия; Барномву лоиҳаҳои БРСММ дар Тоҷикистон; Донишгоҳи иқтисоди ҷаҳон ва дипломатия ва БРСММ дар Ӯзбекистон, инчунин лексияҳои муаллифони курси мазкур, ки дар макотиби олии Тоҷикистон хонда мешаванд.

Вобаста ба тахассусҳои гурӯҳҳо ва миқдори соатҳо, кредитҳо (соатҳо)-и таълимии Курси Рушди Инсонӣ дар ин гурӯҳҳо ҷудогардида, миқдори соатҳои ҳар як лексия ва дарси амалии алоҳида метавонад аз як то чор соати таълимӣ иборат бошад.

**Мавзӯи 1. Асосҳои консептуалии Рушди Инсонӣ**

**1.1.Моҳияти РИ ва ташаккули категорияҳои РИ.**

**1.2.Даврахо ва қонунияти РИ.**

**1.1. Моҳияти РИ ва ташаккулёбии категорияҳои РИ.** Таи солҳои дароз ба сифати яке аз нишондиҳандаҳои асосии ҳадафноки рушд, ки дар таҳияи сиёсат ба назар гирифта мешавад, ин рушди иқтисодӣ дониста шудааст. Чунин қабул гардида буд, ки ноил шудан ба рушди иқтисодӣ ба таври худкор ба рушди инсон ва кули ҷомеа оварда мерасонад ва афзоиши ҳаҷми умумии истеҳсолот (масалан, рушди ММД ба ҳар сари аҳолӣ) миқёси қашшоқиро коҳиш дода, ба беҳбудии некӯаҳволии умумии аҳолӣ оварда мерасонад. Ақидаи мазкур ба он асос ёфта буд, ки истеҳсолот даромадро тавлид намуда, сатҳи баландтари даромад дар навбати худ некӯаҳволии моддӣ ва ё иқтисодиро баланд мебардорад.

Алоқа байни афзоиши истеҳсолот ва коҳиши миқёси қашшоқӣ чунон зич маҳсуб меёфт, ки аксари иқтисодчиён фикр мекарданд, ки барои ба даст овардани ҳадафҳои рушд додани диққати бештар ба рушд кифоя мебошад. Ба қавли дигар, рушд на танҳо воситаи таъмини тараққиёт, балки ҳадафи худи тараққиёт гардид. Ба ин нигоҳ накарда, ҳатто дар он марҳила баъзе коршиносон дарк мекарданд, ки рушди иқтисодӣ худ ҳадафи ниҳоӣ неву балки восиати тараққиёт мебошад. Соли 1955б иқтисодчӣ аз Вест-Индия, дорандаи ҷоизаи Нобели Артур Люис ҳадафи тараққиётро ҳамчун «**васеъ намудани интихоби инсон**» таъриф намуд. Айнан чунин таърифот дар нахустин Гузориш оид ба рушди инсон, ки соли 1990 ба нашр расида буд, оварда шудааст. Фарқият дар он буд, ки Люис фақат зери мафҳуми интихоби васеъ даромади бештарро дар назар дошта, бештар ба он бовар дошт, ки рушди иқтисодӣ бечуну чаро ба рушди инсон оварда мерасонад.

Дарки он, ки рушди иқтисодӣ синонимии рушди инсонӣ намебошад, бо пайдоиши нооромиҳо ва камбизоатии аҳолӣ ба миён омад. Таҷрибаи баъзе кишварҳои рӯ ба тараққӣ нишон дод, ки вазъи одамон метавонад бо вуҷуди афзоиши истеҳсолот низ рӯ бакостагӣ биёрад. Дар чунин кишварҳо рушди босръати иқтисодӣ ба назар мерасид, лекин ба он нигоҳ накарда нобаробарӣ, шуғли нопурраи аҳолӣ ва камбизоатӣ дар ҳамаи ҷо боқӣ монд. Дар сурате, ки дигар кишварҳо ба даромадҳои ками худ тавонистанд, ки ба сатҳи хеле қаноатбахши некӯаҳволӣ ноил шаванд. Аён гардид, ки рушид иҷтисодӣ худ ба худ имконияти таъмини тақсимоти одилонаи захираҳоро надорад. Ин танҳо дар як миқдори ками мамлакатҳое рух дод, ки ҳукуматҳоашон чораҳои зарурии ҳадафнокро ҷиҳати баланд бардоштани баробарӣ андешиданд, аз он ҷумла барномаҳоеро дар амал тадбиқ намуданд, ки ба соҳаи маориф ва тандурустӣ равона шудаанд. Дар хусуси давлатҳои аз ҳама бой бошад, нишондиҳандаҳои ба мисли афзоиши сатҳи ҷинояткорӣ, ифлоскунии муҳити зист, паҳншавии бемориҳо ва заифшавии вазъи иҷтимоӣ исботи онанд, ки сатҳи баланди даромад аз маҳрумияти инсонӣ дифоъ намекунад. Дараҷаи баланди рушди иқтисодӣ ба беҳбудии сатҳи зиндагии мардум оварда нарасонд.

Таҷрибаи солҳои 60-ум собит сохт, ки бе татбиқи барномаҳои калонмиқёси иҷтимоӣ расидан ба афзоиши назарраси сифати зиндагӣ, ҳалли масоили иҷтимоӣ-демографӣ, таъсиси низоми босамари шуғл ва коҳиш додани миқёси камбизоатӣ аз имкон дур мебошад.

Бо дар назардошти вазъу ҳолатҳои зикргардида, дар аввали солҳои 70-ум диққати махсуси консепсияҳои иқтисодӣ ба сӯи алоқамандии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ба масъалаи тақсимоти даромад ва осудаҳолӣ, пурзур кардани нақши сектори иҷтимоӣ равона шуд. Дар натиҷаи ин консепсияе ба миён омад, ки номи **«аз ҳисоби рушд азнавтақсимкунӣ»**-ро гирифт ва ҳадафи он таъмини некӯаҳволии мардум, алалхусус

камбизоатон, инчунин афзоиши ММД, маош ва даромади аҳолӣ; кӯмаки калонҳаҷми давлатӣ ба соҳаи иҷтимоӣ ва ҷалби қисмати васеи аҳолӣ барои ширкат дар ҷараёни таҳиясозӣ ва банақшагирӣ буд. Он мебоист ба беҳтар гардидани тақсимоти безиёни даромаду моликияти сарватмандон оварда мерасонд.

Дар миёнаҳои солҳои 70-ум дар доираи консепсия усули мустақимтар таҳия гардид, ки бо номи **«консепсияи эҳтиёҷоти аввалиндараҷа»** машҳур гардид, ки дар он масъулияти давлат дар хусуси таъмин намудани воситаҳои зарурии зист ба ҳамаи одамон, яъне хӯрока, хизматрасонии тиббӣ, маориф зери диққати хоса қарор гирифта буд.

Бо вуҷуди ин, на ғояи **«аз ҳисоби рушд азнавтақсимкунӣ»** ва на **«консепсияи эҳтиёҷоти аввалиндараҷа»** ба таври васеъ паҳн гардиданд. Тақсимоти сохтаи тараққиёт ба ҷузъҳои иқтисодӣ ва иқтимоӣ боз ҳам паси сар нашуда буд. Алоқамандӣ байни рушди иқтисодӣ ва сифати ҳаёти одамон ҳоло ҳам то ба охир равшан нагардидааст. Масалан, зери талаботҳои аввалиндараҷа асосан молу хадамот фаҳмида мешуд, на ин ки нишондиҳандаҳои сифати ҳаёти одамон; давлат зери диққати асосӣ қарор гирифта, аҳолӣ ба сифати баҳрамандон dониста мешуд, на ба сифати ширкаткунандагони фаъоли фаъолияти ба таъмини рушди равонагардида. Илова бар он, чунин тадбирҳо фаъолияти иқтисодиро коҳиш дода, ҳамзамон хароҷотҳои давлатро ба соҳаи иҷтимоӣ аз ҳад зиёд менамуданд.

Дар солҳои 80-ум маъмул гашт, ки рушди иқтисодӣ худ ба худ сарват ҳисоб шуда наметавонад. Дар аксари кишварҳо олам сустшавии суръати рушди иқтисодӣ ва бӯҳрони сохторӣ ба назар мерасиданд. Дар сиёсати тараққиёт ба ҷои якум авлавиятҳои сифатан нав монда мешаванд, ба мисли кам кардани қарз ва хароҷотҳои давлатӣ, дур намудани коҳиши иқтисодӣ. «Азавсозии сохторӣ» ва либеризатсияи иқтисодиёт диққатро ба назарияи қаблан пешниҳодшудаи сармояи инсонӣ, ки ба маблағгузории аз нигоҳи иқтисодӣ оқилона ба маориф, тандурустӣ, тайёрии касбӣ ва баррасии инсон ҳамчун омили умдатарини сармоявии истеҳсолот асос гирифтааст, пурзур намуданд. Аммо консепсияи зикргардида на ба ҳалли масоили камбизоатӣ пешниҳодҳои мушаххас баён кард ва на роҳҳои нави тараққиёти умуман зерсистемаи иқтисодӣ пешниҳод намуданд.

Дар посух ба сиёсати азнавсозиҳои сохторӣ ташкилоти ЮНИСЕФ (Андреа Джованни Корнеа, Френсис Стюарт, Ричард Джолли) ҷавоб гардонданд. Санаде таҳти унвони **«Азнавсозӣ бо чеҳраи инсонӣ»** *(Adjғstmӯnt with a Hғman Facӯ)* ба нашр расид, ки дар он муаллифон аҳамияти ислоҳотҳои сохтории иқтисодиро рад накарда, аз ХБА ва Бонки Умумиҷаҳонӣ даъват ба амал оварданд, ки ба масоили қашшоқӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии инсон диққати бештар дода шавад. Принсипи асосӣ он буд, ки ҷабҳаҳои иҷтимоӣ набояд ба маҷмӯи стратегияҳои азнавсозиҳои сохторӣ ба сифати ягона тайёироти он фақат «илова карда» шаванд. Ба ҷои ин онҳо бояд дар механизми нави маҷмӯӣ, ки барои давраи дарозмуддат ва эҳтиёҷоти инсон нигарон пешбинӣ мегардад, дохил карда шаванд.

Соли 1987 Кумитаи СММ оид ба банақшагирии тараққиёт тасмими гирифт, ки дар гузориши соли 1988-и худ хароҷотҳои инсонии азнавсозии сохториро зери таҳқиқ қарор диҳанд. Ин боиси гузаронидани тадқиқот таҳти роҳбарии М.Ул-Ҳақа, Амартия Сен, ва инчунин К.Гриффин ва Ҷ.Найт гардид, ки натиҷаи он дар лоиҳаи гузориши **«Рушди иқтидори инсонӣ: андозагирии фаромӯшгардидаи стратегияи тараққиёт»** ба нашр расид.

Шохиси рушди инсонӣ (ШРИ) баҳои маҷмӯии пешравии инсонро медиҳад. Шохис соли 1990 аз тарафи иқтисодчии покистонӣ Маҳбуб-ул-Ҳақ (Maһӣғӣ ғl-Haq) таҳия гардида, аз соли 1993 шурӯъ карда аз ҷониби СММ дар ҳисоботҳои солона оид ба рушди иқтидори инсонӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ғайр аз ШРИ-и умумӣ, ШРИ барои мардон ва занон, гурӯҳҳои мухталифи нажодӣ ва иҷтимоӣ, инчунин минтақаҳо ҳисоб карда мешавад.

Ҳисоби шохиси иқтидори инсонӣ на танҳо дар кишвари мо, балки дар тамоми ҷаҳон низ масъалаи умда ба шумор меравад. Созмони баналмилалие вуҷуд дорад, ки ба масъалаи рушди иқтидори инсонӣ сарукор дошта, ҳайати он аз 189 кишвари олам иборат аст. Созмони мазкур дорои 8 ҳадаф мебошад, ки бояд дар давраи аз соли 1990 то 2015 ҷомаи амал пушанд.

Мафҳуми ШРИ ҳамчун усули андозагирии рушди инсонӣ аз ҷониби Барномаи Рушди СММ (БРСММ) соли 1990 дар Гузориш оид ба рушди инсонӣ ворид гардиа буд. Дар муқоиса бо назарияҳои қаблӣ, консепсияи рушди инсонӣ инсонро дар мадди назар қарор дода, некӯаҳволии инсонро ҳадафи асосӣ ва ягонаи тараққиёт мешуморад.

**Шохиси рушди инсонӣ** – нишондиҳандаи ҳисобии оморӣ ба ҳисоб рафта, дар он на фақат ҳаҷми истеъмоли неъматҳои моддӣ, балки имкониятҳо барои рушди инсонҳам, ки дар доираи низомҳои тандурустӣ ва маориф фароҳам оварда мешаванд, ба назар гирифта мешаванд.

Баҳои сифати зиндагӣ тавассути шохиси рушди иқтидори инсон дар асоси маҷмӯи минималии нишондиҳандаҳои асосӣ сохта мешавад. Ҳар яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ аз рӯи миқдор яке аз самтҳои муҳими рушди инсониро мефаҳмонад, яъне дарозумрӣ, саводнокӣ ва худи сатҳи зиндагӣ.

**Дарозумрӣ** қобилияти аз сар гузарондани умри дарозу солимро тавсиф менамояд, ки маънои он интихоби табиии ҳаёт ва яке аз талаботҳои универсалии инсон мебошад. Нишондиҳандаи асосии дарозумрӣ – **давомнокии миёнаи пешбинишудаи умр ҳангоми таваллуд (ДМПУТ)**. Ин нишондиҳанда, ки барои мардону занон алоҳида ҳисоб карда мешавад, дар асоси насли шартӣ ҳисоб гардида, аз маҷмӯи одамони синну солашон гуногуни дар соли овардашуда вафотгардида иборат мебошад. Дар шароити такмилсозии низоми тандурустӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии навтавлидшудаи воқеӣ, ки дар соли овардашуда ба дунё омадааст, нисбат ба фарзӣ ба ҳисоби миёна метавонад умри зиёдтар бинад.

**Савднокӣ** ҳамчун қобилияти гирифтану андухтани дониш, муошират ва мубодилаи иттилоот баррасӣ карда мешавад. Хусусиятҳои саводнокӣ ин донишмандии аҳолии синну соли болиғ ва пуррагии миқёсии фарогирӣ ба таълим. Зери мафҳуми **саводнокӣ** қобилияти инсон барои хондан, фаҳмидан ва навиштани матни кӯтоҳи оддӣ, ки ба ҳаёти рӯзмарраи он фаҳмида мешавад. Сатҳи саводнокии аҳолии синну соли болиғ – **ҳиссаи босаводон дар байни одамони синну солашон 15 ё боло** – нишондиҳандаи муҳимтарини самти мазкури рушди инсонӣ мебошад. Сатҳи саводнокӣ ба аҳолии воқеӣ таалуқ дошта, нишондиҳандаи вазъу ҳолати маориф ба ҳисоб меравад, ки аз саводнокии 10-20 соли қаблӣ вобастагии калон дорад. Барои мамлакатҳои саноатии дорои иқтисоди бозоргонӣ буда сатҳи саводноки насанҷида ба миқдори 99 % мқаррар карда шудааст. Тамоюли болоравии сатҳи маърифатнокӣ ва зарурати инъикоси беҳтари тафовути байни давлатҳои саноатиро ба назар гирифта, маърифтанокиро акнун тавассути ду нишондиҳандаи асосӣ баҳогузорӣ менамоянд, яъне **сатҳи саводнокии аҳолии синну соли болиғ ва ҳиссаи умумии иштирокчиён**. Нишондищандаи охир ҳамчун нисбати шумораи умумии таълимгирандагони (ба қайдгиирфташудаи) ҳамаи зинаҳои таълим (ибтидоӣ, миёна (миёнаи махсус)б олӣ, баъди донишгоҳӣ) новобаста аз синну соли онҳо ба шумораи умумии аҳолии синун солашон аз 6 то 24-сола ҳисоб карда мешавад.

**Сатҳи зиндагӣ** маънои дастрасӣ ба захираҳои моддиест, ки барои зиндагии шоиста зарур мебошанд, аз он чумла «гузарондани тарзи ҳаёти солим, таъмини зудҳаракатии иҷтимоӣ, мубодилаи иттилоотӣ ва иштирок дар ҳаёти ҷомеа». Сатҳи зиндагӣ дар муқоиса бо дарозумрӣ ва саводнокӣ, танҳо имкониятҳоеро пайдо мекунад, ки дар инсон вуҷуд доранд, вале тарзи истифодаи онҳоро муайян наменамояд. Ба қавли дигар, ин воситаест барои васеъ намудани имконият барои интихоб, вале на худи интихоб. Интихоби

нишондиҳандаи асосӣ, ки инъикосгари пурраи самти мазкури рушди инсонӣ мебошад, масъалаи ҷидиро пеши рӯ меорад. Нишондиҳандаи идеалии сатҳи зиндагӣ мебоист як қатор омилҳоро дар бар мегирифт: даромади шахсӣ, тақсимот байни қабатҳои ҷомеа; моликияти қаблан андухташуда; дастрасӣ ба захираҳои замин ва қарз; пешрафти инфрасохтор ва механизми дастрасӣ ба захираҳои истеъмолии ҷамъиятӣ (тандурустӣ, маориф, нақлиёт, хизматрасониҳои коммуналӣ ва ғайраҳо); тарзи ҳаёти фардӣ; андоза ва сохтори оила; неъматҳое, ки дар хоҷагии хона истехсол мешаванд; шароитҳои табиӣ-иқлимӣ ва экологӣ дар макони зист ва ғайраҳо.

Барои баҳогузории сатҳи зиндагӣ нишондиҳандаи ғайримустақими асосӣ – Маҷмӯи махсулоти дохилӣ (ММД) ба ҳар сари аҳолӣ истифода бурда мешавад. Барои қиёси байнидавлатӣ ММД-и воқеӣ ба ҳар сари аҳолӣ истифода мешавад, ки он мувофиқи паритети? қобилияти харидорӣ (ПҚХ)-и асъор ҳисоб карда мешавад.

Ҳамин тариқ, андозаи ШРИ ҳамчун критерияи ҷудокунии давлатҳо ба гурӯҳҳо аз рӯи дараҷаи рушди инсонии худ хизмат мекунад. Новобаста аз сатҳи тааркқиёти иқтисодӣ (чӣ саноатӣ ва чӣ рӯ ба тараққӣ) ба гурӯҳи давлатҳоеи дорои дараҷаи баланди рушди инсонӣ онҳое дохил мешаванд, ки ШРИ > 0,8 мебошад; ба гурӯҳи давлатҳои дорои дараҷаи миёнаи рушди инсонӣ онҳое дохил мешаванд, ки 0,5 < ШРИ < 0,8 мебошад; ба гурӯҳи давлатҳои дорои дараҷаи пасти рушди инсонӣ бошад онҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо ШРИ < 0,5 мебошад. Қатъи назар аз классификатсия ва ҷудокунии давлатҳои ба гурӯҳҳо, ҳисоб намудани ШРИ ва шохисҳои андозаҳои алоҳида имконияти баҳогузории мутобиқати ҳолати мавҷударо тавассути баъзе аломатҳо медиҳад, ки дар шакли андозаҳои оптималии нишондиҳандаҳои рушди инсонӣ, ва инчунин бо мурури замон тағйирёбии онро ифода менамояд. Муқоисаи шохисҳои дарозумрӣ, саводнокӣ ва сатҳи зиндагӣ имконият медиҳанд, ки таҳти шароитҳои баробар авлавиятнокии барномаҳои дахлдори рушди инсониро муайян намоед. Шохиси андозагии рушди инсонӣ метавонанд барои муайян сохтани ҳаҷмҳои дилхоҳи маблағгзории барномаҳои рушди инсонӣ дар сатҳҳои миллӣ ва минтақавӣ имконият медиҳад.

**1.2. Таҳаввулотҳо ва қонуниятҳои РИ.** Аз андозагирии даромади давлат дида, андозагирии рушди инсон осонтар мебошад. Бинобар ин аксари иқтисодчиён исбот карданӣ мешаванд, ки даромади миллӣ нишондиҳандаи хуби некӯаҳволии нисоният мебошад. Вале ба ин нигоҳ накарда, байни ақидаи якум ва дуюм маъмулан алоқаи зич мавҷуд мебошад, чунки рушди иқтисодӣ воситаи муҳими рушди инсон буда, дуввумин на танҳо аз рушди иқтисодӣ ва дараҷаи даромади миллӣ вобастагӣ дорад. Инчунин он аз истифодаи захираҳои мавҷудбуда - дар мусаллаҳкунӣ ё истеҳсолоти маҳсулоти озӯқаворӣ, дар сохтмони қалъаҳо ё таъмини оби тоза сарф мешаванд, вобаста аст. Аммо натиыаи фаъолияти одамон, ба мисли иштироки демократь дар қабули қарорҳо ва ҳуқуқҳои баробари марду зан, аз даромад вобастагӣ надоранд. Бинобар сабабҳои гуфташуда, Гузориш як қатор нишондҳандаҳоро оид ба натиҷаҳои муҳими фаъолияти инсон, ки дар кишварҳои гуногуни олам ба даст оварда мешаванд, и ифода менамояд.

Ба он нигоҳ накарда, ки ин намуди нишондиҳандаҳо барои баҳо додани пешрафт дар рушди инсон дар як қатор андозаҳо асос шуда метавона, сиёсатҳо низ ба нишондиҳандаи маҷмӯии баҳогузории пешрафт эҳтиёҷ доранд, алалхусус дар чунин нишондиҳандае, ки бештар ба некӯаҳволии инсон диққаи медиҳанд, на ин ки ба даромади он. Бо ин мақсад, Гузориш оид ба рушди инсон аз аввали оғози худ шохиси рушди иқтидори инсониро мавриди нашр қарор дод. Ин нишондиҳанда дар бораи баъзе андозаҳои асосии рушди инсон тасаввуроти умумӣ медиҳад.

Агарчӣ ШРИ нуқтаи лозимаи ҳисоб шмурда мешавад, дар хотир доштан даркор, ки нисбат ба  дигар андозагириҳои маҷмӯӣ, ки онро ифода менамоянд, консепсияи рушди инсонӣ васеътару мураккабтар аст, ҳатто агар онҳо бо дигар нишондиҳандаҳо дар шакли

пайваста ҳам қарор дошта бошанд. ШРИИ параметри фарогириранда намебошад. Он ҷабҳаҳои муҳими рушди инсонро дар бар нагирифта, пеш аз ҳама имконияти иштирок дар қабули қарорҳое, ки ба ҳаёти шахсе таъсир расонда, ба манфиати эҳтироми дигар узвҳои ҷомеа бошад. Инсон метавонад сарватманд, солим ва босавод бошад, аммо набудани имконияти мазкур ба рушди вай монеа ба миён меорад. Сарфи назар кардани андозаи мазкури рушди инсон дар ШРИ аллакай аз давраҳои Гузоришҳои аввали рушди инсон аён гардид ва аз ин лиҳоз он боиси дар соли 1991 ба миён овардани шохиси озодии инсон ва соли 1992 шохиси озодии сиёсӣ гардид. Аз соли ворид гардиданашон ягон параметре дурудароз арзи вуҷуд накардааст ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ин гуна усули аз рӯи миқдор андозагирии чунин ҷабҳаҳои мураккаби рушди инсон душвор мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳадафи асосии рушди инсонӣ ин таъсиси чунин як муҳити сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва экологие мебошад, ки барои таъмини неъматҳои моддӣ ва имконияти ба қадри кифояву дароз доштани ҳаёти солиму бунёдкорона ба одамон мусоидат намояд.

**Расми 1.2.2 . Ҷабҳаҳои Рушди Инсонӣ**




Консепсияи рушди инсонӣ дорои чор **ҷузъи** асосӣ мебошад:

**Маҳсулнокӣ** (самаранокӣ). Одамон бояд дорои имконияти баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳаёти худ буда, комилан дар ҷараёни таъсиси даромад ширкат варзанд. Бинобар ин, рушид иҷтисодӣ яке аз ҷузъҳои иқтидори инсонӣ мебошад.

**Баробарӣ**. Ҳамаи одамон аз аввал сар карда бояд дорои имкониятҳои баробар ба ҳаёти иқтисодӣ бошанд, ва аз ин хотир тамоми монеаҳое, ки сади роҳи пешиҳод гардидани чунин имкониятҳои мебошад, бояд аз миён бурда шаванд.

**Устуворӣ**. Дастрасӣ ба имкониятҳои бояд на танҳо барои насли ҳозира, балки барои насли оянда низ таъмин карда шавад. Бо мақсади мусоидати рушди устувори инсонӣ зарур аст, ки тадбиқи ҳама гуна сармоя – моддӣ, инсонӣ, табиӣ таъмин карда шуда, пеши роҳи пайдошавии қарзҳоро гирифта шавад, то ки онҳо ба дӯши насли оянда наафтанд.

**Васеъгардонии имкониятҳо**. Тараққиёт бояд дар доираи манфиатҳои шаҳрвандон ва заҳматҳои худи онҳо амалӣ гардад. Одамон бояд дар ҷараёни қабули қарорҳое, ки ҳаёти онҳоро муайян месозад, ҳамаҷониба иштирок намоянд. Онҳо бо қобилияти имконпазири муайян ба буднее меоянд. Вазифаи рушди инсонӣ аз таъсис додани чунин муҳите иборат аст, ки дар он ҳар як фард метавонад қобилиятҳои худро равнақ диҳад, ва имкниятҳои чунин равнақдиҳӣ бояд беш аз беш вусъад дода шаванд.

Ҳамин тариқ, зиёд намудани имкониятҳо ба баланд дардоштани самаранокии одамон тавре мусоидат менамояд, ки одамон метавонанд агенти пурсамари рушди иқтисодӣ бошанд. Дар навбати худ, рушди иқтисодӣ бояд бо тақсимоти баробари натиҷаҳои он, ки барои ҳам насли ҳозира ва ҳам ояндагон дастрас бошанд, ҳамоҳангӣ дошта бошад. Ва билохир, барои ҳамаи одамон бояд салоҳияти ширкат дар ҷараёни қабули қарорҳое, ки ба ҳаёти онҳо муассир мебошанд, дода шавад.

Консепсияи рушди инсонӣ бо назарияҳои одатии тараққиёти иқтисодӣ мухолиф набуда, аниқтараш тарафдори рушд ва таъсиси ҷойҳои корӣ мебошад.

Фарқияти байни мактабҳои рушди иқтисодӣ ва рушди инсонӣ дар он аст, ки якумин диққати худро махсусан ба васеъгардонии танҳо як интихоб – даромад – равон намуда, дуввумин бошад васеъгардонии ҳамаи шаклҳои интихоби инсонро ифода менамояд, новобаста аз он ки интихоби иқтисодӣ аст, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ё ин ки сиёсӣ аст. Дар доираи консепсияи зикргардида чунин проблемаҳои инсоният мавриди таҳлил қарор мегиранд: рушди иқтисодӣ, савдои байналмилалӣ, дефитсити буҷет ва сиёсати пулӣ, шуғл, баробарҳуқуқӣ, хизматрасониҳои асосии иҷтимоӣ ва низоми таъмини иҷтимоӣ барои камбизоатон.

Ғояи алоқамандии ҳамдигар байни рушди инсонӣ ва рушди иқтисодӣ ҳанӯз дар Гузориши нахустин оид ба рушди инсонӣ ва баъдтар муфассалтар дар Гузориши соли 1996 мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар онҳо ба таври дақиқ гуфта шудааст, ки «рушди инсонӣ ин ҳадаф буда, рушди иқтисодӣ танҳо воситаест барои ба дастовардани он». Албатта, рушид иқтисодӣ омили мшими пешрафти ҷомеа ба шумор меравад. Бо зиёд гардидани боигарии умумии давлат он имкониятҳои хуби давлатро барои мубориза алайҳи қашшоқӣ ва ҳалли дигар масоили иҷтимоӣ васеъ менамояд. Вале бесёр чизҳо аз модели рушди иқтисодӣ вобастагӣ доранд. Рушди босуръати иқтисодӣ метавонад аз ҳисоби истифодаи бошиддати захираҳои табиӣ ба даст оварда шавад ё фишори таваррумро ба миён орад, ки дар охир ба таназзул оварда мерасонад. Ғайр аз он, дараҷаҳои босуръати рушд маънои онро надорад, ки афзоиши зарурии шуғл низ ҳатман таъмин мебошад. Мувофиқи консепсияи рушди инсонӣ рушди иқтисодӣ дар он сурате ба таҳкими иқтидори инсонӣ мусоидат мекунад, ки агар рушд на танҳо боиси баландшавии сатҳи даромад ба ҳар сари аҳолӣ гардад, балки он ба доштани дараҷаи кифояи хароҷоти давлатӣ, ки ба соҳаи иҷтимоӣ маблағгузорӣ карда мешавад, мусоидат менамояд, на ин ки масалан дар мусаллаҳкунӣ, инчунин он бо тақсимоти одилонаи захираҳои иқтисодӣ ҳамоҳанг бошад.

Баланд намудани сатҳи истеҳсолот дар консепсияи рушди инсонӣ на ҳамчун ҳадаф, балки ҳамчун восита барои зиндагии арзанда баррасӣ карда мешавад. Илова бар он, алоқаи баръакс низ вуҷуд дорад – тавассути баланд бардоштани сатҳи рушди одамон ба дараҷаи баландтари рушди истеҳсолот оварда мерасонад. Одамон воситаи афзоиши истеҳсолот намебошанд. Баръакс, афзоиши ҳаҷми истеҳсолот бояд ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи зиндагии одамон баррасӣ карда шавад. Ҳадафи аслӣ ин таъмини ҳамалоқамандӣ байни рушди иқтисодӣ ва рушди инсонист, аз он ҷумла, бо кадом роҳҳо даромадҳои ҷамъшударо ба имкониятҳои боз ҳам васеътар барои инсон табдил додан мумкин мебошад (ниг. ба расми 2).

Хусусияти фарқкунандаи консепсияи рушди инсонӣ дар дастурамал ифоода гардидааст, ки тибқи он «барои таъмини ҳаёти арзанда ба одамон даромади калони беохир лозим нест». Даромади баландтар дар умум ба вусъатёбии интихоби инсонӣ мусоидат намояд ҳам, лекин таъсири он бо афзудани даромад сустар мегардад.

Даромад мувофиқи консепсияи рушди инсонӣ – ин танҳо як интихобе аст, ки инсон мехост доро бошад, агарчӣ ва хеле назаррас. Вале он наметавонад ҳамаи душворӣ ва гуногуншаклии ҳаёти инсониро муқаррар намояд. Тандурустӣ, маориф, муҳити сукунат, озодии амал ва сухан масоили хуле муҳим ба шумор мераванд. Бинобар ин, таарққиёт бояд аз танҳо афзоиши даромад ва боигарӣ дида зиёдтар бошад. Одамон бояд ҳадафи он дониста шаванд. Даромад ҳадафи ниҳоӣ маҳсуб наёфта, он фақат воситаи васеъ намудани имкониятҳои одамон дар боби иқтисодиёт, фаъоияти ҷамъиятӣ, маориф, тандурустӣ ва ғайраҳо мебошад.

**Расми 1.2.2.** Рушди иқтисодӣ ва рушди инсонӣ




Дар консепсияи рушди инсонӣ ду сабабе мавриди баррасӣ қарор доранд, ки аҳамияти хоса ба даромади моддӣ кори саҳв мебошад. Якум, андухтани сарват барои ҷомаи амал пӯшидани орзуҳои инсонӣ шарти зарурӣ намебошад. Барои ҷомеа дар пойдор намудани демократия, баробарҳуқуқии мардону занон, ҳифз ва равнақи мероси фарҳангӣ бой будан шарти ҳатмӣ нест. Дуввум ин, ки орзуҳои инсонӣ нисбат ба некӯаҳволии иқтисодӣ бештар вусъат меёбанд. Одамон метавонанд умри дароус солим аз сар гузаронанд, ба фарҳангу илм ҳамроҳ шаванд, табиатро ҳифз намоянд ва мувофиқи он зиндагӣ намоянд.

Принсипе, ки дар асоси он мухолифати байни максималӣ кардани боигарӣ ва рушди инсонӣ ҳал карда мешавад, чунин сохта мешавад: «Боигарии миллӣ метавонад имкониятҳои интихоби одаморо васеъ намояд». Лекин, мутаассифона рӯх надодани ин ҳолат ҳам аз эҳтимол дур нест. Дар ин ҷо муайянкунанда ин на худи боигарӣ аст, балки чӣ гуна онро кишварҳои гуногун истифода мебаранд. Ва то он замоне, ки ҷомеа дарк накунад, ки боигарии асосӣ – ин одамонанд, ташвиши зиёдатӣ оид ба истеҳсоли неъматҳои моддӣ ҳадафҳои ниҳоии мукаммал намудани ҳаёти одамонро заиф мегардонад».

**1. Саволҳо барои машғулиятҳои амалӣ:**

1. Моҳияти РИ
2. Ташаккулёбии категорияҳои РИ
3. Таҳаввули Консепсияи РИ
4. Қонуниятҳои РИ

**2. Саволҳо ва тестҳои санҷишӣ:**

1. Заминаҳои калидии пайдошавии Консепсияи РИ
2. Ҷузъиётҳои заминавии РИ
3. Алоқамандии РИ бо ноормии иҷтимоӣ-иҷтисодӣ
4. Паҳлӯҳои иқтисодии дарозумрӣ
5. Паҳлӯҳои иҷтимоӣ-иқтисодии таҳсилнокӣ
6. Ҷузъиётҳои сатҳи зиндагӣ
7. Васеъшавии интихоби инсон:
   - Дар даромад
   - Дар озӯқа
   - Дар маориф
   - Дар қабули қарорҳо

**3. Мавзӯҳои рефератҳо, презентатсияҳо:**

1. Консепсияи азнавтақсимкунӣ аз ҳисоби рушд
2. Консепсияи эҳтиёҷоти аввалиндараҷа
3. Азнавсозӣ бо чеҳраи инсонӣ
4. Рушди нерӯи инсонӣ

**4. Рӯйхати адабиётҳои ҳатмии тавсияшаванда:**

1. Рушди инсонӣ. Курси лексияҳо. – Душанбе, 2012.
2. Рушди инсонӣ. Китоби дарсӣ. – Т.: ДИҶД, БРСММ, 2008.
3. Рушди инсонӣ: ченкунии нави тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ: Маводи таълимӣ /Таҳти таҳрири умумии проф Колесов В.П. (факултаи иқтисодии ДДМ) ва Маккинел Т. (БРСММ, Ню-Йорк). – М.: Ҳуқуқи башар, 2008.

**5. Рӯйхати адабиётҳои иловагии тавсияшаванда:**

1. Гузориш оид ба тадбиқи ҳадафҳо дар соҳаи рушди дар Эъломияи Ҳазорсола дарҷгардида, СММ. - Ню-Йорк, 2010.
2. Гузориш оид ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола. - Ню-Йорк: Созмони Милали Муттаҳид, 2006.
3. Ҳадафҳои рушди ҳазорсола: Созишнома байни ҳалқиятҳо доир ба аз байн бурдани камбизоатии башарият //Гузориш оид ба рушди инсонӣ, БРСММ. 2003.

## Мавзӯи 2. Рушди устувор, Рушди Инсонӣ, Рушди Устувори Инсонӣ

**2.1. Масъалоҳои асосӣ ва боҳамалоқамандӣ.**

**2.2. Меёр ва шохисҳои рушди устувор.**

**2.3. Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Рушди Устувори Инсонӣ.**

**1.1. Масъалоҳои асосӣ ва боҳамалоқамандӣ.** Мафҳуми «рушди устувор» ба илми ҷаҳонӣ ва сиёсат, аз тарафи коммиссияи Брутланд ҳамчун рушд ҷорӣ намуда, ки эҳтиёҷоти имрӯзаро қонеъ мегардонад, инчунин имкониятҳоро барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти насли оянда таҳдид намекунад. Дар ин мафҳум марҳилаи пештараи рушди экстенсивии инсоният ва маҳдудияти захираҳоро инъикос мекунад. Маҳдудияти захираҳо тавсифи маҷмуави дорад ва танҳо бо маҳдудияти ашёи минералӣ алоқаманд набуда, инчунин боҳамалоқамандӣ ва боҳамтаъсиррасонии байни низоми антропӣ ва биосфераро дар бар мегиранд. Даркнамоии ин боҳамалоқамандӣ ва боҳамтаъсиррасонӣ ба ҷоринамоии мафҳуми ғунҷоиши хоғагидории биосфера оварда расонид. Бо истифодаи ин мафҳум аз нуқтаи назари экологӣ, мафҳуми пурраи рушди устувор пешниҳод карда шуд: «Рушди устувор – ин чунин рушдеро дар назар дошта мешавад, ки таъсирасонӣ ба муҳити иҳотакардашуда дар доираи ғунҷоиши хоҷагидории биосфера қарор дошта асоси табии азнавистеҳсолӣ ҳаёти инсонро барҳам намедиҳад.

Дар ташаккулёбии консепсияи рушди устувор, ки дар доираи низоми СММ зери дастгирии ЮНЕСКО гузашт, метавон якчанд марҳилаҳоро маънидод намуд: якумин конференсияи байниҳукуматӣ оид ба муҳити иҳотанамудаи инсонӣ дар Стокголм (соли 1972), конференсияи минбаъда дар Рио-де-Жанейро (солҳои 1982, 1992) ва конференсияи барпошуда дар Йоханнесбург (соли 2002), ва дар охир, бори дигар дар Рио-де-Ҷанейро (2012).

Нақши муайянкунандаро дар аввалин барқароршавии консепсияи рушди устувор конференсияи СММ оиди муҳити иҳотакардашуда, моҳи июни соли 1972 дар Стокголм (Шветсия) барпо шуд, бозид, ки қарори қабулкардашуда барои тамоми инсоният таърихӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҳамон давра аввалин маротиба изҳорот оиди дохил намудан ба

барномаҳои амалкунанда дар сатҳи ҳукумат чораҳо оиди ҳалли проблемаҳои заволёбии муҳити иҳотакардашудаи табиӣ андешида шуда, чунин барномаҳо қабул кара шуданд: барномаи изҳоротии иштирокчиён (эломия аз 26 принсип), нақша амалиётҳо, ки 109 пешниҳодро дар бар гирифт ва пешниҳод ба асамблеяи гениралии СММ доир ба сохтани Барномаи СММ оиди муҳити иҳотакардашуда. Хазинаи ихтиёрии муҳити иҳотакадашуда ташкил карда шуд ва Рӯзи умумиҷаҳонии муҳити иҳотакардашуда 5 июн муқарар карда шуд. Эломияи Стокголмӣ оиди муҳити иҳотакардаи инсонро ва принсипҳое, ки дар он ҷой доранд аввалиншуда маҷмӯи «қонунҳои сабук» дар фаъолити байналхалқии ҳифзи муҳити зист ифода кард шуд. Дар конференсияи Стокголмӣ ҳуқуқи одамонро оиди «дар муҳити иҳотакардаи чунин сифатноке, ки ҳаёти пур аз манзаллат ва давлатмандиро дар назар дорад» ифода ёфта буд. Аз ҳамин давра сар карда қисмати зиёди ташкилотҳои байналхалқӣ ва қариб 50 ҳукумати давлатҳои гуногун, ҳуҷҷатҳои асосӣ ё инки сарқонуни миллии худро, ки ҳуқуқи инсонро ба муҳити иҳотакардаи солим эътироф мекунад, қабул намуданд. Муаммоҳои муҳити иҳотакардашуда ба яке аз масъалаҳои афзалиятоки сатҳи минтақавӣ ва миллӣ табдил ёфт. Агар то давраи конференсияи Стокголмӣ 10 вазорати ҳифзи муҳити зист мавҷуд бошад, то соли 1982 шумораи чунин вазорат ва департаментҳо қариб дар 110 давлати дунё сохта шуданд.

Истилоҳи «рушди устувор» («sustainable development») аз соли 1982 дар ҳоле, ки маърӯзаи Комиссияи умумиҷаҳонии СММ оиди муҳити иҳотакардашуда ва рушд «Ояндаи ҳамаи мо», ки онро Г.Х.Брундтланд сарварӣ мекард, аз чоп баромад, васеъ паҳн шуд. Мувофиқи суханони Г.Х.Брундтланд «комисияи байналхалқӣ ба хулосае омад, ки рушди устувор бояд ҷузъи асосӣ дар стратегияи тағийротии глобалӣ бошад». Дар маърузаи Комиссияи умумиҷаҳонӣ оиди муҳити иҳотакардашуда ва рушд, ки инчунин ҳамчун маърузаи комиссии Брундтланд машҳур аст, рушди устувор чунин рушде муайян шудааст, ки насли имрӯза эҳтиёҷотҳои худро қонеъ намуда, имкониятҳои қонеънамоии насли ояндаро оиди қонеъ намудани ниёз ва эҳтиёҷотҳои худ, маҳрум намесозанд.

Саммити умумиҷаҳонӣ (форум дар сатҳи олӣ) оиди рушди устувор, ки моҳи сентябри соли 2002 дар шаҳри Йоханнесбур барпо гашт, тамоми ҷомеаи ҷаҳониро бо тарафдории идеяи рушди инсонӣ тасдиқ намуд.

Агар дар конференсияе, ки дар шаҳри Рио-де-Жанейро (Бразилия) муаммои муҳити иҳотакардашуда барои ноилшавии мақсадҳои рушди устувор барарӣ дошта бошад, дар ин суръат дар Йохеннесбург ба ин муаммо чунин диққат ба монанди, муҳокимаи масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дода шуда буд. Иҷрокунандаи роҳбари ЮНЕП дар баромади худ қайд намуд, ки муаммои глобалии заволёбии табиат аз камбизоатӣ ва нодуруст тақсимнамоии неъматҳо ба вуҷуд меояд ва дар мавқеи аввал масъалаи «муҳити иҳотакардашуда барои рушд»-ро ҷудо намуд.

Бинобар ҳамин ҳам дар ду ҳуҷҷати қабулнамудаи саммити Йоханнесбург (Эломияи сиёсӣ – Эломияи Йохеннесбург оиди рушди устувор ва Нақшаи иҷроиши қарорҳои Вохӯрии умумиҷаҳонӣ дар сатҳи олӣ оиди рушди устувор) афзалият ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ барои ноилшавии рушди устувор, пеш аз ҳама азбайбарии камбизоатӣ, инкишофи соҳаи тандурустӣ, махсусан, таъмини оби тозаи нӯшиданӣ дода шуда буд. Масъалаи муҳити иҳотакардашуда пеш аз ҳама аз нуқтаи назари ҳифзи базаи табиӣ-захиравии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва идоракунии он, инчунин тағийрёбии сохтори истеъмолот ва истеҳсолот, яъне аз нуқтаи назари антропоцентриявӣ дида баромада шуда буд. Аммо дар Эломияи сиёсии Йоханнесбург махсусан муаммои аздастдиҳии биогуногунӣ (биоразнообразия), ҳамчун дорандаи ифодаи калон қайд карда шуда буд (н.13). Ба шумораи муаммоҳои наве, ки дар Рио-де-Ҷанейро муҳокима нашуда ва дар даҳсолаи наздик пайдо шуда метавон масъалаҳои глобализатсия, савдо, маблағгузории рушди устуворро номид. Гарчанде, ки дар ҳуҷҷатҳои саммити Йоханнесбург даъвати

ошкорро ба давлатҳои тараққикарда оиди кам намудани итеъмолоти худи мавҷуд набуда дар он талаботҳои зиёд оиди маблағгузории рушди устувор ба давлатҳои тараққикарда ҷой дорад.   Дар Саммити Рио+20 (Бразилия, Рио-де-Ҷанейро) оид ба рушди устувор зиёда аз сад президенту роҳбарони ҳукумати кишварҳо ширкат варзиданд.

Ширкаткунандагони Саммит пешравии корро дар самти ҳифзи муҳити зист муддати ду даҳсолаи охир арзёбӣ намуда, омодагии худро барои гузариш ба роҳи босуботи рушди иқтисодиву иҷтимоӣ тасдиқ намуданд. Санади хотимавие таҳти шиори хеле возеҳ – "Ояндае, ки мо мехоҳем" омода гардид. Дар санади мазкур самтҳои авзалиятноке муайян карда шуданд, ки бояд гузариши иқтисодҳои ҷаҳонӣ ва маҳаллиро ба рушди устувор таъмин намояд. Зери ин мафҳум пешравии иҷтимоӣ ва иқтисодие фаҳмида мешавад, ки дар доираи нигоҳдории муҳисти зист ба роҳ монда шудааст.

Меъёрҳои асосии рушди устувор инҳо ба ҳисоб мераванд:

– якум, дараҷаи таъмини азнавбарқароркунии захираҳо, ақалан бояд онҳо кам нашаванд ва захираҳои ба монанди ресурсҳои азнавбарқарорнашаванда на танҳо сарфакорона хароҷот шаванд, инчунин он аз ҳисоби кушодан ва азхудкунии сарчашмаҳои нави энергия ва шаклҳои нави ашёҳо пур карда шаванд, яъне онҳо бояд ба ресурсҳои беинтиҳо мубаддал гарданд;

– дуюм, ҳадди миёна ва ниҳоии захирағунҷоиши иқтисодиёт, яъне мутаносибии хароҷотҳо ё инки зиёдшавии хароҷоти захираҳои табиӣ нисбат ба маҳсулот ё инки зиёдшавии маҳсулот, ақалан аз ҳад бояд зиёд набошад;

– сеюм, ҳадди миёна ва ниҳоии ғунҷоиши иқтисодиёт, яъне нисбати партовҳо ё инки зиёдшавии партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, аз ҷумла партовҳои зарарнок ба табиат;

– чорум, сатҳи ҳосилнокии меҳнат ва ҳиссаи омилҳои интенсивӣ нисбат ба зиёдшавии маҳсулот бояд кам нашавад;

– панҷум, сатхи даромад бар души аҳолӣ, ақалан бояд кам нашавад, ва дараҷаи нобаробарӣ дар тақсимоти даромад бар души аҳолӣ, ақалан набояд зиёд шавад.

Алоқамандиҳои шуморавии асосӣ ҳангоми рушди устуворро метавон тавассути функсияи истеҳсолӣ ва якчанд маҳдудиятҳои, ки инъикоскунандаи шароити рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва экологӣ аст, ифода намуд:

$$y = Qt/Qo \geq 1 \quad Q = f(K,L,N,T,O),$$

дар инҷо: у – суръати рушди устувор, Q – маҳсулоти ниҳоӣ ё инки маҳсулоти соф, K – хароҷотҳои сармоявӣ, L – хароҷотҳои меҳнатӣ, N – хароҷоти захираҳои табиӣ, T – омилҳои илмӣ техникӣ, O – омилҳои ташкили-иқтисодӣ.

**2.2. Меёр ва шоҳисҳои рушди устувор.** Аён аст, ки барои баҳодиҳии дар кадом ҳолат қарор доштанамон, ба кадом самт ҳаракат доштанамон муайян намудани меъёрҳо зарур аст. Ин мақсад дар боби 40-уми «Маърузаҳо барои асри 21» оварда шудааст: «Бо мақсади сохатани асосҳои боваринок барои ҷараёни қабули қарор дар ҳамаи сатҳҳои ҳамкории судаманди худтанзимнамоии устуворӣ, маҷмӯи низомҳои экологӣ ва рушд низом коркарди нишондиҳандаҳои рушди устувор зарур аст» Чунин проблема бениҳоят мураккаб аст, чунки пешниҳодҳои кардашуда гуногуннақша ва якдигарро инкоркунандаанд.

Дидабаромадани бузургиҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ дар як комплекси умумӣ, аллакай аз тарафи умум қабул шадааст. Табиист, ки меъёр ё инки индикаторҳои рушди устувор бояд ин се қисмати зарурии тараққиётро инъикос намояд. Аз тарафи дигар, рушдро метавон ҳамчун ивазнамоии ҳолат дида баромад, ки ҳар яки он тавсифи рушди муайян ва имконот ба тағийрёбиро доранд. Маҳз аз ҳамин ду нуқтаи назар низоми меъёрҳои рушди устувор ташаккул ва рушд меёбанд.

Шохисҳои рушди устувор бо дарназардошти гурӯҳбандӣ аз рӯи соҳаҳо:

1. **Гурухи индикаторҳои иҷтимоӣ:** мубориза бар зидди камбизоатӣ, динамикаи демографӣ ва устуворӣ, беҳсозии маълумотнокӣ, ҳимоя ва беҳгардонии тандурустии одамон, бетаргардонии рушди маҳалҳои аҳолинишин.

2. **Гурӯҳи индикаторҳои иқтисодӣ:** кооператсияи байналхалқӣ барои суръатноккунии рушди утувор ва бо ин алоқамандии сиёсати маҳаллӣ, тағирёбии тавсифи истеъмолот, ресурсҳои молиявӣ ва механизмҳо ва ғ.

3. **Гурӯҳи индикаторҳои экологӣ:** нигоҳубини сифати захираҳои обӣ ва таъминоти он; ҳимояи уқёнусҳо, баҳрҳо ва масоҳатҳои наздикии онҳо; муносибати комплексӣ нисбат ба банақшагирӣ ва самаранок истифодабарии захираҳои заминӣ; дуруст идоракунии низомҳои иқтисодии зарарёфта, мубориза бар зидди харобазоршуда ва хушкӣ; ҳамкорӣ оиди бурдани хоҷагии қишлоқи устувор ва рушди ноҳияҳои хоҷагидор; мубориза нисбати ҳифзи ҷангалҳо; нигоҳдории гуногуншаклии биологӣ; аз ҷиҳати экологӣ бехатар истифодабарии биотехнология; ҳифзи атмосфера; аз ҷиҳати экологӣ бехатар идоранамоии партовҳои мураккаб ва обҳои зараррасон; аз ҷиҳати экологӣ бехатар идоракунии химикатҳои марговар; аз ҷиҳати экологӣ бехатар идоранамоии партовҳои хатарнок; аз ҷиҳати экологӣ бехатар идоракунии партовҳои радиоактивӣ.

4. **Гурӯҳи индикаторҳои институтсионалӣ:** баҳисобгирии масъалаҳои экологӣ ва инкишоф дар банақшагирӣ ва идоракунӣ барои р ушди устувор; механизмҳои миллӣ ва ҳамкории байналмиллалӣ барои сохтани иқтидор дар давлатҳои тарақикардаистода; тартиби институтсионалии байналмиллалӣ; механизмҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ; иттилоот барои қабули қарор ва ғ.

Шохисҳои устуворӣ бояд ба чунн меъёрҳои асосӣ ҷавобгӯ боанд:

– имкони дар сатҳи макро ва иқтисоди миллӣ истифодабурданро дошта бошанд;

– ҷанбаҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро дар бар гиранд;

– бояд фаҳмо ва маънои якхела дошта бошанд;

– ифодаи шуморавӣ дошта бошанд;

– бояд ба низоми миллии омор такя намуда, хароҷотҳои зиёдатиро барои ҷамъоварии маълумот ва ҳисобу китобҳо талаб накунанд;

– барои муқосакуниҳои байналмиллалӣ ваколатдор бошанд;

– имкони баҳодиҳиро дар динамикаи вақтӣ дошта бошанд;

– шумораи маҳдуд дошта бошанд ва ғ.

Ба ташкилотҳои байналхалқӣ ва давлатҳои алоҳида меъёр ва индикаторҳои рушди устувор пешниҳод карда мешаванд, ки низоми мураккаби нишондиҳандаҳоро доро мебошанд. Коркарди индикаторҳои рушди устувор характери комплекӣ ва тартиботи гаронбаҳо дошта, шумораи зиёди иттилоотро талаб намуда, ки бадастории он мураккаб ё инки тамоман имконнопазиранд.

Вобаста ба ин метавон ду нуқтаи назари асосиро аз ҳамдигар ҷудо намуд:

1. Бунёди шохисҳои агрегативии интегралӣ, ки дар асоси он метавон дараҷаи устувории рушди иҷтимоӣ-иқтисодиро муайян намуд. Агрегативкунонӣ одатан дар асоси се гурӯҳи нишондиҳандаҳо амалӣ карда мешавад:

– экологӣ-иқтисодӣ;

– экологӣ-иҷтимоӣ-иқтисодӣ;

– экологӣ.

2. Бунёди низоми шохисрҳо, ки ҳаряки он ҷнанбаҳои алоҳидаи рушди устуворро инъикос мекунад. Дар бештари мавридҳо дар доираи низоми умумӣ чунин нишондиҳандаҳои зернизомӣ ҷудо карда мешаванд:

– иқтисодӣ;

– экологӣ;

– иҷтимоӣ;

– институтсионалӣ.

**2.3. Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Рушди Устувори Инсонӣ.** Рушди устувори давлат - ин чунин рушде мебошад, ки насли имрӯза эҳтиёҷотҳои худро қонеъ намуда, имкониятҳои қонеънамоии насли ояндаро оиди қонеъ намудани эҳтиёҷотҳои худ, таҳдид намесозанд.

Рушди устувор аз се нишондиҳандаҳои бо ҳам алоқамандӣ принсипнок, ки тавсифкунандаи рушди иқтисодӣ, адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити иҳотакардашуда бар меояд. Некуаҳволии ҷомеа бояд ба тариқи максималӣ боло рафта, камбизоатӣ тавассути самаранок истифодабарии захираҳои табиӣ паст карда шавад.

Механизми зарурӣ дар роҳи бадастории рушди устувор ин пеш аз ҳама коркард ва амалинамоии Консепсияи миллии рушди устувор мебошад.

Консепсияи миллии рушди устувор – ин барномаи дарозмӯҳлати гузариши марҳилавӣ ба рушди устувор, ки муайянкунандаи самти мушаххас ва шаклҳои фаъолият оиди бадастории мақсадҳои стратегӣ, захираҳои зарурӣ ва механизмҳо, низоми идоракунӣ ва мувофиқаткунӣ дар сатҳи маҳаллӣ, минтақавӣ, миллӣ ва байналмиллалӣ мебошад.

Мақсади асосии Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор ин таъмини муътадили рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳангоми нигоҳдории муҳити зист ва дуруст истифодабарии захираҳои табиӣ барои қонеънамоии эҳтиёҷоти насли имрӯза ва эҳтиёҷоти насли минбаъдаи давлат ба ҳисоб меравад.

Принсипҳои рушди устувор дар се марҳила амалӣ мегардад. Марҳилаи аввали гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор асосан ба амалинамоии Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2007-2009 такя мекунад. Дар ин маврид зарур аст, ки идоракунии ҷараёнҳои экологиро дарк ва аз худ намоем, маҳдудиятҳои экологии асоснокшударо дар фаъолияти хоҷагидорӣ риоя намоем, инчунин диққати махсусро ба масъалаҳои маълумотнокии аҳолӣ оиди ҳифзи муҳити зист, чорабиниҳои оиди кабудизоркунии гирду атроф, ки дар доираи конвенсияи экологии имзонамудаи глобалӣ овардашудааст равона созем.

Марҳилаи дуюм дар доираи амалинамоии Стратегияи миллии рушд то соли 2015, ки дар он ислоҳоти сохтории ба сатҳи нави сифати баромадан, ба рушд характери устуворӣ додан, камбизоатиро аз байн бурдан ва пай дар пай сифати зиндагии аҳолиро баланд бардоштан, пешбинӣ шудааст. Дар ин марҳила чораҳои пешгирикунанда оиди коркарди олотҳои рушди устувор нисбати мутобиқшавӣ ба тағийрёбии иқлим, заволёбии замин, ифлосшавии ҳаво ва ғайра пешбинӣ карда шудааст.

Бояд қайд нануд, ки дар заминаи тадбиқи ин мақсадҳо **2 июли соли 2013** Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №288, "Консепсияи ҳадафноки миллии илмӣ-тадқиқотӣ доир ба масъалаҳои рушди инсонӣ, таъмини минбаъдаи принсипҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ барои солҳои 2013-2028" тасдиқ гардид.

Таъмини гузариши давлат ба рушди устувори инсонӣ яке аз масъалаҳои сеюми консепсия буда, амалинамоии сиёсат оиди сиҳатнамоии иқтисодиёт ва муътадилкунии он, ки шароити зарурӣ барои бадастории прнсипҳои рушди устувор ба ҳисоб меравад. Дар ин марҳила пешниҳоди оғози ташаккули низоми иқтисодии ба экология нигаронидашуда ва ҳамгироии прнсипҳои рушди устувор дар тамоми соҳаҳои ҷамъият пешбинӣ карда шудааст. Беҳбудии экологии атрофи давлат пеш аз ҳама аз ҳисоби самаранок истифодабарии иқтидори бойи табиии давлат, тавассути дохилнамоии

технологияиҳои инноватсионӣ, коркарди нақша ва сохтмони истеҳсолоти аз чиҳати экологӣ тоза, шаҳрсозӣ ва инфраструктура таъин карда мешавад.

1. **Саволҳо барои машғулиятҳои амалӣ**
   1. Моҳияти Консепсияи Рушди Устувор (РУ)
   2. Меъёрҳои РУ
   3. Марҳилаҳои ташаккулёбии РУ
   4. Ҳадафи асосии Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор

**2. Саволҳо ва тестҳои санҷишӣ**

1. Гурӯҳи ишондиҳандаҳои иҷтимоӣ
2. Гурӯҳи ишондиҳандаҳои иқтисодӣ
3. Гурӯҳи ишондиҳандаҳои экологӣ
4. Гурӯҳи нишондиҳандаҳои институтсионалӣ
5. Консепсияи РУ инҳоро дар бар мегирад:
   1. Эъломия 2. Нақшаи корӣ 3. Тавсия барои Ассамблеяи куллии СММ

**3. Мавзӯҳои рефератҳо, презентатсияҳо**

1. Нишондиҳандаҳои рушди устувор аз рӯи секторҳои алоҳида
2. Конфронси якуми байниҳукуматӣ оид ба муҳити атрофи инсон дар Стокголм (с. 1972)
3. Конфронсҳо дар Рио-де-Ҷанейро (с. 1982, 1992, 2012)
4. Конфронс дар Йоханнесбург (с. 2002)
5. Марҳилаҳои тадбиқи Консепсияи РИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

4. **Рӯйхати адабиётҳои ҳатмии тавсияшаванда:**

1. Рушди инсонӣ. Курси лексияҳо. – Душанбе, 2012
2. Рушди инсонӣ. Китоби дарсӣ. – Т.: ДИҶД, БРСММ, 2008
3. Рушди инсонӣ: арзёбии нави пешравии иҷтимоӣ-иқтисодӣ: Маводи таълимӣ /Зери таҳрири умумии проф. Колесов В.П. (факултаи иқтисодии ДДМ) ва Маккинли Т. (БРСММ, Ню-Йорк). – М.: Ҳуқуқи башар, 2008

**5. Рӯйхати адабиётҳои иловагии тавсияшаванда:**

1. Маводҳои Конфронси якуми байниҳукуматӣ оид ба муҳити атрофи инсон дар Стокголм (с. 1972)
2. Маводҳои Конфронсҳо Рио-де-Ҷанейро (с. 1982, 1992, 2012)
3. Маводҳои Конфронси Йоханнесбург (с. 2002)

## <u>Мавзӯи 3. Ченкунии рушди инсонӣ</u>

**3.1. Шохиси Рушди Инсонӣ ва ҷузъиёти он.**
**3.2. Тараққиёти низомҳои ченкунии Рушди Инсонӣ.**
**3.3. Ченкунии муосир: методика ва шохисҳо.**
**3.4. Алоқамандии байни баҳодиҳиҳои Шохисии Рушди Инсонӣ.**
**3.5. Тамоюл ва проблемаҳои ШРИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Таи 20 сол, дар гузоришҳои БРСММ оид ба рушди инсонӣ аз рӯи одат иттиллот дар бораи Шохиси рушди инсон (Шохиси рушди нерӯи инсонӣ – Human Development Index) – ШРИ дарҷ гардидааст, ки ҳамасола аз ҷониби коршиносони БРСММ бо гурӯҳи коршиносони мустақили байналмилалӣ ҳисоб карда мешавад.

Шохиси истифодашаванда – ин нишондиҳандаи маҷмӯии сатҳи рушди инсон дар кишвар мебошад, ки одатан ҳамчун синоними мафҳумҳои ба мисли “сифати зиндагӣ” ё “сатҳи некӯаҳволӣ” истифода мешавад.

ШРИ муддати 20 соли охир дар як ҷо наистода, бо интишори ҳар як гузориши нав баҳодиҳиҳои худро тавассути пайдоиши нишондиҳандаҳо ва ҷадвалҳои нав вусъат дода,

бо назардошти нобаробарӣ дар се нишондиҳандаҳои асосӣ, нобаробарии гендерӣ, шохиси камбизоатии чандченака, вусъати ҳуқуқу имкониятҳо, устуворӣ ва осебпазирии рушд, шохиси афкори некӯаҳволии ва хушбахтии инфиродӣ, некбахтии шаҳрвандӣ ва ҷамъиятӣ, тамоюли демографӣ, шароити меҳнат, маориф, тандурустӣ, ҷараёнҳои молиявӣ, инфрасохтор, дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мукаммал карда шуд.

**3.1. Шохиси Рушди Инсонӣ ва ҷузъиёти он.** Шохиси рушди инсонӣ (ШРИ) ин шохиси таркибии маҷмӯист, ки дараҷаи миёнаи дастовардҳои давлатро аз рӯи се самти асосии соҳаи рушди инсонӣ – саломатӣ ва дарозумрӣ, саводнокӣ ва сатҳи арзандаи зиндагӣ муайян менамояд. Он нахустин бор аз ҷониби иқтисодчии покистонӣ Маҳбуб ул-Ҳақ дар ҳамкорӣ бо дорандаи ҷоизаи Нобелӣ Амартия Сэн ва дигар олимони муътабари соҳаи рушд барои аввалин "Гузориш оид ба рушди инсонӣ" дар соли 1990 таҳия гардид. Он ҳамчун усули дигари имконпазири нишондиҳандаҳои одатии рушди миллӣ, ба мисли сатҳи даромад ва тамоюли рушди иқтисодӣ ворид карда шуд.

Ҳадаф аз таҳияи ШРИ ин қайд намудани он, ки на танҳо рушди иқтисодӣ, балки одамон ва имкониятҳои онҳо низ бояд меъёрҳои ниҳоии арзёбии рушди давлат ба шумор раванд. ШРИ инчунин метавонад баҳри таҳлил намудани вариантҳои сиёсати миллӣ истифода гардад ва масъалаеро ба миёр гузорад, ки чӣ гуна ду кишвари дорои сатҳи якхелаи МММ ба сари аҳолӣ метавонанд дар ниҳояти кор дорои нишондиҳандаҳои гуногуни номбаршудаи рушд бошанд. Масалан, Ҷазираҳои Багам ва Зеландияи Нав дорои сатҳҳои якхелаи даромад мебошнд, вале давомнокии пешбинишудаи умр ва давмонокии пешбинишудаи таҳсили мактабӣ миёни ин ду кишвар тафовути калон доранд, ки дар натиҷа аҳамияти ШРИ-и Зеландияи Нав то андозае аз нишондиҳандаи дахлдори Ҷазираҳои Багам артарӣ дорад. Чунин тафовутҳои равшану аён метавонанд боиси ривоҷи баҳс дар боби авлавиятҳои сиёсати давлатӣ гарданд.

Ҳадди аққал метавон чор усули асосии ноилшавӣ ба алоқамандии рушди иқтисодӣ ва рушди инсониро ҷудо кард:

- зиёд намудани сармоягузорӣ дар маориф, тандурустӣ, тайёрии касбӣ, мусоидат ба адбиқи тавоноии инсон ва ҷалби он дар падо намудан ва тақсимоти неъматҳо;
- таъмини мувозинати хароҷоти иҷтимоӣ тавассути таҳкими ҳамаҷонибаи заминаи иҷтисодии соҳаи иҷтимоиёт;
- васеъ намудани имкониятҳои одамон ҷиҳати амалӣ сотани интихоби худ дар соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бо таваҷҷӯҳи хос ба он қишри аҳолие, ки (алалхусус ба занҳо) имкониятҳояшон бо ин ё он сабаб маҳдуд буданд.

Ҳисоби ШРИ бевосита дар асоси ҷамъоварии минималии нишондиҳандаҳои заминавӣ ба роҳ монда шудааст, ки аз рӯи усули муқоисавӣ барои давлатҳои дунё мунтазам ҳисоб карда мешаванд. Ҳар яке аз нишондиҳандаҳои заминавӣ миқдоран яке аз ҷузъиётҳои калидии рушди инсон ё паҳлӯҳои васеъкунии интихоби инсонро ифода менамояд. Новобаста аз он, ки давра ба давра нишондиҳандаҳои номбаршуда мавриди аз назаргузаронии дубора қарор мегиранд (ба мисли пайдоиши боз ҳам асосноктар ва ё дақиқтар), ворид намудани нишондиҳандаҳои нав, тағйири проседураҳои ҳисоби онҳо ва ҳоказо, худи маҷмӯи ҷузъиёти рушди инсонӣ бетағйир боқӣ мемонад.

Ҷузъиёти калидии ченкунии мазкур дарозумрӣ, саводнокӣ (таҳсил) ва сатҳи зиндагӣ ба шумор рафта, ба чор проблемаи калидӣ мувофиқ мебошанд: умри дароз дидан; савод андӯхтан; дастасӣ ба захираҳо доштан, ки барои сатҳи арзандаи зиндагӣ доштан ҳатмӣ мебошанд. Дар маҷмӯъ, ҳамаи ин ҷузъиётҳо модели ба худ хоси рушди инсониро ифода мекунанд. Ҳамзамон ҳар яки ин ҷузъиётҳо як қатор имкониятҳои инсонии махсусан муҳимро дар бар мегирад, яъне:

- дарозумрӣ – умри дарозу солим гузарондан;

- саводнокӣ - дониш андӯхтан, муошират кардан, дар ҳаёти ҷомеа иштирок намудан;
- сатҳи зиндагӣ – имкони дастрасӣ доштан ба захираҳое, ки барои ҳаёти арзанда ҳатмӣ мебошанд, ҳаёти солим бурдан, доштани шароит барои ҳаракати минтақавӣ ва иҷтимоӣ, иштирок дар ҳаёти ҷомеа ва ғайраҳо.

Илова бар ин, ин се ҷузъи номбаршуда аз мафҳумҳои мустақими худ дида, имконияту қобилиятҳои бағоят бештари инсониро инъикос менамоянд. Ғайр аз он, теъдоди ҷузъиётҳои муҳими рушди инсонӣ (масалан, озодии инсон) бевосита ҳангоми истифодаи модели ҳисобкунӣ ба назар гирифта нашудааст, ки сабаби он аслан аз душвор будани дақиқии нишондиҳандаҳоест, ки барои ченкунии онҳо пешбинӣ мешаванд. Ва ин ҳам бошад маънои онро надорад, ки чунин шакли ҷузъиётҳо дар рафти таҳлили вазъи шароит дар соҳаи рушди инсонӣ аз мадди назар дур мемонанд, чунки онҳо метавонанд ва бояд дар якҷояӣ бо ҳисоби асосӣ ҳамчун қисми иловагӣ мавриди баррасӣ қарор гиранд. Чунин иловагиҳо метавонанд паҳлӯҳои мухталифи фаъолияти зиндагиро дар бар гиранд ва аз ҳадафҳои таҳлил хеле вобастагии калон доранд.

Вале барои се ҷузъи калидии рушд иинсонӣ низоми нишондиҳандаҳои завминавие таҳия гардидааст, ки мунтазам қариб барои тамоми мамлакатҳои дунё ҳисоб ва муқоиса карда мешаванд. Ҳамаи нишондиҳандаҳои дохили ин низом ифодаи миқдории андозаи ҷузъҳои дахлдор маҳсуб меёбанд, яъне афзоиш (ё коҳиш)-и ҳар як нишондиҳандаҳои заминавӣ аз васеъшавӣ (ё тангшавӣ)-и имкониятҳои интихоб дар андозаи муайяни рушди инсонӣ шаҳодат медиҳад.

**3.2. Такмили низоми баҳодиҳии Рушди Инсонӣ.** ШРИ нишондиҳандаи таркибие ба шумор мерафт, ки ҳисоби миёнаи дастовардҳои миёнаи давлатро аз рӯи се самти асосии соҳаи рушди инсонӣ муайян менамояд: дарозумрӣ бо доштани тарзи ҳаёти солим, (ки аз нуқтаи назари давомнокии умр ҳангоми таваллуд муайян карда мешавад); савод (бо сатҳи саводнокии аҳолии калонсол ва коэффитсенти маҷмӯии хонандагони мактабҳои ибтидоӣ, миёна ва олӣ чен карда мешавад); сатҳи хуби зиндагӣ (бо ҳисоби ММД ба сари аҳолӣ, ки аз рӯи паритети қобилияти харидорӣ бо доллари ШМА ҳисоб карда мешавад, муайян мегардад).

*Шохиси рушд бо назардошти омили гендерӣ (ШРОГ)*, ки дар *Гузориши соли 1995* ворид карда шуд, айнан ҳамон дастовардҳоеро ифода намуд ва ҳамон нишондиҳандагоне дар ҳисоби он истифода гардиданд, ки дар ШРИ истифода мешаванд, вале онҳо бо назардошти нобаробарии байни зану мард муйян карда шуданд. Илова бар ин, бо мақсади дарёфти далели он, ки оё занҳо дар ҳаёти иқтисодиву сиёсӣ фаъолона ширкат мекунанд, нишондиҳандаи нави *васеъшавии имкониятҳои занҳо (НВИЗ)* ворид карда шуд. Он ба нобарбарии гендерӣ дар соҳаҳои калидии иштироки иқтисодиву сиёсӣ ва раванди қабули қарорҳо таваҷҷӯҳи хоса нишон дод. Дертар дар *Гузориши соли 2005* кӯшиши истифодаи ШРИ *барои баҳогузории нобарбарӣ* дар самти рушди инсон дар заминаи кишварҳои алоҳида ба харҷ дода шуд: аҳамияти миллии ШРИ барои 12 давлат аз рӯи квантили даромад тақсим гардида буданд.

Ғояи "камбизоатӣ аз рӯи имкониятҳо" нахустин маротиба дар "Гузориш оид ба рушди инсон" дар соли 1996 мавриди назар пешкаш гардида буд. Ҳамзамон, набудан ё маҳдудияти имокниятҳои қонеъгардонии маҷмӯи талаботҳои инсонӣ, кабл аз ҳама калидӣ - ба умри дарозу солим, ба саводомӯзӣ, дастрасӣ ба захираҳои барои ҳаёти арзанда зарур, на танҳо сатҳи пасти даромад ба сари аҳолӣ ҳамчун тавсифгари камбизоатӣ дониста мешуд. *Нишондиҳандаи* камбизоатӣ аз рӯи имконият (НКИ) ҳамчун миёнаи арифметикии се нишондиҳанда ҳисоб карда мешуд: ҳиссаи кӯдаконе, ки ҳангоми таваллудашон ашхоси ихтисосманди тиббӣ ҳузур надоштанд; ҳиссаи занҳои бесаводи синнашон 15 сола ва боло; ҳиссаи кӯдакони то панҷсола, ки камвазн мебошанд.

Дертар дар *Гузориши соли 1997 Шохиси фақирии аҳолӣ* (ШФА) пешниҳод гардида, тавачҷӯҳи он ба таносуби одамонест, ки аз рӯи андозаҳои асосии рушди инсон аз сатҳи ҳадди аққал поёнтар қарор доранд, айнан дар ҳамон дараҷае ки ҳисоби шумораи камбизоатон ҳиссаи одамони аз сатҳи ҳадди аққали даромад қарордоштаро муайян менамояд. Баъд аз он, ду ШФА муайян карда мешуданд: барои давлатҳои рӯ ба тараққӣ (ШФА-1) ва давлатҳои СҲИР-и дорои сатҳи баланди даромад (ШФА-2), ки барои ҳисоб тағйирёбандаҳои фарққунанда истифода мешуданд. ШФА-2 дараҷаи маҳрумиятҳоро ба мисли ШФА-2 айнан ҳамон ҷабҳаҳои ҳаёти одамро арзёбӣ менамояд, вале бо вуҷуди ин сатҳи маҳдудияти иҷтимоии аҳолӣ низ ба назар гирифта мешавад. Ҳангмои ҳисоби ШФА-2 нишондиҳандаҳои зайл исифода бурда мешаванд: ҳиссаи аҳолие, ки аз рӯи пешбинии вақти таваллуд то синни 60 солагӣ умр намебинад, ҳиссаи аҳолии фаъоли бесавод, яъне касоне ки хонда наметавонанд; ҳиссаи одамоне, ки аз хати камбизоатӣ поён зиндагӣ ба сар мебаранд, яъне соҳиби даромади камтар аз 50%-и даромади медианагии дақиққардашуда мебошанд; сатҳи бекории тулонӣ (муддати 12 ё зиёда моҳ).

Диққати ШФА-ҳо на ба нишондиҳандаҳои миёнаи дар мамлакат, балки ба ҳиссаи одамони дорои имкониятҳои ками марбут ба соҳаҳои рушди инсонӣ равона шуда буд. Аз нишондиҳандаҳои камбизоатӣ аз рӯи даромад ва хароҷот дида, ШФА-ҳо дараҷа ва ҷараёни камбизоатиро мукаммалтар нишон медоданд ва чун воситаи муҳиме ҷиҳати муайянсозии гурӯҳҳои аҳолӣ ё ҳоҷагиҳое, ки ба ин ё он намуди кӯмак эҳтиёҷ доштанд, хизмат мекарданд.

Нишондиҳандаи асосӣ барои арзёбии рушди инсонӣ **Шохиси рушди инсонӣ** буд ва мемонад, ки шохиси маҷмӯӣ буда, пешравиро дар се ҷабҳаи асосии рушди инсонӣ – саломатӣ, дониш ва даромад баҳогузорӣ менамояд. Вале тибқи формулаи қаблии ШРНИ то соли 2010 барои ченкунии "саломатӣ" давомнокии пешбинишудаи умр ҳангоми таваллуд, таҳсил ё "дониш" тавассути ҳамҷоясозии нишондиҳандаҳои саводнокии аҳолии калонсол ва дарбаргирӣ бо таҳсили мактаб (аз мактаби ибтидоӣ то макотиби таҳсилоти олӣ) истифода мегаштанд, даромад ё сатҳи зиндагӣ бошад тавассути нишондиҳандаи ММД ба сари аҳолӣ бо такмили паритети қобилияти харидорӣ (ПҚХ бо доллари ШМА) чен карда мешуданд.

***Дар замони ҳозира (баъд аз соли 2010) дар ҳисобкуниҳо баъзе тағйиротҳо ба вуқӯъ пайвастанд:***

- *Аз рӯи нишондиҳандаҳо- индикаторҳо*:

- саломатӣ то кунун бо давомнокии пешбинишудаи умр ҳангоми таваллуд чен карда мешавад;

- дастрасӣ ба дониш ҳоло ба таври зайл арзёбӣ карда мешавад: 1) ҳисоби миёнаи давомнокии таҳсил, ки тавассути ҳисоби миёнаи солҳои таҳсил барои нафарони синну солашон 25 ва аз ин боло дар тӯли ҳаёт чен карда мешавад; инчунин 2) давомнокии пешбинишудаи таҳсил, ки аз рӯи нақша кӯдаке метавонад бархӯрдор гардад, ки ба синну соли расман муқаррааргардидаи ба мактаб дохилшавӣ расидааст, агар дар давраи зиндагии вай тамоюлҳои бартаридоштаи марбут ба нишондиҳандаҳои фарогирии аҳолӣ бо маориф нигоҳ дошта шаванд;

- сатҳи даромад акнун ба ҷои ММД ба сари аҳолӣ (ПҚХ бо доллари ШМА) бо истифода аз Маҷмӯи даромади миллӣ ба сари аҳолӣ аз рӯи паритети қобилияти харидорӣ (бо доллари ШМА) арзёбӣ карда мешавад. Сарфи назар аз он, ки ММД натиҷаҳои истеҳсолотро арзёбӣ менамояд, он даромади софи омилии давлатро арзёбӣ намекунад - масалан, баъзе намудҳои даромад аз рӯи сармоягузориҳои мустақим ва портфелӣ метавонанд аз хориҷ қабул гардида, ба беруни кишвар интиқол дода шаванд, ба баъзе резидентон аз хориҷи кишвар маблағҳои пулӣ интиқол дода мешаванд ва дар ҳолатҳои алоҳида ҳаҷми чунин ҷараёнҳои молиявӣ метавонанд калон бошад. МДМ нишондиҳандаҳои ММД-ро ба чунин

нишониҳандаҳои намерасидагӣ мувофиқ гардонда, ҳамин тавр, ченкунандаи дақиқтари некӯаҳволии иқтисодии кишварро ифода менамояд.

- *Аз рӯи методологияи ҳисоб:*

- дар гузашта ШРИ миёнаи арифметикии шохисҳои андозаҳоеро ифода менамуд, ки аз нишондиҳандаҳои дахлдор бо истифода аз қиматҳои қимтарин (минимумҳо) ва қиматҳои калонтарин (максимумҳо) ба даст оварда мешуданд. Муътадилсозӣ маънои табдил намудани нишондиҳандаҳоест, ки дар воҳидҳои гуногуни шохисҳо бо қимати аз 0 то 1 ифода ёфтаанд. Ҳоло бошад, ШРИ дорои шакли миёнаи геометрии шохисҳои муътадилгардидаи ченакҳо мебошад, ки дар асоси минимумҳо ва максимумҳои дар тули мӯҳлати ҳисоби ШРИ мушоҳида шуда, дар гузоришҳо дарҷ мегарданд. Ҳамин тариқ, "сарҳади болоии" қаблии қисми даромад ба "максимуми машуоҳидашаванда"-и сатҳи даромад ба сари аҳолӣ иваз карда шуд. Қабули миёнаи геометрӣ қимати нисбатан пасти шохисро дода, дар навбати худ дигаргуниҳои бештар дар давлатҳои дорои рушди нобаробар дар ченакҳои ШРИ ба назар расиданд. Миёнаи геометрӣ ба рейтинги ШРИ танҳо таъсири назарнорас мерасонад.

- ҳоло ШРИ вазни баробари шохисҳои се андозаро ба худ мегирад; ду зер-шохиси саводнокӣ низ бо вазни баробар ҳисоб карда мешаванд. Ин аз ШРИ-и қаблӣ, ки тибқи он онҳо ба таври гуногун вазн доштанд, тафовут дорад. Интихоби вазнҳо ба қарори ҳуқуқӣ асос мегирад, ки ҳамаи ин се андоза аҳамияти хоси якхела доранд.

Нишондиҳандаҳо бо сабабҳои гуногун тағйир дода шуданд. Вобаста ба ин, масалан нишондиҳандаи саводнокии аҳолии калонсол, ки дар ШРИ-и куҳна истифода мегардид, барои фаҳмидани вазъи умумии дастовардҳо дар соҳаи дониш ченкунандаи нокифоя мебошад. Бо ворид намудани ҳисоби миёнаи давомнокии таҳсилоти мактаб ва шумораи солҳои пешбинишудаи таҳсил дар мактаб метавон аз сатҳи маориф ва тағйиротҳои охир хабардор шуд. Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ифодаи пулии молу хадамоти дар дохили кишвар истеҳсолшуда ба ҳисоб меравад, новобаста аз он ки онҳо чӣ қадар дар дохили кишвар қрор мегиранд. Маҷмӯи маҳсулоти миллӣ (МММ) ифодагари он даромадест, ки ба сокинони кишвар пардохт карда мешавад, аз он ҷумла маблағҳои аз хориҷ воридшаванда, ба мисли интиқолҳои пулӣ ва кӯмакҳои беруна, бо истисони даромадҳое, ки дар дохили кишвар ба даст оварда шуданд, вале ба хориҷ интиқол дода шудаанд. Ҳамин тариқ, МММ ченкунандаи дақиқтари некӯаҳволии иҷтисодии давлат маҳсуб меёбад.

**3.3. Ченкунии муосир: методика ва шохисҳо**. Аз соли 2010 инҷониб на танҳо усули дигар, яъне усули такмилдодашудаи ҳисоби ШРИ тадбиқ карда мешавад, балки инчунин се нишондиҳандаи нави оморӣ мавриди истифода қарор дода шуданд, яъне Шохиси рушди инсонӣ бо назардошти нобаробарӣ саҳеҳгардида, Гохиси камбизоатии бисёрчена ва Шохиси нобарбарии гендерӣ.

Усули ҳисоби шохисҳои номбаршударо паи ҳам мавриди назар қарор медиҳем.

1) ***Шохиси рушди инсонӣ*** қадам ба қадам бо тартиби зерин ҳисоб карад мешавад:

- қадами аввал - ҷамъи иттилооти аввалиндараҷа дар бораи нишондиҳандаҳои таркибии шохис (маълумот аз рӯи давлат - маҷмӯи даромади миллӣ аз рӯи ПҚХ бо доллари ШМА, давомнокии пешбинишудаи умр ҳангоми таваллуд, миёнаи давомнокии таҳсил, давомнокии пешбинишудаи таҳсил).

Маъхазҳои аввалияи иттилоотиро барои ҳисоби ШРИ дар асоси нишондиҳандаҳои хадамотҳои миллӣ ва тадқиқотҳои созмонҳои байналмилалӣ ташкил менамоянд.

- *маълумот дар бораи маҷмӯи даромади миллӣ (МДМ)* - маъхази иттилоотии Бонки Умумиҷаҳонӣ «Нишондиҳандаҳои рушди ҷаҳонӣ» (Woқld Dӯvӯlopmӯnt Indicatoқs (Woқld Ӣank). Бо мақсади таъмини муқоисаи беҳтари сатҳи зиндагӣ дар давлатҳои гуногун маълумотҳо бояд бо истифода аз паритети қобилияти харидорӣ (ПҚХ ҳарсола аз ҷониби

ХБА ҳисоб карда мешавад) табдил дода шаванд, то ин ки фарқиятҳо дар нархҳои миллӣ аз байн бурда шаванд.

➢ *баҳои давомнокии пешдинишудаи умр* - нашри Woқld Popғlation Pқospӯcts 1950–2050: Thӯ 2008 Қӯvision («Дурнамои аҳолии ҷаҳон барои солҳои 1950–2050: таҳрири соли 2008») – сарчашмаи расмии арзёбиҳо ва пешгӯиҳои СММ дар соҳаи аҳолӣ. Таҳияи нашрияи мазкур ҳар ду сол аз ҷониби Шӯъбаи аҳолии Раёсати масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ дар асоси маълумотҳои системаҳои миллии қайдҳои ҳолати шаҳрвандӣ, барӯйхатгирии аҳолӣ ва пурсишҳо.

➢ *маълумот дар бораи давомнокии пешбинишудаи таҳсил* – маъхази иттилооти Донишкадаи омори Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО). Арзёбиҳои мазкур дар асоси нишондиҳандаи фарогирии аҳолӣ бо маориф аз рӯи синну сол дар ҳамаи сатҳҳои маориф ва нишондиҳандаи шумораи аҳолии расман синну соли мактабӣ дар ҳамаи зинаҳои маориф аз рӯи синну сол. Бинобар сабаби набудани маълумот дар Донишкадаи омори ЮНЕСКО дар бораи миёнаи давомнокии таҳсил, бо мақсади ба даст овардани нишондиҳандаҳои заминавии дастовардҳои хонандагон аз рӯи гурӯҳҳои ҷинсӣ ва синну солӣ, чун қоида нишондиҳандаҳои баҳодиҳанда, ки аз корҳои илмӣ-тадқиқотӣ (масалан, корҳои Барро ва Ли, 2010) гирифта мешаванд, мавриди истифода қарор мегиранд, ки ба барӯйхатгирии аҳолӣ ва тадқиқоти хоҷагиҳои аз ҷониби ЮНЕСКО, Евростат ва дигар сарчашмаҳо истифодашаванда асос мегиранд.

Масалан, маълумотҳои аввалиндараҷаи Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба ШРИ барои соли 2012 дорои андозаҳои зайл буданд:

- Давмонокии пешбинишудаи умр ҳангоми таваллуд (бо сол) - **67.8**
  - Миёнаи давомнокии таҳсил (бо сол) - **9.8**
  - Давомнокии пешбинишудаи таҳсил (бо сол) - **11.5**
  - МДМ ба сари аҳолӣ (бо доллари ШМА тибқи ПҚХ) - **2119.**

• қадами дуюм – таъсиси зершохисҳо барои ҳар як ченак. Барои нишондиҳандаҳоро ба шохисҳои андозаи аз 0 то 1 табдил додан, зарур аст, ки қиматҳои камтарин ва баландтарин (ё тахминҳои ба мақсад мувофиқ) муқаррар карда шаванд. Ченакҳои баландтарин воқеан ба ченакҳои аз ҳама баланди нишондиҳандаҳои давлатҳо дар қатори вақтӣ дода мешаванд (масалан, барои ШРИ дар соли 2011 барои давраи 1980-2011). Андозаҳои баландтарин ба муқоиса таъсир мерасонанд ва аз ин лиҳоз андозаҳое истифода мегарданд, ки ба таври бояду шояд чун ҳадди аққал ё сифри «муқаррарӣ» фикр карда шуда бошанд.

Баъд аз муайян шудани андозаҳои камтарин ва баландтарин зершохисҳо ба таври зайл ҳисоб карда мешаванд:

$$\text{Шохиси андоза} = \frac{\text{ченаки воқеӣ} - \text{ченаки камтарин}}{\text{ченаки баландтарин} - \text{ченаки камтарин}} \qquad (1)$$

Барои соҳаи маориф муодилаи (1) дар ҳар ду зерқисматҳо тадбиқ мегардад, ки дар натиҷа миёнаи геометрии онҳо ҳисоб гардида, баъдан дар навбати дуюм муодилаи (1) истифода бурда мешавад. Ин анйан мисли истифода намудани муодилаи (1) бевосита ба миёнаи геометрии ин ду зерқисмат мебошад. Барои ҳисоби шохиси даромад логарифмҳои натуралии аз қиматҳои камтарин ва баландтарин истифода бурда мешаванд.

$$W(Y) = \frac{Lny_i - Lny_{min}}{Lny_{max} - Lny_{min}}$$

Маҷмӯигардонии зершохисҳо - ҳисоби миёнаи геометрии се шохиси ченакҳо:

$$(I_{умр}{}^{1/3} \bullet I_{савод}{}^{1/3} \bullet I_{даромад}{}^{1/3}) \qquad (2)$$

Ҳамин тариқ, дар соли 2010 Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи нишондоди ШРИ – 0,580 дар ҷадвали рейтинг аз байни 172 давлат мақоми 112-ро ишғол намуд, ки он мувофиқи қимати миёнаи дараҷаи рушди нерӯи инсонӣ буд. Вале азбаски созмонҳои байналмилалӣ мунтазам қаторҳои омории худро такмил медиҳанд ва шумораи давлатҳои дар базаи ҳисоб фаро гирифташуда меафзояд, бинобар ин маълумотҳо, аз ҷумла ченакҳо ва реётинги дар соли 2012 овардашуда ба онҳое, ки дар солҳои қаблӣ (дар соли 2010б 2011) нашр шудаанд, муқоисашаванда нестанд. Аз ин хотир, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рейтинги ҷаҳонии соли 2012 ҷои 125-умро бо доштани ШРИ 0,622 миёни 187 кишвари олам ишғол менамояд, ки ин ҳам бошад мувофиқи ҳисоби миёнаи рушди инсонӣ мебошад.

Ҳамзамон ШРИ маҳдудияти муайяни худро дорад:

- Шохис ченкунандаи маҷмӯии рушди инсонӣ маҳсуб намеёбад. Он танҳо ба се ҷабҳаи имкониятҳои мавҷуда нигаронида шудааст. Ба дигар ҷабҳаҳои рушди инсонӣ, ки метавон онҳоро ба назар гирифт, аз маълумотҳои дар даст қарордошта истифода намуда, метавон сатҳи худэҳтиромкунӣ ва озодии сиёсии инсон ва инчунин нигаронии ҳолаи муҳити зистро дохил кард.
- ШРИ барои баҳодиҳии пешравии рушди инсонӣ дар давраи кӯтоҳ бахшиди нашудааст, чунки нишондиҳандаҳои таркиби он – ҳисоби миёна ва давомнокии пешбинишудаи таҳсил, давомнокии пешбинишудаи умр ҳангоми таваллуд – ба тағйиротҳои кӯтоҳмуддат дар сиёсат мутаассиршаванда намебошанд.
- Чун дигар нишондиҳандаи миёнаи давлат, ШРИ барои мавриди таваҷҷӯҳ қарор додани тафовут дар рушди инсонӣ дар дохили кишвар имкон намедиҳад. Давлатҳои дорои қиматҳои якхелаи ШРИ метавонанд аз нуқтаи назари тақсимоти рушди инсон чӣ байни минтақаҳо ва чӣ байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ аз якдигар фарқ дошта бошанд.

2) ***Шохиси рушди инсонӣ бо назардошти нобаробарӣ дақиқгардида*** (ШРИН). Агар ШРИН-ро ҳамчун нишондиҳандаи «рушди» нерӯманди инсон, ки бо роҳи тақсимоти баробари неъматҳо ба даст овардан мешавад, баррасӣ кардан мумкин бошад, он гоҳ ШРИН дараҷаи воқеии рушди инсонӣ (бо назардошти нобаробарӣ дар тақсимоти неъматҳо байни одамони ҷамъият) дониста мешавад. ШРИ ба ШРИН он гоҳ баробар мешавад, ки агар нобаробарӣ дар тақисомти неъматҳо байни одамон дар ҷамъият ҷой надошта бошад. Фарқияти байни ШРИ ва ШРИН, ки бо фисад ифода меёбад, бо «камомадӣ (талаф)»-и рушди нерӯманди инсонӣ аз рӯи нобаробарӣ чен карда мешавад.

ШРИН на танҳо ҳисоби миёнакардашудаи дастовардҳои давлатро дар соҳаи тандурустӣ, маориф ва даромад ба назар мегирад, инчунин он бо истифода аз усули «камкунӣ»-и қимати миёнаи ҳар як ченак мувофиқи дараҷаи нобаробариаш муайян месозад, ки чӣ гуна ин дастовардҳо миёни аҳолии он давлат тақсим шудаанд.

Ҳисоби ШРИН аз рӯи се қадам баргузор мегардад:

- Қадами 1. Ченкунии нобаробарӣ дар тақсимотҳои заминавӣ
- Қадами 2. Дақиқкунии шохисҳои ченакҳо бо назардошти нобаробарӣ

Ба ҳисоби миёнаи тамоми давлатҳои ҷаҳон коҳиши ШРИ дар натиҷаи нобаробарӣ 23,3 фисадро ташкил медиҳад.

Яке аз таркибҳои калидии усули мазкур ин таъсири нишондиҳандаҳои қишрҳои алоҳидаи аҳолӣ ба нишондиҳандаи умумӣ ба ҳисоб меравад. Ин чунин маъно дорад, ки коҳиш ёфтани нобаробарӣ дар як гурӯҳи аҳолӣ ва набудани тағйирот дар гурӯҳҳои боқимондаи аҳолӣ пастшавии нишондиҳандаи умумии нобаробариро ба миён меорад. Дуюм таркиби муҳим он аст, ки барои ҳисоби ШРИН аввалан нобаробарии ҳар як соҳаи ШРИ муайян намуда мешуд, баъдан – байни соҳаҳо ва ин бошад аз он гувоҳӣ медиҳад, ки он метавонад бо усули ҳамҷоясозии маълумотҳои сарчашмаҳои гуногун ҳисоб карда шавад.

Ченаки миёнаи камомадӣ (талаф) дар рушди инсон дар натиҷаи нобаробарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 18,4 фисадро ташкил мекунад. Ҳамзамон камомадӣ (талаф) дар соҳаи тандурустӣ ва даромад нисбат ба камомадӣ дар соҳаи маориф бештар мушоҳида мешавад.

Диаграммаи 3.3.1.

**ШРИ бо назардошти нобаробарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2012)**




*Тарҷума дар диаграммаҳо: ИЧР – ШРИ; индекс ожидаемой продолжителӣности жизни - шохиси давомнокии пешбинишудаи умр; индекс образования - шохиси саводнокӣ; индекс дохода - шохиси даромад; с учетом неравенства - бо назардошти нобаробарӣ; потери за неравенства - камшавӣ аз ҳисоби нобаробарӣ.*

Норасоии асосии ШРИ, ки бо назардошти нобаробарӣ дақиқ гардидааст, ин таъсирнопазирии он ба алоқамандии байниҳамдигарӣ будани он аст, яъне он таъсири алоқамандии байни нишондиҳандаҳоро аз мадди назар дур мекунад. Ҷиҳати мутаассиршаванда гардондани нишондиҳанда ба алоқамандии байниҳамдигарӣ зарур аст, ки ҳамаи маълумотҳо барои ҳар як фард аз як маъхази тадқиқотӣ дастрас карда шаванд, вале ин кор дар айни ҳол номумкин мебошад.

3) ***Шохиси нобаробарии гендерӣ (ШНГ)*** ин нишондиҳандаи таркибиест, ки нобаробариро дар дастовардҳои байни мардону занон дар се ченак ифода менамояд: саломатии непродуктивӣ, васеъ гардондани ҳуқуқ ва имкониятҳо, инчунин дар бозори меҳнат.

Ченаки ШНГ аз сифр (баробарии куллии мардон ва занон) то як (нобаробарии куллӣ дар ҳамаи ченакҳо). Саломатии репродуктивӣ тавассути ду нишондиҳанда ҳисоб карда мешавад: сатҳи фавти модарон ва коэффитсенти таваллуд миёни наврасон. Васехгардонии ҳуқуқимикоиятҳо низ ба воситаи ду нишондиҳанда арзёбӣ карда мешавад: таносуби шумораи мардон ва заноне, ки депутатҳои парлумонанд ва сатҳи маълумоти миёна ва олӣ миёни занҳо. Фаъолнокии иқтисодӣ бо иштироки занон дар қувваи корӣ арзёбӣ карда мешавад.

ШНГ барои ошкор сохтани дараҷаи сустшавии миёнаҳои давстовардҳои давлат дар соҳаи рпушди инсон бо сабаби норбаробарии гендерӣ, инчунин барои таъмин намудани заминаи таҷрибавӣ ҷиҳати таҳлил сиёсат ва талошҳои марбут ба воқеъгардонӣ ва ташвиқ.

Усули шохиси нобаробарии гендерӣ мисли усули шохиси рушди инсонист, ки бо назардошти нобаробарӣ (ШРИН) дақиқ карда шудааст. Онро метавон ҳамчун фисади камшавӣ (талаф)-и дараҷаи рушд инсонӣ аз ҳисоби норасоии ченакҳои дохили он шарҳ дод. Азбаски ШНГ дар худ ченакҳои шохиси рушди инсониро (ШРИ) дар бар мегирад,

дар муқоиса бо ШРИН онро наметавон ҳамчун камшавии бевоситаи ШРИ шарҳ дод. Дар муқоиса бо ШРИ ченакҳои баландари ШНГ аз дастовардҳои бадтар дарак медиҳанд.

ШНГ аз маълумотҳои калидии маъхазҳои иттилоотии ба омма дастрас замина мегирад, аз ҷумла коэффитсенти фавти модарон дар маъзаи итилоотии Thӯ Statӯ of thӯ Woқld's Childқӯn-и Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ), нишондиҳандаи таваллуд миёни наврасон дар Woқld Popғlation Pқospӯcts-и Раёсати СММ оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, маълумотҳои омор оид ба дастовардҳо дар соҳаи маорифи Барро ва Ли, маълумотҳо дар бораи намояндагии парлумонии Шӯрои байналмилалии парлумонӣ, инчунин малумотҳо доир ба иштирок дар бозори меҳнат дар маъхази иттилоотии LAЙOҚSTA -и Созмони байналмилалии меҳнат.

ШНГ бо маҳдудиятҳои зиёд марбут ба маълумотҳо рӯ ба рӯ мегардад, ки ин интихоби нишондиҳандаҳоро душвор месозад. Масалан, намояндагӣ дар парлумони миллӣ мавриди истифода қарор мегирад, ки иштирок дар мақомоати маҳаллии идоракунии давлатӣ ва инчунин дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро намегирад. Ғайр аз он, вобаста ба баҳодиҳии бозори меҳнат иттилоот дар бораи даромад, шуғл ва кори бемузди занҳо намерасанд. Дар ШНГ дигар ҷабҳаҳои муҳими ҳаёт ба назар гирифта нашудаан, масалан истифодаи вақт – ба души бисёр занҳо ҳаҷми заҳмати зиёд марбут ба нигоҳубин ва пешбурди хоҷагии хона вогузор шуда, вақтҳои онҳоро барои истироҳат маҳдуд менамояд ва ғаму харобшавиашонро меафзояд, ки аз madди назар дур мемонад. Соҳибмулкӣ, зӯроварии гендерӣ ва иштирок дар қабули қарорҳо дар сатҳи ҷомеаҳои маҳаллӣ низ фаро гирифта нашудаанд, ки сабаби асоси он дар маҳдуд будани дастрасии маълумотҳои ин соҳаҳо мебошад.

Шарҳи ҳисоби шохиси нобаробарии гендерӣ мутобиқи маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон:

Маълумотҳои аввалиндараҷа:

| | Саломатӣ | | Васеънамоии ҳуқуқҳо ва ваколатҳо | | Бозори меҳнат |
|---|---|---|---|---|---|
| | Коэф. фавти модарон | Коэф. таваллуд миёни наврасон | Намояндагии парлумонӣ (%) | Сатҳи маълумоти миёна ва олӣ (%) | Фаъолият дар бозори меҳнат (%) |
| Мардон | | | 82,5 | 85.8 | 75,1 |
| Занон | 65 | 25,7 | 17,5 | 93.2 | 57,4 |
| (F+M)/2 | 0.512 | | 0.623 | | 0.663 |

- *Қадами 1. Ҳисоби ченакҳи сифрӣ ва ниҳоӣ.* Коэффитсенти фавти модарон дар ҳудуди 10 (ченаки камтарин) ва 1000 (ченаки калонтарин) таносубан ихтисор карда мешавад, то ин ки аз доираи усули меъёрӣ берун набошад. Намояндагии занҳо дар парлумонҳои кишварҳое, ки дар сатҳи 0 фисад ба қай гирифта шудаанд, ҳамчун 0,1 фисад нишон дода мешавад, чунки миёнаи геометрӣ наметавонад ченакҳои сифрӣ дошта бошад ва ғайр аз он занҳо дар чунин давлатҳо ба ҳар ҳол соҳиби таъсири сиёсӣ мебошанд.
- *Қадами 2. Маҷмӯисозӣ (калонкунӣ)-и ченакҳо барои ҳар як гурӯҳи гендерӣ бо истифодаи миёнаҳои ченакҳои геометрӣ.* Чунин калонкунӣ қадами якумест ҷиҳати ба Шохиси нобаробарии гендерӣ додани ҳассосият вобаста ба алоқмандии байни:

- Духтарон ва занон

- Писарон ва мардон

$$G_F=\sqrt[3]{\left(\frac{1}{MMR}\cdot\frac{1}{AFR}\right)^{1/2}\cdot(PR_F\cdot SE_F)^{1/2}\cdot LFPR_F}$$

$$G_M=\sqrt[3]{1\cdot(PR_M\cdot SE_M)^{1/2}\cdot LFPR_M}$$

ки ин ҷо ММҚ- коэффитсенти фавти модарон;

AFҚ- коэффитсенти таваллуд миёни наврасон;
$PҚ_F$ – намояндагии занон дар парлумон, коэффитсенти фисад;
$PҚ_M$ – намояндагии мардон дар парлумон, коэффитсенти фисад;
$SӮ_F$ – сатҳи маълумоти миёна ва олӣ миёни занон, коэффитсенти фисад;
$SӮ_M$ – сатҳи маълумоти миёна ва олӣ миёни мардон, коэффитсенти фисад;
$LFPҚ_F$ – нишондиҳандаи фаъолнокии занон дар бозори меҳнат, коэффитсенти фисад;
$LFPҚ_M$ – нишондиҳандаи фаъолнокии мардон дар бозори меҳнат, коэффитсенти фисад.

Мувофиқи маълумотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳосили умумии ҳисобҳо чунин мешавад:

$$G_F = 0{,}179;\ G_M = 0{,}858$$

- *Қадами 3. Калонкунӣ бо гурӯҳҳои гендерӣ бо истифода аз ченаки миёнаи мутаносиб.* Шохисҳо барои занон ва мардон тариқи миёнаи мутаносиб (НАҚМ) бо мақсади таъмини баробартақсимкунии шохиси гендерӣ маҷмӯӣ карда карда мешаванд.

$$HARM(G_F, G_M) = \left[\frac{(G_F)^{-1} + (G_M)^{-1}}{2}\right]^{-1}$$

Мувофиқи маълумотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳосили умумии ҳисобҳо чунин мешавад:

$$НАҚМ(G_F, G_M) = 0{,}296$$

- *Қадами 4. Ҳисоб намудани миёнаи геометрии миёнаи арифметики ченакҳо барои ҳар як нишодиҳанда.* Бо вуҷуди ин маҷмӯисозии (калонкунии) шохисҳои мардонаву занона бо истифода аз вазнҳои баробар (яъне тавассути баррасии якхелаи ҳарду чинсҳо) ба роҳ монда мешавад:

$$G_{M,F} = \sqrt[3]{\overline{Health} \cdot \overline{Empowerment} \cdot \overline{LFPR}}$$

Мувофиқи маълумотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳосили умумии ҳисобҳо чунин мешавад:

$$G_{M,F} = 0{,}596$$

- *Қадами 5. Ҳисоби шохиси нобаробарии гендерӣ.* Муқоисаи баробартақсимшудаи шохиси гендерӣ бо меъёри референтӣ (экспертӣ) имкони ҳосил намудани Шохиси нобаробарии гендериро медиҳад, ки бузургии он аз 0 (нобаробарии гендерӣ дар ҳамаи ченакҳо вуҷуд надорад) то 1 (мавҷуди нобаробарии куллии гендерӣ дар тамоми ченакҳо):

$$GII = 1 - \frac{HARM(G_M, G_F)}{G_{M,F}}$$

Мувофиқи маълумотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳосили умумии ҳисобҳо чунин мешавад: GII = 0,504

ки камомадӣ (талаф)-ро дар дастовардҳои ҳамаи се ченак аз ҳисоби нобаробарии гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи 50,4 фисад арзёбӣ менамояд.

Ҳисоби миёнаи нишондиҳандаҳо аз рӯи минтақаҳои дунё аз 32 фисад дар кишварҳои пешрафтаи СҲИР то 74 фисад дар Осиёи Ҷанубӣ пасту баланд мешаванд.

Дар сатҳи давлат, камомадӣ (талаф) аз ҳисоби нобаробарии гендерӣ дар миқёси аз 17 фисад дар кишвари Ҳолланд то ба 85 фисад дар давлати Яман тағйир меёбад. Дар мамлакатҳои ҷануби Сахара, Осиёи Ҷанубӣ ва давлатҳои араб камомадӣ (талаф)-и бештарро аз сабаби нобаробарии гендерӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

4) ***Арзёбии камбизоатӣ.*** Се усули арзёби камбизоатӣ маҷуданд, ки дар таҷриба ба таври васеъ мавриди истифода қарор доранд:

- муайян сохтани хати камбизоатӣ ва ҳисоби ченкунандаҳои гуногуни камбизоатӣ, ки то кадом андоза хароҷоти воқеии хоҷагиҳо аз хати камбизоатӣ поён қарор доштанро мавриди назар қарор медиҳад;
- арзёбии саривақтӣ ва арзёбӣ дар асоси иштирок, ки дар раванди он аъзоёни ҷамъиятҳо хоҷагиҳоро аз рӯи некӯаҳволии моддӣ бо тартиби муайян ҷобаҷогузорӣ менамояд.
- построение индекса бедности с использованием набора качественных и количественных индикаторов.

*Хати камбизоатӣ аз рӯи сатҳи даромади хоҷагиҳо.* Таҷрибаи меъёрӣ аз истифодаи ченаки умумии хароҷот ҳамчун ченкунандаи сатҳи зиндагии хоҷагиҳо иборат мебошад. Барои муқаррар намудани хати камбизоатӣ ва чен кардани паҳншавии камбизоатӣ одатан тадқиқотҳои намояндагикунандаи умумимиллӣ истифода мешавад, масалан «Тадқиқот оид ба муайянсозии сатҳи зиндагӣ», ки аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ гузаронда мешавад.

Бо мақсади баҳодиҳии он, ки оё даромадҳои хоҷагиҳо барои конеъгардонии эҳтиёҷоти озӯқаворӣ ва дигар эҳтиёҷоти заминавии ҳамаи аъзоёни хоҷагӣ кифоя аст ё не, «сабад»-и молу хадамот таъсиси дода мешавад, ки ба сохтори маҳалии истеъмолот ҷавобгӯ мебошад. Арзиши сабади мазкур аз рӯи нархҳои маҳаллии истеъмолӣ ва бо назардошти қонеъгардонии эҳтиёҷоти заминавии як одам дар сатҳи овардашуда «хати камбизоатӣ» номида мешавад. Агар даромади сарикасии аъзоёни хоҷагӣ аз хати камбизоатӣ поёнтар қарор дошта бошад, хоҷагии мазкур ва аъзоёни он камбизоат ба ҳисоб мераванд. Бо вуҷуди санҷиши натиҷаҳои чунин арзёбӣ осон набуда, онҳо метавонанд нодуруст бошанд.

*Баҳодиҳӣ дар асоси иштирок ва баҳодиҳии оперативӣ.* Ин ду усули номбаршуда ҷамъ овардани маълумотро аз аъзоёни ҷамоат тавассути методи монанд дар бар мегиранд. Усули якум иштироки васеи ҷамъиятро тақозо намуда, барои давраи тӯлонитар ба нақша гирифта мешавад; мақсади ниҳоии он иборат васеъгардонии ҳуқуқ ва имкониятҳои гурӯҳҳои ҳадафнок мебошад. Баҳодиҳии оперативӣ ҷамъоварии маълумотро тибқи барномаи муқарраршуда барои давраи хеле кӯтоҳ дар назар дорад, одатан – ҳангоми ташрифи якрӯзаи ҷамоат.

Ҳар ду метод дар барномаҳои рушд бахри равона сохтани хизматрасониҳо ба мизоҷони нисбатан камбизоат ва ба манфиати корҳои таҳиясозии лоиҳаҳо дар асоси иштирок тадбиқ мегардадн, вале бо вуҷуди ин, ҳардуи инҳо камбудии худро доранд. Азбаски натиҷаҳои тадқиқот аз мулоҳизаи субективии аъзоёни ҷамъият вобастагӣ доранд, санҷиши онҳо кори саҳл набуда, муқоиса намудани натиҷаҳо аз рӯи нуктаҳои аҳолинишин ё барномаҳои кишварӣ мушкил мебошад. Ғайр аз он, муқоисаҳои байналмилалӣ боз ҳам душвортар мебошад. Бинобар сабаби усулҳои зикргардида метавон камбизоаттарин сеяки одамонро дар як нуқтаи аҳолинишин ошкор сохт, вале мушаххас намудани мавқеъҳои зисти ин камбизоаттарин сеяки одамони тамоми минтақа номумкин мебошад. Посуххҳои ашхоси дар пурсиш ширкаткунанда метавонанд бо мақсади ҳосил намудани манфиат аз натиҷаи баҳодиҳии камбизоатӣ ғалат бошанд, масалан ҳангоми саволу ҷавоб дар бораи дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ. Билохир, баҳодиҳӣ дар асоси иштирок ҷалби иртиботкунандагони соҳибихтисосро тақозо меноамяд, вале ҷалби онҳо гаронтару дарёфташон нисбат ба ҳисобкунакҳое, ки танҳо пурсишномаи сохторшуда истифода мекунапнд, мушкилтар мебошад.

*Шохиси камбизоатӣ дар асоси интихоби нишондиҳандаҳо.* Ҷабҳаҳои гуногуни камбизоатӣ имкони мушаххас намудани интихоби нишондиҳандаҳоеро медиҳанд, ки тибқи онҳо метавон иттилооти дақиқро зуд ва арзон ба даст овард. Нишондиҳандаҳои мазкур метавонанд дар шохиси ягона бо воситаи нақшаи санҷишӣ умумӣ карда шаванд.

Шохиси бисёрченакаи камбизоатӣ маҳрумиятҳои зиёдеро дар ҳамон як хоҷагӣ дар соҳаи маориф, тандурустӣ ва сатҳи зиндагӣ инъикос менамояд. Дар он маълумотҳои сатҳи

пасттарин тадбиқ мешаванд, ки дар натиҷаи гузаронидани пурсишҳои хоҷагӣ ҷамъоварӣ шудаанд, аммо бар хилофи ШРНИ, ки бо назардошти нобаробарӣ дақиқ шудааст, ҳамаи нишондиҳандаҳои барои арзёбӣ зарурӣ бояд аз як тадқиқот гирифта шаванд.
Ҳар як фарди дохили хоҷагӣ вобаста ба шумораи маҳрумиятҳое, ки вай дар хоҷагии худ рӯ ба рӯ мешавад, ҳамчун камбизоат ё нокамбизоат ба синфҳо ҷудо карда мешвад.
Сонияи маълумотҳои номгиршуда аз рӯи хоҷашӣ ҳамҷоя карда шуда, ченаки миллии камбизоатиро ташкил медиҳанд.
Қимати Шохиси бисёрченакаи камбизоатӣ натиҷаи истифодаи ду ченак мебошад: коэффитсенти бисёрченакаи камбизоатӣ ва коэффитсенти шиддатнокӣ (ё миқёс)-и камбизоатӣ.
Коэффитсенти камбизоатии H ҳиссаи аҳолиеро маълум менамояд, ки бисёрченака камбизоат маҳсуб ёфта,

$$H = \frac{q}{n},$$

дар он q – шумораи камбизоатони бисёрченака, n – шумораи умумии аҳолӣ мебошанд. Шиддатнокии камбизоатии A таносуби нишондиҳандаҳои санҷидашудаи таркибии d-ро ифода менамояд, ки аз рӯи он ба ҳисоби миёна камбизоатон маҳрумиятро аз сар мегузаронанд. Нишондиҳандаҳои маҳрумият фақат барои хоҷагиҳои камбизоат ҷамъ ва ба шумораи умумии нишондиҳандаҳо ва шумораи умумии аҳолии камбизоат тақсим мешаванд.
Дар маҷмӯъ, шохиси камбизоатии бисёрченака метавонад барои ҳукуматҳо дар таҳияи ченкунаки камбизоатӣ, ки ифодагари як қатор нишондиҳандаҳои миллӣ ва намудҳои маълумот шуда метавонад, муфид бошад.

**3.4. Алоқамандии байни баҳодиҳиҳои Шохисии Рушди Инсонӣ.** Соли 2010 дар доираи 20-солагии баҳисобгирӣ ва баҳодиҳии шохиси рушди инсонӣ арзёбии равобити мутақобила дар сатҳи глобалӣ гузаронида шуд, ки на фақат ба ҳайси ҷамъбаст, балки инчунин хулоса барои таъмини рушд дар оянда истифода бурда мешавад. Дар асоси ин арзёбиҳо хулосаҳои зерин ҳосил шуданд – кишварҳо бо ду роҳ метавонанд ба шумули давлатҳои дорои сатҳи махсусан баланди шохиси рушди инсонӣ дохил шаванд: аз ҳисоби босуръат баланд бардоштани даромад ва ё тавассути инкишофи фавқуллода дар соҳаҳои тандурустӣ ва маориф. Ин маънои онро дорад, ки нерӯҳои ҳаракатдиҳандае, ки ба инкишофи соҳаҳои тандурустӣ ва маориф мусоидат мекунанд, аз нерӯҳое, ки давоми 40 соли охир ба баланд гаштани даромад мусоидат мекарданд, тафовут доранд.

Диаграммаи 3.4.1

**Таносуби рушди иқтисодӣ, индекси рушди имконоти инсон ва қисматҳои он, ки ба даромад алоқамандӣ надорад, 1970-2010**




Диаграммаи мазкур чиро инъикос мекунад? Қисмати чап робитаи мусбатро нишон медиҳад (агарчӣ бо вариатсияи зиёд), ки маънояш – рушди иқтисодӣ ба беҳбудии рушди

инсонӣ мусоидат мекунад ва баръакс, беҳбудӣ дар рушди инсонӣ ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад. Вале, чун ММД аз он ҷумла тавассути усули даромад муайян карда мешавад, ва ҳамзамон даромад як ҷузъи ШРИ ба ҳисоб меравад; ҳамин тавр, робитаи мусбат возеҳ мегардад. Аз ин лиҳоз, муқоиса намудани афзоиши сатҳи даромад бо тағйиротҳое, ки бо даромад дар соҳаҳои рушди инсонӣ алоқамандӣ надорад, муҳим аст.

Дар қисмати рости диаграмма робитаи заифи байни даромад ва нишондиҳандаҳои тандурустӣ ва маорифи ШРИ инъикос гардидааст. Мавҷудияти ин гуна робита пештар ҳам иброз гардида буд – масалан, тадқиқотҳои мутахассиси амрикоӣ дар соҳаи демография Сэмюэл Престон (соли 1975) таносуби андаки оморӣ байни **тағйирот** дар сатҳи даромад ва **тағйирот** дар давомнокии чашмдоштии умр, ки ҳудуди 30 сол дар миқёси 30 кишварро фаро мегирад, муайян кард. Тадқиқотҳои Уилям Истерли (соли 1999) новобаста аз истифодаи теъдоди нисбатан зиёди маълумоти дастрас низ ҳамин гуна натиҷа доданд. Иқтисодчии Бонки ҷаҳонӣ Чарлз Кенни низ адами робита байни баландравии давомнокии чашмдоштии умр ва рушди иқтисодиро тасдиқ кард (соли 2009). Вале, ин хулосаҳо ҷой доштани коррелятсияи мусбати байни **сатҳҳои** (диққат – на афзоише, ки фосилаи муваққатии муайян дорад) даромад ва тандурустию маълумотнокӣ инкор намекунад. Яъне коррелятсияи бузург байни **сатҳҳои даромади** миллӣ ва **тандурустию маълумотнокии** миллӣ ҷой дорад, ва коррелятсия ҳангоми истифодаи омили вақт коҳиш меёбад, ки инро метавон ба таври зер маънидод намуд:

- ҳангоми гузариш аз беҳбуди некӯаҳволӣ ба беҳбуди натиҷаҳо таъхири замонӣ дар робита бо тандурустӣ ва маълумотнокӣ ҷой дорад;
- кишварҳои мутараққӣ ва рӯ ба тараққӣ бо ҷараёни раванди гузариш аз беҳбуди некӯаҳволӣ ба беҳбуди натиҷаҳо дар робита бо тандурустӣ ва маълумотнокӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд;
- навовариҳо метавонанд ба кишварҳо дар беҳгардонии вазъи тандурустӣ ва маълумотнокӣ бо сарфи хеле ками маблағ мусоидат намоянд;

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки, дар маҷмӯъ, нерӯҳои ҳаракатдиҳандаи ҷаҳонӣ имкони дастоварди пешрафтро барои кишварҳо дар ҳама зинаҳои рушд бештар гардониданд, ва аз лиҳози мафҳумӣ равобити зер ба вуқӯъ омад:

- адами коррелятсияи назаррас байни рушди иқтисодӣ ва беҳбудӣ дар соҳаҳои тандурустӣ ва маориф. Ва ин ҳамбастагӣ бахусус дар сурати сатҳи паст ва миёнаи ШРИ заифтар аст;
- навовариҳои технологӣ и дигаргуниҳо дар сохторҳои ҷамъиятӣ метавонанд ҳатто ба кишварҳои нисбатан қашшоқ дар ноилшавӣ ба натиҷаҳои назаррас дар рушди маориф ва тандурустӣ мусоидат намоянд;
- албатта, таъмини афзоиши даромад барои беҳтар намудани дастрасии мардум ба хизматрасонии иҷтимой муҳим аст, аммо афзоиши даромад дар миқёси иқтисодиёт дар кишварҳои дорои сатҳи паст ва миёнаи ШРИ барои беҳбудии пешравандаи соҳаи тандурустӣ ва маълумотнокӣ басанда нест;
- дар маҷмуъ, нобаробарӣ аксул мутаносиби бузургии ШРИ мебошад;

  азбаски раванди рушд ва имкониятҳои кишварҳои мутараққӣ ва рӯ ба тараққӣ шакл ва хусусиятҳои хоси худро дороанд, аз ин лиҳоз барои таъмини рушд на инки нусхабардории кишварҳои мутараққӣ, балки ҷустуҷӯи роҳҳои нави инкишоф дар ҷаҳони муосир муҳим аст.

**3.5. Тамоюл ва проблемаҳои ШРИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Ҷараёни инкишофи рушди инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ дигаргуниҳоро дар сифати рушди

иқтисодии кишвар инъикос менамояд, ҳам аз ҷиҳати нишондиҳандаи ШРИ бо усули анъанавии ҳисоби рушд (диаграммаи 2), ва ҳам бо усули мукаммал кардашудаи ҳисоб (диаграммаи 3).

**Диаграммаи 3.5.1.**

**Шохиси рушди инсонии Тоҷикистон** (бо усули анъанави ҳисоби рушд)




Таҳлили ҷузъҳои ШРИ нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, назар ба сатҳи даромад ба ҳар сари аҳолӣ, дорои нишондиҳандаҳои мутаносибан баландтар дар самти дастовардҳо дар соҳаи маълумотнокӣ ва тандурустӣ мебошад. Ҳамин тариқ, аз рӯи сатҳи маълумотнокӣ ва тандурустӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳи кишварҳое, ки сатҳи баланди рушди инсонӣ доранд (сатҳи маълумотнокӣ ва фарогирии аҳолӣ бо таҳсилот ба ҳисоби миёна аз 80% зиёд буда, дарозии чашмдоштии умр ҳудуди 65-75 солро фаро мегирад) шомил мебошад. Бо вуҷуди ин, аз рӯи ММД ба ҳар сари аҳолӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳи кишварҳои дорои сатҳи пасти рушди инсонӣ дохил мешавад (камтар аз 2000 доллари ИМА аз рӯи тавозуни қобилияти харидорӣ).

Дар раддабандии ШРИ соли 2012, Ҷумҳурии Тоҷикистон байни кишварҳои ҷаҳон бо нишондиҳандаи 0,622 дар зинаи 125-ум қарор дошт.

**Диаграмма 3.5.2.**

**Шохиси рушди инсонии Тоҷикистон** (бо усули мукаммалкардашудаи ҳисоб)




Дар давраи рушди босуботи иқтисодӣ нишондиҳандаи ШРИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотҳои солҳои 2000-2012) ба ҳисоби миёна ба 1,36% солона баланд гардид.

Яъне, новобаста аз онки афзоиши қимати ШРИ солҳои охир асосан аз ҳисоби суръати нисбатан баланди афзоиши даромад сурат мегирифт, дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои тандурустӣ ва маълумотнокӣ, ҳанӯз ҳам сатҳи даромад хеле паст боқӣ мемонад, ки шаҳодат аз зарурат барои вусъати назаррас бахшидан ба фаъолияти иқтисодии кишварро медиҳад.

**1. Саволҳо барои машғулиятҳои амалӣ:**

1. Тафовут байни консепсияи рушди инсонӣ ва назарияи рушди иқтисодии анъанавӣ дар чӣ зоҳир мешавад?
2. Зери мафҳуми рушди устувори инсонӣ чӣ дар назар дошта мешавад?
3. ШРИ чист ва чиро нишон медиҳад?
4. Оё ШРИ барои чен кардани сатҳи рушди кишвар кифоя аст?
5. Кадом омилҳо ба тағйири мавқеъи кишвар дар раддабандии ШРИ таъсир расонида метавонанд?
6. Натиҷаҳои муҳимтарини ШРИН нисбати дастовардҳои ШРИ дар миқёси ҷаҳон ва минтақа кадомҳоянд? Кадоме аз кишварҳо ва манотиқ дар камтарин ва бештарин дараҷот баробаранд?

**2. Саволҳо ва тестҳои санҷишӣ:**

1. ШРИ чист ва чиро нишон медиҳад?
2. Маълумот барои ҳисобкунии индексии рушди инсонӣ аз куҷо гирифта мешавад?
3. Шохиси нобаробарии гендерӣ чист? Кадоме аз кишварҳо ва манотиқ дар камтарин ва бештарин дараҷот дар масоили гендерӣ баробаранд?
4. Шохиси камбизоатии бисёрандоза чиро ба ҳисоб мегирад? Оё метавон шохиси камбизоатии бисёрандозаро барои барномаҳои миллии маҳви камбизоатӣ қабул намуд?

**3. Мавзӯҳои рефератҳо, презентатсияҳо:**

1. Инъикоси ҷанбаҳои рушди инсонӣ дар шохиси рушди инсонӣ.
2. Аҳамияти ШРИ ҳамчун асбоби таҳлилӣ барои арзёбии нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии сифати ҳаёти инсон.
3. Андозагирии рушди инсонӣ. Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди инсонӣ.
4. Шохиси рушди инсонӣ (ШРИ). Методикаи ҳисобкунии ШРИ. Бартарӣ ва норасоии ШРИ.
5. Тасниф ва раддабандии кишварҳо аз рӯи бузургии ШРИ.
6. Раванди конвергении рушди инсонӣ дар миқёси ҷаҳон
7. Мақсад ва хусусияти шохиси рушди инсонӣ бо назардошти нобаробарӣ
8. Моҳияти сиёсии ШРИ бо назардошти нобаробарӣ
9. Шохиси камбизоатии бисёрандоза ҳамчун нишондиҳандаи деприватсияи бисёр
10. Таҳлили муқоисавии камбизоатии бисёрандоза байни кишварҳо
11. Таҳлили динамикаи инкишофи ШРИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**4. Рӯйхати адабиётҳои ҳатмии тавсияшаванда:**


1. Рушди инсонӣ: ченкунии нави пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ: Маводи таълимӣ /Таъҳти таҳрири умумии проф. В.П. Колесов (факултаи иқтисодии ДДМ) ва Т. Маккинли (БРСММ, Ню-Йорк). –М.:Ҳуқуқи башар, 2008.

2. Гузоришҳои ҷаҳонӣ дар мавзӯи рушди инсонӣ. БРСММ, Ню-Йорк: Оксфорд Юниверсити Пресс, с. 1994-2013.
3. Гузоришҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи рушди инсонӣ.
4. Вулф Скотт. Рушди инсонӣ дар оинаи омор. Рақамҳоро чӣ гуна бояд хонд? Бюрои минтақавии БРСММ оид ба давлатҳои Аврупо ва ИДМ, 2006.

**5. Рӯйхати адабиётҳои иловагии тавсияшаванда:**

1. Алкайр С., Комим Ф. ва Қизилбаш М. (таҳриргарон), Усули тавонмандӣ: Мафҳумҳо, ченакҳо ва татбиқот, Кэмбридж Юниверсити Пресс, 2008.
2. Алкайр С. "Мафҳумҳо ва ченакҳои ташкилот" дар Каушик Басу ва Рави Канбур (таҳриргарон), Маҷмӯи далелҳо барои ҷаҳони беҳтар: Мақолаҳо ба ифтихори Амартия Сэн, Оксфорд Юниверсити Пресс, Оксфорд, 2008.
3. Барри Б. Ҳюгз, Муҳаммад Т. Ирфан, Ҳайдер Хан, Кришна Б. Хумар, Дэйл С. Ротман, Ҷозе Р. Солорзано "Коҳиши факр дар ҷаҳон: Намунаҳои билқувваи пешрафти инсон". –Ню Деҳли: Оксфорд Юниверсити Пресс, 2008.-саҳ.334.
4. Сэн А. "Рушд ҳамчун тавсеаи зарфият": Хониш дар мавзӯи рушди инсонӣ: Мафҳумҳо, ченакҳо ва сиёсат барои парадигмаи рушд. Зери таҳрири Сакико Фукуда-Парр, А.К. Шива Кумар. –Ню Деҳли: Оксфорд Юниверсити Пресс, 2003.-саҳ.3-17.
5. Сэн А. Мол ва зарфият. Оксфорд Юниверсити Пресс, Ню Деҳли, 1999.-саҳ.89.

## Мавзӯи 4: Шохисҳои Рушди Инсонӣ ва дезагрегатсияи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**4.1. Методикаи ҳисобкунии нишондиҳандаҳои минтақавии ШРИ.**

**4.2. Тафовути минтақавии ШРИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

**4.3. Харитасозии камбизоатӣ: усули чудосозӣ.**

Айни замон дар аксари кишварҳои дунё таваҷҷӯҳ ба тадқиқотҳои дезагрегатсионии сатҳи миллӣ ва таҳлили минтақавӣ ҳарчӣ бештар мегардад. Дар ин асно, ба шакли умум ду заминаи асосӣ барои рушди низоми таҳлили минтақавӣ метавон ифода кард.

Нахуст, таҳияи арзёбии минтақавӣ бо сабаби зарурати гузаронидани таҳлили байниминтақавӣ сурат мегирад, ки истифодабарандагони натиҷаҳои онҳо асосан ҳукуматҳои марказӣ ба шумор меравaнд. Дар бештари мавридҳо маълумотҳои ин қабил таҳлил барои коркарди сиёсати иқтисодии ҳукумат истифода бурда мешаванд, аз он ҷумла барномаҳои мухталифи танзими байниминтақавии иқтисодӣ, ки барои давлатҳои дорои тафовути территориявӣ, тафовут дар сатҳи рушди иқтисодӣ ва сохтори истеҳсолот, ва баъзан инчунин дар сохтори ниҳодӣ, махсусан муҳим мебошад.

Дар кишварҳои дорои тафовути мутаносибан кам – ҳам аз ҷиҳати территориявӣ ва ҳам тафовут дар нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ – талаботи воқеӣ ба арзёбии саҳми минтақаҳои алоҳида ба иқтисодиёти миллӣ вуҷуд дорад, ва ин талабот метавонад инчунин бо сабабҳои ғайриқтисодӣ (масалан, сиёсӣ) водор карда шавад. Ба ғайр аз ин, адами тафовути назарраси минтақавӣ дар ҳоли ҳозир ҳаргиз маънои онро надорад, ки ин тафовутҳо дар оянда ба вуқӯъ напайванданд. Ҳамин тариқ, андозагирии территориявии (минтақавӣ) ҷузъи таркибии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ барои ҳар як кишваре, ки қаламрави иқтисодии он ба минтақаҳо тақсим карда шудааст, зарур мебошад. Ҳамзамон, таркиби нишондиҳандаҳои таҳлили минтақавӣ бояд барои инъикоси муносиби сохтори минтақавии иқтисодиёти миллӣ равона карда шавад, ва дараҷаи тафсилоти онҳо бошад, тавассути маҷмӯи масоили дар пеши ҳукумати кишвар истода муайян карда мешавад.

Сонииян, таҳлили минтақавӣ барои таъмини қабули қарор дар соҳаи рушди минтақаҳо лозим аст. Дар ин сурат, низоми арзёбии минтақавӣ нақшеро мебозад, ки шабеҳи нақши низоми таҳлили миллист, яъне вазифаи абзори таҳлили вазъи макроиқтисодиро дар сатҳи минтақа иҷро мекунад, илова бар ин, мақомотҳои минтақавии ҳокимияти давлатӣ ба сифати фармоишгари асосии таҳияи он баромад мекунанд. Мусаллам аст, ки дар ин сурат таркиби арзёбии минтақавӣ вобаста аз эҳтиёҷот дар шарҳи комилтари равандҳо, ки дар иқтисодиёти ҳар яке аз манотиқ сурат мегирад, муайян мегардад. Дар ҳолати идеалӣ таваҷҷӯҳ ба минтақа ба ҳайси организми алоҳидаи иҷтимоию иқтисодии ташкили маҷмӯи пурраи арзёбиро тақозо мекунад, ки тамоми ҷанбаҳои сатҳи зиндагии мардум ва марҳиллаҳои истеҳсолотро дар ҳудуди иқтисодии он инъикос мекунад. Дар дилхоҳ иқтисодиёти муосир талабот ба арзёбии минтақавии чӣ навъи аввал ва чӣ навъи дуюм вуҷуд дорад.

Дар ин асно, истифодаи ШРИ-ро метавон тавассути ҷудосозии он беҳтар гардонид. Шохиси умумии кишвар метавонад воқеияте, ки дар он гурӯуҳҳои мухталифи одамони дохили кишвар метавонанд сатҳи гуногуни рушди инсониро доро бошанд рӯйпуш кунад, хоҳ ин тафовут ба иллати минтақа, ҷинс ва ё шакли маҳал (шаҳр ё деҳот) бошад.

Дезагрегатсияи Шохиси миллии рушди инсонӣ дар сатҳи минтақа имкони дарки амиқро фароҳам меорад ва ба ҳалли фаъоли масъалаҳои ҳалталаби ҷойдошта дар самти рушди инсонӣ бевосита дар минтақаҳо мусоидат кунад.

4.1. **Методикаи ҳисобкунии нишондиҳандаҳои минтақавии ШРИ.** Нишондиҳандаи калидӣ барои санҷиши рушди инсон ин **Шохиси Рушди Инсонӣ** мебошад, ки пешрафтро дар се ҷанбаи рушди инсонӣ меомӯзад – саломатӣ, маълумотнокӣ ва даромад. Ва агар ин шохис фақат дар сатҳи кишвар ба назар гирифта шуда бошад, ин ҳолат дар маҷмӯъ нишондиҳандаҳои кишварро ба ҳисоби миёна нишон дода, тафовутро байни минтақаҳо инъикос намекунад ва аз ҳамин сабаб методикаҳои инъикоси бахши минтақавӣ дар ин гуна омӯзишҳо ташаккул ва инкишоф меёбанд. Ҳамзамон, тадқиқотҳои минтақавӣ бояд аз рӯи методологияе амалӣ шаванд, ки дар сатҳи кишвар истифода мешаванд, ки ин дар навбати худ имкони таъмини қиёспазирии натиҷаҳоро фароҳам меорад.

Аммо, методологияи сатҳи кишвар баъди соли 2010 каме тағйир ёфт ва ниёз ба маҷмуъаи густурдаи маълумоти аввалия дорад, аз он ҷумла:

- Маълумот дар бораи маҷмӯи маҳсулоти миллӣ (ММБл) ба ҳар сари аҳолӣ даромад (аз рӯи тавозуни қобилияти харидорӣ бо доллари ИМА);
- Арзёбии давомнокии чашмдоштии умр (сол);
- Арзёбии давомнокии чашмдоштии таҳсил (сол);
- Маълумот дар бораи давомнокии миёнаи таҳсил (сол);

Сарчашмаи аввалияи ин маълумотҳо дар асоси нишондиҳандаҳои хадамотҳои миллии омор ва тадқиқотҳои созмонҳои байналмиллалӣ ташаккул меёбанд.

Дар даври амалӣ, арзёбии мустақили ШРИ дар асоси методологияи мукаммалкардашуда барои кишварҳои алоҳида, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, бинобар маҳдудияти ҳисоботҳои омории миллӣ қариб ки ғайриимкон аст. Масалан, ҳисоб карда баромадани нишондиҳандаи давомнокии миёнаи таҳсил аз рӯи методикаи муқоисашаванда хеле мушкил аст, дар навбати аввал ба сабаби он, ки системаҳои маорифи миллӣ давомнокии гуногуни таҳсилро дар зинаҳои шабеҳ пешбинӣ мекунанд.

Ва агар ҳисобҳо ҷудо карда шаванд ва бо ин қиёспазирии параметри миллӣ бо тадқиқотҳои минтақавии ШРИ таъмин гардад, мушкилотҳои ҳисобу китоб меафзоянд.

Масалан, ба мушкили арзёбии давомнокии миёна ва чашмдоштии таҳсил мушкили эътиборнокии нишондиҳандаи даромад зам мешавад, махсусан Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ (ММН). Мушкили ҷиддитар дар он аст, ки минтақаҳо дар қиёс бо кишвар системаҳои иқтисодии кушодатаранд, чунки дар сатҳи кишвар қисми асосии даромад дар он ҷое, ки тавлид мешавад сарф мешавад, вале дар минтақаҳо тавлид ва сарф хеле фарқ мекунанд, чун ҳиссаи аъзами ММН тавлидшуда аз ҷониби давлат аз нав тақсим мешавад. Ҳамзамон, дар шохисҳои минтақавӣ танҳо тавлиди ММН чен карда мешавад, на сарф, ки дар натиҷа вазъи воқеии иқтисодии аҳолӣ таҳриф мешавад. Алтернативаи эҳтимолӣ – истифодаи нишондиҳандаи истеъмоли ниҳоии воқеии хонаводаҳо дар системаи ҳисобҳои миллӣ.

Ба ғайр аз ин, чопи нашрияҳо оиди масоили минтақавӣ қариб ба мӯҳлати як сол таъхир мекунанд, ки ин имкони омӯзиши фаврии вазъият, ошкор намудани таҳдидҳо ва асосноккунии дурнамо, "ташхис"-и саривақтӣ ва таъини "табобат"-ро тангтар мекунад.

Бинобар ин, арзёбии минтақавии ШРИ дар асоси методикаи анъанавӣ гузаронида мешавад. Аммо дар ин ҳолат низ вижагиҳо ва нозукиҳои хос дар сатҳи ҳисобу китоб вуҷуд доранд. Ҳамин тавр, масалан, ҳангоми ҳисоби ШРИ-и минтақаҳо мушкили асосӣ ин интихоби нишондиҳандае, ки тавонад дастрасии аҳолиро ба захираҳо бисёр воқеъбинона инъикос намояд, мебошад. Дар сатҳи кишвар ба ҳайси чунин нишондиҳанда, мувофиқи методологияи БРСММ, ММД ба ҳар сари аҳолӣ қабул карда шудааст. Дар миқёси минтақавӣ шабеҳи ин нишондиҳанда маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ (ММН) мебошад, ки ба воситаи усули истеҳсолӣ ҳисоб карда мешавад.

Методологияи ҳисоби маҷмӯи қимати иловашуда (МАИ) дар сатҳи минтақа ва кишвар ба таври умум ба ҳамдигар монанданд. МАИ ҳамчун фарқ байни истеҳсоли мол ва хадамот бо нархи аслӣ ва истеъмоли мутавассит ифода карда мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки ҳосили ҷамъи МАИ-и вилоятҳо қимати ММД-ро ба бузургии МАИ-и ба минтақаҳо тақсимнашаванда, ҳосил намекунад. Яъне, ҷамъи ММН, ки барои ҳамаи манотиқи ҷумҳурӣ ҳисоб карда шудааст, аз ММД Тоҷикистон ба бузургии қимати иловашудаи намудҳои зерини фаъолият тафовут дорад:

- хизматрасонии коллективии ғайрибозорӣ, ки аз ҷониби идораҳои давлатӣ ба ҷамъият дар маҷмӯъ пешниҳод карда мешаванд (хадамоти мудофиа, идоракунии давлатӣ);
- дигар хизматрасониҳои ғайрибозорӣ, ки аз ҷониби буҷаи ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ карда шуда, маълумот оиди онҳо дар сатҳи минтақа вуҷуд надорад;
- хизматрасонии миёнаравҳои молиявӣ (хусусан бонкҳо), ки фаъолияташон дар кам маврид ба манотиқи алоҳида маҳдуд мешавад;
- хизматрасонии савдои беруна, ки маълумотро оиди он дар аксари маврид метавон танҳо аз сатҳи марказӣ дастрас намуд.

Ба ғайр аз ин, ММД ва ММН дар асоси нархҳои бозорӣ аз ҳамдигар бо бузургии андозҳо аз содирот ва воридот фарқ мекунанд, чун тақсимоти пурраи бузургии умумӣ байни манотиқи алоҳида бинобар сабаби вижагиҳои баҳисобгирии онҳо ғайриимкон аст.

Ба унвони нишондиҳандаи муайянкунандаи дастрасӣ ба захираҳо, ки сатҳи зиндагии шоистаро таъмин менамоянд, ҳангоми таҳияи маълумот ва ҳисобкунии ШРИ дар миқёси минтақа барои ҳисоботҳои миллӣ оиди рушди инсонӣ бар замми ин нишондиҳанда, масалан дар Русия, нишондиҳандаи даромади пулии аҳолӣ истифода шудааст.

**Ҷадвали 4.1.1**

Айни замон, баҳисобгирӣ билқувва ба се бахши баробарқимат такя мекунад.

| № | Бахш | Нишондиҳандаи ченак | Мазмун |
|---|---|---|---|
| 1 | Даромад | Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ | МММн ҳамчун ҷамъи маҷмӯи қимати иловашудае, ки дар давоми давраи ҳисоботӣ аз ҷониби воҳидҳо - резидентҳои иқтисоди минтақавӣ тавлид шудааст, ифода мешавад |
| 2 | Таҳсил | - маълумотнокӣ (бо таносуби 2/3)<br>- ҳиссаи хонандагон байни кӯдакон ва ҷавонони синну соли аз 7 то 24 сола (бо таносуби 1/3); | - маълумотнокӣ ин ифодагари шарти лозима барои дарёфти дилхоҳ маълумоти илмӣ мебошад |
| 3 | Дарозумрӣ | Давомнокии чашмдоштии умр ҳангоми таваллуд (давомнокии чашмдоштии умр) | баёнгари шумораи солҳоест, ки кӯдаки навзод метавонад зиндагӣ кунад, агар тамоюлҳои дар лаҳзаи таваллуди вай вуҷуддошта дар самти нишондиҳандаҳои фавт дар тӯли тамоми умри вай бетағйир боқӣ мемонад. |

Ҳамзамон, шохисҳои хусусӣ бо формулаи зер ҳисоб карда мешаванд:

$$Индекс = \frac{X_{факт} - X_{\min}}{X_{\max} - X_{\min}};$$

Фақат шохиси даромад бо дигар роҳ ҳисоб карда мешавад, дар вай логарифми даҳии даромади воқеии ҳар сари аҳолӣ мутобиқ ба принсипи коҳишёбандаи фоиданокии даромад истифода мешавад:

$$W(Y) = \frac{\log y_i - \log y_{\min}}{\log y_{\max} - \log y_{\min}}$$

ШРИ-и ҷамъбастӣ ҳамчун ҳосили ҷамъи миёнаи арифметикии қимати се бахш ҳисоб карда мешавад: шохиси дарозумрӣ, шохиси таҳсил (иборат аз шохиси маълумотнокӣ бо таносуби 2/3 ва шохиси фарогирӣ бо таҳсилот бо таносуби 1/3) ва шохиси даромад.

Ба таври билқувва қимати шохиси рушди инсонӣ метавонад дар миқёси аз 0 то 1 тағйир ёбад. Бузургии ШРИ ҳамчун меъёри хеле муҳим барои тақсимбандии навоҳии кишвар аз нуқтаи назари рушди инсонӣ хизмат мекунад. Дар асоси методологияи СММ ба манотиқи дорои сатҳи баланди рушди инсонӣ дохил мешаванд онҳое, ки ШРИ > 0,8; ба манотиқи дорои сатҳи миёнаи рушди инсонӣ - онҳое, ки 0,5 < ШРИ < 0,8; ба манотиқи дорои сатҳи пасти рушди инсонӣ - онҳое, ки ШРИ < 0,5.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ШРИ дар миқёси минтақавӣ бори аввал соли 2009 дар заминаи маълумотҳои солҳои 2006-2007 ҳисоб карда шудааст. Минбаъд, методологияи апробатсияшуда ҳангоми ҳисобкунии ШРИ барои манотиқи ҳаҷман калони ҷумҳурӣ то соли 2013 идома дода шуд.

Дар баҳисобгирии ҷамъбастии соли 2012 ба камбудиҳои зерин роҳ дода шудааст:

- Давомнокии чашмдоштии умр дар миқёси манотиқи ҷумҳурӣ дар сатҳи соли 2011 қабул гардидааст (омори минтақавӣ то ҳол имкони дарёфти маълумотҳои навтарро надодааст);

- Сатҳи маълумотнокии аҳолии калонсол ва фарогирӣ ба таҳсилот дар заминаи маълумотҳои Тадқиқоти сатҳи зиндагии соли 2007 қабул гардидаанд (охирин то соли 2012 тадқиқоти ҳамаҷониба);
- Ба ҷои нишондиҳандаи даромад ба ҳар сари аҳолӣ аз рӯи паритети қобилияти харидорӣ (ПҚХ) даромади дар ихтиёрбудаи ба ҳар сари аҳолӣ (ДҲСА), ки ислоҳ шудааст бо дар назардошти ҳаҷми кӯмаки молиявие (субвенция), ки минтақаҳо аз буҷаи ҷумҳуриявӣ мегиранд, ҳисоб карда шудааст.

Барои ҳар яке аз шохисҳои хусусӣ бузургии ҳадди ақал ва ҳадди аксари собит муайян карда шудааст:

- Давомнокии чашмдоштии умр ҳангоми таваллуд 20 ва 83,4 сол (дар асоси параметрҳои Ҳисоботи ҷаҳонӣ);
- Маълумотнокии аҳолии калонсол: 0% ва 100%;
- Саҳми умумии хонандагон байни кӯдакон ва ҷавонон: 0% ва 100%;
- МММн воқеӣ ба ҳар сари аҳолӣ: 281 ва 75611 доллар (дар асоси параметрҳои Ҳисоботи ҷаҳонӣ).

Тасвири ҳисоб:

– ***Шохиси давомнокии чашмдоштии умр (ДЧУ), сол***

$$И^{ОПЖ}_{регион} = \frac{ОПЖ_{регион} - 20}{83{,}4 - 20};$$

**Ҷадвали 4.1. 2.**

**Давомнокии чашмдоштии умр дар миқёси манотиқи ҷумҳурӣ, соли 2012**

| | |
|---|---|
| Душанбе | 73 |
| Вилояти Суғд | 71,8 |
| Вилояти Хатлон | 72,2 |
| ВМКБ | 72,8 |
| НТҶ | 73,7 |
| ҶТ | 72,5 |

Бо истифодаи формула, параметрҳои Шохиси давомнокии чашмдоштии умрро дар манотиқи ҷумҳурӣ ҳосил мекунем.

**Ҷадвали 4.1.3.**

**Шохиси давомнокии чашмдоштии умр дар манотиқи ҷумҳурӣ**

| | **Параметрҳои шохис** |
|---|---|
| Душанбе | 0,836 |
| Вилояти Суғд | 0,817 |
| Вилояти Хатлон | 0,823 |
| ВМКБ | 0,833 |
| НТҶ | 0,847 |

– ***Шохиси таҳсилот***

$$УО_{регион} = \frac{2}{3} Грамотность_{регион} + \frac{1}{3} Охват\ образованием_{регион};$$

Бо истифодаи формула, параметрҳои Шохиси таҳсилотро дар манотиқи ҷумҳурӣ ҳосил мекунем.

**Ҷадвали 4.1.4.**

**Баҳисобгирии муҳосибавии Шохиси таҳсилот дар манотиқи ҷумхурӣ**

| | **Маълумотнокии аҳолии калонсол** | **Фарогирӣ ба таҳсил** | **Шохиси таҳсилот** |
|---|---|---|---|
| Душанбе | 98,7 | 75 | 0,922 |
| Вилояти Суғд | 97,2 | 72,8 | 0,898 |
| Вилояти Хатлон | 97,2 | 66,8 | 0,87 |
| ВМКБ | 99,3 | 77,4 | 0,939 |
| НТҶ | 97,3 | 61,6 | 0,844 |

**- Даромади дар ихтиёрбудаи ба ҳар сари аҳолӣ**

$$И^{ДДН}_{регион} = \frac{\log(ДДН_{регион}) - \log(281)}{\log(75611) - \log(281)};$$

Ҳисобкунии Маҷмӯи маҳсулоти минтақавии (МММн) ислоҳшуда ба ҳар сари аҳолӣ дар манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2012 барои андозагирии ШРИ:

*Қадами 1. МММн ба ҳар сари аҳолӣ*

| **Минтақаҳо** | **Ҳаҷми МММн, млн. сомони** | **Шумораи аҳолӣ, млн. нафар** | **МММн ба ҳар сари аҳолӣ, сомони** |
|---|---|---|---|
| Душанбе | 7401,7 | 0,766262 | 9659,5 |
| Вилояти Суғд | 8749,8 | 2,340169 | 3739,0 |
| Вилояти Хатлон | 9799,9 | 2,821408 | 3473,4 |
| ВМКБ | 548,9 | 0,207777 | 2641,8 |
| НТҶ | 5495,8 | 1,831255 | 3001,1 |

*Қадами 2. Тафовут байни МММн ва ММД ба ҳар сари аҳолӣ, сомонӣ*

Барои ҳисобкунӣ: ҳаҷми ММД ба ҳар сари аҳолӣ дар соли 2012 – 4532,1 сомони

| | |
|---|---|
| Душанбе | 5127,4 |
| Вилояти Суғд | -793,1 |
| Вилояти Хатлон | -1058,6 |
| ВМКБ | -1890,3 |

| | |
|---|---|
| НТҶ | -1530,9 |

*Қадами 3. Сандуқи аз нав тақсимкунанда (СА) дар минтақаҳо*

| **Минтақаҳо** | **Сохтори минтақавии аҳолӣ, ҳиссаи воҳид** | **Тафовут байни МММн ва ММД ба ҳар сари аҳолӣ, сомони** | **Сандуқи аз нав тақсимкунанда дар минтақаҳо, сомони** |
|---|---|---|---|
| Душанбе | 0,0960 | 5127,4 | 492,4 |
| Вилояти Суғд | 0,2933 | -793,1 | -232,6 |
| Вилояти Хатлон | 0,3536 | -1058,6 | -374,3 |
| ВМКБ | 0,0260 | -1890,3 | -49,2 |
| НТҶ | 0,2295 | -1530,9 | -351,4 |

*Қадами 4. Ҳосили ҷамъи қимати сандуқи аз нав тақсимкунанда, сомонӣ дар соли 2012.*

| | |
|---|---|
| Душанбе | 492,4 |
| Вилояти Суғд | -232,6 |
| Вилояти Хатлон | -374,3 |
| ВМКБ | -49,2 |
| НТҶ | -351,4 |
| **Ҷамъ** | -515,1 |

*Қадами 5. Кӯмаки мегирифтаи минтақаҳо, сомонӣ*

| **Минтақа** | **Ҳаҷми субвенсия, млн. сомонӣ** | **Сохтори минтақавии кӯмак, ҳиссаи воҳид** | **Кӯмаки мегирифтаи минтақаҳо, сомонӣ** (ҳиссаи минтақаҳо дар ҳаҷми умумии субвенсия ба ҳосили ҷамъи сандуқи аз нав тақсимкунанда зарб карда мешавад) |
|---|---|---|---|
| Душанбе | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Вилояти Суғд | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Вилояти Хатлон | 225,5 | 0,53 | -275,2 |
| ВМКБ | 99,9 | 0,24 | -121,9 |
| НТҶ | 96,7 | 0,23 | -118,0 |
| **Ҷамъ** | 422,2 | 1 | -515,1 |

*Қадами 6. Суммаи даромади дар ихтиёрбуда дар минтақаҳо, сомонӣ*

| Минтақа | МММн ба ҳар сари аҳолӣ | Кӯмаки мегирифтаи минтақаҳо | Суммаи даромади дар ихтиёрбуда |
|---|---|---|---|
| Душанбе | 9659,5 | 0,0 | 9659,5 |
| Вилояти Суғд | 3739,0 | 0,0 | 3739,0 |
| Вилояти Хатлон | 3473,4 | 275,2 | 3748,6 |
| ВМКБ | 2641,8 | 121,9 | 2763,7 |
| НТҶ | 3001,1 | 118,0 | 3119,2 |

*Қадами 7. Суммаи даромади дар ихтиёрбуда дар минтақаҳо, доллари ИМА*

Барои ҳисобкунӣ: қурби сомонӣ нисбати доллар дар соли 2012 -4,7627 сомонӣ барои 1 доллари ИМА дар соли 2012.

| | |
|---|---|
| Душанбе | 2028,2 |
| Вилояти Суғд | 785,1 |
| Вилояти Хатлон | 787,1 |
| ВМКБ | 580,3 |
| НТҶ | 654,9 |

*Қадами 8. Шохиси даромад ба ҳар сари аҳолӣ*

**Ҷадвали 4.1.5.**

**Баҳисобгирии муҳосибавии Шохиси даромад дар миқёси манотиқи ҷумҳурӣ дар соли 2012**

| | |
|---|---|
| Душанбе | 0,353 |
| Вилояти Суғд | 0,184 |
| Вилояти Хатлон | 0,184 |
| ВМКБ | 0,130 |
| НТҶ | 0,151 |

***- Шохиси рушди инсонӣ***

**Ҷадвали 4.1.6.**

**Баҳисобгирии муҳосибавии ҷамъбастии ШРИ дар миқёси манотиқи ҷумҳурӣ дар соли 2012**

| | |
|---|---|
| Душанбе | 0,704 |
| Вилояти Суғд | 0,633 |
| Вилояти Хатлон | 0,626 |
| ВМКБ | 0,634 |
| НТҶ | 0,614 |

Ҳисобҳои ба даст омада имкон медиҳанд вазъи рушди манотиқи ҷумҳурӣ наздик ба параметрҳои мушаххаскунандаи сатҳи миёнаи рушди инсонӣ муқаррар намуда шавад, чун баҳоҳо дар фосилаи 0,5 < ШРИ < 0,8 ҷойгиранд.

Дар дурнамо бо мурури пешрафти заминаи милии омори баҳодиҳӣ имкони тақсимбандии аз ин ҳам беш– то сатҳи шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ, фароҳам меояд.

4.2. **Тафовути минтақавии ШРИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Маълумотҳои ҳисоби ШРИ минтақавӣ имкони ҷудо намудани омилҳоеро, ки саҳми муҳим дар ҷараёни мусбии рушди инсонии вилояту навоҳии кишвар мегузоранд, фароҳам меоранд. Маълумотҳои баҳисобгирӣ бо усули анъанавӣ дар сатҳи панҷ воҳиди маъмурию ҳудудӣ – шаҳри Душанбе (пойтахт), 2 вилоят (Суғду Хатлон), Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва гурӯҳи шаҳру навоҳии тобеи марказ нишон дод, ки Душанбе ҳанӯз мавқеи пешсафро бо бузургии – 0,704 (соли 2012) ишғол мекунад.

Илова бар ин, тафовути минтақавӣ дар бахшҳои ШРИ нисбатан бештар дар бахши даромад, ки аз се ҷамъшаванда ин шохис ҳосил мешавад, дида мешавад. Яъне, дифференсиатсия дар рушди иқтисодии минтақаҳо то ҳадди зиёд сабаби тафовут дар сатҳи рушди инсонӣ мешавад.

Мавҷудияти диапазони нисбатан бузурги тафовут дар Шохиси даромад пеш аз ҳама бо сабаби сатҳи нисбатан баланди рушди иқтисодиёти Душанбе, ки дар он муносибатҳои бозаргонӣ бошиддаттар сурат мегиранд, рабт дорад. Соли 2012 дар инҷо 63,7% корхонаҳои хурд ва 81,6% корхонаҳои муштараки дар ҷумҳурӣ фаъолиятдошта ҷойгир буданд.

**Диаграммаи 4.2.1.**

**Сатҳи шохиси рушди инсонӣ дар миқёси воҳидҳои ҳудудию маъмурии умумӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо усули анъанавии ҳисоб)**




Ҳамзамон, дар давраи солҳои 2006-2012 ШРИ дар ВМКБ ба 10,9%, вилояти Хатлон - 10,7%, вилояти Суғд – 10,4% бола рафта, дар Душанбе рушд 7,6% ва дар НТҶ танҳо 4,1% ташкил дод.

**Диаграммаи 4.2.2.**

**Суръати солонаи ба ҳисоби миёна афзоиши ШРИ дар манотиқи ҷумҳурӣ дар давраи солҳои 2006-2012, бо %**




Дар маҷмӯъ, таҷрибаи ҳисоби ШРИ ва таҳлили натиҷаҳои он нишон медиҳанд, ки танҳо истифодаи ду омил дар ҳамбастагӣ – мусоидат ба рушди иқтисодӣ дар минтақаҳо ва тағйиротҳои мусбии иҷтимоӣ дар шароит ва тарзи ҳаёти аҳолӣ –рушди устувор ва бошиддати ШРИ-ро таъмин мекунанд. Ташаккули устувори рушди инсонӣ дар дурнамо муайян намудани афзалиятҳои рушд ва таҳияи механизмҳои самараноки сиёсати минтақавӣ барои вилоят ва навоҳии гуногуни кишварро дар назар дорад.

Айни замон, барои ҳадафҳои сиёсати минтақавӣ ва таъсири боз ҳам бештари "нуқтавӣ" ба рушди минтақавӣ кӯшиши гузаронидани баҳодиҳии рейтингии ҳарсола оиди вазъи инкишофи навоҳии деҳоти ҷумҳурӣ тавассути истифодаи коэффисиенти интегралӣ, ки дар заминаи якчанд нишондиҳанда ҳисоб карда мешавад, ба амал бароварда шуд:

1. Даромад ба буҷаи навоҳӣ аз ҳисоби ҷамъоварии андоз ба ҳар сари аҳолӣ, ки имкони арзёбии қобилияти минтақа дар таъмини эҳтиёҷоти аҳолиро фароҳам месозад;
2. Майдони дар давоми сол ба истифода додашудаи манзил ба ҳар сари аҳолӣ – қобилияти харидории шаҳрвандонро нишон медиҳад;
3. Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ва гардиши савдои чакана ба ҳар сари аҳолӣ, инчунин маоши миёнаи минтақа сатҳи талаботи аҳолиро ба ҳамаи намуди мол ва хадамот мушаххас мекунад.

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастии соли 2012 параметрҳои нишондиҳандаи интегралӣ тафовути калонро байни сатҳи инкишофи навоҳии деҳот муайян намуд (ниг. диаграммаи 3).

Мақсади фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ҳар як вилояту ноҳия бояд ташкили шароит барои қонеъгардонии талаботҳои моддӣ ва маънавии аҳолӣ дар сатҳи зарурӣ дар асоси рушди устувор гардад. Охирин, мувофиқи таърифи «Барнома барои асри ҶҶI»-и СММ, «…рушде, ки таъмини одилонаи талаботи насли ҳозира, бе маҳдуд намудани имкониятҳои наслҳои оянда дар қонеъгардонии талаботҳои хеш»-ро дар назар дорад (World Commission on Environment and Development. 1987. Our Common Future. Oxford: Oxford University Press. p. 8).

Дар ин асно, таъмини ташаккули мураттаб, пурра ва аз ҷиҳати қонунгузорӣ собити ҳудудгузории ваколатҳо байни мақомоти давлатии сатҳҳои гуногун, ҷустуҷӯи таносуби оптималӣ байни стратегияҳои «батанзимдарорӣ» ва «тарвиҷи нуқоти рушд» дар инкишофи минтақавии кишвар муҳим мебошад.

4.3. **Харитасозии камбизоатӣ: усули ҷудосозӣ.** Харитаҳои камбизоатӣ воситаи хеле муфид барои пешкаши маълумот ва ташкили кори ҳадафнок барои ҳимояи қарорҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравcovered.

Дар бисёри кишварҳо маълумот оиди камбизоатӣ танҳо дар натиҷаи гузаронидани тадқиқоти хонаводаҳо ҳосил мешавад. Ин тадқиқотҳо, тибқи қоида, чуноне таҳия мешаванд, ки намояндагиро дар сатҳи миллӣ ва танҳо дар мавридҳои алоҳида дар сатҳи маҳаллӣ таъмин намоянд.

Дар мавридҳои хеле кам натиҷаҳои чунин тадқиқотҳо имкони гузаронидани ҷудосозиро, масалан, аз рӯи ҷои истиқомат, фароҳам меорад.

Сарчашмаҳои алтернативии маълумот метавонанд ҳудуди васеътарро дар бар гиранд, вале дар онҳо, тибқи қоида, маълумоти муфассал оиди шароити зиндагие, ки барои сухан рондан аз паҳншавӣ ва умқи камбизоатӣ имкон диҳад, вуҷуд надорад.

Харитасозии камбизоатӣ имкон медиҳад, ки баҳодиҳии камбизоатӣ тавассути истифодаи маълумотҳои муфассал, ки дар маълумотҳои тадқиқотҳои хонаводагӣ мавҷуд аст дар якҷоягӣ бо маълумоти ҳамаҷонибаи баруйхатгирии аҳолӣ беҳтар ба роҳ монда шавад.

**Диаграммаи 4.3.1.**

**Арзёбии интегралии рушди навоҳии деҳоти ҷумҳурӣ, натиҷаҳои соли 2012**




Ҳамзамон, дар харитасозии камбизоатӣ усулҳои арзёбӣ барои манотиқи хурд истифода мешаванд. Ин усулҳо дар ташкили арзёбии камбизоатӣ дар сатҳи ҷомеаҳои хурд: аз 1000 то 5000 хонавода истифода мешаванд.

*Тасвири методӣ.* Барои кашидани харитаи камбизоатӣ таҳлили батафсили ду сарчашмат маълумот: тадқиқоти хонаводаҳо ва баруйхатгирии аҳолӣ лозим аст.

Дар марҳиллаи аввали таҳлил бояд ду манбаи маълумот бодиққат баррасӣ шавад. Ҳамзамон маҷмӯи тағйирёбандаҳои умумӣ муайян карда мешаванд. Ҳадаф ин муайян

намудани тағйирёбандаҳои сатҳи хонаводаҳо, ки ба ҳамин тартиб тавассути тадқиқоти хонаводаҳо ва баруйхатгирӣ муайян карда шудаанд.

Дар марҳиллаи дуюм маълумотҳои баруйхатгирии аҳолӣ барои таҳияи маҷмӯи моделҳои оморӣ, ки истеъмолот ба ҳар сари аҳолиро бо маҷмӯи тағйирёбандаҳои умумие, ки дар марҳиллаи пешина муайян карда шудаанд, мепайвандад, истифода бурда мешаванд. Дар ин марҳилла, арзёбии моделҳои эконометрикии истеъмолот бо истифодаи тағйирёбандаҳои сатҳи хонаводаҳо ва ҷамоатҳо гузаронида мешавад. Тибқи қоида, дар маҷмӯи маълумотҳои тадқиқоти хонаводаҳо барои ҳар қишр моделҳои гуногун истифода бурда мешаванд; мувофиқи имконият, моделҳо барои шаҳру деҳот бояд гуногун бошанд. Санҷишҳои ташхисӣ ва инчунин озмоишҳо бо шумораи бузурги таснифоти гуногун гузаронида мешаванд. Дар марҳиллаи ниҳоии арзёбӣ ба параметрҳое, ки дар марҳиллаи қаблӣ муайян гардиданд, маълумотҳои баруйхатгирии аҳолӣ татбиқ карда мешаванд ва барои пешгӯии сатҳи истеъмолот барои ҳар хонаводаи бо баруйхатгирии аҳолӣ фаро гирифташуда истифода бурда мешаванд.

Тсинхуа Чжао аз гурӯҳи пажӯҳиши рушди иқтисодии Бонки ҷаҳонӣ барномаи POVMAP2-ро ихтироъ намуд, ки барои кор дар марҳиллаи мазкур пешбинӣ шудааст (нусхаи онро метавон аз суроғаи зер дарёфт намуд http://research.worldbank.org).

Баъди он, ки барои ҳар хонаводаи бо баруйхатгирӣ фарогирифташуда нишондиҳандаи прогнозии истеъмолот дастрас мегардад, имкони гузаронидани арзёбии ҷамъбастии камбизоатӣ (ва/ё нобаробарӣ) барои гурӯҳҳои хонаводаҳои баруйхатгирӣ пайдо мешавад. Баъди анҷоми кор аз рӯи харитаи камбизоатӣ барои тамоми манотиқи кишвар, маъхази маълумоти бадастомада, ки дар он арзёбии камбизоатӣ ва нобаробарӣ (якҷо бо хатогиҳои миёнаи квадратӣ) дар сатҳҳои гуногуни ҷудосозии ҷуғрофӣ ҷойгир шудаанд, метавонанд ба харитаҳои ҷуғрофӣ бо истифода аз GIS (системаи иттилоотии ҷуғрофӣ) кӯчонида шаванд. Барои ин нармафзори GIS (масалан, ARCView) лозим аст, ки маълумот оиди координатаҳои ҷуғрофии маҳалҳои гуногун, масалан, ҳавзаҳо ё навоҳӣ, бо арзёбии камбизоатӣ ва нобаробарӣ, ки дар натиҷаи истифодаи методикаи харитасозии камбизоатӣ ба даст омадааст, "мечаспонад".

Яке аз проблемаҳои методологӣ ҳангоми харитасозии камбизоатӣ ин ноқис будани махзани ягонаи тағйирёбандаҳо дар сатҳи хонаводаҳо барои қайди воситаҳои пайхаснашудаи ҷуғрофӣ, масалан, шароити агроиқлимӣ, сифати фаъолияти мақомоти маҳаллии давлатӣ ва ҳоказо. Ин ҳолатҳо метавонанд дар пешгӯии ҳаҷми истеъмолоти сатҳи хонаводаҳо хеле муҳим бошанд. Ҳангоми ҷидду ҷаҳд дар таҳияи нишондиҳандаҳои ғайримустақим барои арзёбии ин гуна омилҳои қайдношуда дар аксари маврид муттаҳид намудани маълумотҳо аз манфиат дур нест, масалан, маълумотҳои сатҳи ҳавза ё ноҳия, ки дар алоҳидагӣ ба даст омадаанд, бо маълумотҳои баруйхатгирӣ ва тадқиқоти хонаводаҳо. Ин гуна маълумотҳои сатҳи навоҳӣ метавонанд дорои маҷмӯи васеи тағйирёбандаҳо (масалан оиди сохтмони мактабҳо, хароҷоти буҷаи давлатӣ, дастрасӣ ба инфрасохтор, баҳисобгирии шумораи аҳолӣ ва ғайра) бошанд.

*Манбаъ: Питер Ланджоу, гурӯҳи пажӯҳиши рушди иқтисодӣ, Бонки ҷаҳонӣ.*

Афзалияти ин усулҳо дар имконияти муайянсозии фосилаҳои эътимодомез барои нишондиҳандаҳои некӯаҳволии дар натиҷаи арзёбии бадастомада мебошад. Онҳоро метавон барои муайян намудани саҳеҳияти баҳодиҳиҳо санҷид.

Маълумотҳо метавонанд дар харитаҳо пешниҳод шаванд, ки ин имкони ҷудо кардани минтақаи тамаркузи камбизоатӣ ва он манотиқеро, ки дар он ҷо сиёсати коҳиши сатҳи камбизоатӣ, шояд, таъсири аз ҳама беш гузоридааст, фароҳам меорад. Бо ёрии ин

гуна харита, ашхосе, ки барои ташаккули сиёсат ӯҳдадоранд, метавонанд ба осонӣ ва соддагӣ хулосаҳои дар асоси маълумотҳо ҳосил шударо бинанд.

Харитаҳои камбизоатӣ дар беш аз 30 кишвари рӯ ба тараққӣ омода карда шудаанд ва ё таҳия шуда истодаанд. Қисмати асосии кор оид ба таҳияи харитаи камбизоатӣ аз ҷониби Маркази шабакаи байналмилалии иттилоотии илм дар бораи Замин идора карда мешавад.

Муҳим аст, ки харитаҳои камбизоатии дар заминаи маълумотҳои оиди истеъмолот таҳияшуда, агар маҳдудиятҳое, ки бо ин намуди таҳлил таҳмил мешаванд ба инобат гирифта шаванд, бо дигар нишондиҳандаҳои некӯаҳволӣ, имкониятҳо ва дастрасӣ якҷоя шаванд. Аз рӯи номгӯи зиёди нишондиҳандаҳо чорабиниҳои фаъол гузаронида шуд, бо шумули, аз ҷумла, нишондиҳандаҳои сатҳи саломатӣ ва таҳсил, нажод, дастрасӣ ба инфрасохтор ва дигар хизматрасониҳои ҷамъиятӣ, сифати замин ва экология. Масалан, харитаеро, ки тафовути минтақавиро дар дастрасӣ ба нуқтаҳои ёрии аввалия инъикос мекунад, метавон бо харитаи камбизоатӣ дар асоси маълумотҳо оиди истеъмолот қиёс намуд. Ин гуна муқоисакунӣ метавонад ба ашхосе, ки қарорҳои сиёсӣ қабул мекунанд кӯмак расонад, авлавиятҳоро дар соҳаи васеъкунии дастрасӣ ба нуқтаҳои ёрии аввалия интихоб намоянд, эҳтимол, сар карда аз навоҳии нисбатан қашшоқ, ки бо хадамоти тандурустӣ аз ҳама бадтар фаро гирифта шудаанд.

**1. Саволҳо барои машғулиятҳои амалӣ:**

1. Кадом омилҳо дар тафовути минтақавии сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳалкунанда мебошанд?
2. Хусусияти таҳлили динамикаи ШРИ дар сатҳи минтақа чӣ гуна аст?
3. Воҳиди ҳудудии оптималӣ барои ҷудосозӣ бо дарназардошти он, ки чӣ қадаре, ки сатҳ поин бошад, хато ҳамон қадар баланд аст, кадом аст?
4. Кадом нишондиҳандаҳои иловагӣ метавонанд барои таҳлили вазъи пешрафти рушди инсонӣ дар сатҳи шаҳру навоҳии кишвар истифода шаванд?
5. Ҳадафмандии инкишофи баҳодиҳии рушди инсонӣ дар миқёси минтақа: шароит, имконият ва маҳдудиятҳо.

**2. Саволҳо ва тестҳои санҷишӣ:**

1. Оё шохисҳои рушди инсонии дар сатҳи миллӣ ҷудошуда барои муқоисаи байналхалқӣ истифода мешаванд?
2. Оё дар шохисҳои минтақавии рушди инсонӣ нишондиҳандаҳои шабеҳи нишондиҳандаҳои шохисҳои ҷаҳонӣ истифода мешаванд?
3. Кадом монеаҳо имконияти ҳисоби ШРИ-ро дар сатҳи минтақа маҳдуд месозанд?
4. Ҳадди имкониятҳои истифодаи ШРИ-и ҷудошуда барои асосноккунии сиёсати минтақавӣ чи гунаанд?

**3.Мавзӯҳои рефератҳо, презентатсияҳо:**

1. Зарурат ва мақсади ҷудосозии арзёбии шохисии рушди инсонӣ
2. Хусусиятҳои хоси ҳисоби ШРИ дар сатҳи минтақа
3. Мушкилоти дастрасӣ ва дурустии маълумотҳо барои ҳисоби ШРИ-и минтақавӣ
4. Усулҳои ҷудосозии арзёбии шохисии рушди инсонӣ
5. Тамоюли дифференсиатсияи минтақавии ШРИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
6. Таҳлили сохтории динамикаи ШРИ-и шаҳҳри Душанбе
7. Таҳлили сохтории динамикаи ШРИ-и вилояти Суғд
8. Таҳлили сохтории динамикаи ШРИ-и вилояти Хатлон
9. Таҳлили сохтории динамикаи ШРИ-и ВМКБ
10. Таҳлили сохтории динамикаи ШРИ-и НТҶ
11. Имкониятҳо ва маҳдудиятҳои ҳисоби ШРИ дар сатҳи навоҳии ҷумҳурӣ

12. Харитасозии минтақаҳо: зарурат ва ҳадафҳо
13. Аҳамияти ҷудосозии арзёбии шохисии рушди инсонӣ дар чаҳорчубаи асосноккунии сиёсати минтақавӣ
14. Ҳадафҳои стратегии рушди минтақавӣ дар чаҳорчубаи рушди инсонӣ
15. Хусусияти кор оиди беҳгардонии усулҳои ҷудосозии арзёбии шохисии рушди инсонӣ.

4. **Рӯйхати адабиётҳои ҳатмии тавсияшаванда:**


1. Рушди инсонӣ: ченкунии нави пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ: Маводи таълимӣ /Таҳти таҳрири умумии проф. В.П.Колесов (факултаи иқтисодии ДДМ) ва Т. Маккинли (БРСММ, Ню-Йорк).-М.: Ҳуқуқи башар, 2008.
2. Гузоришҳои Ҷаҳонӣ дар мавзӯи рушди инсонӣ. БРСММ, Ню-Йорк: Оксфорд Юниверсити Пресс, с. 1994-2013.
3. Гузоришҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи рушди инсонӣ.


**5.Руйхати адабиёти иловагии тавсияшаванда:**


1. Гузоришҳои миллии кишварҳои Аврупо, Осиё ва Африқо дар мавзӯи рушди инсонӣ.
2. Алкайр С., Комим Ф. ва Қизилбаш М. (таҳриргарон), Усули тавонмандӣ: Мафҳумҳо, ченакҳо ва татбиқот, Кэмбридж Юниверсити Пресс, 2008.
3. Алкайр С. Мақолаи илмӣ дар мавзӯи рушди инсонӣ 2010/01. Рушди инсонӣ: Маънӣ, интиқод, ва мафҳумҳои дахлдор.
4. Алкайр С. “Мафҳумҳо ва ченакҳои ташкилот” дар Каушик Басу ва Рави Канбур (таҳриргарон), Маҷмӯи далелҳо барои ҷаҳони беҳтар: Мақолаҳо ба ифтихори Амартия Сэн, Оксфорд Юниверсити Пресс, Оксфорд, 2008.
5. Барри Б. Ҳюгз, Муҳаммад Т. Ирфан, Ҳайдер Хан, Кришна Б. Хумар, Дэйл С. Ротман, Ҷозе Р. Солорзано “Коҳиши факр дар ҷаҳон: Намунаҳои билқувваи пешрафти инсон”. –Ню Деҳли: Оксфорд Юниверсити Пресс, 2008.-саҳ.334.


## Мавзӯи 5. Рушди иқтисодӣ ва шуғл дар доираи Рушди Инсонӣ

**5.1. Рушди иқтисодӣ ва Рушди Инсонӣ.**

**5.2. Рушди иқтисодӣ ва шуғл.**

**5.3. Проблемаҳои шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

**1. Рушди иқтисодӣ ва Рушди Инсонӣ.** Мувофиқи консепсияи рушди инсонӣ яке аз проблемаҳои муҳими ҷамиятӣ дар ҳар як марҳила, ба ғайр аз имкони умри дароз дидан ва гирифтани дониш боз роҳ доштан ба захираҳои зарурии зиндагии шоиста, ба ҳисоб меравад. Сатҳи ҳаёти шоиста дар давлат ва ҷамъият тавассути рушди иқтисодӣ, ва барои ҳар як фард бошад – тавассути тақсимоти одилонаи неъматҳо ва даромад дар ҷамият ба даст оварда мешавад. Барои қисмати зиёди аҳолӣ сарчашмаи даромад, меҳнат ба ҳисоб меравад, илова бар ин, тибқи консепсияи рушди инсонӣ ба сифати яке аз нишонаҳои самаранокии он дида баромада мешавад. Ин чунин маъно дорад, ки одамон бояд имкони баланд бардоштани ҳосилнокии фаъолияти худро дошта бошанд ва дар ҷараёни ташаккулёбии даромад ба пуррагӣ ширкат намоянд ва барои ҳавасмандгардонии пулӣ сазовор меҳнат намоянд. Бинобар ҳамин ҳам, рушди иқтисодӣ, динамикаи шуғл ва музди меҳнат, тамсилаҳои асосии рушди инсонӣ ба ҳисоб  мераванд.

Барои ҳар як иқтисодчӣ ин тааҷҷубовар аст, аммо ин ҳақиқати ҳол мебошад, чунки: рушди иқтисодӣ ба шумораи самтҳои афзалиятнокӣ рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ ба сифати Мақсадҳои СММ дар самти рушд дар девони ҳазорсола дохил карда нашудааст. Инро метавон чунин маънидод кард, ки аз нуқтаи назари консепсияи рушди инсонӣ, рушд

ҳамчун мақсади ниҳоии рушди инсон баромад накарда, балки ҳамчун шароит, ё ин ки омили бадастории мақсадҳои асосӣ мебошад.

Қайд намудан лозим аст, ки моҳияти даркнамоии ин фаҳмиш аз нуқтаи назари мантиқии ҷонибдорони консепсияи рушди инсонӣ фаҳмотар аст, агар марҳилаи авали онро ба хотир биёрем. Аз аввал, ақидаи асосии муаллифи он Амартя Сен баромад намуда, аз он иборат буд, ки диққати иқтисодчиён ва сиёсатмадоронро аз нишондиҳандаҳои маҷмӯи рушди иқтисодӣ ба нишондиҳандаҳои тағийёрбии сифати ҳаёти одамон равона карда шуда буд. Хатари равона намудани диққат ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ аз тарафи асосгузорони консепсияи рушди инсонӣ чунин ҷудо шуда буд.

Агар оиди рушди иқтисодӣ аз рӯи сатҳи коркарди ангишт ва қувваи барқ, истеҳсолӣ қатора ва автомобилҳо ва ғайра баҳо диҳем, дар ин сурат метавон сатҳи баланди рушди иқтисодиро ба даст овард, аммо дар ин ҷо арзишҳои зарурии инсонро ба монанди: имкони умри дароз дидан ва ҳаёти солим, гирифтани маълумоти пурра ва ҷавобгӯи фаолият, яъне шароити хуб барои ҳаёти арзанда, аз мадди назар дур кунем.

Ҳамин тавр, дар мадди аввал ҳангоми андозагири намудани шохиси рушди иқтидори инсонӣ нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи дастрасии тандурӯстӣ ва маориф баромад намуданд, аммо аз нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ аз тарафи созмондиҳандагони консепсияи рушди инсонӣ ба пурагӣ рад карда нашудааст ва ба ҳайати шохиси рушди иқтидори инсонӣ нишондиҳандаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бар души аҳолиро ба сифати шохиси ММД, ки тавсифкунандаи сатҳи ҳаёти шоиста мебошад, дохил намудаанд.

Рушди иқтисодӣ ба сифати омили дарозмӯҳлати динамикаи маҷмӯи пешниҳод ва ҳаҷми истеҳсолоти муайян дида баромада мешавад. Таҳлили ин ва дигар омилҳо ва қонуниятнокии рушди иқтисодӣ яке аз масъалаҳои маркази назарияи макроиқтисодӣ ба шумор меравад.

Рушди иқтисодӣ яке аз қисматҳои асосии инкишофи иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, тавассути тағийёрбии ҳаҷми мол ва хизматҳои дар давраи муайян (одатан дар як сол) истеҳсолшударо ифода мекунад.

Дар сатҳи макроиқтисод нишондиҳандаи асосии динамикаи рушди иқтисодӣ инҳо ба ҳисоб мераванд:

− рушди ҳаҷми ММД;

− дараҷаи рушди ММД;

− дараҷаи рушди истеҳсолоти саноатӣ аз рӯи соҳаҳои асосӣ ва бар души аҳолӣ.

Дар иқтисодиёти оморӣ барои омӯзиши динамикаи ММД чунин зарибҳо (коэфитсиентҳо) истифода бурда мешаванд: афзоиш, дараҷаи афзоиш ва дараҷаи бозафзоиш.

Зариби афзоиши X тавассути формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$X = \frac{ММД_1}{ММД_0}$$

дар инҷо, $ММД_1$ ва $ММД_0$ – ММД соли ҷорӣ ва гузашта.

Дараҷаи рушди ММД (рушди иқтисодӣ) ин муносибати

$\frac{БозафзоишиММД}{ММД} x100$, ки метавон чунин тасвир намуд:

$$\frac{БозафзоишиММД}{ММД} x100 = \frac{Сармояхо}{ММД} x \frac{БозафзоишиММД}{Сармояхо} x100,$$

ки дар инҷо $\frac{Сармояхо}{ММД} x100$ - меъёри андӯхт, ва $\frac{БозафзоишиММД}{Сармояхо}$ - ҳадди ҳосилнокии сармоя.

Вобаста ба ҳамин, дараҷаи рушди иқтисодӣ тавассути зарбнамоии меъёри андухт бо ҳадди ҳосилнокии сармоя муайян карда мешавад.

Дараҷаи бозафзоии ММД баробари дараҷаи афзоиши ММД тарҳи 100 мебошад. Қайд намудан зарур аст, ки дар таҷриба зери дараҷаи афзоиш одатан дараҷаи бозафзоиш фаҳмида мешавад.

Дар адабиётҳои иқтисодӣ инчунин афзоиши даромад ба ҳар як шуғлдоштаро ҷудо мекунанд. Ин нишондиҳанда метавонад аз нишондиҳандаи афзоиши даромад ба ҳисоби бар души аҳолӣ фарқ кунад, чунки вай сатҳ ва динамикаи фаъолнокии иқтисод ва шуғли аҳолиро инъикос мекунад. Барои андозагирӣ намудани рушди иқтисодӣ нишондиҳандаи бозафзоиши мутлақ, ё инки дараҷаи бозафзоиши ҳаҷми воқеии истеҳсолот дар маҷмӯъ бар дӯши аҳолӣ истифода бурда мешавад.

Рушди иқтисодӣ тавассути яккатор омилҳо муайян карда мешавад. Ба онҳо дохил мешаванд:

− меҳнат (шумора ва сифати захираҳои меҳнатӣ);

− замин (шумора ва сифати захираҳои ҳақиқӣ ва тавассути онҳо бадастории фондҳои гардишӣ);

− сармоя (маблағгузориҳо ва фондҳои асосӣ бо дарназардошти сатҳи технологии онҳо, ки прогрессии илмӣ техникиро таъмин менамоянд);

− қобилияти соҳибкорӣ (дар инҷо натанҳо фаҳмиши фаъолияти хоҷагидорӣ, инчунин механизми хоҷагидории таъминкунандаи ин фаъолият фаҳмида мешавад).

Омилҳои рушди иқтисодӣ байни ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Ба монанди, меҳнат маҳсулнок аст, агар коргар таҷҳизоти муосирро истифода барад ва маводҳо зери роҳбарии соҳибкори қобилиятнок ва шароити хуби механизми хоҷагидории амалкунанда бошад. Бинобар ҳамин ҳам аниқ муайян намудани ҳиссаи ин ва ё он омили рушди иқтисодӣ ниҳоят мушкил аст.

Омилҳои рушди иқтисодӣ вобаста ба тавсифи рушди иқтисодӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: мунбасит (эктенсивӣ) ва интенсивӣ.

Рушди иқтисодӣ дар он ҳолате **мунбасит (экстенсивӣ**) ба ҳисоб меравад, ки агар вай аз ҳисоби ҷалби захираҳои иловагӣ ба даст оварда шуда бошад ва ҳосилнокии миёнаи мехнатро дар ҷамъият тағийр надиҳад. Рушди иқтисодии **интенсивӣ** бо истифодаи омилҳои мукаммали истеҳсолот ва технологияҳо, яъне аз ҳисоби зиёднамоии ҳаҷми хароҷоти захираҳо набуда, балки аз ҳисоби маҳсулнокии онҳо алоқаманд аст.

Рушди мунбасити устувори иқтисодийи тавассути аз ҷиҳати шуморавӣ зиёд намудани омилҳои истеҳсолот ба даст оварда мешавад, рушди иқтисодии интенсивӣ бошад тавассути аз ҷиҳати сифатӣ муккамлгардида ва дуруст истифодабурдани омилҳои истеҳсолот ба даст оварда мешавад. Ғайр аз ин, дар ин ҳолат рушди иқтисодӣ имконпазир аст, чӣ аз ҷиҳати камшавии дараҷаи сармоягузорӣ ва чӣ аз ҷиҳати камшавии ҷисмии онҳо.

Ҳангоми инкишоф ва аз худкунии дастовардҳои прогерсӣ илмӣ техникӣ омилҳои интенсивии рушд афзалияти хоса пайдо мекунанд. Аммо дар ҳаёти воқеӣ шаклҳои рушди устувори экстенсивӣ ва интенсивӣ дар шакли хоса вуҷуд надоранд. Бинбар ҳамин ҳам қабул шудааст, ки рушди иқтисодии намуди афзалиятан мунбасит (экстенсивӣ) ё инки афзалиятан шиддатнок (интенсивӣ) сухан ронд.

Баъзан омилҳои рушди иқтисодӣ ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1. Омилҳои пешниҳодот (захираҳои табиӣ ва инсонӣ, ҳаҷми сармояи асосӣ ва технология).

2. Омилҳои талабот (сатҳи хароҷотҳои умумӣ).

3. Омилҳои тақсимотӣ (самаранок истифодабарии захираҳо).

Омилҳои пешниҳод ба инкишофи истеҳсолот имкон медиҳанд ва ҳамчунин пешниҳодотро бо мол ва хизматрасониҳои гуногун таъмин менамоянд. Аммо, имкон ба

васеъНамоии истеҳсолот барои рушди воқеӣ кифоя нест, чунки зарур аст, ки истифодаи воқеии ҳаҷми захираҳои зиёдшаванда (омилҳои талабот) ва тақсимоти самараноки он бо мақсади гирифтани шумораи максималии маҳсулоти фоидаовар (омилҳои тақсимотӣ) ба роҳ монда шавад.

Дар ҷараёни воқеӣ, рушди иқтисодии ҳамаи ин омилҳо бо ҳамдигар зич алоқаманданд.

Ба рушди иқтисодӣ аз ҳама бештар сиёсати иқтисодии ҳавасмандкунанда, ё инки манъкунандаи давлат таъсир мерасонад.

Дар шароити имрӯза метавон се самти рушди иқтисодиро аз ҳамдигар ҷудо намуд:

**1. Навклассикӣ.**

**2. Навкейнсионӣ.**

**3. Таърихию-иҷтимоӣ.**

**Назарияи навклассикии** рушди иқтисодӣ дар заминаи ба дастории рушди иқтисодии мувозинатӣ бе дахолатнамоии давлатӣ такя мекунад. Намояндаи машҳури ин самт Р.Солоу ва Ҷ.Мид ба ҳисоб мераванд.

Асосҳои методологии тамсилаи рушди иқтисодии онҳо, назарияи классикии омилҳои истеҳсолот мебошад, ки меҳнат, сармоя ва заминро ба сифати омилҳои мустақили бавуҷудовардаи маҳсулоти ҷамъиятиро шарҳ медиҳанд, инчунин назарияи ҳадди ҳосилнокӣ, ки мувофиқи он даромади соҳибони омилҳои истеҳсолот тавассути ҳаддӣ ин омилҳо муайян карда мешавад. Таҳлили ин тамсилаҳо тавассути аппарати функсияи истеҳсолӣ бо васеъНамоии шумораи омилҳои истеҳсолӣ ва дарназардошти ҳамдигарроивазкунии онҳо гузаронида мешавад. Ҳамин тавр, Р.Солоу дар мақолаи «Прогресси техникӣ ва функсияи истеҳсолии агрегативӣ» иқдоми тадқиқ намудани вобастагии функсионалии ҳаҷми истеҳсолотро аз прогресси техникӣ пеша намуд. Барои тасвири низоми макроиқтисодӣ Р.Солоу якчанд баробариро истифода кард. Натиҷаи кори ӯ имконоти зиёдро барои таҳлил намудани тамоилҳои инкишофи низомҳои макроиқтисодӣ дода, барои коркарди тамсилаҳои гуногуни чунин шакла дошта такони ҷиддӣ буд.

Тамсилаи рушди иқтисодии Р.Солоу аз он бар меояд, ки шароити зарурии мувозинати рушди иқтисодӣ ин баробарӣ байни маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳодот мебошад. Маҷмӯи пешниҳод дар тамсилаи функсияи истеҳсолӣ ва маҷмӯи талабот бо хароҷотҳои истеъмолӣ ва сармоягузорӣ, муайян карда мешавад.

Ба ақидаи Р. Солоу, шароити ягона барои рушди иқтисодӣ ин суръати рушди прогресси техникӣ мебошад. Ҳамин тавр, тамсилаи Р. Солоу имкони кушода намудани боҳамалоқамандии се сарчашмаи иқтисодӣ – сармоягузорӣ, шумораи қувваи корӣ ва прогресси техникиро медиҳад. Таъсиррасонии давлат ба рушди иқтисодӣ танҳо тавассути таъсири он ба меъёри андухт ва суръати прогресси техникӣ имконпазир аст.

Дар доираи назарияи навклассикии рушди иқтисодӣ, қоидаи тиллоии пасандоз амал мекунад. Вай аз ин иборат аст: фонди истеъмолот бар души аҳолӣ бо суръати баланд меафзоял, агар меъёри пасандоз баробари чандирии ҳаҷми истеҳсолот аз рӯи сармоя бошад.

Дар маҷмӯъ тамсилаи навклассикии рушди иқтисодӣ ба функсияи истеҳсолӣ такя намуда, низоми тавсифи шумаравиро барои баҳодиҳии таъсиррасонии омилҳои истеҳсолот ба рушди иқтисодӣ муайян мекунад.

**Назарияи навкейнсионӣ.** ҳамчуни натиҷаи инкишоф ва аз нав коркардабароии назарияи мувозинати иқтисодии кейнсионӣ ба вуҷуд омадааст. Вай ба ақидаи асосии Ҷ. Кейнс – маҷмӯи талабот такя мекунад. Муаллифони ин назария чунин ақида доштанд, ки шароити ҳалкунандаи муътадили рушди иқтисодӣ ин васеъНамоии маҷмӯи талабот ба

ҳисоб меравад, ва омили асосии рушди иқтисодӣ сармоя мебошад. Ба шумораи тамсилаҳои назарияи навкейнсионӣ тамсилаҳои Р.Харрод ва Е.Домар дохил мешаванд.

Харрод Р. якқтор баробарии ҷараён (динамикаи)-ро ифода намуд, ки ҳар яки он хусусияти рушди иқтисодиро инъикос мекунад. Дар ин ҳолат онҳо ҷудо мекунанд: а) суръати рушди «кафолатнок», яъне чунин ҳолате, ки шароитро барои баробарии андух ва сармоя таъмин намуда, маҳруки (траекторияи) рушди иқтисодии устуворро муайян мекунад; б) суръати рушди «табиӣ», мувофиқати суръати афзоиши аҳолӣ ва ҳосилнокии меҳнат, яъне вай бо имконияти нерӯии истеҳсолот мувофиқ меояд.

Одатан, суръати рушди кафолатнок бо суръати рушди «табиӣ» мувофиқат намекунад.

Бинобар ҳамин ҳам, барои нигоҳдории рушди устувор дахолатнамоии давлат ба танзимнамоии маҷмӯи талабот зарур аст.

Тамсилаи Е. Домар нақшаи дутарафаи сармоягузориро дар бар гирифта, на танҳо даромадро ба вуҷуд меорад, ки ба ҳаҷми маҷмӯи талабот таъсир мерасонад, инчунин ба афзоиши иқтидори истеҳсолӣ ва зиёдшавии пешниҳоди бозорӣ оварда мерасонад. Масъалаи асосии рушди иқтисодии Е.Домар аз муайяннамоии ҳаҷми сармояи барои афзоиши чунин даромад зарур иборат мебошад. Ба ақидаи ӯ чунин суръати рушди иқтисодиеро пайдо кардан мумкин, ки имкони таъмин намудани мувозинати афзоиши даромад ва афзоиши маҳсулото ва инчунин мувозинати маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳодотро дар ҷараёни рушди иқтисодӣ дошта бошад.

Тамсилаҳои неоклассикии рушди иқтисодӣ (Харрод ва Домар) аз рӯи натиҷаҳои гирифташуда бо ягдигар бениҳоят наздик буданд, ки дар онҳоро бо ҳамдигар якҷоя намуда тамсилаи Харрод-Домар номгузорӣ карда шуд.

Баробарии Харрод–Домар барои муайян намудани суръати рушд чунин намуд дорад:

$$Tp = S / C,$$

ки дар инҷо Тр – суръати рушди иқтисодӣ; S – андухти соф нисбат маҷмӯи даромад (S / ДМ); C – зариби сармояғунҷоиш, ки сармояи асосиро нисбат ба маҳсулоти истеҳсолшуда (С / ДМ) муайян карда мешавад..

Қимати бузургии S (меъери андӯхт) ба суръати баланди рушд оварда мерасонад. Ҳарчи қадаре, ки зариби сармояғунҷоиши маҳсулот С кам бошад, ҳамон қадар маҳсулот бештар ҳосил карда мешавад. Ҳамин тавр, суръати рушд бо меъёри андӯхт таносуб буда, бо зариби сармояғунҷоиши маҳсулот таносуби баръакс мебошад.

Намояндаи **назарияи таърихӣ-иҷтимоӣ** иқтисодчӣ ва иҷтимоиётчии амрикоӣ У.Ростоу, муаллифи китоби «Давраҳои рушд», ки соли 1961баромадааст, ба ҳисоб меравад. Дар он ӯ панҷ марҳилаи рушдро аз ҳамдигар ҷудо мекунад:

1. Ҷамъияти синфӣ: мувозинати статикӣ, имконияти маҳдуди истифодабарии натиҷаи прогресси илмӣ-техникӣ, пастшавии даромад бар души аҳолӣ.

2. Марҳилаи таъмини шароит барои ба пеш ҳаракат намудан: оҳиста-оҳиста шароит барои ба пеш ҳаракат намудан аз ҳисоби баландбардории самараноки ҷараёнҳои истеҳсолӣ ба вуҷуд меояд.

3. Марҳилаи ба пеш ҳаракат намудан: аз ҳисоби баландбардории таносуби сармоя ба даромади миллӣ, истифодаи дастовардҳои прогресси илмӣ-техникӣ.

4. Роҳ ба сӯи рушд: суръати рушди иқтисодӣ меафзоянд, афзоиши истеҳсолот нисбат ба зиёдшавии аҳолӣ бартари пайдо мекунад.

5. Ҷамъияти истеъмолоти зиёди оммавӣ: иқтидори истеҳсолӣ барои истеъмолкунанда кор мекунад ва соҳаи асосии иқтисодиёт соҳае ба ҳисоб меравад, ки ба истеҳсоли молҳои истифодабариашон дарозмуддат машғул мешаванд.

**5.2. Рушди иқтисодӣ ва шуғл.** Рушди иқтисодӣ ин натиҷаи фаъолияти меҳнати инсон ба ҳисоб рафта, заминаи асосиро барои васеънамоии имконоти шуғл дар шакли ба

вуҷуд овардани ҷои иловагии корӣ ё инки ташкил намудани ҷои нави корӣ мебошад. Ҳамин тавр, рушди иқтисодӣ ва шуғл дар як вақт ҳам сарчашма ва ҳам натиҷа барои ҳамдигар баромад мекунанд. Агар ММД бар души аҳолӣ дар консепсияи рушди инсонӣ ҳамчун нишондиҳандаи сатҳи зиндагии арзанда баромад кунад, дар ин ҳолат самаранокии меҳнат, ҳосилнокии меҳнат ва таъмини шароити меҳнатӣ на танҳо сарчашмаи даромади кофӣ барои ҳаёти корманд ва оилаи ӯ, балки шакли зарурии амалинамоии имконоти эҷодӣ ва худшукуфоии инсон мебошад, яъне рушди инсон дар шакли пурраи маънои ин мафҳум.

Шуғл дар консепсияи рушди инсонӣ ба маънои васеъи ин калима, ба монанди тамоми намуди фаъолияти меҳнатие, ки ба ӯ даромад меорад, яъне шуғл дар соҳаҳои иқтисодиёти расмӣ ва ғайрирасмӣ, шуғл дар хоҷагии хонаводагӣ ва ғайра, дида баромада мешавад. Нақши шуғл дар ташаккули асосҳои иқтисодии рушди инсонӣ ба таври амиқ омӯхта шудааст.

Банизомдарории сабабҳое, ки нақши шуғлро дар муайянкунии рушди шахси алоҳида нишон медиҳанд, элементҳои зарурии зерин ба ҳисоб мераванд: таъмини даромади зарурӣ барои маблағгузории ӯ ба соҳаи маориф, тандурустӣ, сифати зиндагӣ, бавуҷудории ҳавасмандӣ барои гирифтани дониш, баландбардории тахасус, ташаккули арзишҳо ба фаъолияти меҳнатие, ки рафтори зидди ҷомеавиро таъмин менамояд ва ғ. Аз нуқтаи назари ҷамъият, шуғли самаранок ин таъминкунандаи даромади зарурӣ ба аҳолии қобили меҳнат буда, асосҳои иқтисодиро барои рушди инсонӣ мегузорад, ва инчунин ба давлат барои дастгирӣ намудани аҳолии ғайриқобили меҳнат ва дар ин асос шароитро барои таъмини мувозинатӣ баробар барои тамоми аъзоёни ҷамъият имконият медиҳад.

Сиёсат дар соҳаи шуғл – ин ҳамон соҳае мебошад, ки нақши муайянкунандаи консептуалӣ ва методологии ҷомеаӣ ҷаҳониро Ташкилоти байналмилалии меҳнат (МОТ) иҷро мекунад. Дар доираи ТБМ принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ, стратегияи иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ дар соҳаи шуғл, ки таъминкунандаи рушди инсонӣ мебошад, муайян карда шудааст. ТБМ созишнома ва тавсияҳое, ки муайянкунандаи меъёрҳои байналмиллалии меҳнат, инчунин ҳолатҳои асосии сиёсат дар бозори меҳнат, муносибатҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти расмӣ ва ғайрирасмӣ, рушди инфрасохтор, низоми тайёр намудани мутахасисон, таъмини баробарӣ байни мардон ва занон, рушди корхонаҳо ва дигар соҳаҳоро қабул кардааст.

Мақсади асосии Тоҷикистон дар соҳаи иқтисодиёт ҳамоно ноил шудан ва нигоҳ доштани як навъ сатҳи рушди иқтисодие, ки барои коҳиши камбизоатӣ ва бекорӣ лозим буда, ҳамзамон фаъолияти худро дар доираи маҳдудиятҳое, ки аз ҷониби захираҳои мавҷудаи дарунӣ ва берунӣ вогузор шудаанд, боқӣ мемонад.

Дар системаи чорабиниҳо доир ба анҷомрасонии раванди гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ ҷои намоёнро проблемаи ташаккул ва инкишофи бозори меҳнат ишғол мекунад. Бозори меҳнат мисле, ки бозорҳои молҳои истеъмолӣ ва хадамот, воситаҳои истеҳсолот ва сармояро «эҳё» гардонида, ҳамчун «катализатор»-и ҳамкории онҳо дар занҷираи «истеҳсолот-истеъмолот» баромад менамояд. Ин бозор ҷиҳати зарурати худи меҳнат метавонад ба нишондиҳандаҳои ададӣ ва сифатии равандҳои такрористеҳсолӣ, самаранокии намудҳои ҳукмрони такрористеҳсол таъсири манфӣ ё мусбӣ расонад.

**5.3. Проблемаҳои шуғл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.**Дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ равандҳои нав дар шуғли аҳолӣ пайдо мешаванд: камшавии ҳиссаи шуғлҳо дар секторҳои давлатӣ ва афзоиши машғулиятҳои ғайрирасмӣ, таъғирёбии

сохтори шуғлҳои соҳавӣ, баландравии шумораи бекорон (махсусан бо тарзи пӯшида), афзоиши шуғлҳои нопурра, пастравии талабот ба қувваи корӣ, афзоиши муҳоҷирати меҳнатии ба қайд гирифта нашуда ба хориҷи кишвар, гуногун гаштани бозорҳои меҳнати минтақавӣ. Дар Стратегияи Миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015, ки суръати болоравии иқтисод, беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ ва паст гардонидани сатҳи камбизоатӣ дарҷ гардидааст, соҳаи иҷтимоӣ бо назардошти чораҳои комплексие мавқеъи хосаеро ишғол менамояд, ки ба таъмини нисбатан пурраи захираҳои меҳнатӣ, кам кардани шумораи бекорон ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум ва рӯҳияи онҳо равона карда шудааст.

Дар ҳоли ҳозир шуғли аҳолӣ дар Тоҷикистон бо шарҳи маҷмӯъи муносибатҳо доир ба иштироки мардум дар фаъолияти меҳнатӣ яке аз масъалаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Шуғли фоидаовар ва арзанда бо назардошти ҳаққи пардохт ва шароит ин на танҳо сарчашмаи даромад ва таъмини арзандаи ҳаёти коргар ва оилаи ӯ, балки шароити мусоид барои рушди инсоният ва болоравии иқтисодиёт низ мебошад.

Ин ҳадафҳо мушаххасоти худро дар Стратегияи бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 дарёфт намудаанд.

Ташкили бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити хоси миллӣ амалӣ гашта истодааст, ки таҳти таъсири факторҳои зерин қарор дорад: аз қабили вазъи мушкили демографӣ, пурра бартараф нагаштани бӯҳрони иҷтимои-иқтисодӣ ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, муҳоҷирати миқдори зиёди кадрҳои соҳибмаълумот, коргарон ва мутахасисон, норасоии ҷойҳои корӣ бо вуҷуди зиёд будани захираҳои меҳнатӣ.

Дар робита ба ин якчанд проблемаҳои шуғлро дар Ҷумҳурӣ дар мавзӯи рушди инсон метавон баён кард:

**а) Суръати афзоиши аҳолӣ.** Маъмулан суръати баланди афзоиши аҳолии Тоҷикистон дар даврони Шӯравӣ ҳеҷ гуна мушкили эҷод намекард, чунки на танҳо аз лиҳози иқтисодӣ балки аз лиҳози манфиатҳои сиёсӣ шумораи аҳолӣ яке аз нишондодҳои асосӣ дар мусобиқаи байни ду системаи бо ҳам муқобил, ба ҳисоб мерафт. Қисмати зиёди хароҷотҳо доир ба нигаҳдории суръати баланди зиёдшавии аҳолиро аз он ҷумла аҳолии қобили меҳнатро буҷаи ягонаи иттиҳод ба зимма дошт.

Дар маҷмӯъ робита байни зиёдшавии аҳолӣ ва аҳолии қобили меҳнат ва инчунин нафарони соҳиби ҷои кор натанҳо имкониятҳо ва иқтидори меҳнатии кишварро ташкил мекунанд, инчунин имкониятҳои рушди иқтисодро низ муайян месозад. Аз миқдори умумии аҳолии қобили меҳнат ҳар қадаре, ки шумораи нафарони бо кор таъминбуда зиёд бошанд, ҳамон қадар маҳсулнокии меҳнат зиёд гашта, сарборӣ ба ҳар як коргар кам мегардад.

**б). Бекорӣ.** Мафҳуми «шуғли пурра» маънои шуғли 100%-и қувваи кориро надорад. Барои фаъолияти муътадили иқтисоди бозаргонӣ бозори меҳнат, пешниҳоди меҳнат лозим аст. Дар ҳама ҳолат дар кишвар бояд теъдоди муайяни қувваи кории озод, яъне бекорон, вуҷуд дошта бошанд. Масъалаи шуғли пурра – ин масъалаи бекорӣ мебошад.

Дар раванди дигаргуниҳо оид ба ҷои корӣ таъмин намудани аҳолии қобили меҳнати ҷумҳурӣ, дар ҳоли ҳозир чунин тамоюлҳо ба назар мерасанд:

- Дар сохтори соҳавии шуғли аҳолӣ вазни қиёсии соҳаи истеҳсолоти моддӣ паст рафта, соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ боло мераванд;
- Таҳлили гуруҳии шуғлҳо, ки бо таври кироя дар соҳаи иқтисодиёт фаъолият мекунанд нишон дод, ки дар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ тамоюли назарнораси камшавии ҳиссаи шуғлҳо рафта истодааст ва шумораи шуғлҳо дар истеҳсолоти ғайримоддӣ зиёд шуда истодааст. Агар рушди секторҳои иқтисодиро

аз вазифаҳои аввалиндарача шуморем, дар он сурат тамоюли номбаршуда дар сохтори соҳавии шуғли аҳолӣ мусоид наметавон номид;

- Вазни қиёсии коргарони ғайрикироя боло меравад ва он асосан ба диверсификатсияи (гуногунсоҳавии) муассисаҳои хоҷагии қишлоқ вобастагӣ дорад;

Миқдори бекорони расман дар шуъбаҳои шуғли аҳолӣ бақайдгирифташуда меафзояд.

Бекорӣ ин зуҳуроти даврӣ мебошад, ки зиёд будани пешниҳоди меҳнат аз талабот ба онро ифода мекунад. Ин муаммои макроиқтисодӣ буда, ба ҳар нафар таъсири бевоситаю қавӣ мегузорад. Аз даст додани ҷои кор барои аксари мардум маънои поинравии сатҳи зиндагиро дошта, ҷароҳати ҷиддии рӯҳӣ мерасонад ва ба аздастдиҳии маҳорати касбӣ оварда мерасонад.

Тибқи муқаррароти Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ) шахси бекор нафаре маҳсуб мешавад, ки қобилияти корӣ дорад, хоҳиши кор дорад, мустақилан ва ба таври фаъол дар ҷустуҷӯи кор аст, вале бо сабаби камбуди ҷои кор ё омодагии нокифояи касбӣ кор пайдо карда наметавонад. Аз ин муқаррароти кӯтоҳ бармеояд, ки мафҳумҳои "бешуғл" ва "бекор" яксон нестанд. Пиронсолон, маъюбон ба сафи бекорон шомил нестанд (онҳо кор карда наметавонанд) ва инчунин онҳое, ки кор кардан намехоҳанд (оворагардон, гадоҳо) бекор ҳисобида намешаванд.

Ду намуди асосии бекорӣ мавҷуд аст: ихтиёрӣ (фриксионӣ ва институтсионалӣ) ва маҷбурӣ (сохторӣ ва даврӣ).

Бекории фриксионӣ – ин бекории муваққатӣ ва ихтиёрӣ, ки дар натиҷаи ивазкунии ҷои кор (аз як кор ба кори дигар гузаштан, тағйири ҷои истиқомат ва ғайра) ё ҳангоми тағйири "марҳиллаҳои роҳи ҳаёт" (ҷустуҷӯи кор баъди хизмат дар артиш, хатми муассисаи таълимӣ) ба вуқуъ мепайвандад, яъне ин муддатест, ки шахс "миёни корҳо" қарор дошта, дар ҷустуҷӯи кор аст.

Бекории институтсионалӣ – ин як намуди бекорист, ки метавонад дар натиҷаи дар кишвар мавҷуд будани муқаррароти маоши ҳадди ақал ва кӯмакпулӣ барои бекорӣ, ба вуқуъ пайвандад. (Шахс метавонад гирифтани ҷубронпулиро ба ҷои кор кардан интихоб намояд. Тасодуфӣ нест, ки қонунгозории ҳамаи давлатҳо муҳлати муайянеро барои пардохти чунин кӯмакпулиҳо пешбинӣ намудааст.)

Бекории сохторӣ – ин озод намудани қувваи корӣ зери таъсири тағйиротҳои сохторӣ дар иқтисодиёт, ки талаботро ба касбу тахассусҳои алоҳида тағйир медиҳад. Масалан, афзоиши истеҳсоли нафту газ ва коҳиши нисбии истеҳсоли ангишт ба бекорӣ дар ноҳияҳои истеҳсолкунандаи ангишт оварда мерасонанд. Азбаски тағйиротҳои сохторӣ ҳамавақт ба вуқуъ меоянд, аз ин лиҳоз теъдоди муайяни одамоне, ки кори нав мекобанд ҳамавақт мавҷуд аст.

Бекории даврӣ – ин озод намудани қувваи корӣ дар натиҷаи коҳиши умумии истеҳсолот, яъне ҳамон марҳиллаи даври иқтисодӣ, ки барои он поинравии талаботи умумӣ, истеҳсолот ва коҳиши муносиби шуғл хос аст.

Мусаллам аст, ки дар ҳар ҳолати мавҷуда дар кишвар бекории фриксионӣ ва сохтории муайян вуҷуд дорад (як қисми кормандон ҳамеша берун аз шуғл қарор доранд). Маҳз ҳамин намудҳои бекорӣ ба истилоҳ бекории "табиӣ" ё "муқаррарӣ"-ро созмон медиҳанд, ки он дар ҳар маврид ва дар ҳар кишвар ҷой дорад. Ин, вазъи бозори меҳнатро, ки дар он баробарии тахминӣ байни шумораи ҷойҳои кории холӣ ва шумораи кармандони ҷӯёи кор вуҷуд дорад, маънидод мекунад. Мавҷудияти бекорӣ да сатҳи муқаррарӣ, табиӣ рушди иқтисодии бетаваррумро таъмин менамояд. Ҳамин тавр, проблемаи таъмини пурраи шуғли аҳолӣ ба проблемаи нигоҳдории бекорӣ дар сатҳи табиӣ табдил меёбад.

Сатҳи бекорӣ ҳамчун таносуби шумораи бекорон нисбат ба қувваи корӣ (бо ҷои кор таъминбудагон + бекорон) муайян карда мешавад.

Инҳирофи бекории воқеӣ аз сатҳи табии худ ба оқибатҳои манфӣ барои иқтисодиёт оварда мерасонад.

Агар бекории барзиёд ҷой дошта бошад (воқеӣ беш аз табиӣ), ин маврид аз истифодаи нопурраи захираҳои меҳнатӣ шаҳодат медиҳад ва ба истеҳсолоти ғайрикифоя (ҳаҷми миллии истеҳсолот аз он ҳаҷме, ки дар сурати шуғли пурра метавонад бошад, камтар аст) оварда мерасонад. Мувофиқи қонуни Оукен: афзоиши бекории воқеӣ дар ҳаҷми 1% дар муқоиса ба сатҳи табии он ба талафоти маҷмӯи маҳсулоти миллӣ (ММM) дар ҳаҷми 2,5% оварда мерасонад. Масалан, агар сатҳи табии бекорӣ -5%, воқеӣ-10% ва ҳаҷми ММM истеҳсолшуда ба 1000 воҳиди пулӣ баробар бошад, истеҳсолоти ғайрикифоя дар кишвар 12,5 воҳиди пулиро Ҳ(0,1 – 0,05) x 0,025 x 1000] ташкил медиҳад. Созмонҳои мустақили байналмилалӣ доир ба вазъи шуғл ва нишондиҳандаҳои ба он алоқаманди ММД, маош, сатҳи бекорӣ ва муҳоҷирати қувваи корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотҳои зеринро пешкаш менамоянд:

**Диаграммаи 5.3.1.**

**Фоизи теъдоди бекорон дар моҳҳои соли 2013**




Манбаъ: маълумотҳо аз сомонаи http://russian.dushanbe.usembassy.gov/usaid.html

**в). Проблемаи ҷои корӣ.** Дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ равандҳои нав дар шуғли аҳолӣ пайдо мешаванд: камшавии ҳиссаи шуғлҳо дар секторҳои давлатӣ ва афзоиши машғулиятҳои ғайрирасмӣ, таъғирёбии сохтори шуғлҳои соҳавӣ, баландравии шумораи бекорон (махсусан бо тарзи пӯшида), афзоиши шуғлҳои нопурра, пастравии талабот ба қувваи корӣ, афзоиши муҳоҷирати меҳнатии ба қайд гирифта нашуда ба хориҷи кишвар, гуногун гаштани бозорҳои меҳнати минтақавӣ.

Имрӯзҳо дар кишвар дар суръат ва шумораи афзоишӣ аҳолии қобили меҳнат, микдор ва сифати ҷойҳои кории ташкилшуда нобаробариҳо мушоҳида мешаванд.Корхонаҳои калон наметавонанд ҷойҳои кории аз лиҳози технологӣ нав ташкил намоянд, ҳамзамон корхонаҳои хурди рӯ ба инкишоф имкониятҳои маҳдуд доранд.

Дар ин робита, зарурати таъмини мутобиқати нишондиҳандаҳои ададӣ ва сифатии авомили шахсӣ ва шайъии истеҳсолот дар ҷумҳурӣ пеш меояд.

Соли 2030 аҳолии кишвар ба зиёда аз 13 миллион нафар баробар мешавад.[1]

Панҷ соли охир дар ҷумҳурӣ, мувофиқи маълумотҳои расмӣ (Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои ҳарсолаи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон/ алҳол –Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон/), зиёда аз 600 ҳазор ҷойҳои корӣ таъсис дода шудааст. [2]

Дар сурати фаъолияти онҳо аққалан дар ду баст, ҳамаи муҳоҷирони ба сафар мебаромада метавонистанд дар худи ҷумҳурӣ ҷойҳои корӣ пайдо намоянд, ва мо ба қувваи кории иловагӣ ниёз медоштем.

Вале, шумораи муҳочирон кам намешавад ва нишондишандаҳои расмии бекорӣ боло рафта, шумораи ҷойҳои кории холии пешниҳодшаванда боло намеравад.

Аз ин лиҳоз зарур аст дақиқ муайян намудани ин ҷойҳои корӣ: аз рӯи тақсимоти соҳавӣ ва ҳудудӣ; аз рӯи хусусияти фаъолият – доимӣ (ченд баст), вақтӣ, фаслӣ; аз рӯи нишондиҳандаҳои сифатӣ – технологияи нави фаннӣ, механиконидашуда, маҳорати пасти касбӣ, дастӣ ва ғайра.

**г). Муҳочирати дохилӣ.** Муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ ба ташкилёбии бозори меҳнат, сатҳи зиндагонӣ ва бо кор таъмин будан аҳолии минтақаҳо вобастагӣ дорад. Ҳамин тариқ муҳоҷирати дохилӣ бо ду раванд байён карда мешавад- кӯчидан ва муҳоҷирати меҳнатии муввақатӣ

Муҳоҷирати дохилӣ дар Тоҷикистон ин сабаб ва натиҷаи проблемаҳои хос ба кишварҳое мебошад, ки дар онҳо иқтисодиёт рушд наёфтааст. Дар шароите ки институтҳо ва механизмҳои бозоргонӣ рушд наёфтаанд, муҳоҷират ба нишондиҳандаи фарққунандаи нобаробарӣ табдил меёбад: аз қабили проблемаи шадиди бо кор таъмин будан ва даромад ва ба муносибатҳои инкишофнаёфта дар бозорӣ меҳнат.

Муҳоҷират вобаста бо дигаркунии макони зисти ё тағйири маҳал бо мақсади кор ё таҳсил дар Тоҷикистон дар гузашта низ мушоҳида мешуд ва бо усулҳои маъмурӣ ба танзим дароварда мешуд. Дар ҳоли ҳозир муҳоҷирати дохилӣ зиёд гаштааст, аммо ин раванд сифатан таъғир ёфтааст, чунки сабабҳои муҳоҷират таъғир ёфтаанд.

Муҳоҷирати дохилӣ дар айни ҳол таҳти таъсири фактори “теладиҳӣ” бо сабаби маҳдудияти дастрасӣ ба манбаҳо ва имконияти истифодаи қувваи корӣ дар минтақаҳо ба амал меояд. Шаҳрвандон зуд-зуд ҳиҷрат мекунанд ва ҳатто дар ҳолатҳое, ки дар бораи шароити зиндагӣ ва ҷои кор дар минтақаи нав маълумоти саҳеҳ надоранд. Дар натиҷа, ин раванд барои рушди минтақаҳо, ҷалби қувваи корӣ монеъаҳо пеш оварда ба зиёд гаштани шуғлҳо дар соҳаҳои ғайрирасмии иқтисодӣ замина фароҳам месозад, ва ҳамзамон ба норасоии қувваи корӣ дар як қатор ноҳияҳо оварда мерасонад.

**Д) Муҳочирати хориҷӣ.** Муҳоҷирати хориҷӣ дар Тоҷикистон яке аз тавсифҳои асосии рушди иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва сиёсиро дар шароити муосир ташкил медиҳад.

Сарфи назар аз равандҳои зиёди мухолиф, имрӯзҳо муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ барои ба вуҷуд омадани синфи миёна дар Тоҷикистон яке аз заминаҳои асосӣ мебошад.Нишонаи асосии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ин характери ғайримуташаккил ва бесарусомонаи он мебошад. Бо вуҷуди равандҳои мухолиф, муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ имрӯзҳо яке аз шароити асосӣ барои ба вуҷуд омадани синфи миёна дар

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 26.04.2013.

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20.04.2012, ш.Душанбе;
http://nӯws.tj/қғ/nӯws/svyshӯ-205-tys-novykh-қaйochikh-mӯst-sozdano-v-tadzhikistanӯ-v-pқoshlom-godғ;
http://nӯws.tj/қғ/nӯws/йolӯӯ-35-tys-chӯlovӯk-tқғdoғstқoӯno-v-tadzhikistanӯ-v-2012-godғ

Тоҷикистон мебошад. Мувофиқи тадқиқоти коршиносон, талабот ба қувваи кории хориҷӣ дар давлатҳое, ки маъмулан муҳоҷирони Тоҷик мераванд ин ҳам бошад Русия ва Қазоқистон барои 50 соли дигар боқӣ хоҳад монд. Аз ҳамин лиҳоз ин раванд ба танзими давлатӣ ниёз дорад.

Яқинан на ҳамаи шаҳрвандоне, ки ба кишвари будубош ворид мешаванд, ҳатто дар синну соли қобили меҳнат, муҳоҷирони меҳнатиянд. Гузашта аз ин, на ҳар нафари воридшаванда мақсади воридшавии хешро воқеӣ мушаххас менамояд (ё мақсадҳои аслиро пинҳод медоранд, ё хостаро ба ҷои ҳақиқат пешкаш менамоянд). Аз ин ҷо – тафовути назаррас дар маълумотҳои воқеии даромад ва баромад, ки аз ҷониби сохторҳои мухталифи алоқаманд ва бетараф пешниҳод мегарданд.

Аз рӯи маълумотҳои Баруйхатгирии аҳолии соли 2010, дида мешавад, ки соли 1990 шумораи онҳое, ки кишварро тарк намуданд ба 81,2 ҳазор ва шумораи воридшудагон ба 22,2 ҳазор мерасид, ки муҳоҷирати холис (-)59 ҳазорро ташкил дод. Соли 1991 коҳиш дар шумораи воридшудагон то 20,0 ва шумораи онҳое, ки аз кишвар берун шуданд то 48,6 ҳазор нафар ба мушоҳида мерасад, ки муҳиҷирати холис тарҳ 28,6 ҳазор нафарро ташкил мекунад. Соли 1992 бо оғози ҷанги шаҳрвандӣ шумораи онҳое, ки аз кишвар берун шуданд то 104,7 ҳазор боло рафта, шумораи воридшудагон 11,3 ҳазор нафарро ташкил дод, ки дар ин маврид муҳоҷирати холис ба (-)93,4 ҳазор нафар баробар аст. Солҳои минбаъда тамоюли коҳиши сусти фаъолияти аҳолӣ нисбати муҳоҷирати берунӣ дида мешавад ва соли 2010 теъдоди нафарони аз кишвар баромада 5,4 ҳазор, воридшудагон 1,4 ҳазор ва муҳоҷирати холис (-) 4,0 ҳазор нафарро ташкил намуд. [3]

Аз ин лиҳоз, муайян намудани – чӣ гуна, кӣ ва дар кадом зинаи будубош дар кишвари вуруд муҳоҷири меҳнатӣ, ё муҳоҷири муқаррарӣ маҳсуб мешавад, зарур аст.

Баҳисобгирии ҳамаи нафарони аз кишвар берунраванда (новобаста аз ҷинс ва синну сол) дар ҷойҳои мавҷудияти нуқтаҳои тафтиши шиноснома – дар фурудгоҳҳо, истгоҳҳои роҳи оҳан, ва дар нуқтаҳои гузаргоҳи сарҳадӣ – бо наклиёти автомобилӣ, ё пиёда, гузаронида мешавад. Дар ин робита, дар Тоҷикистон вазъияти парадокси ба миён омадааст – аз рӯи маълумотҳои расмӣ, аз Бадахшони Кӯҳӣ мо ягон муҳоҷир берун аз кишвар надорем, чун ҳамаи нуқтаҳои тафтиши шиноснома дар пойтахт ва дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ҷойгир шудаанд.

Нишондиҳандаи бисёр муҳим, ки вобастагии воқеии иқтисоди миллиро аз интиқолии пулии муҳоҷирони корӣ инъикос мекунад. Ба иттилои мо, дар ягон бонк (ҳадди аққал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон) қайди расмии он, ки кадом ҳиссаи ҳамаи даромадҳои пулии берунаро интиқоли пулии бевоситаи муҳоҷирон ташкил медиҳад, бурда намешавад. Ва дар ғайри сурат ҳам буда наметавонад – дар акси ҳол сирри амонат ва интиқолҳои пулӣ вайрон мешавад. Бешубҳа, қисми муайян ва, шояд, ҳиссаи бузурги интиқолҳоро маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ташкил медиҳанд.

Аммо, барои муайян намудани ин бузургӣ гузаронидани тадқиқотҳои ихтисосӣ аз ҷониби мутахассисони мустақил ва ташкилотҳои бетараф лозим аст. Инчунин, таҳияи механизм барои дохил намудани ин ахборот ба маълумоти омории расмии миллӣ ва байнидавлатӣ зарур аст.

---

[3] Аз ҷониби мо дар асоси маълумотҳои зерин ҳисоб карда шудааст: Баруйхатгирии умумииттифоқии соли 1990: Баруйхатгирии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2000; Баруйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2012. Давомнокии истиқомат дар ҷои истиқомати доимӣ ва муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷилди IX. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2013.

Ба ҳар сурат, робитаи мутақобилаи интиқоли пулӣ ва коҳиши сатҳи камбизоатӣ дар кишвар возеҳу равшан аст (ниг. ба ҷадвали 1.).[4]

**Ҷадвали 5.3.1.**

**Интиқоли пулӣ ва коҳиши сатҳи камбизоатӣ**




Ҷадвали сурх – сатҳи камбизоатӣ

Ҷадвали кабуд – ҳаҷми интиқоли пулӣ нисбати ММД барои солҳои муносиб

**е) Ғайрирасмӣ ба кор таъмин будан.** Ғайрирасман ба кор таъмин будан расман ба қайд гирифта нашудааст, аммо ин фаъолияти меҳнатии қонунан иҷозат дода шудааст,ки муносибатҳои меҳнатии қонунӣ ё ки мустақилона ба кор таъмин буданро таъмин мекунад. Мафҳумҳои иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва ғайрирасман ба кор таъмин будан ҳамчун аломатҳои асосии фаъолияти хоҷагидорӣ қабул карда шудаанд,ки берун аз чаҳорчубаи қонунгузориҳои ҷорӣ, беқайдгирӣ ва беҳисобгирии фискалӣ, фаъолият мекунанд. Ғайрирасман ба кор таъмин будан дар намуди ҳозираш як падидаи нав дар бозори меҳнати кишвар мебошад, гарчанде ки шуғлҳои ҷудогонаи бақайдгирифтанашуда дар Тоҷикистон тоислоҳоти даврони шуравӣ вуҷуд доштанд. Ғайрирасман ба кор таъмин будан ҳамчун проблемаи анъанавии намудивазкарда то ба ҳол дар кишвар ҷой дорад.

Дар раванди гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ ҳаҷм, сохтор ва намуди шуғлҳои ғайрирасмӣ ва инчунин нақши он дар иқтисодиёт тағйир ёфтааст. Солҳои охир вай микёсҳои боз ҳам фаррохро касб карда аст ва ҳатто дар сатҳи мушоҳидаҳои оддии эмперикӣ маълум мегардад. Шуғли ғайрирасмӣ яке аз сегментҳои мустақили бозори меҳнат гардида, ба вазъи шуғли аҳолӣ ва ҳолати иҷтимоии-иқтисодӣ таъсир мерасонад.

Устувории микёсҳои шуғли ғайрирасмӣ ин ба талаботи хоси бозори меҳнат вобастагӣ дорад. Тадқиқотҳо дар кишвар нишон додан, ки шуғли ғайрирасмӣ зиёдтар дар корхонаҳои хурди хусусӣ ба назар мерасад, ки асосан дар соҳаи савдо, хизматрасонӣ ва сохтмон фаъолият мекунанд.

Сарфи назар аз паҳлӯҳои манфӣ, шуғли ғайрирасмӣ дар ҳақиқат ба кам кардани шумораи бекорӣ ва шиддати бекорӣ дар бозори меҳнат мусоидат менамояд. Нақши иҷтимоии шуғли ғайрирасмӣ имрӯзҳо яке аз сабабҳои муҳими пойдорӣ ва рушди ин падида мебошад.

Ҳамзамон, маҳз дар доираи шуғли ғайрирасмӣ ҳуқуқвайронкуниҳои меҳнатӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон сурат мегиранд ва маҳз дар ҳамин ҷо даромади аз ҳама паст ба қайд гирифта шуда, имконият барои худамаликунии касбӣ ва рушди инсонӣ вуҷуд надорад.

[4] Бен Слей – «Маҷмӯи масоили савдо ва рушди инсонӣ дар Осиёи Миёна»/ Презентатсия - Душанбе, 23 апрели соли 2014.

Рушди ба кор таъминкунии ғайрирасмӣ ба камбудии пардохтҳои иҷтимоӣ ва воридоти ками андоз дар ҳама сатҳҳо мусоидат мекунад, ки ба камбудии сармояи дохилӣ ва маблағгузории нокифояи соҳаи иҷтимоӣ оварда мерасонад, аз ҳама асосаш барои гузаронидани сиёсати пурсамари даромадҳо ва маош дар кишвар мусоидат намекунад.

**ж) Экология ва шуғл.** Муҳити зист, рушди иқисод ва камбизоатӣ дар Тоҷикистон зич бо ҳам алоқаманданд. Қисмати зиёди аҳоли кишвар аз таъсири омилҳои номусоиди муҳити зист ранҷ мекашанд, аз он ҷумла аз биёбоншавии заминҳо,и флосшавии сарчашмаҳои об ва таъсири ҳолатҳои фавқулода ба монанди хушксолӣ ва обхезӣ. Аммо, на танҳо шароитҳои табиӣ, мавқеи ҷуғрофӣ ва иқлими кишвар сабаб шуда метавонад, балки истифодаи нодурусти замин, кишти заминҳое ки дар нишебиҳо ҷойгиранд, бурриши дарахтон, аз ҳад зиёд истифодаи замин барои чарогоҳ, истифодаи технологияи нодурусти обёрӣ, кофӣ набудани чорабиниҳои нокифояи пешгирикунанда дар вақти сохтани ифрасохтори нақлиётӣ ва дигар инфрасохторҳо, коркарди маъданҳои кӯҳӣ ва дигар намуди коркардҳо, ки барои нигаҳдорӣ ва рушди хоҷагии қишлоқ таҳдид мекунанд.

Муҳоҷирати иҷборӣ бештар ва босуръат ба таъғирёбии омилҳо ва бадшавии муҳити зист мусоидат мекунад. Мувофиқи тадқиқоти байналмилалӣ таъғирёбии иқлим ба пайдоиши намуди нави гурезаҳо мусоидат мекунад, дар натиҷа қишри камбизоати аҳолӣ маҷбур мешаванд, ки аз маҳалҳои худ бо сабаби таъғирёбии иқлим ба дигар ҷойҳо муҳоҷрат кунанд.

Яке аз сабабҳои асосии муҳоҷирати аҳолӣ аз деҳот вобаста ба ҳолати бади заминҳои кишт мебошад, ки ҳосилхезиашон паст гаштаанд.

Хусусиятҳои хоси институтсионалии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунинанд:

а) Хислати хоси мутобиқгардонии бозори меҳнат ба вазъи иқтисодии нави ба амал омада. Он начандон дар камшавии шумораи одамони дорои шуғл, балки дар дифференсиатсияи қавӣ дар пардохти маош, ва инчунин дар давомнокӣ ва самаранокии он ифода меёбад.

й) Фосилаи афзоянда байни шумораи расмии бекорони бақайдгирифташуда ва теъдоди умумии онҳо, ки ҳамчун асоси номувозинатии бозори меҳнат баромад мекунад.

с) Инҳирофи музмини нарх дар бозори меҳнат аз нархҳои таодул, ки бо сабаби адами рушди сохтори институтсионалии ин бозор ба вуқуъ пайвастанд;

Барои таҳқиқи масоили ташаккули захираҳои меҳнатӣ тақсимкунии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ба ашхоси дорои шуғл ва бекорон аҳамияти муҳим дорад.

Мувофиқи методологияи Созмони байналмилалии меҳнат, ба онҳо гурӯҳҳои муайяни одамон шомиланд (Расми 5.3.1.).



Дар ин асно, метавон усулҳои асосии нуфузи давлатро ба сатҳи шуғл ҷудо намуд:

- Ҳавасмандгардонии ташкили ҷойҳои нави корӣ ва талабот ба меҳнат;
- Амалисозии чорабиниҳо оид ба ҳифз ва баландгардонии сатҳи шуғл дар корхонаҳо;
- Пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ;
- Танзими қонунгузории шарти қабул ба кор ва истифодаи қувваи корӣ;
- Ташкили бозомӯзии кадрҳо;
- Танзими ахборот оиди ҷойҳои кории холии мавҷуда.

**1. Саволҳо барои машғулиятҳои амалӣ:**

1. Нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ
2. Таъсири рушди иқтисодӣ ба рушди инсонӣ
3. Робитаи мутақобилаи рушди иқтисодӣ ва шуғл
4. Бозори меҳнат ва унсурҳои он
5. Шуғл дар ҶТ: мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо

2. **Саволҳо ва тестҳои санҷишӣ:**

1. Чаро рушди иқтисодӣ на ҳамеша ба рушди некӯаҳволӣ таъсир мегузорад?
2. Кадом унсурҳои РИ аз рушди иқтисодӣ вобастагӣ доранд?
3. Шуғл ва намудҳои он
4. Бозори меҳнат ва низоми трипартизм
5. Проблемаҳои шуғл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
6. Бекорӣ ва мавҷудияти ҷойҳои кории холӣ
7. Муҳоҷирати меҳнатӣ ва интиқоли пулӣ
8. Бозори меҳнат – ин:
   а) ҷузъи таркибии истеҳсолот
   б) низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки ба қабул ба кор ва пешниҳоди қувваи корӣ алоқамананд;
9. Сатҳи бекорӣ – ин:
   а) таносуби шумораи бекорон нисбат ба шумораи қувваи корӣ;
   б) суммаи сатҳҳои бекории фриксионӣ ва сохторӣ;
   в) ҳиссаи бекороне, ки ба сатҳи шуғли муносиб мувофиқ аст.
10. "Агар инсон дар синну соли қобили меҳнат кор накунад, вай бекор маҳсуб мешавад ". Ин ибрози назар...
   а) нодуруст; б) дуруст;
   в) дуруст аст дар сурате, ки агар ин шахс фаъолона дар ҷустуҷӯи кор бошад;
   г) дуруст аст дар сурате, ки агар ин шахс дар мактаби таҳсилоти умумӣ ва ё дар шӯъбаи рӯзонаи донишгоҳ таҳсил накунад.

11. Дар давоми поинравии бӯҳронии истеҳсолот ҳолатҳои зер мушоҳида мешаванд:
   а) афзоиши бекорӣ; б) афтиши бекорӣ; в) шуғл батағйир мемонад;

3. **Мавзӯҳои рефератҳо, презентатсияҳо:**

1. Рушди иқтисодӣ ва нишондиҳандаҳои он
2. Таъсири рушди иқтисодӣ ба рушди инсонӣ
3. Рушди инсонӣ ва шуғл
4. Бозори меҳнат дар ҶТ ва унсурҳои он
5. Шуғл дар ҶТ: мутобиқати омилҳои истеҳсолӣ
6. Бекорӣ ва намудҳои он

7. Механизми ташкили ҷойҳои нави корӣ
8. Муҳоҷират ва интиқоли пулӣ

**4. Рӯйхати адабиётҳои ҳатмии тавсияшаванда:**


1. Ҳисоботи миллӣ оид ба рушди инсонӣ дар солҳои 2008-2009 «Шуғл дар шароити рушди инсон». – Душанбе, 2010
2. Рушди инсонӣ. Курси лексияҳо. – Душанбе, 2012.
3. Усманова Т.Д. Масоили назариявӣ ва хусусиятҳои хоси фаъолияти бозори меҳнат дар шароити иқтисоди давраи гузариш (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон); Душанбе, соли 2006.
4. Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2013.


5. **Рӯйхати адабиётҳои иловагии тавсияшаванда:**


1. Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2013.
2. Вазъи бозори меҳнат – дар асоси тадқиқоти қувваи корӣ – солҳои 2004; 2009
3. Баруйхатгирии аҳолӣ ва тадқиқотҳои солона – демография, ҳисобҳои миллӣ, нархҳо, омӯзиши буҷаи хонаводаҳо, шул, хоҷагии ҷангал, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ, нақлиёт.
4. Гузориши Бонки Осиёии Рушд «Масоили тағйирёбии иқлим ва муҳоҷирати аҳолӣ дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором», соли 2012.
5. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ http://labour.tj/ http://mehnat.tj


## Мавзӯи 6. Сатҳи зиндагӣ, нобаробарӣ ва Рушди Инсонӣ

**6.1. Мафҳуми некӯаҳволӣ дар Консепсияи Рушди Инсонӣ.**
**6.2. Нобаробарии иқтисодӣ ва Рушди Инсонӣ.**
**6.3. Камбизоатӣ. Сиёсати давлатӣ оид ба мубориза бо камбизоатӣ.**

**6.1. Мафҳуми некӯаҳволӣ дар Консепсияи Рушди Инсонӣ**. Дар консепсияи рушди инсонӣ афзоиши сатҳи даромад ҳамчун яке аз муҳимтарин паҳлӯҳое дониста мешавад, ки ба вусъат ёфтани имкониятҳои инсон мусоидат менамояд. Бо вуҷуди ин алоқамандӣ байни афзоиши даромад ва рушди инсон натанҳо дар андухтани боигарӣ, инчунин дар шаклҳои тақсимот ва истифодаи он низ аён мегардад. Махсусан тақсимоти одилонаи захираҳо имкониятҳои интихоби инсонро барои тамоми узвҳои ҷомеа васеъ гардонда, инчунин барои баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ замина мегузорад. Алоқаи байни даромад ва ҳаёти инсон бояд ба воситаи стратегияи фикркардашудаи давлатӣ ташаккул ёфта, дар худ тадбирҳои сиёсати андозӣ-бюҷетӣ ва иҷтимоиро дар бар гирад. Чунин воситаҳо бояд ба беҳтар намудани сатҳи некӯаҳволии мардум, паст кардани сатҳи нобаробарӣ ва камбизоатӣ мусоидат намоянд.

Дар консепсияи рушди инсонӣ афзоиши дараҷаи даромадҳо ҳамчун яке аз воситаҳои асосие дониста мешавад, ки он ба вусъатёбии имкониятҳои инсон ва беҳтар намудани сатҳи некӯаҳволӣ оварда мерасонад.

Вале худ ба худ даромад, ки бо ченаки ММД андозагирӣ карда мешавад, ченкунандаи тақдирҳои инсонҳо маҳсуб намеёбад. Таърих мисолҳои зиёдеро пеши назар меорад, ки афзоиши ММД ба таври бояду шояд бо вусъатёбии озодии инсон, таҳкими

саломатии одамон ё дараҷаи бехатарии ҳаёти онҳо якҷоя ва ҳамоҳанг набуданд. Ҳолати мазкур хоси давлатҳои собиқ ИҶШС ва Аврупои Шарқӣ дар солҳои 1960 – 1980-ум буд. Илова бар он, тақсимоти нобаробари даромади миллӣ мунтазам ба он оварда мерасонд, ки рушди иқтисодиро зиёдшавии сатҳи камбизоатӣ дар ин ё он кишвар ҳамроҳи мекард. Масалан, дар ИМА, Британиёи Кабир, Зеландияи Нав, дар солҳои 1975-1995 суръатҳои устувори рушди ММД ба ҳар сари аҳолӣ ва ҳамзамон афзоиши ҳиссаи аҳолии камбизоат ба мушоҳида мерасид. Ғайр аз он, ММД бе назардошти як қатор паҳлӯҳои муҳими рушди инсонӣ андозагирӣ карда мешавад, масалан, вайронкунии муҳити табиат, тағйири иқлим, ташкили сиёсии ҷомеа ва ғайраҳо.

Миёни некӯаҳволии инсонӣ ва осоиштагии моддӣ набояд нишонаи баробариро гузошт, чунки талаботҳои ҳаётан зарури одамон аз чизҳои моддӣ дида бештару зиёдтаранд. Чӣ гуна ки Афлотун гуфта буд, «… боигарӣ – ин албатта неъмати бузург аст, лекин он ҳам бошад ба хотири чизи дигаре вуҷуд дорад». Аз рӯи ақидаи муаллифони консепсияи рушди инсонӣ, тавассути ин «як чизи дигар»-и барои одам имконият медиҳад, ки инсон иқтидори худро амалӣ намояд. Мавҷудияти чунин имконият дар мавҷуд будани озодии ҳақиқии интихобе зоҳир мегардад, ки барои пайдоиши он ба инсон натанҳо даромади кофӣ, балки дараҷаи муайяни маълумот, саломатии хуб, набудани ҷиноят ва маҳдудиятҳои сиёсӣ дар кишваре, ки зиндагӣ мекунад, даркор мебошад.

Дар иқтисоди муосир зери мафҳуми некӯаҳволӣ одатан некӯаҳволии субективиро мефаҳманд, дар ҳоле, ки сатҳи зиндагӣ ҳамчун нишондиҳандаи обективӣ, ки аз афкори одамони алоҳида вобастагӣ надорад, баррасӣ карда мешавад.

Аллакай таи чанд даҳсолаи охир сатҳи некӯаҳволии кишварҳои олам тавассути нишондиҳандаҳои руши иқтисодӣ ё афзоиши маҷмӯи махсулоти дохилӣ (ММД) бар ҳар сари аҳолӣ чен карда мешавад. Гарчанде ки афзалияти усули мазкур дар соддагӣ ва осонии тадбиқи он мебошад, далели оне, ки рушди иқтисодӣ низ ба баландшавии дараҷаи некӯаҳволии қишри зиёди аҳолии давлатҳои гуногун оварда нарасонд, зарурати тадбиқи нишондиҳандаи боз ҳам маҷмӯиро ба миён меорад, ки рушди инсониро низ зери назар қарор медиҳад.

Усули инсонро дар мадди назаи худ қарор дода, ки ба вусъатёбии имкониятҳо ва озодиҳои одамон равона шудааст, парадигмаи рушди инсонӣ ба камбаҳодиҳии аҳамияти афзоиши даромад ва маҳсулнокӣ намеорад. Ҳамзамон, онҳо танҳо «воситаҳо» дониста мешаванд, на ин ки «ҳадафҳои» рушд.

Маънои рушди инсонӣ ин фароҳам овардани чунин шароитҳое мебошад, ки дар онҳо одамон метавонанд ба нерӯи худ пурра таҳким бахшанд, ҳаёти пурсамар ва эҷодӣ дар мувофиқа бо талаботҳову манфиатҳои худ ба сар баранд.

Дар муносибатҳои байни андӯхтани боигарӣ ва рушди инсонӣ чизи муайянкунанда на таншо суръати зиёдшавии боигарӣ аст, балки чӣ гуна истифода шудани он аз ҷониби одамон мебошад. Ҷомеа метавонад қисми зиёди захираҳои мавҷударо барои мусаллаҳшавӣ сарф кунад, ё ин ки маблағи бештарро барои рушди маориф равона кунад. Гурӯҳи камшумори одамони сарватманд метавонад қисми зиёди номутаносиби даромади миллиро истеъмол намуда, қисми зиёди аҳолиро маҳкуми қашшоқӣ намоянд.

Фарди алоҳида метавонад як қисми даромади худро ба моддаҳои нашъаовар сарф намояд, ё ин ки метавонад маҳсулотҳои аввалиндараҷаи истеъмолӣ харидорӣ намояд. На

худи ҷараёни андӯхтани боигарӣ аҳамият дорад, балки он интихобе, ки одамон ва ҷомеа бо тақсимоти он мебошад.

**6.2. Нобаробарии иқтисодӣ ва Рушди Инсонӣ.** Баробарӣ ва муқобилияти он – нобаробарӣ, категорияҳои бисёрченаи мураккаб мебошанд. Нисбати нобаробарӣ (ва албатта дар бораи баробарӣ) дар даромадҳо ва некӯаҳволӣ, дар гирифтани фоиданокӣ аз ҳамон неъматҳо, озодиҳо ва ҳуқуқҳои сиёсӣ, нобаробарӣ дар назди марг ва ғайра сухан гуфтан мумкин аст. Барои фаҳмидани ҳамаи системаҳои нобаробарӣ дар ҷомеа фарқияти байни гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиву демографӣ, байни кишварҳо ва минтақаҳои ин кишварҳо бояд зери таҳқиқи қарор дода шавад.

Миёни шаклҳои гуногуни нобаробарӣ нобаробарии иқтисодӣ нақши хосаро мебозад, ки зери он дар навбати аввал фарқи байни одамон ва гурӯҳҳои алоҳидаи одамон аз рӯи бузургии даромади онҳо ва боигарии андӯхта фаҳмида мешавад. Идомаи табиии нобаробарӣ дар даромадҳо ин фарқиятҳои байни сатҳи хароҷот ва истеъмолот ба ҳисоб меравананд. Даромад ба одамон имкон медиҳад, ки онҳо молҳои боз ҳом гуногуншаклу озӯқаворӣ  харидорӣ кунанд ва ашёҳои боз ҳам мукаммалу хизматрасониҳои босифат истифода намоянд, ки онҳоро дар шароити хоҷагии хона фароҳам овардан номумкин мебошад. Монетаризатсияи ҷомеа юа он оварда мерасонад, ки истеъмолоти қисми бештари аҳолии сайёра аз даромади пули шахсӣ вобастагӣ дорад. Аз он ки масъалаи нобаробарии иқтисодӣ мунтаззам дар маркази диққати доираҳои аз ҳама васеъ қарор мегирад, боиси ҳайрат ҳам нест.

«Барои  дилхоҳ ҷомеаи инсонӣ дастрасии нобаробар ба захираҳо ва инъомҳо воқеияти асосӣ маҳсуб меёбад». Сарватмандӣ ва камбизоатӣ мавзӯҳои сайёра ба ҳисоб рафта, байни онҳоро фаъолиятҳои зиёди иқтисодӣ, мухолифтаҳо ва проблемаҳои иҷтимоӣ ва  фаро гирифтаанд. Ҳамзамон, нобаробарии иқтисодӣ бештар таҳти ченкунӣ қарор мегирад нисбат ба, масалан, нобаробарӣ дар соҳаи давомнокии умр ва саломатӣ.

Табиати нобаробарии иқтисодӣ низ хеле гуногуншакл аст. Вале умуман, сабабҳоеро, ки боиси пайдоиши он мегарданд, метавон ба 2 гурӯҳ тақсим кард. Гурӯҳи якум як қатор сифатҳои шахсии одамонро дар мегирад, ки ба имконияти гирифтани ин ё он сатҳи даромад ва хусусиятҳои истеъмоли инсон таъсир мерасонанд. Аз ҷумлаи онҳо, ҷинс ва синну сол, вазъи оилавӣ ва марҳилаи рушди оила, хусусияти талаботҳо ва шавқу рағбатҳо, қобилиятҳо ва аломатҳои равонӣ, маориф ва ғайраҳо қобили қайд мебошанд. Ба гурӯҳи дуюми сабабҳо хусусиятҳои механизми тақсимоти даромади миллӣ ё ҷаҳонӣ ва боигарӣ, ё ин ки поймолкунии мустақими ҳуқуқ дохил мешаванд, ки ба гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ба таври нобаробар дастрасӣ ба захираҳо  фароҳам меорад. Бинобар ин, бо мақсади муайян намудани сабабҳои ҳақиқии нобаробариии иқтисодӣ одамон ё гурӯҳҳои онҳоро бояд на танҳо аз рӯи нишондиҳандаҳои даромад ё боигарӣ, инчунин аз рӯи доираи аз ҳама васеи аломатҳои иҷтимоӣ, демографӣ, ҷуғрофӣ ва дигар муқоиса кард.

Фарқияти аз ҳад зиёд дар шароитҳои моддӣ ва имкониятҳои ҳаётӣ ба он таъсири мустақим мерасонанд, ки одамон кӣ шуда метавонанд ва чӣ амалро иҷро карда метавонанд, ба қавли дигар, ба тавони инсон.

Нобаробарии иқтисодӣ ин ҷониби муқаррарии ҳаёти иҷтимоӣ ба шумор меравад, чунки одамон аз рӯи аломатҳои шахсии худ ва шароитҳои фаъолияти ҳаёташон аз якдигар фарқ мекунанд. Вале дараҷаи баланди нобаробарии иқтисодӣ, ки бо сабаби номукаммалии механизмҳои тақсимкунанда ё поймолкунии ҳуқуқ ба миён меояд, боиси дастрасии

нобаробар ба захираҳои мегардад. Дар натиҷа имкониятҳои гуногун барои рушди гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ фароҳам оварда мешаванд. «Аз рӯи миқёс ва ниҳояти рушди истеъмолот дар қарни XX бесобиқаи худ нобаробарӣ дар тақсимот бо норасогиҳои калон ва ноадолатии тоқатнопазир хос мебошад». Камбизоатӣ – яке аз проблемаҳои калидии замони муосир – духтари худи нобаробарӣ дар даромадҳо ба шумор меравад.

Нобаробарӣ аз рӯи даромадҳо ва неъматҳои моддии дохили кишвар омили аввалиндараҷаест барои мавҷудияти номтаносибӣ дар рушди инсонӣ миёни бою камбағалон, мардону занон, шаҳру қишлоқҷойҳо, миёни минтақаҳои мухталиф ва қишрҳои аҳолӣ. Дар навбати худ нобаробарии иқтисодӣ ба шакли маҳдудшуда вуҷуд надорад. Он тавассути нобаробарӣ дар соҳаи иҷтимоӣ-сиёсӣ вусъат меёбад: дар дастрасӣ ба маориф, ба системаи тандурустӣ, ба институтҳои сиёсб ва ғайраҳо. Дар натиҷа механизмҳо ва сохторҳои иҷтимоӣ эҷод мегарданд, ки системаи ба миён омадаи тақсимоти неъматҳоро дар давоми умри якчанд наслҳо нигоҳ медоранд.

Дар сурати дараҷаҳои шадиди нобаробарӣ чунин вазъият еба миён омада метавонад, ки самараҳои рушди иқтисодӣ аз тарафи ҳиссаи камтари аҳолӣ истифода хоҳанд шуд, дар ҳоле, ки сатҳи зиндагӣ ҳиссаи зиёд коҳиш меёбад.

**6.3. Камбизоатӣ. Сиёсати давлатии оид ба мубориза бо камбизоатӣ**. Ба дастовардхои назарраси рушди иктисодии даҳсолаҳои охир нигоҳ накарда, камбизоатӣ – яке аз пробеламаҳои глобалӣ аст, ки хал ношуда боқӣ мемонад. Камбизоатӣ яке аз монеаҳои асосӣ дар роҳи вусъати имкониятҳои инсон маҳсуб меёбад. Дар айни замон, зиёда аз миллиард нафар одамон аз давлатҳои гуногуни ҷаҳон аз ҳисоби қашшоқӣ ва камғизогӣ азият мекашанд. Аз ин сабаб, мубориза алайҳи шаклҳои шадиди камбизоатӣ дар мади аввали ҳадафҳои асосии рушд номбар шуда, дар Эъломияи ҳазорсола, ки аз ҷониби 189 давлат-аъзоҳои Созмони Милали Муттаҳид дар Саммити ҳазорсола моҳи сентябри соли 2000 қабул гардида буд, матраҳ карда шудаанд.

Дар солҳои 1960-1970-ум чунин нуқтаи назаре васеъ паҳн гашта буд, ки афзоиши пуравҷи иҷтисодӣ ба таври худкор масъалаи камбизоатиро ҳаллу фасл менамояд.

Бо вуҷуди ин вақт мегузарад, аммо проблема боқӣ боқӣ мемонад: чун пештара давлатҳою минтақаҳои камбағал то кунун вуҷуд доранд, мисли пешвақта миллионҳо нафар одамон дар давлатҳои чӣ камбағал ва чӣ бой барои зиндагонӣ мубориза мебаранд. Ин қисман марбут ба бесамарии сиёсати иҷтимоӣ бо сабаби муайянкунии носаҳеҳи камбизоатӣ ва фаҳмиши омилҳои он ва нодуруст ҷудокунии қишрҳои камбағали аҳолӣ мебошад. Муайянкунӣ ва андозагирии камбизоатӣ вазифаи боз ҳам душворро пеши рӯ меорад, нисбат ба оне, ки дар нигоҳи аввал ба назар мерасад. Посуххо ба чунин масъалаҳои умда мисли: «Кӣ камбизоат маҳсуб меёбад?», «Дар куҷо хати камбизоатиро гузоштан даркор?», - ҳаммаъно нестанд ва аз бисёр ҷиҳатҳо аз манфиатҳои ҳокими ҷомеа вобастагӣ доранд.

Якчанд усули муайян намудани камбизоатӣ мавҷуд аст. Дар ду усули одатӣ камбизоатӣ – мутлақ ва нисбӣ – махсусан ба даромад ва истеъмол марбут мебошад. Дар ҷаҳони муосир мафҳуми камбизоатӣ васеъ гардидааст: он аксари вақт чун падидаи бисёрпаҳлӯ дониста шуда, аз доираи муайяни ҳадди аққали даромаду хароҷотҳо берун фаҳмида мешавад. Дар консепсияи «рушди инсонӣ» чунин аст, ки коҳиш додани миқёси

камбизоатӣ тавассути марбут сохтани моҳияти он танҳо ба як тарафи ҳаёти одамон – неъматҳои моддӣ – номумкин мебошад.

***Камбизоатӣ аз рӯи даромад***. Нахустин мафҳуми камбизоатӣ, ки дертар номи «**камбизоатии мутлақ**»-ро доро гардид, ҳанӯз дар охири асри ҶІҶ дар Англия мухтасаран ифода гардида буд. Он дар афкори чӣ илмӣ ва чӣ сиёсати иҷтимоии миёнаи аввали асри XX бартарӣ дошт. Камбизоатии мутлақ дар нотавон будани оила дар даромадҳои пулӣ ҷиҳати қонеъ гардондани талаботҳои аввалиндараҷа ба хӯрока, либос ва манзил зоҳир мегардад. Дар замони муосир, консепсияи камбизоатии мутлақ дар заминаи таърифи расмии камбизоатӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, аксари кишварҳои дорои иқтисоди гузариш, инчунин дар ИМА вогузор карда шудааст.

Тамоман камбизоат он фарде ҳисоб мешавад, ки даромадҳои ӯ дар аз сатҳи муқарраргардидаи ҳадди ақкал пасттар қарор дорад. Ин ҳадди ақкал камбизоатии сиёҳ ном дорад. Мафҳуми камбизоатии мутлақ ба муқарар намудани ҳадди ақкали номгӯи талаботҳои асосӣ (қути лоямут) ва андозаи захираҳое, ки барои қонеъ гардондани ин гуна талаботҳо лозиманд, асос гирифтааст. Се усул муайян намудани камбизоатии мутлақ вуҷуд дорад. Дар аввал – усули арзиши эҳтиёҷоти аввалиндараҷа (thӯ cost+of+ӣasic+nӯӯds mӯthod) – хати камбизоатӣ дар доираи арзиши талаботҳои аввалиндараҷаи инсон (озӯқаворӣ ва ғайриозуқаворӣ) муқаррар карда мешавад. Асоси усули дуюмро – усули хӯрока+энергия (thӯ food+ӯnӯқgy mӯthod) – ин чен кардани эҳтиёҷоти энергетикии (меъёрҳои физиологии зарурии истеъмоли калория, сафедаҳо, чарб ва карбогидратҳо) инсон ба махсулотҳои озӯқаворӣ ташкил мекунад. Усули сеюм – усули ҳиссаи+хӯрока – ин истифодаи ҳиссаи камтарин хароҷот барои сабади истеъмолӣ (тақрибан 30%) ба арзиши тамоми сабади истеъмолӣ мебошад. Усули якум барои муайян намудани хати миллии камбизоатӣ дар кишварҳои дорои иқтисоди гузариш мавриди истифода қарор мегирад, аз он ҷумла дар Руссия ва бисёр давлатҳои ҷаҳони сеюм, дуюм  дар як қатор давлатҳои камбизоаттарини ҷаҳони сеюм, ки дар онҳо то ҳол шаклҳои натуралии хоҷагидорӣ паҳн гаштааст, сеюм – дар ИМА.

Дар муқоиса бо консепсияи камбизоатии мутлақ дар доираи консепсияи камбизоатии нисбӣ, дар ҳақиқат, бартарафнашавандагии падидаи иҷтимоии мазкур мавриди тасдиқ қарор мегирад. Ҳамин тариқ, агар ҳудуди муайяни камбизоатии мутлақ ҳангоми гузарондани сиёсати дахлдори давлатӣ бартараф карда шавад, то он дам ҳудуди нисбии камбизоатӣ доимо арзи вуҷуд менамояд. Ҳатто системаҳои эгалитарии тақсимоти даромадҳо, чун таърих нишон медиҳад, фақат парокандашавии даромадҳоро метавонанд кам кунанд.

**Муайян кардани сатҳи камбизоатӣ барои аҳолии кишварҳои рӯ ба тараққӣ (ИНН-1).** Ба сифати ҷузъҳои асосии шохиси қашшоқии аҳолӣ дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ дар замони муосир нишондиҳандаҳои зайл мавриди истифода қарор доранд:

*P1* – ҳиссаи нафароне, ки то сини 40 ум намебинанд;

*P2* – ҳиссаи нафарони бесавод аз шумораи умумии аҳолии синну солашоон калон;

*P3* – нишондиҳандаи таркибии некӯаҳволии моддӣ иборат аст аз:

• *P31* – ҳиссаи аҳолие, ки барояшон оби тоза дастрас нест;

• *P32* – ҳиссаи кӯдакони синну солашон то 5 сола дорои вазни нокифоя.

Нишондиҳандаи таркибии *P3* баробар аст ба:

*P3=(P31 + P32 )/2*

Формула барои ҳисоб намудани ИНН+1 чунин шакл дорад:

$ИНН\text{-}1 = Ҳ(P_1^3 + P_2^3 + P_3^3)/3]^{1/3}$

Шохиси кабизоатӣ нишон медиҳад, ки кадом ҳиссаи аҳолии мамлакатҳо ё минтақаҳои рӯ ба тараққӣ аз се паҳлӯҳои фаъолияти ҳаёти маҳрум ҳастанд: тандурустӣ, маориф ва неъматҳои моддӣ. Дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои даромади камбизоатӣ шохиси зикргардида миқёси камбизоатиро, дар шакли маҳдудият дар имкониятҳои қонеъ намудани талаботҳои аввалиндараҷаи инсон  боз ҳам муфассалтар чен мекунад. Интихоби нишондиҳандаҳои номбаршуда аввало тавассути идеологияи консепсияи рушди инсонӣ, ва дуввум тавассути мавҷуд будани иттилооти боэътимод ва дақиқ барои муқоисакунии байнидавлатӣ муайян карда мешавад.

**Муайянсозии миқёси камбизоатӣ**. Азбаски хусусияти маҳрумкунӣ вобаста ба шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа тағйир меёбанд, шохиси махсуси камбизоатӣ барои кишварҳои аз ҷиҳати саноатӣ пешрафта пешниҳод карда шуд. Он диққати хосаи худро ба миқёси маҳрумкунӣ аз рӯи ҳамон се паҳлӯи рушди инсонӣ, яъне чӣ гунае, ки бо ИНН+1 мебошад, вале бо он нишондиҳандаҳое, ки хусусияти иҷтимоӣ-иқтисодии кишварҳои азҷиҳати саноатӣ пешрафтаро равшантар инъикос менамояд, равона мекунад.  Илова бар ин, дар он паҳлӯи ҷаҳорму – маҳдудияти иҷтимоӣ ба назар гирифта мешавад, ки чен кардани сатҳи он барои бисёр кишварҳои рӯ ба тараққӣ номумкин аст.

Хусусияти маҳрумкунӣ, ки инсон аз сараш мегузаронад, аз шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодие вобаста аст, ки давлат ва ё гурӯҳи алоҳидаи одамон дар онҳо қарор доранд. Дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ ба сифати омилҳои маҳдудкунанда ин гуруснагӣ, эпидемия ва таъмини нокофӣ бо захираҳои иқтисодӣ дохил карда мешаванд, ки дар натиҷа қисми зиёди аҳолӣ соҳиби маълумот шуда наметавонанд, хизматрасонии соҳаи тандурустӣ ба онҳо дастрас нестанд, он дорои макони хуби зист нест, системаи дастгирии санитарӣ-гигиенӣ пеш нарафтааст. Ҳамаи ин проблемаҳо дар давлатҳои мутараққӣ ҳалли худро ёфтаанд.

Бинобар ин, дар он ҷо шаклҳои пайдоиши камбағалӣ дорои дигар ифода мебошанд, аз он ҷумла проблемаи маҳдудияти иҷтимоӣ.

Ҳамин тариқ, шохиси камбизоатии аҳолӣ барои кишварҳои мутараққӣ дар худ дигар нишондиҳандаҳоро дар бар мегирад, аз он ҷумла:

*P1* – ҳиссаи афроде, ки то синни 60 солагӣ умр намебинанд;

*P2* – ҳиссаи аҳолии бесаводи фаъол ба шумораи умумии аҳолии калонсол;

*P3* – ҳиссаи камбағалон аз рӯи даромад (хати камбизоатӣ ба 50%-и даромади шахсии медианагӣ баробар мебошад);

*P4* – сатҳи бекории бозистода (муддати 12 моҳ ё зиёдтар бекор будан).

Формула барои ҳисоби ИНН+2 ду шакл дорад:

**ИНН-1** $= Ҳ(P_1^3 + P_2^3 + P_3^3 + P_4^3)/4]^{1/3}$

Ғайр аз сатҳҳои мутлақи камбизоатии мутлақ дар таҷрибаи қиёси байналмилалӣ ҳудудҳои универсалии камбизоатӣ ба таври васеъ истифода мешаванд, ки аз ҷониби коршиносони Бонки Умумиҷаҳонӣ ба табъ расидаанд.

Тибқи классификатсияи мазкур, дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ камбизоат фарде маҳсуб меёбад, ки даромади солонаи он аз 375 доллар камтар мебошад (бо назардошти

ПҚХ бо доллари амрикоӣ аз рӯи нархҳои с. 1985). Ба қавли дигар, даромади одами камбағал аз 1 доллари байналмилалӣ ба ҳар як рӯз камтар мебошад. Аз соли 1990 шурӯъ карда, ҳиссаи қисмати камбизоаттари аҳолии сайёраи Замин дар маҷмӯъ аз 20 то 21% коҳиш ёфт. Вале тибқи ҳисобкунии мутлақ ин чунин маъно дорад, ки имрӯз зиёда аз 1 млрд одам аз хати камбизоатӣ поён қарор доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Сиёсати давлатии мубориза бар зидди қашшоқӣ тавассути Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ амалӣ карда мешавад. Аз соли 2002 то 2006 дар доираи Санади Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ нахустин Сиёсати ҳамоҳангсохтаи давлатии устувор намудани ва паст кардани камбизоатӣ дар амал тадбиқ гардида буд.

Дар соли 2007, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 қабул гардид, ки дар доираи он Стратегияҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2007-2009 ва 2010-2012 тадбиқ шуданд ва тадбиқ шуда истодаанд.

**Ҷадвали 1.**

**Тағйирот дар шумораи камбизоатон дар Тоҷикистон**
**(аз рӯи паритети қобилияти харидорӣ 2,15 доллар дар як рӯз – хати камабизоатӣ)**
**Барои солҳои 1999, 2003, 2007 ва 2009 (бо ҳисоби фоиз)**

| | Ҳамагӣ | Шаҳр | Деҳот |
|---|---|---|---|
| **1999** | 83,0 | 73,0 | 84,0 |
| **2003** | 63,5 | 59,1 | 65,1 |
| **2007** | 40,9 | 40,3 | 41,1 |
| **2009*** | 39,6 | 30,3 | 43,4 |
| **2011** | 42** | | |

- Аз соли 2009 сар карда интихоб ва методологияи гузаронидани ТСЗ тағйир ёфтааст. *Манбаъ: Натиҷаи таҳқиқи сатҳи зиндагӣ дар Тоҷикистон солҳои 1999, 2003, 2007 ва 2009.*

** *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон* 20.04.2012

Натичаҳои ба даст овардашуда имкони гузаштан ба таҳияи сиёсати нави рушди босифатро фароҳам меорад, ки дар доираи Стратегияи миёнамӯҳлати баланд бардоштани некӯаҳволи одамон дар Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 тадбиқ мешаванд.

**1. Саволҳо барои машғулиятҳои амалӣ:**

1. Рушди иқтисодӣ ва некӯаҳволӣ
2. Шуғл, даромадҳо ва некӯаҳволӣ
3. Нобарбарии иқтисодӣ ва дастрасӣ ба захираҳо
4. Камбизоатӣ ва ченкунии он
5. Нақши давлат дар мубориза бо камбизоатӣ

Механизмҳои паст намудани сатҳи камбизоатӣ

**2. Саволҳои санҷишӣ ва тестҳо:**

1. Пастшавии дараҷаи нобаробарӣ дар тақсимоти даромадҳо дар хати каҷи Лоренс ба таври зайл инъикос меёбад:

а) тавассути тағйири хати каҷи тақсимоти воқеӣ ба боло;

б) тавассути тағйири хати каҷи тақсимоти воқеӣ ба поён;
в) тавассути наздикшавии хати каҷи тақсимоти воқеӣ ба биссектриса;
г) мувофиқ омадани хати каҷи тақсимоти воқеӣ бо биссектриса.

2. Дар айни замон, СММ ба сифати нишондиҳандаи асосии ҷамъбасткунандаи дараҷаи тараққиёти давлат аз инҳо истифода мебарад:
а) ММД ба сари аҳолӣ; б) даромади миллӣ ба сари аҳолӣ;
в) шохиси рушди инсонӣ; г) суръати рушди иқтисодӣ.

3. Дар марҳилаи кунунӣ талошҳои Тоҷикистон ба инҳо равонаанд:
а) ба иқтисоди бозоргонии тоза б) ба иқтисодиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ
в) ба низоми бозорӣ-иқтисодии дорои сатҳи баланди зиндагӣ, инчунин хароҷоти иҷтимоӣ
г) ба иқтисоди дорои ҳиссаи баланди танзимгардонии давлатӣ

4. Дар Тоҷикистон ба ҳайси ҳадди камбизоатӣ инҳо истифода мешаванд:
а) ҳадди ақкал б) маоши воқеӣ в) маоши ҳадди ақкал г) паритети қобилияти харидорӣ

5. Кадом гурӯҳҳои иҷтимоии одамон дар шароити таварруми босуръат ба кӯмаки давлат бештар ниёз пайдо мекунанд:
а) ашхосе, ки афзоиши даромади номиналиашон аз афзоиши нархҳо ақиб мемонад;
б) иштироккунандагони иқтисоди «соягӣ»;
в) ашхоси дорои даромади номиналии муқарраршуда;
г) соҳибкороне, ки маҳсулотҳои истеъмолӣ истеҳсол менамоянд;

6. Сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон дар асоси зерин муайян карда мешавад:
а) ҳадди ақкал б) суръати рушди иқтисодӣ в) маоши ҳадди ақкал
г) паритети қобилияти харидорӣ

**3. Мавзӯъҳои рефератҳо, презентатсияҳо:**

1. Мафҳуми некӯаҳволӣ дар Консепсияи Рушди Инсонӣ.
2. Нобаробарии иқтисодӣ ва рушди инсонӣ.
3. Нобаробарӣ дар тақсимоти даромадҳо.
4. Гурӯҳҳои иҷтимоан осебпазири одамон.
5. Камбизоатӣ.
6. Сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон.
7. Сиёсати давлатӣ дар мубориза бо камбизоатӣ.

**4. Рӯйхати адабиётҳои ҳатмии тавсияшаванда:**


1. Рушди инсонӣ. Курси лексияҳо. – Душанбе, 2012.
2. Рушди инсонӣ. Китоби дарсӣ. – Т.: ДИҶД, БРСММ, 2008.
3. Рушди инсонӣ: ченкунии нави пешравии иҷтимоӣ-иқтисодӣ: Маводи таълимӣ /Таҳти таҳрири умумии проф. Колесов В.П. (факултаи иқтисодиёти ДДМ) ва Маккинли Т. (БРСММ, Ню-Йорк). – М.: Ҳуқуқи башар, 2008.


**5. Рӯйхати адабиётҳои иловагии тавсияшаванда**


1. Стратегияҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ҶТ барои солҳои 2007-2009; 2010-2012.
2. Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистое барои солҳои 2013-2015.
3. Ҳадафҳои рушди ҳазорсола: Созишнома байни халқиятҳо оид ба аз байн бурдани фақри башарият //Гузориш оид ба рушди инсонӣ, БРСММ. 2003.

**Мавзӯи 7. Рушди инсонӣ дар заминаи стратегияҳои рушд**

7.1. **Стратегияи Миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 ва Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015.**
7.2. **Ҷабҳаҳои иҷтимоии Рушди Инсонӣ; маъориф ва илм.**
7.3. **Рушди тандуурстӣ ва таъмини шароити беҳдошти солимии аҳолӣ.**
7.4. **Таъмини дастрасии аҳолӣ ба оби тоза, шароити санитарӣ ва хизматрасониҳои коммуналӣ.**
7.5. **Таъмини суботи экологӣ ва рушди устувор.**

**7.1. Стратегияи Миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 ва Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015гг.** Соли 2005, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон Президенти кишвар ташаббус намуданд, ки Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 (СМР) ва Стратегияи миёнамӯҳлати паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (СПСК) таҳия гарданд. Марҳилаҳои якум ва дуюм барои давраҳои 2007-2009 ва 2010-2012 муваффақона тадбиқ гардида, дар айни замон Стратегияи баланд сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар ҳоли тадбиқ қарор дорад.

Вобаста ба ин, фаъолиятҳои стратегияҳои миёнамӯҳлат дар доираи ҳадафу авлавиятҳои СМР, алалхусус рушди нерӯи инсонӣ ба роҳ монда шудаанд.

Чун СМР фаъолиятҳои стратегияҳои миёнамӯҳлат баҳри рушди секторҳои иҷтимоӣ равонаанд ба васеъшавии дастрасӣ ба хизматрасониҳои заминавии иҷтимоӣ мусоидат менамоянд; тақвияти низоми тандурустӣ; рушди низоми маориф ва илм; васегардонии дастрасӣ ба таъминоти об, шароити санитарӣ ва ХМК; такмили ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; таъмини баробарии гендерӣ ва таъмини суботи экологӣ.

Стратегияҳо, барномаҳо ва нақшаҳои рушди давлатӣ, соҳавӣ ва минтақавии қабулшуда ва таҳияшуда ба тадбиқи СМР равона мегарданд, ки дар навбати худ онҳо ба баланд бардоштани нерӯи инсонӣ равона шудаанд.

**7.2. Ҷабҳаҳои иҷтимоии Рушди Инсонӣ; маориф ва илм**. Яке аз ҳадафҳои муҳимтарини стратегияҳои рушди давлат ин васеъ намудани имкониятҳои нерӯи инсон, яъне таъмини некӯаҳволии куллӣ ва рушди ҳамаҷонибаи тамоми аъзоёни ҷамъият дониста мешавад. Нақши инсон ва мавҷудияти он аз рӯи он муқаррар мегардад, ки вай ҳам омили қувваҳои истеҳсолкунанда ва ҳам субекти муносибатҳои истеҳсолӣ ва ҳамаи дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Шахсан инсон тамоми шаклҳои муносибатҳои ҷамъиятиро дар амал тадбиқ менамояд. Даромад яке аз ҷузъиётҳои хеле муҳим, вале на ягонаи ҳаёти инсон мебошад. Саломатӣ, маориф, ғизо, озодӣ ва таъмини иҷтимоӣ – ҷузъиётҳои ҳаётан муҳими некӯаҳволӣ ва рушди инсонӣ.

Моҳияти рушди инсон ба гурӯҳҳои алоҳидаи аҳоли баъзе давлатҳо маҳдуд нашуда, ҷамъиятро дар миқёси глобалӣ фаро мегирад. Ҳамаи одамон бояд дар madди назари рушд қарор дошт бошанд. Аз рӯи гуфтаҳои тадқиқотчиёни СММ, он бояд рушди инсон, барои беҳбудии инсон ва тавассути иштироки инсон бошад. Консепсияи рушди инсонӣ аз он сарчашма мегирад, ки ҳар як ҷамъият бояд барои маориф, тандурустӣ, ғизо ва ҳифзи иҷтимоии аъзоёни худ воситаҳои моддӣ ҷудо намояд, то ин ки онҳо тавонанд дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат нақши худро бозанд.

Давраи гузариши Тоҷикистон, ки бо мушкилиҳои ҷиддии сиёсиву иқтисодиаш хос мебошад, ба бадшавии ногаҳонии вазъи тандурустӣ, маориф ва илм, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, таъминоти об, санитарӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ (ХМК), экология ва муносибатҳои гендерӣ, коҳиш ёфтани дастрасии мардум ба хизматрасониҳои босифати

иҷтимоӣ, пастшавии вазъи зиндагӣ оварда расонд. Ин ва дигар омилҳо ба куллӣ тавонистанд ба сифати нерӯи инсонӣ таъсири худрорасонанд ва имконятҳои онҳоро маҳдуд созанд.

Дар навбати аввал сабаби ин дар набуданиислоҳотҳои назаррас ва ба ҳамдигар пайваста дар худи соҳаи иҷтимоӣ, маблағгузории нокифоя дар секторҳои иҷтимоӣ, паст гардидани иқтидори кадрӣ ва заминаи моддӣ-техникии онҳо, ҷой доштани усулҳои бесамсари харочоти хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ки дар замони шӯравӣ ба вуҷуд омада буд, дониста мешавад.

Сиёсати иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ бояд комилан заминаи дигари хизматрасониҳои иҷтимоиро тақозо намуда, гузариш ба низоми дар имкониятҳои мавҷударо ба ба нақша гирад, фарқияти аҳолӣ аз рӯи сатҳи камбизоатӣ ва дигар омилҳои осебпазиркунанда ба ҳисоб гирад. Он бояд баҳои воқеии он ҳолатеро дар бар гирад, ки тадбиқи он дар доираи имкониятҳои маблағгузорӣ ҳатмӣ дониста мешавад.

Ғайр аз он, дар робита ба омилҳои демографӣ ниёз ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ меафзояд, ки ин пешравии дурнамои иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистонро зери таҳдид қарор медиҳад. Танзим ва монеаҳои маъмурии пурпечутоб сари роҳи пешравии бахши хусусӣ ва бахши сеюм (ТҒД)-ро, ки метавонанд як қисми талаботро ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба ӯҳда гиранд, ба миён оварда, имкониятҳои давлатро дар пешниҳод намудани хизматрасониҳои кафолатдори иҷтимоӣ бештар гардонад. Инчунин, кӯмаки зиёди беруна, ки баҳри барқароркунии иқтидори сектори иҷтимоӣ ҷудо шудаанд, ба ҳалли проблемаҳои ҷории фавкуллода равона шуда, ҳангоми набудани интихоби дурусти авлавиятҳои дарозмӯҳлат на ҳамеша оқилона мавриди истифода қарор мегиранд.

Таъмин намудани дастрасии аҳолии камбизоат ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ (бо назардоши имкониятҳои кишвар) тавассути тадбиқи фаъолиятҳои тасмим гирифташуда дар “Стратегии миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 (СМР)” ва “Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015” бо назардошти принсипи рушди босуръат имкони таҳким додани нерӯи инсонро фароҳам меорад, имкониятҳои ӯро зиёда мегардонад, аз он ҷумла боиси афзоиши даромад гардида, дар натиҷа ба ҳамин васила сатҳи камбизоатии аҳолиро коҳиш медиҳад.

Дар стратегияҳои аз ҷониби Ҳукумат қабулшуда, дар самтҳои афзалиятноки соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ инчунин он самтҳое дохил карда шудаанд, ки мустақиман ба сатҳ ва сифати зиндагии инсон ва аҳолӣ дар маҷмӯъ таъсир мерасонанд : шуғл, суғуртаи иҷтимоӣ, кафолати нафақа, кӯмаки иҷтимоии махсусан ҷудогардида.

Бо роҳи пиёдасозии барномаҳои давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва тадбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ, ҷиҳати ҳалли масъалаҳои марбути бо ҷои кор таъминкунии аҳолӣ ва кам намудани шиддатнокӣ дар бозори меҳнат тадбиру чораҳои зарурӣ андешида мешаванд. Азбаски муҳоҷираи меҳнатӣ яке аз шаклҳои паҳнгардидаи бо ҷои кор таъминкунии аҳолӣ дониста шуда, маблағҳои молиявие, ки аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ ворид мешаванд, сарчашмаи иловагии баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ маҳсуб меёбанд.

***Мушкилиҳои асосии соҳа дар доираи Стратегия:***

- механизми нопурраи идоракунӣ ва молиявӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ;
- набудани методологияи муосир ва механизми муҷаҳҳазонида доир ба ҷамъоварӣ, коркард ва пешниҳод намдани иттилооти соҳавии оморӣ;
- маҳдудияти сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва номукаммалии заминаи ҳуқуқии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ;
- равонасозии нокифояи ҳаҷми кӯмак ва изматрасониҳои иҷтимоӣ, набудани меёрҳо оид ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ;

– шароити номусоид барои ташкил ва пешбурди инфрасохтори хизматрасониҳои алтернативии иҷтимоӣ тавассути мехнизмҳои муосири тадбиқи онҳо;
– набудани сиёсаи самаранок дар бораи пешгирии хавфҳои иҷтимоӣ;
– риояб накардани адолати иҷимоӣ бо сабаби номукаммалии низоми суғуртаи иҷтимоӣ;
– имкониятҳои маҳдуд дар масъалаи захираҳои кадрии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ;
– сифати паст ва рақобатнопазир будани захираҳои меҳнатӣ дар бозори меҳнат;
– набудани механизми кафолати нафақа, ҳифзи саломатӣ ва ҳуқуқҳои шаҳрвандии муҳоҷирони меҳнатӣ.

Таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, истифодаи оқилони арзишҳои моддӣ ва руҳонӣ, ба роҳ мондани шаклҳои самараноки идоракунии давлатӣ, пиёдасозии ҳадафҳои стратегии давлат, ки ба баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ равонаанд, инчунин мафҳуму мароми арзишҳои миллӣ аз рушди нерӯи инсонӣ вобастагӣ доранд. Ҷиҳати ба даст овардани ин ҳадафҳо, **илм ва маорифро** давлат ҳамчун соҳаи ҳаётан муҳими иқтисоди миллӣ арзёбӣ намуда, барои тезонидани ислоҳоти соҳаи мазкур заминаи ҳуқуқӣ таҳия ва тадбиқ намуда истодааст[5].

Ғайр аз он, маориф бахши калидиест баҳри ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии тараққиёти кишвар ва билохир пешравӣ дар маориф ба қадри назаррас натиҷабахшии ҳамаи талошҳоро дар такмил додани идоракунӣ, таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва рушди нерӯи инсонии кишвар муайян месозад.

Бахши маорифи Тоҷикистон дар худ низоми таҳсилоти томактабӣ, мактабӣ (ибтидоӣ, миёнаи асосӣ ва миёнаи умумӣ) ва ибтидоӣ, миёна ва олии касбиро дар бар мегирад. Мувофиқи ҳадафҳо ва авлавиятҳои СМР/СПСК/СБСНМТ ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015, ҳадафи асосии бахши маориф ин таъмини дастрасии оммавӣ ва баробари кулли одамон ба маориф ба ҳисоб меравад.

Айнан барои ҳамин, чун омили муҳими рушди инсонӣ, **маориф** нақши ҷиддиеро дар ноил гаштан ба як қатор мақсаду маромҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва башардӯстона мебозад.

Идоракунии низоми маориф дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ ислоҳотеро тақозо менамояд, ки баҳри мусоидат намудан ба дасрасӣ ба гирифтани таҳсили босифат ва ноилшавӣ ба баробарҳуқуқи гендерӣ барои тамоми қишрҳои аҳолӣ равона мебошад. Ислоҳот инчунин таҳкими иқтидори мақомоти идоракунандаи бахши маориф ва беҳдошти фаъолияти хизматрасониҳои таълимиро аз рӯи талаботҳои ҷомеаи имрӯза дар назар гирифтааст.

Проблемаҳои ҷойдошта дар соҳаи маориф ба иқтидори маҳдуди ба нақшагирӣ ва идоракунии захираҳои мавҷуда, бартарӣ доштани манфиатҳои танги мақомотӣ дар сиёсат, маҳдудият дар омор, истифодаи нооқилонаи усулҳои баҳодиҳии натиҷаҳои таҳсил ва дигар заминаҳои методӣ алоқаманд мебошад. Дар натиҷаи ин, дар муассисаҳои таълимии ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ дар кишвар ва инчунин берун аз он омодасозии мутахассисоне, ки на ҳамеша ҷавобгӯи талаботанд, ба роҳ монда шудааст, дар ҳоле, ки норасоии мутахассисони ихтисосҳои алоҳида ҳис карда мешавад.

[5] Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015. Душанбе 2013. саҳ. 54

Сифати таълим, сатҳи дониш ва малакаи хонандагон ва донишҷӯён аз талаботҳои замон хеле ақиб мондаанд. Дар кишвар то кунун нақшаҳову барномаҳои таълимии муосир дар ҳамаи зинаҳои маориф то охир таҳия нашудаанд. Набудани китобҳои дарсӣ ва маводҳои медотии муосир низ вазъи бахши маорифро боз ҳам вазнинтар мекунад. Масалан, китобҳои дарсӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ ва туркманӣ дар ихтисосҳои алоҳида намерасанд.

Аз рӯи пешгӯиҳо, шумораи хонандагон дар низоми умумии таҳсилои миёна то соли 2015 метавонад 40 фисад афзояд. Бо чунин дараҷаи афзоиш маорифи ҳозира талаботи афзояндаи кишварро ба кадрҳои ихтисосманд қонеъ карда наметавонад. Ба таври муносиб, норасоии курсиҳои нишасти хонандагон, технологияҳои муосири электронӣ, компютерҳо ва дасрасӣ ба Интернет ба назар расида, истифодаи онҳо бинобар сабаби норасоии мутахассисон ва ҳолатҳои қатъшавии барқ душвор хоҳад буд.

Мушкилиҳои иқтисодии аҳолӣ, пеш аз ҳама дар деҳот, имкониятҳои онро дар истифодабарии хизматҳои бахши маориф маҳдуд менамоянд. Камғизогии паҳнгашта, камхунӣ ва бемориҳои сироятӣ низ иштироки кӯдаконро ба мактаб маҳдуд мегардонанд.

Таи солҳои охир афзоиши тафовути гендерӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои иштироки мактаб, хусусан дар сатҳи синфҳои 9-11 ба миён омадааст.

Дар низоми маориф то имрӯз монеаҳои зиёди маъмурӣ ҷой доранд, механизмҳои оқилонаи ҳамкории давлатӣ-хусусӣ ва иҷтимоӣ мавҷуд набуда, чунин ҳолат сатҳи иштирокро дар фаъолияти таълимии бахши хусусӣ, махсусан дар таҳсилои томактабӣ ва олии касбӣ суст мегардонад.

Мутобиқи авлавиятҳои дарозмуддати бахши маориф дар сиёсати бахшӣ фаъолиятҳо дар самтҳои зерин ба назар гирифта шудаанд:

1. **Ислоҳоти институтсионалӣ ва иқтисодии низоми маориф:**

- тадбирҳои вобаста ба таҳкими иқтидори мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроияи ҳамаи зинаҳо, ки масъулияи таҳиясозӣ, пиёдасозӣ ва танзими фаъолият дар бахши мазкурро ба ӯҳда доранд, доир ба истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда андешида хоҳанд шуд.

- тасмим аст, ки меъёри аққалии таълими ҳатмии аз нуқтаи назари молиявӣ асоснокшуда муқаррар карда шавад ва аз рӯи он дида қонунгузорӣ таҷдид гардад. Дар назар аст, ки мустақилияти муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳо зиёдтар карда мешавад.

- чораҳои зарурӣ оид ба расонидани хизматҳои таълимӣ ба бахши хусусӣ андешида хоҳанд шуд, аз он ҷумла тавассути соддагардонии проседураҳои давлатӣ (иҷозатномагирӣ, санҷишҳо ва аккредитатсияҳо), дар мадди аввал дар таҳсилоти томактабӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ;

- бо назардошти имкониятҳои молиявии давлат ва афзоиши демографӣ меъёрҳо дар тамоми зинаҳои маориф аз сари нав дида баромада хоҳанд шуд, мундариҷаву мавзӯъҳои китобҳои дарсӣ ва маводҳои методии омӯзишӣ таҷдид хоҳанд гашт. Китобҳои дарсӣ барои таъмини хонандагони мактабҳо ва таҳсилкунандагони дигар зинаҳои маориф таҳия ва ба нашр хоҳанд расид, аз он ҷумла китобҳои дарсӣ бо забонҳои аққалиятҳои миллӣ;

- вобаста ба тадбиқи як қатор барномаҳо тавсияҳо ба шакли зерин пешкаш хоҳанд гашт: ҷорӣ намудани низоми ягонаи идоракунии маориф; пайваст намудани муассисаҳои таълимӣ ба шабакаи Интернет; ҷорӣ намудани технологияи кредитии таҳсил дар маълумоти олӣ; баланд бардоштани сатҳи воқифнокии хонандагон дар мавзӯи ҳуқуқи башар, вазъи санитарӣ, гигиена ва тарзи ҳаёти солим; баланд бардоштани ихтисоси муаллимон; ба имкониятҳои молиявӣ нигоҳ карда – таҳсилоти профилӣ ва рушди таҳсилоти миёнаи умумӣ бо назардошти эҳтиёҷоти кадрии давлат. Ба сифати яке аз тадбирҳои имконпазири мубориза алайҳи фасод, тасмим аст мувофиқи матлаб будани гузариши қадам ба қадам ба имтиҳони ягонаи давлатӣ мавриди таҳқиқи қарор дода шавад.

**2. Баланд бардоштани иқтидори бахши маориф:**

- тадбирҳои ҳамаҷониба доир ба муносибкунии (оптимизатсияи) мундариҷаи нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, усулҳои такмили ихтисос дар донишкадаҳои такмили ихтисоси муаллимон, инчунин баланд бардоштани савияи касбии кадрҳои педагог андешида хоҳанд шуд. Бо мақсади тайёр намудан ва такмил додани аҳолии калонсол ва муҳоҷирони меҳнатӣ дар тамоми минтақаҳо тадбиқи барномаи махсус дар назар дошта шудааст;

- барои фароҳам овардани шароити мусоид ва барои саломатӣ бехавф барои таҳсили кӯдакон тадбиру ҷораҳо андешида хоҳанд шуд. Ҳамзамон андешидани маҷмӯи тадбирҳо доир ба сохтмон ва барқароркунии мактабҳо, таҷҳизонидани онҳо бо таҷҳизоти таълимӣ-лабораторӣ, инчунин таҷдид, таъмир ва барқароркунии системаи таъминоти об ва гармдиҳӣ, сохтани ҳоҷатхонаҳо мутобиқи талаботҳои гендерию санитарӣ дар мактабҳо дар назар дошта шудааст;

- гузарондани инвентаризатсия ва мониторинги аз болои вазъи инфрасохтори мактабӣ (биноҳо, иншоотҳо ва системаи коммуналӣ) ва шароити моддӣ-техникӣ (ашё, таҷҳизоти варзишӣ, хазинаи китобхонагӣ)-и ҳамаи муассисаҳои таълимӣ дар нақша гирифта шудааст;

- дар назар аст, ки мувофиқи матлаб будани таъсиси нуқтаҳои омӯзиши фосилавӣ тавассути бaромадан ба захираҳои таълимӣ-методии марказҳои донишгоҳҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шавад;

- бо мақсади фароҳам овардани дастрасӣ ба андӯхтани маълумоти ибтидоӣ, миёнаи махсус ва олии касбӣ, муқаррар намудани имтиёзҳо барои кӯдакони ятим ва қишри аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ, махсусан духтарон, бо муайян намудани бурсҳои иҷтимоӣ ва кӯмакҳои алоҳида ҷудошуда ба нақша гирифта шудааст.

- бо мақсади баланд бардоштани шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва ба назаргирии эҳтиёҷои машаллӣ, механизми интихоби ҷавонони аз рӯи квотаи президентӣ ба макотиби олӣ дохилшаванда беҳтар хоҳад шуд. Имкониятҳои муқаррар намудани бурсҳои иҷтимоӣ ба духтарон аз оилаҳои камбизоат, ки дар макотиби олӣ таҳсили илм доранд, омӯхта шуда, воситаҳои барқарор намудани хобгоҳҳои донишҷӯӣ пайдо карда мешаванд;

- тадбиру ҷораҳои зарурӣ дар ҷодаи ҷавонони болаёқат барои таҳсил дар донишгоҳҳои хориҷа андешида шуда, омодасозии усули кредитии молиявии донишҷӯёни болаёқат ва донишҷӯён аз оила ҳои эҳтиёҷманд дар назар гирифта шудааст;

- дар робита ба ҳавасмандкунонии шароити қарздиҳӣ барои сохтмони хонаҳо барои муаллимони ҷавони мактабҳои деҳот, тависяҳои зарурӣ пешниҳод хоҳанд шуд;

- бо назардошти имкониятҳо ва шарикии иҷтимоии мавҷуда, чораҳо оид ба ташкил намудани ғизои гарми якдафъаинаи ройгон барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ, оид ба расондани кӯмакҳои алоҳида равонашуда ҷиҳати харидории лавозиомти таълимӣ-навиштӣ, сару либос, пойафзол ба кӯдакони ятим, кӯдакони оилаҳои камбизоат ва шароиташон вазнин дастгирӣ карда мешаванд. Нақша аст, ки вазъи кӯмаки иҷтимоӣ ба кӯдакони махсусан ниёзманд, кӯдакони ятим, кӯдакони оилаҳои камбизоат ва кӯдакони имконияташон маҳдуд беҳтар карда мешавад;

- ба нақша гирифта шудааст, ки барномаҳои марбут ба ҳамҷоягирии марҳила ба марҳилаи кӯдакони дорои эҳтиёҷоти хос дар муассисаҳои таълимии томактабӣ (МТТ), баланд намудани самаранокии марказҳои профилии томактабии кӯдакона (ҷисмонӣ-табобатӣ, башардӯстона, зебоӣ, забоншиносӣ, иқтисодӣ, таҳсили кӯдакони имконияташон маҳдуд) таҳия ва тадбиқ гарданд. Ҳамчунин нашри маводҳои таълимӣ-методӣ ва омӯзишӣ бо ҷалби бештари мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва волидайн дар тарбияву таълими кӯдакони синни томактабӣ дар назар аст;

- фаро гирифтани кӯдакон бо омодагии томактабӣ ба нақша гирифта шудааст, аз он ҷумла бо назардошти шарикии давлатӣ-хусусӣ, рушди шабакаҳои МТТ, пиёдасозии барномаҳо оид ба таҳкими заминаи моддӣ-теникии бахши маориф, ҷалби сармоягузориҳои ғайрибуҷетӣ ва рушди МТТ-и хусусӣ ва ҷамъиятӣ.

**Самтҳои асосии авзалиятноки рушди соҳаи маориф дар сатҳи миллӣ:**

▪ Таҷдид намудани мазмуну мундариҷаи хониш, алалхусус дар сатҳҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи махсус, такмил додани ихтисоси муаллимон (аз рӯи тағйири синну сол, фарогирӣ бо таҳсил, омӯзиши ихтисосҳо, таъмини салоҳиятнокӣ ва ғ.).

▪ Таҷдид намудани сохтори низоми маориф ва механизмҳои ташкилӣ-иқтисодӣ (таъсис ва тараққӣ додани шаклҳои нави муассисаҳои томактабӣ, марказҳои омӯзиши касбҳо, интихоби касбҳо, азнавтайёркунӣ, такмили ихисос, ҷорӣ намудани шаклҳои нави маблағгузорӣ дар муассисаҳои томактабӣ ва касбӣ).

▪ Таъмин намудани баробарӣ дар дастрасӣ ба таҳсили босифат (таъмини китобҳои дарсӣ, воситаҳои электронии таълимӣ, амалӣ намудани чораҳои зарурӣ оид ба дастгирии намояндагони аққалиятҳои миллӣ, хонандагони дорои имконияти маҳдуд, истифоди технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои омӯзиши фосилавӣ дар маълумоти касбӣ, барномаҳои омӯзишии модулӣ).

▪ Дар шароити имкониятҳои маҳдуди молиявии давлат дар **бахши илм**, базаи мавҷудаи моддӣ ва нерӯи ба қадри кофӣ баланди кадрӣ хеле бесамар истифода бурда мешаванд. Тадқиқотҳо дар самтҳои гуногуни фанҳои табиатшиносӣ, техникӣ, тиббӣ, кишварзӣ ва ҷамъиятӣ бурда мешаванд.

▪ Низоми институтсионалии илм бесамар, исрофкорона ва бо зихираҳои мавҷудаи мамлакат беқиёс мебошад. Робитаи базаи институтсионалии бахши илм бо базаи институтсионалии бахши маориф суст ба роҳ монда шудааст.

Набудани барномаҳои маҷмӯии самараноки илмӣ-техникӣ боиси он мегардад, ки коркардҳои илмӣ бе авлавиятҳо ва принсипҳои миллӣ ва бе таъмини кадрҳои дакории баландихтисос бурда мешванд. Нерӯи илмии мамлакат то кунун баҳри ҳаллу фасли проблемаҳои авлавиятноки тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар роҳандозӣ нашудаанд. Дастовардҳои илмӣ дар шароити ҳамоҳангсозии сусти дохили бахш, инчунин набудани ҳамгироии ҳатмии илм бо бахши воқеии иқтисодиёт муҳимият ва арзишҳои амалии худро гум мекунанд. Фаъолияти ҷудогонаи сохторҳои илмӣ ва омӯзишӣ имконияти омода намудани кадрҳои баландихтисосро барои соҳаҳои илмӣ ва илмӣ-теникӣ, истифодаи ҳамҷояи базаи илмӣ, таҷрибавӣ-озмоишӣ ва лавозимотӣ, бахшҳои донишгоҳӣ ва соҳавии илмро дар раванди тадқиқотӣ ва таълимӣ коҳиш медиҳад.

***Проблемаҳои асосии соҳаи илм аз инҳо иборатанд:***

- ҷалби маҳдуди нерӯи илмӣ ҷиҳати таҳия намудани барномаҳои маҷмӯии ҷумҳуриявии илмӣ-теникӣ, ки ба ҳаллу фасли проблемаҳои умдатарини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат равонаанд;
- миқдори нисбатан камтари тадқиқотҳо дар фанҳои дақиқ (техника, табиатшиносӣ, нанотехнология, биотехнология, муҳандисии генӣ, биологияи молекулавӣ) ва рақобатнопазирии мавзӯъҳои тадқиқотшаванда дар муқоиса бо давстовардҳои илм ва техника;

– самаранокии ноҷизи захираҳои молиявӣ, ки ба тараққӣ додани илм ҷудо шудаанд. набудани захираҳои инноватсионӣ. Беташаббусии муассисаҳои илмӣ дар ҷалби намудани малбағҳои ғайрибуҷетӣ;
– таъминоти нокифояи моддӣ-теникии соҳаи илм, бахусус сатҳи пасти муҷаҳҳазгардонӣ бо технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва инфрасохтори инноватсионӣ;
– норасоии мутахассисоне, ки ба талаботҳои замона ҷавобгӯ мебошанд;
– сатҳи пасти ҳамкории байнамилалӣ дар фаъолияти илмӣ-техникӣ.

***Самтҳои калидӣ ва авлавиятноки соҳаи илм:***

Дар доираи ҳадафҳои СМР ва «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 (СБСНМТ)», ба иқтидори илмии ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама ба *зиёд намудани самаранокии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, гузариши илм ба роҳи рушди инноватсионӣ* ва *баланд бардоштани нақши илм дар ҳалли масоили иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат* таваҷҷӯҳи хоса зоҳир шудааст.

**Вазифаҳои асосии СБСНМТ дар соҳаи илм аз инҳо иборатанд:**

▪ *Мустаҳкам намудани базаи меъёрӣ-ҳуқуқии ба рушди инноватсионии илм мусоидаткунанда:*

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои мазкур базаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки ба рушди дурнамои илм ва ҷорӣ намудани технологияҳо равона мебошад. Пеш аз ҳама, тадбиқи чораҳои марбут ба ислоҳоти соҳаи илм тибқи “Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015” ва дар чаҳорчӯбаи “Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015”, таҳия намудани базаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар боби рушди инноватсионӣ. Тадбиру чораҳои зикргардида ба ҳамгироии илмҳои академикӣ ва макотиби олӣ, тадбиқи аксар натиҷаҳои корҳои илмӣ дар истеҳсолот, гузариши илм ба роҳи инноватсионии рушд ва ҳавасмандгардонии олимон дар ба даст овардани натиҷаҳои фаъолияти худ мусоидат хоҳанд кард.

▪ *Марказикунонии иқтидори илмӣ ва равонасозии маблағҳои молиявӣ ба самтҳои авлавиятноки тадқиқотҳое, ки ба пешравии иқтисодии кишвар мусоидат менамоянд:*

– маблағгузории лоиҳаҳо ва барномаҳои илмӣ, инчунин навовариҳо, бояд дар асоси озмун ва бо назардошти зарурати амалии натиҷаҳо баррасӣ карда шаванд. Барои истифодаи самараноки маблағҳои молиявӣ дар оянда мавзӯъҳои тадқиқотиро ихтисор намуда, қисми зиёди захираҳои молиявиро ба он фаъолиятҳои тадқиқотие равона сохтан лозим, ки аз манфиати иқтисодӣ холӣ нестанд. Инчунин, бо назардошти хусусияти тағйирёбандаи иқтисоди ҷаҳони муосир, бо мақсади дур намудани оқибатҳои нохуб ба иқтисодиёти миллӣ, тавсияҳои воқеӣ ва амалишаванда лозим мебошанд;

– зиёд намудани самаранокии тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи табиатшиносӣ ва фанҳои техникӣ, инчунин кофтани роҳҳои баландкунии самараи маҳсулнокӣ ва дар амал тадбиқ намудани коркардҳои илмӣ ва технологӣ;

– дар соҳаи илмҳои кишоврзӣ таъсис додани навъҳои нави серҳосил, коркарди усулҳои биотехнологӣ, технологияҳои инноватсионии иммунология, биохимия ва генетика, усулҳои биологии мубориза бо зарарррасонандагони кишоварзӣ, истифодаи маҷмӯӣ ва оқилонаи захираҳои обӣ, ки тадбиқашон дар амал бештар буда, ба иҷрои Барномаи амнияти озӯқаворӣи мамлакат мусоидат хоҳанд кард;

– фароҳам овардани шароити мусоид барои илм ва ҷалби маблағҳои аз буҷет берун. Бо мақсади истифодаи самараноки маблағҳои молиявӣ, чун давлатҳои пешқадами

дунё, то 50 фисади маблағҳои молиявиро ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ бояд ҷудо намуд. Аз муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ тақозо мегардад, ки дар ҳамкорӣ бо истеҳсолот лоиҳаҳои фармоиширо бештар иҷро намоянд.

- *Беҳтар намудани заминаи моддӣ-техникии соҳаи илм:*

Бо мақсади мустаҳкам гардондани заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои илмӣ ва таъсис додани инфрасохтори илмии муосир, зарурати аз сари нав муҷаҳҳаз гардондани муассисаҳои мазкур, таъсис додани базаи иттилоотӣ дар соҳаи илм, истифода бурдани Интернет бо истифода аз воситаҳои муосири технологиву коммуникатсионӣ ва кушодани марказҳои технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба миён омадаст. Дар марҳилаи амалисозии Стратегияи оянда проблемаҳои зикргардида бояд ҳалли худро ёбанд. Васеъ намудани соҳаи фаъолияти минтақаҳои саноатӣ, сар карда аз мактабҳои таҳсилоти олӣ то истеҳсолот, ки барои таҳким бахшидан ба заминаи инноватсионии илмии моддӣ-техникӣ зарур мебошанд.

- *Омода намудани кадрҳои илмии баландихтисос дар доираи ҳамкории байналмилалии илмӣ-техникӣ:*

Дар доираи "Барномаи тайёр намудани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015", ки мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008 таҳти №296 ба тайиб расидааст, тадбиру чораҳои зарурӣ ҷиҳати такмили нзоми тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва таъсиси чунин як неруи илмӣ, ки метавонад масоили умдатарини илмӣ-техникии мамлакатро дар дараҷаи ҳозиразамон ҳаллу фасл намояд, андешида хоҳанд шуд.

Ҳамзамон, бо мақсади ҳамгироии илми назариявӣ ва амалӣ ва илми муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва такмили низоми тайёр намудани кадрҳои илмии баландихтисос дар аспирантураҳо ва докторантураҳои кишварҳои хориҷ чораҳои зарурӣ андешида хоҳад шуд, ки ба неруи инсонии ҷумҳурии хеле таъсири мусбӣ дорад.

**7.3. Рушди тандуурстӣ ва таъмини шароити беҳдошти солимии аҳолӣ.** Саломатии аҳолӣ яке аз мақсадҳои стратегии давлат  ба шумор рафта, дар баланд бардоштани сатҳи сифат ва маҳсулнокии хизматҳои тиббӣ, пешгирии бемориҳои сироятӣ, ҳифзи саломати модару кӯдак ва муҳити зист, ба роҳ мондани тарзи ҳаёти солим ва дигар масъалаҳои соҳаи тандурустӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мегардад.

Бо мақсади такмил додани сиёсати давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ, дар давраи тадбиқи СМР як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ вобаста ба соҳаи тиби оилавӣ, суғуртаи тиббӣ, Стратегияи миллӣ оид ба солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, Нақшаи стратегии азнавсозии муассисаҳои тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, Барномаи пешгирии бемориҳои касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-201? ва дигар санадҳои ба ин монанди аҳамияти умумимиллӣ дошта қабул гардиданд, ки боиси азнавсозӣ, такмилдиҳӣ ва баланд бардоштани нақши расондани кӯмаки аввалияи тиббӣ-санитарӣ, танзими хизматрасониҳои тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, бахусус кафолатҳои давлатӣ оид ба расондани кӯмаки санитарӣ-тиббӣ ба оилаҳои камбизоат гардиданд.

Дар қатори натиҷаҳои мусбии соҳаи тандурустӣ, инчунин проблемаҳо ва монеаҳое низ вуҷуд доранд, ки ба сифат ва равонкунии кӯмаки тиббӣ ба аҳолӣ тасъир мерасонанд. Қабл аз ҳама, дараҷаи пасти маблағгузории бахш; низоми номукаммали идоракунии

захираҳои моддӣ-техникӣ, сатҳи пасти ихтисосӣ, маош, норасоии кадрҳо, таъмини муассисаҳои тиббӣ бо таҷҳизоту техникаи муосир, инчунин ҳолати воқеии биноҳо.

Илова бар он, дар робита бо шумораи душвориҳои маъмурии ҷойдошта ва дастгирии нокифояи давлатӣ – шабакаи муассисаҳои хусусии тиббӣ хеле суст пеш рафта истодааст, дар ҳолате ки онҳо метавонанд як қисми ҳаҷми кори хизматрасониҳои тиббиро ба души худ гиранд.

Бинбар сабаби он ки самтҳои калидӣ ва авлавиятноки пешравии бахш дорои хусусияти доимӣ ва дарозмуддат доранд, дар Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 **вазифаҳо** ба таври зайл муқарарр гардидаанд:

- беҳтар намудани сифат, дастрасӣ ва самаранокии хизматрасониҳои тиббӣ ба аҳолӣ;
- коҳиш додани фавти модару кӯдак;
- коҳиши дараҷаи бемориҳои ғайрисироатӣ, пешгирӣ ва мубориза алайҳи бемориҳои сирояткунандаи ВНМО/БПНМ (рӯйхати ихтисораҳо), сил ва сироятҳо (инфексия), ки ба воситаи ваксинаҳо идора карда мешаванд;
- мусоидат ба пешбурди бахши хусусӣ ва баландбардории иқтидори моддӣ-техникии кадрҳо;
- баланд бардоштани нақши муассисаҳои тиббии хусусӣ ва расондани номгӯи васеи хизматҳои тиббӣ.

*Ғайр аз он, дар доираи амалигардонии стратегия проблемаҳои асосии соҳаи тандурустӣ тариқи зерин муқаррар шудаанд:*

- номукаммалии механизми идоракунии соҳа, ки иқтидори ба сатҳи даркорӣ баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва самаранок истифода бурдани захираҳои моддӣ-зеҳниро надорад.

- сарчашмаҳои маҳдуди маблағгузорӣ ва аз нуқтаи назари иқтисодӣ истифодаи ноокилонаи онҳо;

- имкониятҳои маҳдуди бахши хусусӣ дар расонидани хизматҳои тиббӣ;

- тақсимоти нобаробари маблағҳои буҷетӣ, ки барои соҳаи тандурустӣ дар минтақаҳо ҷудо шудаанд;

- кори хеле камфаъол дар самти тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим, аз он ҷумла дар бораи саломатии репродуктивӣ, ҳифзи модару кӯдак, пешгирии паҳншавии касалиҳои сироятӣ;

- зиёд намудани нишондиҳандаи масрафҳои ғайрирасмӣ аз ҷониби аҳолӣ дар муқоиса бо хароҷоти соҳаи тандурустӣ.

**7.4. Таъмини дастрасии аҳолӣ ба оби тоза, шароити санитарӣ ва хизматрасониҳои коммуналӣ** Оби тоза ва хизматрасониҳои коммуналӣ – қувваҳои таъсирбахши рушди инсонӣ буда, имконот ва ҳисси худшиносии қишрҳои гуногуни аҳолиро боло мебардоранд ва ба самаранокии низоми тандурустӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум мусоидат менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади рушди системаи хизматрасонии мазилию коммуналӣ, «Консепсияи ислоҳоти хоҷагии манзилию коммуналӣ барои солҳои 2010-2025» омода, ва дар навбати худ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон таҳти № 321 аз 1 июли 2010, қабул гардид. Ҷиҳати иҷроиши талаботи Консепсияи мазкур «Барномаи рушди хоҷагии манзилию коммуналӣ барои солҳои 2013-2017», дар доираи татбиқи талаботҳои консепсия мазкур таҳия карда шуд.

***Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон самтҳои афзалиятноки марбут бо таъмини дастрасӣ ба оби тоза ва беҳдошти хизматрасониҳои коммуналӣ муайян намудааст.***

- Бо назардошти муҳимияти масъалаи таъмини оби тоза ва беҳдошти хизматрасониҳои хоҷагии коммуналӣ, ҳамчун воситаи самараноки паст кардани сатҳи камбизоатӣ (дар мисоли соҳаҳои маориф ва тандурустӣ), таҳия ва қабули меъёрҳои ниҳоии (минималии) таъминоти аҳолӣ бо оби тозаи ошомоданӣ ва хизматрасониҳои коммуналӣ, ки бевосита аз ҷониби давлат ба онҳо кафолат дода мешавад, омили муҳимтарин маҳсуб меёбанд. Дарояндаи дарозмуддат, ин меъёрҳо метавонанд ҳамчун асос барои омодасозӣ ва қабули қонунҳои марбут ба ҳуқуқи инсон ба оби тоза ва хизматрасониҳои коммуналӣ хизмат намоянд;

- Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вазифадоранд, то дар давраи гузариш риояи меъёрҳои ниҳоии таъминот ба оби тоза ва системаи канализатсияро дар маҳалҳо муҳайё созанд;

- Ҷалби намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ дар маҳал ба ҳалли масъалаи таъмини дастрасии аҳолӣ ба оби тоз ва васлнамои ба шабакаи канализатсия.

***Бар замми ин, стратегия*** **мушкилоти мавҷудаи бахшро низ пешниҳод намудааст.**

- Аксарияти шабакаҳо ва иншооти соҳа фарсуда гардидаанд ва ва қисмати зиёди онҳо бояд иваз карда шаванд.

- Мавҷуд набудани шабакаи корезӣ дар таъмини самаранок кашонидани партовҳо мушкили эҷод менамояд, ки ин ба солимии аҳолӣ хатари ҷидди дошта, дар бисёр мавридҳи боиси авҷгирии касалиҳои эпидемиологӣ ва ба заҳролудгардии муҳити зист сабабгор мешавад. Инчунини ин омил ба рушди иқтидори инсони таъсири манфӣ мерасонад.

Роҳҳои асосии ҳалли **мушкилоти таъмини аҳолӣ бо оби тоза ва беҳдошти самти хизматрасониҳои коммуналӣ*:***

- Ҷалби сармоя ба корхонаҳои низоми хоҷагии манзилию коммуналӣ тавассути тағйир додани сохтории идоракунии ҳозира ба шакли идоракунии саҳҳомӣ;

- Ҷомеа бояд уҳдадории худро дар масъалаи таъмини оби тоза ва беҳдошти хизматрасониҳои коммуналӣ дарк намуда, ҳаққи ин хизматрасониҳоро сари вақт пардохт намояд. Дар айни замон васл намудани таҷҳозоти баҳисобгирии об барои тамоми обистифодабарандагон роҳи ҳалли мақсаднок мебошад. Давлат дар навбати худ бо мақсади дастгирии иҷтимоии ниёзмандон метавонад аз низоми пардохти ҳиссавӣ истифода барад, ки дар ҳолат давлат, уҳдадор мегардад, ки як қисми муайяни пардохтҳоро ба зиммаи гирад ва аммо аз меъёр зиёд истифода гардидани онро бошад худи истеъмолгар руйпуш мекунад;

- Роҳи дигар таъмини кори низоми хоҷагии манзилию коммуналӣ, ин парохти боадолатонаи хароҷотҳои онҳо мебошад. Яъне, дарояндаи наздик, давлат уҳдадор мегардад, то хароҷоти ивази кардани қубурҳои асосӣ ва магистралиро ба зимма гирад, корхонаҳо ва аҳолӣ бошанд вазифадоранд хароҷоти таъмиру иваз кардани қубур ва шабакаҳои аҳамияти дуюмдараҷаро ба зимма гиранд;

- Таъмин намудани соҳаи мазкур бо мутахассисони маълумотдор ва соҳибкасб ва ташкили курсҳои бозомӯзӣ ҷаҳати баланд бардоштани савияи дониши роҳбарон ва кормандони муҳандисию техникии соҳаи обтаъминкунӣ ва корезӣ.

***Вазифа ва самтҳои асосӣ (стратегӣ) ва афзалиятноки бахши таъмини аҳолӣ бо оби тоза ва беҳдошти хизматрасониҳои коммуналӣ:***

- таҷдид ва рушди инфраструктураи муҳандисиию коммуналии шаҳр ва шаҳракҳои типпи шаҳрӣ;

- Таҳияи ва қабули Қонуни ҶТ «Оид ба оби тоза ва обтаъминкунӣ» ва Барномаи миллии беҳдошти сифати оби ошомиданӣ;

- таъмини амалишавии «Барномаи таъмини намудани аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2008-2020» ва Нақша чорабиниҳои даҳсолаи амалиёти байналмилалии «Об барои Ҳаёт» барои солҳои 2005-2015;

- муҳайё намудани шароит барои ҷалби сармояи хусусӣ, таъмини дастгирии давлатии рушди хоҷагии манзилию коммуналӣ ва баланд бардоштани иқтидори техникии соҳа;

- татбиқи тадбирҳои комплексӣ доир ба демонополизатсияи соҳа, ташкили бозори хизматрасониҳои ва рушди рақобатнок бо ҷалби субъектҳои соҳибкории хурду миёна;

- баланд бардоштани системаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ба танзимдарории низома додани имтиёзҳо, тақвият додани истифодаи нишонрасӣ маблағҳо;

- Баланд бардоштани иқтидори институтсионалии соҳа ва сифати хизматрасонҳои манзилию коммуналӣ.

**7.5. Таъмини суботи экологӣ ва рушди устувор**. Яке аз ҳадафҳои асосии Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон ин паст кардани сатҳи камбизоат дар асоси истифодаи самараноки захираҳои таббиӣ, ҳалли масъалаҳои марбут ба муҳити зист, таъмини суботи экологӣ ва дар ин замина таъмини рушди устувор, аз ҷумла рушди иқтидори инсонӣ мебошад.

Вобаста ба ин чандин тадбирҳо роҳандозӣ гаштааст, аз ҷумла як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳавӣ ҷаҳати таъмини суботи экологӣ ва масъалаҳои ҳифзи муҳити зист қабул гардидаанд, ки дар навбати худ ба ҳалли масъалаҳои ҷойдоштаи экологӣ вва ҳифзи муҳити зист таъсир мерасонанд.

Бо вуҷуди ин, то ҳол суботи экологӣ ва рушди усутвори он таъмин нагардида истодааст ва мушкилии суботи экологӣ вуҷуд дорад.

**Таъмини суботи экологӣ ва рушди усутвори соҳа дар доираи стратегияи рушди мамлакат:**

- такмили санадҳи меъёрию ҳуқуқии экологӣ мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ;

- ҷорӣ намудани технологияи муосири ҷудокунӣ ва коркарди партовҳои маишӣ, саноатӣ ва истифодаи такрории онҳо дар саноат;

- такмил додани низоми назорат ва мониторинги ҳудудҳои партовгоҳҳои радиоактивӣ ва заҳрхимикатҳо;

- пешгирӣ намудани буридани ҷангалзорҳо ва барқарор намудани ҷангалзорҳои дар давраи бӯҳрони энергетикии солҳои 2007-2008 аз байн рафта;

- таҳия ва тадбиқи барномаҳои суботи экологӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақаи Осиёи Марказӣ;

- густариши ҳамкориҳои экологӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ;

- барқарор намудани шабакаҳои обтаъминкунӣ, тоза намудани заҳбуру заҳкашҳо бо мақсади паст намудани сатҳи обҳои зеризаминӣ ва пешгирии шуршавии замин;

- тақвият бахшидан ба корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо мақсади пешгирӣ намудани таъсироти манфии офатҳои табиӣ;

- пешгӯӣ ва паст намудани таъсири офатҳои табиӣ ба иқтисодиёти кишвар ва суботи экологӣ.

***Инчунин дар бахши таъмини суботи экологӣ ва рушди усутвори соҳа мушкилот ҷой доранд:***

- мушкилот марбут бо вайроншавии заминҳои корам, аз ҷумла дар натиҷаи эрозияи замин, ифлосшавӣ, шуршавӣ, ботлоқшавии заминҳо, баланд шудани сатҳи обҳои

геризаминӣ, камшавии ҷагалзорҳо ва ғайра. Таъсири ин омилҳо ба тағйирёбии ҳолати хок оварда расонида, аз ҷумла хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии хок тағйир меёбанд ва ба суботи экологӣ ва рушди усутвор бевосита таъсир мерасонад.

- азхудкунии заминҳои нав аз ҳисоби куҳдоманҳо, буридани ҷангалҳо ва риоя нагардидани истифодаи замини ҷудогардида барои чарогоҳҳо ба пастшавии усутвории муҳити куҳии табиӣ таъсири манфи расонида, ҳолати антропогениро ва офатҳои табииро пуршиддат мегардонад;

- натиҷаи фишори антропогенӣ ба экинизомҳои куҳсор дар тағйирёбии ҳолати умумии растаниҳои куҳӣ, аз ҷумла растаниҳои табобатии нодир, таназзули замин, инчунин аз байн рафтани растаниҳои фоиданок ва ба ҷои онҳо пайдо шудани алафҳои бегона инъикос меёбад. Ҳамаи ин омилҳо сабаби вайроншавии пуршиддати гуногунии биологӣ ва ҳамчун натиҷа боиси биёбоншавӣ мегардад;

- ҷамъоварии бенизоми растаниҳои доруворӣ ва фурӯши он ба хориҷи кишвар. Раванди иҷозатномадиҳӣ ва бақайдгирии ҷамъоварии растаниҳои доруворӣ имкон медиҳад, ки аз як тараф, ҷамъоварии растаниҳо ба танзим дароварда, дар ҳолати ҷорӣ намудани ҳавасмандкунии моддӣ метавонад барои манбаи иловагии даромади аҳолии кӯҳистон бошад. Аз тарафи дигар, амалигардии он аз ҳадафҳои афзалиятноки Стратегияи миллии рушд буда, ба ҳифз ва идоракунии гуногунии биологӣ ва низомҳои экологӣ тақвият мебахшад;

- мушкилоти ифлосшавии захираҳои об аз ҳисоби партовҳои обии коммуналӣ, саноатӣ ва кишоварзӣ. Аз рӯи ҳаҷм партовҳои обии кишоварзӣ нисбат ба меъёрҳои муқарраргардида (3,3-4,1 км$^3$) зиёд мебошанд. Дар таркиби обҳои захбуру заҳкашҳо пеститсидҳо, нитратҳо ва фосфатҳо аз меъёр зиёд мебошанд (то 25 фоиз нитроген, 5 фоиз фосфат, 4 фоиз пеститсид);;

- ифлосшавии ҳаво дар марказҳои истеҳсолӣ (саноатӣ) ва шаҳрҳо яке аз мушкилиҳои бехатарии экологӣ мебошад. Ифлоскунандаҳои асосии ҳавои атмосфера корхонаҳои калони саноатӣ ва воситаҳои нақлиёт мебошанд. Тибқи маълумоти расмӣ дар 5 соли охир танҳо дар шаҳри Душанбе миқдори автомошинаҳо 125 фоиз афзуданд, ки 80 фоизи он воситаҳои нақлиёте мебошад, ки муҳлати истифодаашон хеле зиёд мебошад. Дар айни ҳол, назорат аз тарафи мақомоти дахлдор вобаста ба ихроҷи партовҳо аз воситаҳои нақлиёт ва сифати санҷиши мутобиқати воситаҳои техникӣ ба меъёрҳои экологӣ нокифоя мебошад;

- дар ҷумҳурӣ як қатор мушкилиҳо дар соҳаи идоракунии партовҳо мавҷуд мебошанд. Соҳаи коркарди партовҳо дар мамлакат суст инкишоф ёфтааст. Нуқтаҳои мавҷудаи ҷамъоварӣ ва гӯркунии партовҳо ба талаботи санитарӣ пурра ҷавобгӯ нестанд. Технологияи кампартов ва технологияи коркарди партовҳо кам истифода карда мешавад. Дар аксарияти корхонаву ташилотҳо ба масъалаи беҳтар гардонидани ҳолати нигоҳдории партовҳои коркарди саноатӣ аҳамияти зарурӣ намедиҳанд,
ки ин боиси ба муҳити зист расонидани таъсири манфӣ мегардад;

- Таҳқиқоти гузаронидашуда (UNFCC) болоравии ҳарорати миёнаи ҳаворо то соли 2050 аз 1,8°С то 2,9°С пешбинӣ менамояд.

Дар ҳолати тасдиқи пешгӯиҳои тағйири иқлим самтҳои зерин метавонанд зери таъсир қарор гиранд: коҳишёбии қабати пиряххо ва захираҳои об; хушксолӣ ва норасоии

об дар фаъолияти хоҷагии қишлоқ; боло рафтани шумораи офатҳои табиӣ; саломатии ҷомеа.

***Пешниҳодҳои асосӣ баҳри ҳалли мушкилоти марбут ба таъмини суботи экологӣ дар доираи стратегия:***

- татбиқи ислоҳоти сохторӣ дар мақомоти давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва суботи экологӣ;
- амалӣ намудани уҳдадориҳо дар доираи конвенсияҳои байналмилалии вобаста ба муҳити зист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, инчунин таъмини иҷрои Стратегия ва Нақшаҳои миллӣ оид ба ҳифзи гуногунии биологӣ, тағйирёбии иқлим, мубориза бар зидди биёбоншавӣ ва дигар барномаҳои миллию минтақавӣ;
- таъмини низоми идоракунии партовҳо ва истифодаи технологияҳои пешқадами коркарди партовҳо;
- кам намудани манбаъҳои асосии ифлоскунии захираҳои обӣ аз ҳисоби обҳои дар соҳаҳои коммуналӣ, саноатӣ ва кишоварзӣ истифодашаванда;
- ҷалби сармояҳои дохилию хориҷӣ ва истифодаи самараноки онҳо дар бахши суботи экологӣ ва рушди устувор.

***Вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки таъмини суботи экологӣ ва рушди усутвор:***

- такмил ва мувофиқаи қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва суботи экологӣ мутобиқ ба талабот ва стандартҳои байналмилалӣ;
- таҳия ва истифодабарии ҳуҷҷатҳои ягонаи меъёрию методикӣ барои муайян намудани сифати об, бо дарназардошти талаботи байналмилалӣ;
- таҳияи усулҳои нави тоза намудани обҳои коллекторию заҳбурӣ, бо дарназардошти бозгашти он ба манбаъҳои обистифодабарӣ;
- маъмулгардонии технологияи каммасрафи обмонӣ ва обтозакунӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ;
- такмили низоми пардохтҳои экологӣ барои истифодаи захираҳои табиӣ ва ҷаримаҳо барои ифлоскунӣ ва зараре, ки ба муҳити зист расонида мешавад;
- барқарор намудани низомҳои мавҷуда ва сохтмони заҳбурҳои нав барои паст намудани сатҳи обҳои зеризаминӣ ва пешгирии дубора шӯршавии замин;
- таҳияи механизми гузаронидани ҳатмии баҳодиҳии таъсир ба муҳити зист ва ташхиси экологии ҳамаи иншооти бунёдшаванда ва заминҳои аз нав обёришаванда;
- ҷорӣ намудани низоми мониторинг оид ба гузаронидани баҳодиҳии равандҳои биёбоншавӣ ва дастгирии механизми устувори мутобиқкунии мубориза бо биёбоншавӣ;
- таъсис додани сохтор оид ба ҳамоҳангсозии масъалаҳои сиёсати миллӣ доир ба идоракунӣ ва таҳияи барномаҳо оид ба захираҳои такрор истифодашаванда, инчунин таъсис додани маркази иттилоотию таҳлилӣ оид ба партовҳо ва технологияи коркарди онҳо.
- ташкил намудани низоми ҷамъкунӣ ва бартараф намудани партовҳои сахти маишӣ, аз ҷумла бо дарназардошти технологияе, ки коркарди онҳоро барои истеҳсоли қувваи барқ муҳайё месозад;
- таҳияи низоми мониторинг оид баҳамлу нақли моддаҳои ифлоскунанда ва такмили низоми назорати партовҳо.

1. **Саволҳои барои дарсҳои амалӣ:**

1. Ба фикри Шумо, то кадом андоза моҳияти консепсияи рушди инсонӣ дар ҳуҷҷатҳо/барномаҳои миллӣ, соҳавӣ ва минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст?
2. Компонентҳои асосии марбут ба некуаҳволӣ ва рушди инсонӣ дар ҳуҷҷатҳои стратегии мамлакат кадомҳоянд?
3. Тадбирҳои асосӣ ва афзалиятнок дар татбиқи Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми?
4. Кадом вазифаҳои Стратегияи Милли Рушд дар заминаи рушди инсонӣ аз ҳама мушкилтар муаррифи мегарданд?
5. Кадом тадбирҳои танзими давлатиро мебояд амалӣ намуд, ки ба консепсияҳои рушди инсонӣ мувофиқат намояд?

**2. Мавзӯҳои рефератҳо, презентатсияҳо:**

1. Нақши стратегияи рушди мамлакат дар ташакулли рушди инсонӣ
2. Компонентҳои асосии некуаҳволӣ ва рушди инсонӣ дар ҳуҷҷатҳои стратегии мамлакт
3. Самтҳои афзалиятноки тақвияти рушди инсонӣ дар ҳуҷҷатҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон
4. Ҷанбаҳои асосии ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон
5. Тақвияти иқтидори соҳаи маориф ҳамчун вазифаи афзалиятноки рушди иқтидори инсонӣ
6. Самтҳои асосӣ ва афзалиятноки рушди соҳаи маориф дар сатҳи миллӣ
7. Вазифаҳо ва тадбирҳои асосӣ ва афзалиятнок дар доираи татбиқи Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон
8. Роҳҳои асосии тақвияти иқтидорӣ инсонӣ дар ҳуҷҷатҳои стратегии мамлакат
9. Моҳият ва вазифаҳои стратегияи рушд дар заминаи рушди инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикисон

**3. Саволҳои санҷиши ва тестҳо:**

1. Муҳтавои компонентҳои асосии рушди инсониро дар ҳуҷҷатҳои мавҷудаи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикисон шарҳ диҳед.
2. Моҳияти стратегияи рушд ва консепсияи рушди инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чист?
3. Тафаовути стратегияи рушд аз консепсияи рушди инсонӣ дар сатҳи глобалӣ ва миллӣ дар чист?
4. Ба фикри Шумо, чи тавр метавон аз воситаҳои СМР дар мониторинги раванди рушди инсонӣ истифода кард?
5. Фарқияти стратегияи аз консепсияи рушди инсонӣ чист ва чӣ онҳоро мепайванад?
6. Шохиси рушди инсонро чӣ тавр дар ҳуҷҷатҳои стратегии мамлакат истифода бурдан мумкин аст?
7. Кадом маҳакҳо (критерияҳо) барои таҳлили иқтидорӣ инсонӣ дар стратегияи рушди мамлакат истифода мегарданд?
8. Кадом нишондиҳандаҳои (индикаторҳо) рушди инсонӣ дар ҳуҷҷатҳои стратегии мамлакат дохид гардидаанд?

9 Стратегияҳои амалкунандаи миёнамуҳлати рушди мамлакатро номбар кунед:

*1. ҲПСК* *2. СПСК* 3. СББСНТ 4. *СМР*

10.Рушди иқтидори инсонӣ вазифаи афзалиятноки СМР маҳсуб мешавад:

1. Ҳа 2. Не

11. Таъмини дастрасии аҳолии ниёзманд ба хизматрасониҳои ичтимоӣ тавассути ичроиши тадбирҳои дар СМР пешбинигардида барои рушди иқтидори инсонӣ шароит муҳайё менамояд:

1. Ҳа 2. Не

12. Яке аз ҳадафҳои асосии ва муҳими Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми ин аст:

1. Паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва ташкили синфи миёна
2. Истифодаи самараноки захираҳои табиӣ,
3. Ҳалли мушкилоти марбут ба муҳити зист,
4. Таъмини суботи экологӣ
5. Таъмини рушди босубот,
6. Рушди иқтидори инсонӣ.

**4.Рӯйхати адабиётҳои ҳатмӣ тавсияшаванда:**


1. Стратегияи Миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015.
2. Ҳисоботи миллӣ оид ба рушди инсон: кимбизоатӣ дар заминаи рушди инсон. Душанбе 2012
3. Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013 -2015 Душанбе 2013.


**5. Руйхати адабиётҳои иловагии тавсияшаванда:**


1. Р.М. Бобоҷонов ва А.Л. Олимов. Нерӯи ичтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи рушди инсонӣ (Тадқикоти илмию-амалӣ). Душанбе, Фарзин 2013.
2. Рушди инсонӣ: дастури таълимӣ / коллективи муаллифон. – нашри 2. УМЭД, БРСММ, соли 2011. Саҳ 907.
3. Рушди инсонӣ: ченаки нави рушди иқтисодию иҷтимоӣ. Дастури таълимӣ бо таҳрири умумии проф. В.П.Колесова (Факултаи иқтисодии ДДМ), нашри 2 та тағйироту иловаҳо. – М.: Права человека, соли 2008. Саҳ. 636.


## Мавзӯи 8. Давлат, бахши ҷамъиятӣ ва Рушди Инсонӣ

**8.1.Вазифаҳои бахши ҷамъиятӣ ва Рушди Инсонӣ.**

**8.2. Сиёсати иқтисодиву ичтимоӣ баҳри Рушди Инсонӣ**

**8.3. Институтҳои макроиқтисодии танзими захираҳои инсонии Тоҷикистон**

8.1. **Вазифаҳои бахши ҷамъиятӣ ва Рушди Инсонӣ.** Мафҳуми "бахши ҷамъиятии иқтисодиёт", чун қоида дар худ маҷмӯи захираҳои дар ихтиёри давлат қарордоштаро дар бар мегирад: иншоотҳои моликияти давлатӣ, муассисаҳои буҷетӣ ва хазинаҳои давлатии ғайрибуҷетӣ. Аммо агар дар таҷрибаи тадқиқотҳои давлатҳои хориҷӣ мафҳуми "бахши ҷамъиятӣ" (pғӣlic sӯctoқ) дар амал танҳо воситаву воҳидҳои институтсионалии давлат (ҳамчун мухолифати ба бахши хусусӣ (pқivatӯ sӯctoқ)) фаҳмида шавад, лекин аз дигар нуқтаи назар, дар сохтори бахши ҷамъиятӣ бояд ташкилотҳои ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ (ТҒҒ) низ дохил карда шаванд. Аз рӯи умумияти нақши вазифагии давлат ва ТҒҒ дар соҳаи рушди башардӯстона, дар кори мазкур мо ба фаҳмиши васеи бахши

ҷамъиятӣ такя менамоем: ин аз ҷиҳати институтсионалӣ қисми мураттаби хоҷагии миллист, ки баҳри истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ хизмат мекунад.

Захираҳои дар ихтиёри давлат қарордошта - ин на танҳо ташкилотҳоеанд, ки дар моликияти он қарор доранд, балки инчунин даромаду хароҷоти буҷет низ дохиланд. Дар навбати худ, бахши ҷамъиятӣ ин шабеҳи маҷмӯи корхонаҳову муассисаҳои давлатӣ намебошад. Он инчунин дар шаклҳои андозбандӣ ва барномаҳои хароҷоти ҷамъиятӣ амал мекунад. Дар иқтисоди омехтаи муосир маҳз ҳамин шаклҳо аз ҳама бештар симои бахши ҷамъиятиро инъикос менамоянд. Аз ин лиҳоз, иқтисоди бахши ҷамъиятӣ ба проблемаҳои буҷетӣ таваҷҷӯҳи бештар зоҳир менамояд.

Иқтисоди бахши ҷамъиятӣ инчунин қонуният ва проблемаҳои дар амал ҷойдошта, ки бо истеҳсолоти неъматҳои ҷамъиятӣ ва умумӣ алоқамандӣ доранд, механизмҳои иқтисодии ноилшавӣ ба ҳадафҳои иҷтимоӣ ва фаъолияти байниҳамдигарии манфиатҳои ғайрибозориро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад.

Яке аз проблемаҳои муҳимтарини назариявӣ ва амалӣ ин проблемаи инсон ҳамчун субекти иқтисодиёт ва ҷамъият дониста мешавад. Ягонагии ин ду тарафи инсон ядрои иқтисоди бахши ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Диалектикаи онҳо аввалин заминаи таъсисёбии иқтисоди бахши ҷамъиятиро муайн месозад. Баррасии диалектикаи инсон мавриди омӯзиш қарор додани фаъолияти байниҳамдигарии омилҳои дохилӣ ва берунии рушди он, алоқамандии он бо ҷамъият ва давлатро дар назар дорад.

Мухолифати ҷараёни рушди ҷамъият бо табиати дугонаи худ алоқаманд мебошад. Аз як тараф - ин муносибати ҷамъият бо инсон, аз дигар тараф - муносибати ҷамъият бо давлат. Дар иқтисоди бахши ҷамъиятӣ танзими давлатии институтҳои ҷамъият ва давлат ҳамҷоя ба роҳ монда мешаванд.

Фаъолияти байниҳамдигарии омилҳои дохилӣ ва берунии рушди инсон - ин меҳвари иқтисоди бахши ҷамъиятӣ. Низоми робитаи баръакси давлат, ҷамъият ва инсон яке аз проблемаҳои мураккабтарини назариявӣ ва амалии баланд бардоштани самаранокии бахши ҷамъиятӣ маҳсуб меёбад.

Аз ин лиҳоз, бахши ҷамъиятӣ ин соҳаи иқтисодиёт ё он қисми мавқеи иқтисодиро дар бар мегирад, ки:

- бозор фаъолият намекунад ё қисман фаъолият мекунад, бинобар ин усули ғайрибозории ҳамоҳангсозии фаъолиятҳо бартарӣ доранд;
- неъматҳои хусусӣ неву ҷамъиятӣ истеҳсол ва истеъмол карда мешаванд;
- мувозинати иқтисодӣ миёни истеъмолкунандагони неъматҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби давлат, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои ихтиёрӣ-ҷамъиятӣ бо истифода аз институтҳои иҷтимоии дахлдор (дар навбати аввал тавассути сиёсати молиявӣ) дар амал иҷро мегардад.

Фарқияти асосии ташкилотҳои бахши хусусӣ ва ҷамъиятӣ ин аз он иборат мебошад, ки дар бахши давлатӣ ташкилотҳо ғайритиҷоратӣ ба ҳисоб рафта (яъне дар пеши худ гирифтани фоидаро ҳамчун мақсади асосӣ қарор намедиҳанд), инчунин нақши афзалиятнокро дар бахши ҷамъиятӣ ин давлат мебозад.

**Идоракунии давлатӣ дар раванди рушди миллӣ.** Давлат – ин институти иҷтимоии нодир ва дорои вазифаҳоест, ки афзалиятҳои сиёсии гурӯҳҳои мухталифро муайян намуда, ягонагии иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеаро таъмин менамояд.

Давлат, ки нисбат ба бахши ғайритиҷоратӣ ва бизнес захираву имкониятҳои зиёдтарро дорост, барои рушди нерӯи инсонӣ масъулияти асосиро ба ӯҳда дорад. Мақсади аввалиндараҷаи он – фароҳам овардани шароит баҳри самаранок амалисозии барномаҳои рушди инсон, ки на танҳо аз ҳисоби буҷет, балки тавассути дигар сарчашмаҳо низ маблағгузорӣ мешаванд, таъмини тараққиёти бозорҳо бо назардошти манфиатҳои инсон. Вазифаи мазкур аз вазифаи такмилгардонии ташкилот, баланд бардоштани натиҷабахшии

идоракунӣ ва танзими давлатӣ, рушди худидоракунии маҳаллӣ мансуби тамоми ҷабҳаҳои салоҳияти онҳо, на фақат рушди инсонӣ ба шумор меравад, ҷудонашаванда мебошад. Бинобар ин, барои амалисозии бомуваффақи барномаҳои рушди инсон ва ноил шудан ба ҳадафҳои ҳазорсола, ки аз ҷониби СММ мухтасаран ифодашудаанд, ислоҳоти идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ шарти умумӣ ҳисобида мешавад.

Беҳтар намудани сифати идоракунии давлатӣ шомил гардондани инсонро дар ҷараёни қабули қарорҳо, таъсис додани механизмҳои назорати ҷамъиятӣ, гузаронидани мумаиз ва ба роҳ мондани робитаи баръакс дар назар мегирад. Ҳамин тариқ, инсон на танҳо ҳадафи ниҳоӣ, балки восита низ маҳсуб меёбад, чунки дониш, малака ва фаъолияти ҷамъиятии вай дар мафҳуми нави идоракунии давлатӣ, ки такя ба ҳамкорӣ, иштирок ва фаъолияти ҳамдигарии ҳамаи ҷонибҳо дорад, фавқуллода муҳим мегардад.

Навкунии сохтори давлатиро, чун қоида равандҳои муайян ҳамроҳӣ менамоянд, аз он ҷумла тағйири процедураҳо ва тарҳрезии манфиатҳои институтсионалӣ, ки ба дигаргуниҳои тадриҷан шиддатёбанда монеаҳои иловагӣ эҷод менамояд. Аз ин хотир, ҷалбу иштироки фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди тадбиқи ислоҳоти идоракунии давлатӣ нақши муҳимро мебозад.

Таҳлилу аз назаргузаронии самаранокии низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома додани корҳои мувофиқсозии функсияҳо ва ба низом даровардани усулҳои институтсионалии марбут ба дигаргуниҳои сохториро тақозо менамояд, ба он нигоҳ накарда, ки таи солҳои охир тамоюли рушди мусбии арзёбиҳои мазкур ба мушоҳида мерасанд.

Яке аз воситаҳои самарабахши тараққиёти давлатҳои муосири демократӣ ин ислоҳоти маъмурӣ гардидааст, ки заминаи методологии онро консепсияи давлате, ки ба истеъмолкунандагон равона аст, ташкил менамояд, яъне давлат ба сифати “маркази хизматарсонӣ” хизматҳои дахлдорро расонда, ӯҳдадориҳои мукаммалро, ки аз рӯи соҳа ва зинаи идоракунии давлатӣ фарқкунандаанд, муайян менамояд ва тайёркунии шаҳрвандонро аз рӯи ихтисосҳои зарурӣ оид ба таҳияи механизмҳои назорату баҳогузории дохилидавлатӣ ва шаҳрвандӣ аз болои сифати иҷроиши ӯҳдадориҳои давлатӣ таъмин менамояд.

Ҷадвали 8.1.1

**Сатҳ ва ҷараёни инкишофи нишондиҳандаҳои сифати идоракунии давлатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | | Рейтинг дар соли 2009 | 2010 | 2011 | 2012 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳуқуқи шаҳрвандон ва тобеияти мақомоти давлатӣ | 10 | 9.48 | 10.8 | 10 |
| 2 | Устувории низоми сиёсӣ ва набудани зӯроварӣ | 16 | 17 | 17 | 14 |
| 3 | Самаранокии мақомоти идоракунии давлатӣ | 12 | 19 | 17 | 18 |
| 4 | Сифати институтҳои танзимкунанда | 13 | 17 | 19 | 18 |
| 5 | Сифати институтҳои ҳуқуқ | 11 | 11.85 | 11.27 | 11 |
| 6 | Назорати зидди фасод | 12 | 9 | 10 | 10 |

Баҳодиҳии алоқаи байни ҳамдигарии шохисҳои институтсионалии рушд бо ҷараёни инкишофи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳи он аст, ки рушди институтсионалӣ дар маҷмӯъ бо рушди иқтисодӣ иртиботи мутақобила (коррелятсия) доранд. Дар тӯли

солҳои 1998 то 2009 афзоиши ММД ба сари аҳолиро беҳтаршавии баҳоҳои сифати муҳити институтсионалӣ (коррелятсия бештар дар шохисҳо (зиёда аз 0,7 фисад) ба мушоҳида мерасад – устувории низоми сиёсӣ ва набудани зӯроварӣ, нишондиҳандаҳои самаранокии мақомоти идоракунии давлатӣ) ҳамроҳӣ мекард.

Бо мақсади такмили минбаъдаи низоми идоракунии давлатӣ, Президенти аз сари нав интихобшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тибқи Фармони худ аз 19 ноябри соли 2013, таҳти №12 сохтори нави мақомои иҷроияи идоракунии давлатиро тасдиқ намуд, ки ин аз пайравии роҳбарияти давлат ба дигаргунсозиҳои пай дар паи институтсионалӣ, ки ба таъсиси ҳукумати мустаҳкам ва беҳтар намудани хизматрасониҳои давлатӣ равона мебошад, шаҳодат медиҳад.

Дар илова ба тадбирҳои номгиршуда, 17 январи соли 2014, таҳти №116б Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҷдидгардонии сохтори Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ”, ки ба таҳким башидани низоми ҳамоҳангсозии сиёсати рушд ва ҷорӣ намудани усулҳои нави идоракунӣ ва ба нақшагирии стратегӣ равона гардидааст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон эҳтимол кард, ки қадамҳои минбаъда дар соҳаи акмили сохтори идоракунии давлатӣ бо мушахаскунии тадбирҳои наздиктарин оид ба тадбиқи Стратегияи ИНИД то соли 2015, пиёдасозии муқаррароти Қонун “Др бораи низоми маҷомоти идоракунии давлатии ҶТ”, натиҷаҳои арзёбиҳои гузаронидашудаи уфуқӣ ва амудии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, инчунин таҳиясозии Консепсия оид ба рушди идоракунӣ дар маҳал алоқаманд хоҳанд буд. Ғайр аз он, равнақ додани шарикӣ бо мақсади рушд дар доираи низоми рушди миллӣ зарур шуморида мешавад.

**Шарикӣ дар сатҳи миллӣ.** Бо мақсади гирифтани самараи барзиёд аз тадбиру чораҳои қабулшуда ва маблағҳову захираҳои сарфшуда шарикони рушд бояд ба таври уфуқӣ ба якдигар пайванд буда, дар ҷараёни рушди миллӣ дар ҳамаи самтҳо фаъолона ширкат варзанд.

Шарикӣ худ аллакай ҳадафи ниҳоии рушд дониста мшавад. Вале он инчунин воситаи тараққиёт ва таҳкими нерӯи инсонӣ маҳсуб меёбад. Ғайр аз он, рушди иқтисодӣ дар аксари мавридҳо тавассути рушди инсонӣ ба даст меояд ва чунин рушд бе он устувор буда наметавонад. Шарикӣ дар раванди рушд дар мадди аввал гузошта шудааст, то ки кору фаъолиятҳои лоиҳаву барномаҳои миллӣ беҳтар ба роҳ монда шаванд. Он дар ноил шудан ба нақшаҳову барномаи стратегӣ нақши хоса ва марказиро ишғол менамояд.

Бо шарикии воқеӣ ва мукаммали ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дар лоиҳаҳои рушд метавон ба коҳиш намудани дараҷаи фасод ва натиҷабахшии бештар нисбат ба захираҳои ҷудошуда ва заҳматҳои харҷшуда комёб шуд.

Бо назардошти хусусияти тараққиёти Тоҷикистон, бо мақсади таъмини иштироки васеъ ва фаъоли шарикони рушд дар пешбурди ташаббуси таъсис додани низоми рушди миллӣ, мутобиқи Фармони Президенти ҶТ аз 9 декабри соли 2007 таҳти №355, дар сатҳи миллӣ Шӯрои рушди миллӣ таъсис ёфта, мақоми машваратӣ-ҷаласавии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ки баҳри таъмини ҳамкории байни мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ доир ба масъалаҳои пиёдасозии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 ва дар асоси он

Стратегияҳои миёнамӯҳлати паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

**Вазифаҳои асосии Шӯрои рушди миллӣ аз инҳо иборат мебошанд[6]:**

- муҳокимаи рафти тадбиқи ислоҳоти идоракунии давлатӣ, соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва пешниҳод намудани тавсияҳо ҷиҳати беҳдошти онҳо;

- баррасии ҳисоботҳо оид ба рафти иҷрои СМР/СПСК;

- муҳокима ва пешниҳоди тавсияҳо вобаста ба тасдиқ намудани лоиҳаи стратегияҳои рушди кишвар;

- муҳокима ва пешниҳоди тавсияҳо доир ба ислоҳ намудани ҳадафҳо ва мақсадҳои дар СМР/СПСК дарҷгардида.

Дар айни замон, котиботи Шӯро дар Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ фаъолият менамояд, бо вуҷуди ин кори он бинобар сабаби мавқеи қарордоштааш номусоид мебошад, чунки он ба омилҳои манфии беруна ва дохила гирифтор мешавад. Ба мақсад мувофиқтар мешуд, агар Котиботро ба Дастгоҳи Иҷроияи Президенти ҶТ кӯчонда, сохтори фаъолияти ҷории он бо мақсоади таъмини максималии натиҷабахшӣ ҷиҳати фаъолкунонии кори худи Котиботи рушди миллӣ аз сари нав мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Дар солҳои охир нисбат ба фаҳмиши ҷараёни рушд таваҷҷӯҳи бештар зоҳир мегардад, ки ин марбут ба таваҷҷӯҳмандии афзоянда ба самаранок расондани кӯмак барои рушд буда, он ба аз сари нав баҳогузории нақши ҳукумат ба сифати агенти рушди устувор оварда расонд.

Бо шарикии ҳақиқӣ ва мукаммали ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дар лоиҳаҳои рушд метавон ба коҳиш намудани дараҷаи фасод ва натиҷабахшии бештар нисбат ба захираҳои ҷудошуда ва заҳматҳои харҷшуда комёб шуд. Масъалаи шарикӣ дар раванди рушд решаҳои чуқур дорад, ҳанӯз дар солҳои 70-ум, 80-ум ва 90-ум он дар доираи лоиҳаҳо СММ ва Бонки Ҷаҳонӣ мавриди муҳокима олимон қарор мегирифт. Аз рӯи эродҳои мунаққидон, Бонки Ҷаҳонӣ мафҳуми шарикӣ дар раванди рушдро ба сифати стратегяи паст намудани арзиши лоҳаҳо ва масрафҳои онҳо истифода менамояд. Дар навбати худ, меъёрҳои дақиқе муқаррар гардидаанд, то ки ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳуқуқи соҳибмулкиро барои рушд ва ислоҳот дарк намуда, ба ӯҳдаи худ гиранд. Танҳо он гоҳ ислоҳотҳо ва раванди рушд хусусияти ҷиддӣ ва устуворро ба даст меоранд.

Дигар ҷузъи таркибии бахши ҷамъиятии иқтисодиёт – ташкилотҳои ғайритиҷоратии ғайридавлатӣ (аз ин пас – ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (ТҒТ)), ки таи даҳсолаҳои охир нақши худро дар ҳаёти иқтисодии ҷомеа хеле баланд бардоштааст. Самҳои асосии фаъолияти ТҒТ-ҳои муосир: илм ва маориф, тарбияи ҷавонон, фарҳанг ва варзиш, рушди демократия, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва дигарон, ки куллан ба ҳадафҳои рушди нерӯи инсонӣ ҳамоҳанг мебошанд. Аз нуқтаи назари стратегияи ҳукуматӣ иштироки ҷомеа дар раванди рушд дар ҳаллу фасли вазифаҳои зерин мусоидат мекунад:

- баланд бардоштани шаффофият дар қабули қарорҳо аз ҷониби ҳукумат
- рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳайси шарики рушд
- беҳтар намудани сифаи барномаву қонунгузориҳои стратегии ҳукуматӣ
- мустаҳкам намудани демократия
- пешбурди сиёсати ҳукуматии мутобиқи қонунгузорӣ асосёфта

[6] Фармони Президенти ҶТ аз 19 декабри соли 2007, таҳти № 355.

- таъмини самаранокб дар тадбиқи сиёсати таҳиягашта
- баланд бардоштани натиҷабахшии кори дастгоҳи давлатӣ

**Худидоракунии маҳаллӣ дар низоми рушди миллӣ.** Раванди азнавсозии низоми идоракунии маъмурӣ-ҳудудӣ дар муқоиса бо пешравии маъмурияти давлатӣ дар сатҳи миллӣ ба қадрӣ назаррас ақиб мемонад. Ин дар ҳолатҳои зерин ифода меёбад:

- тараққиёти сусти иқтидор, махсусан дар сатҳи мунисипалитет;
- ҷудокунии номуайяни ваколатҳо байни зинаҳои гуногуни идоракунии давлатӣ;
- набудани заминаи даромади худӣ дар буҷетҳои маҳаллӣ;
- сифати ғайриқаноатбахши хизматҳои ба аҳолӣ ва бизнес пешниҳодшуда.

**Нақш ва мақоми идоракунии маҳаллӣ дар низоми умумии идоракунии давлатӣ.** Қонунгузории кунунӣ оид ба вилоятҳои ва ноҳияҳо давоми ҳукумати ҷумҳуриявӣ дар сатҳи маҳаллӣ ба шумор меравад. Ҳамаи намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби Преҳидети мамлакат таъин гардида, ҳамзамон раисони маҷлисҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ мебошанд. Маҷлисҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ расман ба муддати панҷ сол интихоб мегарданд. Интихоботҳо дар як вақт бо интихоботҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ баргузор мегарданд. Ҷамоатҳои мақомоти худидоракунӣ дар шаҳрак ва деҳот маҳсуб ёфта, раисонашон аз тарафи шӯрои ҷамоят бо пешниҳоди роҳбари ноҳияи дахлдор таъин карда мешаванд. Чун қоида, шӯрои мазкур аз намояндагони ҷамъиятҳои қишлоқҳо (маҳаллаҳо), ки дар ҳудуди ҷамоят воқеъ мебошанд, иборат буда, ба раиси ҷамоят кӯмак мекунанд.

Низомии ҷории идоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистонро метавон ҳамчун низоми марказонидашуда, ки дорои зертобеияти амудии сахти мудирияти давлатии ҳудудӣ дар сатҳи вилоят, шахр, ноҳия ва деҳот (аз ин пас, ҷамоат) мебошад, арзёбӣ кард. Фаъолияи муассисаҳо, функсияҳо ва хизматрасониҳои идоракунии маҳаллӣ дар муҳити мураккаб ва ноҷур ба роҳ монда шудааст. Дар натиҷа, проблемаҳои такроршавии муассисаҳо ва «тобеияти дугона»-и ашхоси давлатии ташкилотҳои ноҳиявӣ ба вазоратҳои марказӣ ва ҳамзамон ба раиси ноҳия боиси ба миён омадани номутобиқатӣ ва бесамарии кор мегардад. Илова бар он, проблемаи таҳлилу ҷамъбаст намудани ҳокимияти иҷроия ва қонунгузор дар тамоми зинаҳои идоракунии давлатӣ ҷой дорад, ки воқеан низоми вобастаги ҳамдигарӣ ва мувозина ба мушоҳида намерасад.

Институтҳои идоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистон то ҳол фаҳмиши замонавии нақш ва функсияҳои худидоракунии маҳаллиро надоранд. Фарҳанги ташкилотӣ асосан ба расонидани хизмат ва иҷроиш таваҷҷӯҳ зоҳир менамояд. Ташаббусу дурнамоҳои боз ҳам васеътар, ба мисли лидерӣ дар ҷамъият, ки тавассути он ҳокимияти маҳаллӣ ба ҳайси ҳимоятгар дар ҷамъияти худ амал менамояд; инчунин фароҳаморандаи имконият – таҷрибаи мусоидатнамоӣ ва ваколатдиҳӣ баҳри иҷроиш, ба иҷроиши мустақим ҳамчун мувозина суст мебошанд ва ё мавҷуд надоранд. Таҷриба ва дониши институтҳои идоракунии маҳаллӣ оид ба ҷорӣ намудани шаклҳои алтернативии хизматрасониҳо, мисли ҳамкорӣ ва шарикӣ байни бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ нокифоя мебошанд.

**Масъалаҳои ғайримарказикунӣ.** Ислоҳот дар самти мазкур бояд ба таври мураттаб ва маҷмӯӣ мавриди амал қарор дода шавад. Чӣ хеле ки дар боло қайд гардид, вазоратҳои ҷумҳуриявӣ бояд бештар масъули таҳиясозии сиёсат ва ба нақшагирии стратегӣ дар сатҳи миллӣ бошанд, на балки функсияи назорати ҳаррӯзаро ба ӯҳда дошта бошанд. Сохтори мавҷудаи идоракунӣ дар сатҳи вилоятҳо ва ноҳияҳоро тавассути табдилдиҳии онҳо ба мақомоти минтақавии идоракунӣ такмил додан зарур дониста мешавад. Мақомоти маҳаллии идоракунии давлатӣ дар доираи раванди ғайримарказикунб аз ҷониби давлат на танҳо масъулияти таъмини вазифаҳои мушаххасро ба душ мегиранд, балки ба пешравии иқтисодии ҳудудҳои аз ҷониби онҳо мудириятшавандаро ӯҳдадор мешаванд.

Баъзе аз намудҳои фаъолиятҳое, ки дар сатҳи марказӣ муқаррар шудаанд, ба мисли шӯъбаҳои почта, раидо, алоқаи телефонӣ, коркарди конҳои канданиҳои фоиданок, хадамоти шуғл, ҳифзи тартиботу бехатарии ҷамъиятӣ бояд ба сатҳи ҷумҳуриявӣ вогузор карда шаванд. Мудофиаи шаҳрвандӣ бояд ҳам аз буҷети ҷумҳуриявӣ ва ҳам аз буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ шуда, бояд дар нақшаи пулҷудокунии умумидавлатии зинаи пасттарини ҳокимияти давлатӣ дохил карда шаванд.

Бисёр муҳим аст, ки қабул намудани дилхоҳ қонуни нави марбут ба додани ваколат ва ғайримарказикунӣ бояд бо ворид намудани тағйироту иловагиҳо ба қонунгузорӣ оид ба маблағҳои молиявии маҳаллӣ ва идоракунии маҳаллии маблағҳои молиявӣ ҳамрадиф бошанд, то ки ба мақомоти идоракунии маҳаллӣ имконияти таҳия ва идоракунии буҷетҳои худ, ки авлавиятҳои идоракунии маҳаллиро ба қадри пурра инъикос менамояд, шароит фароҳам гардад.

8.2. **Сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ баҳри рушди инсонӣ.** Яке аз проблемаҳои калидӣ дар паст намудани саҳи камбизоатӣ ва таъсисгардонии захираҳои инсонӣ дар Тоҷикистон – ин муайян сохтани алоқаманди ҳамдигарии паҳлӯҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии рушди худи инсон.

Ҳанӯз мутаваккирони қадим бовар доштанд, ки инсон – бояд на танҳо чун воситаи афзоиши истеҳсолот, балки ҳамчун ҳадафи муҳимтарини рушд дониста шавад. Аристотолис таъкид менамуд, ки “Боигарӣ – ин танҳо воситаи нигоҳдории ҳаёти инсон, қонеъгардонии эҳтиёҷоти вай ва рушди қуввати он: ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва фарҳангӣ”.

Аммо худи инсон – воситаи асосии истеҳсоли боигарии мазкур, ҳамзамон худи инсон ҳадафи ниҳоии боигарӣ ба шумор меравад”?

Таҳлили иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва омӯзиши таҷрибаи тараққиёти кишварҳои зиёди дунё нишон медиҳад, ки новобаста аз афзоиши баланди иқтисодии солҳои 70-90-уми қарни ҲҲ дар бисёр мамлакатҳои дунё, аз он ҷумла дар Тоҷикистон, беҳтаршавии назарраси сифати зиндагии одамон, ҳалли як қатор проблемаҳои иҷтимоию демографӣ, ба мисли саводнокӣ, солимӣ, шуғл, муҳоҷират ва дарозумрӣ ба даст оварда нашуданд.

Фикр мекунем, ки ҳалли проблемаҳои ташаккулёбии захираи инсонӣ дар Тоҷикистон дар асоси омода намудани барномаҳои илман асоснокшуда имконпазир мебошад, ки самтҳои ба ҳамдигар алоқаманди зеринро дар бар мегиранд:

- демография ва муҳоҷират;
- шуғл ва бекории аҳолӣ;
- маърифатнокӣ ва солимии инсон;
- тараққиёти иқтисодӣ ва афзоиши сатҳи даромаднокии аҳолӣ;
- шароити экологӣ ва шароити зиндагии аҳолӣ;
- сифати ғизои аҳолӣ ва вазъи захираи инсонӣ; вазъи табиӣ ва дараҷаи истифодаи захирҳои табиӣ;
- идоракунии давлатӣ ва мусоидат намудан дар ташаккули рушди устувори инсонӣ.

Стратегияи афзоиши иқтисодӣ, ки ба одамон ва иқтидори истеҳсолии онҳо равонааст, аз унсурҳои зерин иборат мебошад:

а) рушди нерӯи инсонӣ. Ба ҳадафи мазкур метавон бо роҳи таъмини дастрасӣ ба омӯзиш, тандурустӣ ва такмили ихтисос.

б) равнақ додани хоҷагиҳои махсулоти молҳои хурд ва оилавӣ дар деҳот. Дар минтақаҳои деҳоти Тоҷикистон, ки дар онҳо зиёда аз 74 фисади аҳолӣ сукунат доранд ва оилаҳои деҳот ба ҳисоби миёна дорои 6-7 кӯдак мебошанд, тараққӣ додани самти мазкур айни муддао мебошад. Таҷрибаи таърихии тараққиёти иқтисодиёти Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки айнан рушди хоҷагии маҳсулоти молҳои хурд дар заминаи хоҷагии

оилавӣ ва пайдоиши шаклҳои одатии фаъолияти хоҷагидории мардуми Тоҷикистон метавонанд аҳолии деҳотро бо ҷои кор таъмин намоянд;

в) дастрасии боз ҳам васеътар ва баробарҳуқуқ ба замин. Таҷрибаи ислоҳоти кишоварзӣ таи солҳои охир гувоҳӣ он мегардад, ки сатҳи истифодабарии иқтидори табиӣ-захиравӣ ва даромаднокии аҳолӣ дар хоҷагии хусусӣ нисбат ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ хеле баланд мебошад;

г) шароити экологӣ. Имрӯзҳо қариб 40 фисад сокинони деҳоти Тоҷикистон таҳти хавфи экологӣ қарор гирифтаанд, ки сабаби он тақсимоти нооқилонаи заминҳои корам байни истеҳолкунандагони хурд, инчунин пастшавии сифати системаи куҳнаи обёрикунии хоҷагии қишлоқ.

Ифлосшавии оби нӯшокӣ ва номукаммалии шабакаҳои обгузар дар нуктаҳои аҳолинишин боиси он гардид, ки ҳамасола зиёда аз 500 ҳазор нафар аҳолӣ гирифтори касалиҳои сироятӣ мегарданд, дараҷаи ҳосилнокии меҳнат дар хоҷагии қишлоқ коҳиш меёбад ва истифодаи вақти корӣ км мегардад. Чунин ҳолат ба сифати ғизонокии аҳолӣ ва шароити зиндагии онҳо бетаъсир намебошад.

Собит гардидааст, ки нагузоштани вайроншавии вазъи экологӣ нисбат ба хароҷоти барои вайроншавии он 4-5 маротиба масрафи камтарро талаб мекунад.

д) ислоҳоти иқтисодии аграрии Тоҷикистон таи 8-10 соли охир бо давраи авҷ гирифтани проблемаҳои демографӣ мувофиқ омадааст. Барои ҷумҳурии мо, ки шумораи зиёди кӯдакон нисбат ба калонсолон ва афзоиши тези аҳолӣ хоси он мебошад, афзоиши шумораи аҳолӣ пеши роҳи рушди инсониро мегирад.

Вазъият дар Тоҷикистон дар марҳилаҳои нисбатан дертари гузариш ба тарафи беҳтари иҷтимоӣ тағйир хоҳад ёфт, замоне ки роҳбарони ҷавонро дар мақомоти давлатӣ дар системаи кадрҳо бештар ба назар хоҳанд расид.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки мамлакатҳои зиёд ба мисли ШМА, Олмон, Ҷопон, Хитой ва дигарон дар ҳолатҳои бӯҳронӣ рӯ ба тадбиру қарорҳои ғайримеъёрӣ, вале ба амал наздик оварданд. Яъне, авлавиятҳои асосӣ дар сиёсати кишварҳои мазкур ин пешгирӣ намудани коҳишёби сатҳи зиндагӣ ва таъсис додани низоми устувори ҳифзи иҷтимоии фақирон буданд.

Ҳамин тариқ, метавон тамоюли дигаргуншавии назарраси сиёсати иқтисодиву иҷтимоии давлатиро ба системаҳои ғайрииқтисодӣ мушоҳида кард, яъне низоми рушди ба инсон равонашуда, чӣ миқдоран (ҳаҷми маблағгузории хароҷоти башардӯстона) ва чӣ сифтан (таъсиси инфрасохтори рушди инсонӣ).

е) рушди соҳибкорӣ ва хоҷагидории оилавӣ дар хоҷагии қишлоқ механизми калидии рушди босуботи захираи инсонӣ мебошад.

Аз ин ҷо, аз як тараф, – хусусияти умумии дигаргуншавии функсияҳои экологии оила афзоиши хароҷот барои тарибияи кӯдакон, рушди системаи ҳифзи иҷтимоӣ, маориф ва ғайраҳо дониста мешаванд.

Аз тарафи дигар, – оила дар хоҷагии бозорӣ омили муҳимитарини истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва хизматрасониҳо, азнавтақсимкунии даромадҳо, ташкил намудани талаботи қобили пардохтпазирӣ дар бозор ба шумор меравад.

Даромадҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар даромадҳои оилавӣ дар сатҳи оила ва мувофиқан аъзоёни он, хусусиятҳои иҷтимоӣ-демографии онҳо тақсим карда мешаванд. Дар ин маврид оила омили фарқкунандаи сатҳи зиндагӣ аст. Он инчунин ба сифати обекти барномаи кӯмаки иҷтимоӣ қарор мегирад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар оянда низ сатҳи баланди тавлид нигоҳ дошта мешвад, шояд боз 10-15 фисади занҳои деҳот асосан ба корҳои хоҷагии хона ва оила машғул мешаванд.

ж) ислоҳотҳои иқтисодӣ воқеан миқдори ҷойҳои кориро кам гардонда, дар натиҷа сафи бекорон меафзояд.

Мутобиқи маълумотҳои расмӣ, сатҳи бекорӣ тақрибан 3,6 фисади қисми фаъоли аҳолиро ташкил медиҳад. Лекин аз рӯи тадқиқотҳои муайян карда шудааст, ки сатҳи бекорӣ дар ҳақиқат хеле зиёд мебошад – тақрибан 30 фисади қисми аҳолии фаъол.

Дар шароити муносибатҳои нав бахши кишоварзӣ таъсиси босифати захираҳои меҳнатиро тақозо намуда, чизҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд:

- омили синну сол;
- ҳайати ҷинсии аҳолӣ;
- ихтисоси корманд;
- маълумот;
- шаклҳои одатии фаъолият;
- маҳорат ва омодагии зеҳнӣ.

з) идоракунии давлатӣ аз болои захираҳои инсонӣ дар бахши кишоварзӣ, ки ба беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум, коҳиши дараҷаи нобаробарӣ ва асосгузории ҳадафи миллии пешбурди бахши кишоварзӣ равона аст, намудҳои пешниҳодгаштаи маблағгузории онҳо дар маҷмӯъ барои ҳалли проблемаҳо шароит фароҳам меорад, алалхусус дар таъсис додани захираи устувори инсонӣ дар бахши кишоварзии Тоҷикистон барои 5-10 соли дар пеш истода.

“Дар кишварҳои пешрафта ва мутараққӣ пойдевори сатҳи баланду устувори зиндагии аҳолӣ ба низоми ҳамоҳанг ва мувофиқшуда, моликияти ҳуқуқии шахсӣ, сиёсати мустаҳками иҷтимоӣ, гуногунфикрии сиёсӣ ва фарҳангӣ-равонӣ, давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бо доштани синфи устуворан ташаккулёфта дониста мешаванд. Ошкоро ҳарф мезанем: ноил шудан ба ҳамаи ин дар як соат ғайриимкон мебошад. Барои ин солҳо ва солҳои босабр, бозаҳмат ва меҳнати холисона лозим мебошанд, то ки хушбахтии комил дар замина нав муяссар гардад»[7].

Барои ноил гаштан ба ҳадафҳои рушди инсон ҳамҷоякунии талошҳои давлат бо бахши ғайридавлатӣ, худидоракунӣ ва бизнес муносиби мақсад мебошад. Дар асоси ин, дақиқтар муқаррар намудани ҳадафу ниёзҳои ҷомеа ҳангоми таҳия охтани стратегияю барномаҳои дахлдори давлатӣ имконпазир мегардад. Дар илова ба захираҳои давлатӣ, ба кор даровардани иқтидори ҳам соҳибкории хусусӣ ва ҳам ташаббусҳои ҷамъиятию назорат имконпазир мегардад.

Ба ҳамин васила, ҳадафҳои рушди инсониро метавон танҳо дар асоси ҳамҷоясозии кӯшишҳои давлат, шаҳрвандон, ташкилотҳои ғайритиҷоратии ғайридавлатӣ ва бизнес натиҷабахш истифода бурд. Ғайр аз он, пешравии институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва гуногунсозии фаъолияти онҳо, вусъат додани иштироки шаҳрвандон ва ташкилотҳои шаҳрвандиро метавон ҳам ҳадаф ва ҳам воситаи ҳалли вазифаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва таҳким додани иқтидори инсонӣ баррасӣ карда шаванд. Идоракунии самарабахш дар бахши ҷамъиятӣ дар умум аз нуқтаи назари рушди инсонӣ собит аст, ки мувозинати авлавиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳамаи қишрҳои ҷамъият дар заминаи муросокунии васеи иҷтимоӣ, ки овози тамоми қишрҳои аҳолӣ, аз ҷумла аҳолии нисбатан камбизоатро ба назар мегирад, таъмин менамояд.

Ҳаллу фасли бомуваффақи вазифаҳои рушди босубот давомдиҳии тамоюли ислоҳоти иқтисодиёти миллӣ, фароҳам овардани шароит баҳри иҷрои намудани шаклҳои гуногуни мрликият ва рақобат дар бозор, истифодаи оқилонаи тамоми омилҳои дастовардҳои рушди устувори иқтисодии Тоҷикистони соҳибиистиқлолро тақозо мекунад.

Дар робита бо ин, ҷустуҷӯи самтҳои рушд бояд доираи боз ҳам васеътари масъалаҳоеро фаро гирад, ки на танҳо ба проблемаҳои иқтисодӣ маҳдуд мегардад, инчунин мафҳуми “рушди устувор” дар ин ҷода як қатор проблемаҳои дигари иқтисодиро

---

[7] Раҳмонов Э.Ш. Дунё-мафҳуми таърихи мо. Маҷаллаи «Независимая газета». 5 сентябри соли 2000.

дар бар мегирад, ки бе ҳалли онҳо иқтисодиёт аҳамияти иҷтимоӣ надошта, ҷамъият босубот пеш намеравад.

Тавассути ҷамъбасти мушоҳидаҳои консепсияи вобстгии байниҳмдигарӣ миёни рақобат, пешравии итисодӣ ва иҷтимоӣ ва мубориза бо камбизоатӣ ба таври функсионалӣ метавон чор намуди сиёсати иҷтимоиро муайян кард:

1. сиёсате, ки ба ташаккулёбии сармояи инсонӣ мусоидат мекуна;

2. сиёсати иҷтимоӣ, ки ба ҷуброн намудани оқбатҳои нохуби ислоҳотҳои иқтисодии сохторӣ равона гардидааст;

3. сиёсате, ки аввалан барои дур кардани сустшавӣ ё махсусияти иҷтимоӣ ва баъдан барои муътадилсозии ҳифзу умедҳои иҷтимоӣ ҷиҳати роҳ надодани таҳдидҳо ба ягонагии иҷтимоӣ дар иқтисолиёт ва ҷамъият.

4. сиёсати баро мубориза бо камбизоатии мутлақ ва барои таъмини ҳаёти арзанда бахшидашуда.

Сиёсати иҷтимоии ба сармояи инсонӣ ва рушди иқтисодӣ равонашуда дорои алоқамандии сабабноки тафтишотӣ мебошад. Намоиш додани имкониятҳо ва шароитҳо аз рӯи дигар намудҳои сиёсати иҷтимоӣ низ метавонанд рушди иқтисодиро барои дурнамои миёнамӯҳлату дарозмуддат тариқи ғайримустақим, мустақим ва махсус ба миён оранд. Ин занҷираҳои тафтишотӣ байни сиёсати иқтисодӣ, ки ба бозори ҷаҳонӣ ва мубориза алайҳи камбизоатии мутлақ нигаронида шудааст, шадидтар мебошанд.

Ба ҳеҷ чиз нигоҳ накарда, то ҳанӯз дар миёни стратегияҳо оид ба таҳкими рақобат ва сиёсати мубориза бо камбизоатии мутлақ ҷой доранд мухолифатҳо ҷой доранд. Соҳаҳои мазкур ба тағйиротҳо (бо маҳдудиятҳои муайян) таъсирпазир мебошанд. Байни стратегияҳои мансуб ба таҳкими рақобат ва сиёсати мубориза бо камбизоатӣ дар маҷмӯъ метавон панҷ нақшаи ба ҳамдигар ақломандро ҷудо кард:

1. **Заминаи иқтисодии рушди иҷтимоӣ:** Самаранокии иқтисодӣ ва рушди рақобатпазирии миллӣ неъматҳои миллиро маротибаҳои меафзоянд, аммо ин барои ноил шудан ба он дараҷаи рушд, ки бо таъсироти ҳамаҷонибаи иҷтимоӣ ҳамранг мебошанд, нокифоя мебошад.

2. **Фаъолияти ҳамҷояи иқтидорҳо ва сиёсати байниидоравӣ миёни стратегияҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ:** Соҳаҳои фаъолиятҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, ки таъсири бевоситаи иҷтимоӣ мерасонанд (масалан: тадбирҳо ба зидди таваррум, сиёсати одилона андоз, ки ба рушд мусоиат мусоидат мекунанд), ва инчунин дигар чораҳои бевоситаи ба рушди иҷтимоӣ таъсири мусбӣ дошта (масалан: сиёсат барои ширкатҳои хурди миёна, стратегияи технологӣ, сиёсати таҳсилоти касбӣ) бомуваффақ муқаррар карда шудаанд.

3. **Стратегияҳои иловагии чтимоӣ:** Стратегияҳои иҷтимоӣ метавонанд тариқи ғайримустақим самаранокии иқтисодиро зиёд намоянд (масалан: ислоҳоти қонунан асоснок, нигоҳдории суботи сиёсӣ ва сулҳ, таҳкими сармояи иҷтимоӣ).

Сохторҳои иқтисодӣ, ки берун аз чаҳорчӯбаи иловагии стратегияҳои таъсис дода шудаанд, ченакҳои сиёсии рушди иқтисодиро инкор менамоянд. Ба ин нигоҳ накарда, ҷараёни шиддати иқтисодӣ на фақат истисноан аз самаранокии маблағҳои ҷудошудаи бозор, балки аз захираҳое низ вобастагӣ дорад, ки бозор тавоноии ҳосил намудани онҳоро надорад (суботи сиёсӣ, эътимод ва қонуният).

**4. Таъсирҳои баръакс**: Стратегияҳои махсуси иқтисодӣ метавонанд таъсири манфии иҷтимоӣ расонанд, чӣ дар дурнамои кӯтоҳмуддат (пурра кушодашавии бозор ба рақибони хориҷӣ, стратегияи бениҳоят иқтисодии сиёсати иҷтимоии мухолифаткунанда), чӣ дар

дурнамои дарозмуддат (тамоюли аниқи сиёсати иқтисодӣ ба сӯи бахшҳои рушдкунанда). Ин таъсирҳои баръакс маҳсули сиёсати «нодуруст таҳияшудаи» иқтисодист (масалан, либерализатсияи шитобкорона, ки боиси аз байн рафтани имконятҳои танзимии ширкат мегардад) ё барнагарданда шудан (ба мисоли Амрикои Лотинӣ, дигаргуншавӣ дар Аврупои Шарқӣ, дар ин ҷо албатта ҳолати муайян нигоҳ дошта шудааст). Баръакси он, сиёсати тавқиятёфта ё нодуруст ба нақша гирифташудаи иҷтимоӣ метавонад ба ҷараёни шиддати рушд ииқтисодӣ таъсири манфӣ расонад.

**5. Соҳаҳои нопайвастаи миёни сиёсати иқтисодӣ ва сиёсӣ**

Дар масъалаҳои сиёсаи иқтисодӣ барои тақвияти рақобатнокӣ хеле воситаҳои амалӣ ва ҳассос вуҷуд доранд, вале таъсири онҳо хеле ночиз аст ё таъсирашон дар дурнамои дарозмуддат бо мақсади коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ дида хоҳад шуд (масалан: рушди инфрасохтори содиротӣ дар иқтисодҳои суст. Аз чунин тадбирҳо бахшҳои хеле пешрафтаи иқтисодиёт бархӯрдор мешаванд). Ғайр аз он, набояд аз он фикр кард, ки тадбиру чораҳои сиёсати иҷтимоӣ бе унсурҳои молиявӣ таъсири дилхоҳ мебахшанд (барои намуна, системаи ҳифзи иҷтимоии қшрҳои осебпазири аҳолӣ). Сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ сарфи назар аз робитаи ҳамдигарии ҳамаҷониба соҳаҳои мустақили сиёсиро муақаррар менамоянд.

Дар робита бо гуфтаҳои боло, мебоист инҳоро мавриди таҳқиқи бештар системавӣ қарор дод: 1) хати маневра барои барномаҳои иҷтимоӣ дар доираи сиёсати иқтисодӣ; 2) саҳми стратегияҳои иҷтимоӣ дар самти таҳкими барномаҳои иқтисодӣ тавассути гирифтани фоида бо усули бозҳам фаъолтар. Мо набояд танҳо ба умед бастан қарор гирем. 3) устувории сиёсати иқтисодӣ, ки ба коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ё консепсияи интегралии ба бартараф кардани мухолифати байни ҷараёни шиддати иқтисодиёт ва рушди иҷтимоӣ равона мебошанд. 4) бартараф кардани майли эҷод намудани асоснокӣ аз сиёсати иҷтимоӣ, бо такя кардан танҳо ба саҳми функсионалии онҳо дар самти рушди иқтисодӣ. Соҳаҳои бо сиёсати иҷтимоӣ алоқаманд мавҷуданд, ки тибқи функсияи иқтисодиашон асоснок шуда наметавонанд, балки танҳо дар самти фаҳмиши меъёрӣ ва мансуб ба ҳуқуқҳои инсонӣ дар арзёбии иҷтимоии онҳо шуда метавонанд.

Ҳадаф аз ташаббусҳои идоракунии давлатӣ ин бояд тақвият додани иқтидори зарурӣ барои амалӣ сохтани нақшаҳои рушд иборат бошад, ки тибқи онҳо афзалият ба камбизоатон дода мешавад, пешбарии занҳо тарғиб карда мегардад, муҳити зистро устувор менамоянд ва барои шуғл ва дигар воситаҳои зист шароити муосид фароҳам оварда мешавад.

БРСММ дар кори пешбурди он ғояе аст, ки идоракунии оқилонаи давлатӣ ва рушди босуботи инсонӣ ҷузъҳои ҷудонашаванда мебошанд. Бинобар ин бо эътимод гуфтан зарур аст, ки рушди нерӯи идоракунии оқилонаи давлатӣ метавонад ва бояд самти авлавиятноки коҳиши камбизоатӣ бошад. Вале миёни доираҳои илмӣ ва коршиносони рушд мафҳуми консепсияи идоракунии оқилона ва робитаи байни идоракунӣ ва рушди устувори инсонӣ ба таври гуногун тавзеҳ карда мешавад.

**Инвеститсияи давлат ба сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ.** Ҳангоми таҳияи барномаҳои стратегии рушди соҳаҳои баши ҷамъиятӣ бояд тамкрористеҳсоли омилҳои ҳам моддӣ-ашёӣ ва ҳам ғайримоддӣ ба назар гирифта шаванд. Инвеститсия ба инсон дар шароити иқтисодиёти инностасионӣ афзоиш хоҳад ёфт.

Таҷдидгардонии иқтисодиёт дар аксари маврид аз ҳалли проблемаҳои инсон ҳамчун омили рушд вобастагӣ дорад. Кӯшиши гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ аз ҳисоби инсон ба натиҷаҳои бемаҳслул оварда расонд. Ин бахусус дар паст гардидани малакаи касбӣ ва кордонии кормандон, пошхӯрии оилаҳо, арзишҳои заминавии иҷтимоии ҷамъият, принсипҳои рӯҳонӣ ва маънавӣ, дар рушди фасод, иқтсодиёти соягӣ, ҷинояткорӣ ва ғайраҳо инъикос гардид. Тағйироти мазкур дар бӯҳрони вазъи демографӣ, бӯҳрони соҳаи

маориф, тандурустӣ, хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ ва ҳифзи муҳити зист инъикос гардад ва пеш аз ҳама – сустшавӣ ва пастгардии инсон ҳамчун узви ҷомеа ва шиддатёбии хусусиятҳои худпарастии он ба миён омад.

Барқароркунии эътимод дар системаи робитаи баръакси инсон, ҷамъият ва давлат сармоягузориҳои бузургро тақозо менамояд. Проблемаи инсон дар иқтисоди бозоргонӣ функсияи вайро ҳамчун сармояи инсонӣ ва ҳамчун узви ҷомеа дар бар мегирад.

Маблағгузории давлат ба сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ зиёд хоҳад шуд, ки инро таҷрибаи давлатҳои пешрафта гувоҳӣ медиҳанд. Ҳамаи ин зарурати афзудани нақши бахши ҷамъиятӣ, афзоиши сармояи иҷтимоӣ, сатҳу сифати зиндагиро ба миён меорад. Дар сиёсати иҷтимоӣ мавқеи истифодаи мақсадноки хазинаи захиравӣ (беҳтар намудани меъёрҳои зиндагӣ) мустаҳкамтар гардида истодааст.

Ҳамин тариқ, ҳадафҳои рушди инсонӣ дар амал метавонанд танҳо дар асоси кӯшишу талошҳои ҳамҷояи давлат, шаҳрвандон, ташкилотҳои ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ ва бизнес самаранок истифода гарданд. Ҳамзамон рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва гуногунсозии фаъолияти онҳо, васеъгардонии иштироки шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ метавонанд дар як вақт ҳам ҳадаф ва ҳам воситаи ҳалли вазифаҳои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ баррасӣ карда шавад. Идоракуни самаранок дар бахши ҷамъиятӣ дар маҷмӯъ аз нуқтаи назари рушди инсонӣ тавозуни авлавиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳамаи қишрҳои ҷомеаро дар асоси созиши васеи иҷтиморо таъмин менамояд, ки дар он овози тамоми гурӯҳҳои аҳолӣ, аз ҷумла аз ҳама осебпазир, дар мадди назар қарор мегирад.

Институти муҳими бахши ҷамъиятӣ ва воситае, ки тавассути он давлат метавонад ба бузургӣ ва ҷараёни шиддати рушди нерӯи инсонӣ таъсири худро расонад, ин буҷети давлатӣ ба шумор меравад. Дар аксари мамлакатҳои дорои бузургии воқеии калонтарини шохиси рушди инсонӣ хароҷоти башардӯстонаи давлат (маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, фарҳанг) зиёда аз 60 фисади ҳаҷмии умумии буҷетҳоро дар бар мегирад.

Дар баробари хароҷотҳои бевосита дар маблағгузории соҳаи маориф, илм ва тандурустӣ давлат ба ҷамъ намудан ва пиёда сохтани нерӯи инсонии миллат ғайримустақиман мусоидат менамояд. Асоси рушди низомҳои ғайриқтисодии муосир – даври "дониш-инноватсия-рушди иқтисодӣ", ки барои ҷоннок намудани он кӯшишҳои мақсадноки ҳукуматҳои кишварҳои пеҳқадами дунё равона шудаанд, маъмулан аз ҷамъшавии бошиддати иқтидори ҷӣ зеҳнӣ ва ҷӣ эҷодиву иҷтимоии инсон замина мегирад.

Имрӯзҳо Ҳукумати ҶТ таҳияи ҷабҳаҳои институтсоналии низоми инноватсионии миллиро фаъолона идома дода истодааст. Яке аз тамоюлҳои пешқадам ин таваҷҷӯҳи бештар ба такмили андозаҳои низоми тайёркунии кадрҳо барои инноватсия шуда истодааст. Инак, тибқи Фармони Президенти ҶТ аз 20 ноябри соли 201, Вазорати нави саноат ва технологияҳои нав таъсис дода шуд, ки ин аз роҳӣ шудан ба ҷониби рушди иқтидори саноатии мамлакат тавассути ворид намудани технологияҳои нав ва тараққиёти инноватсионӣ шаҳодат медиҳад. Дар баробари ин, тадбиру чораҳои марбут ба таъсиси сиёсати кадрӣ бо ҷалби кадрҳои ҷавони дорои тафаккури нав ва усулҳои инноватсионӣ андешида мешаванд. Пеш бурдани бахши саноатӣ ва таҳия сохтани сиёсати дастгирии соҳибкории хурду миёна дар шароити мазкур пеш аз ҳама рушди инсониро мавриди таваҷҷӯҳ қарор медиҳад.

Иқтисодиёти инноватсионӣ (ИИ) дар маҷмӯъ – ин иқтисодиётест, ки метавонад дилхоҳ инноватсияҳои барои ҷамъият муфидро самаранок истифода барад (патентҳо, иҷозатномаҳо, ноу-хау, технологияҳои ҷадиди қарзӣ ва худӣ ва ғ.). ИИ – ин ҳамчунин инфрасохтори умумӣ дар давлат, ки ба пиёдасозии идеяҳои олимон дар таҷриба ва амалӣ сохтани онҳо дар маҳсулотҳои инноватсионӣ мусоидат менамояд. ИИ – ин ҳамчунин

иқтисодиётест, ки метавонад сармояи мусбии созандаи инсониро ҷамъ ва зиёд намояд. Инчунин он пеши роҳи ҷамъшавии унсурҳои манфӣ ва вайронкунандаи онро мегирад.

Иқтисодиёти иноватсионӣ – ин иқтисоди сифати баланди зиндагӣ, зеҳн, маориф, илм ва сармояи баландсифати инсонӣ. Унсури калидии нигаронидашудаи инфрасохтори низоми инноватсионӣ ин мавзеи саноатии самараноки шакли нав буда, аз дастовардҳо ва таҷрибаи бизнеси корхонавӣ, аз шаффофият ва рақобат, аз сармоягузориҳои бизнес-малоикаҳо (инвесторони хусусии дорои таҷрбаи корӣ дар бизнеси корхонавӣ), ки на кам аз нисфи ҳаҷми умумии самроягузориҳоро ташкил мекунад, замина мегирад. Дар маҷмӯъ, дар иқтисодиёти пешрафтаи ҳозиразамон фаъолияти инноватсионӣ зиёда аз нисфи шумораи умумии корхонаҳоро фаро мегирад. Яъне он аз рӯи тамоми намудҳои фаъолияти иқтисодӣ пароканда ҷойгир шудааст.

Пешбарандаи иқтисодиёти инноватсионӣ, ҳаракати инноватсия аз идея ба мол ва харидор, тавлидкунандаи идеяҳо ва инноватсияҳо ин рақобат дар тамоми шаклҳои фаъолият ба ҳисоб меравад. Рақобат барои соҳибкорон ва роҳбарият имконияти сохтани маҳсулоти нав, маҳсулоти инноватсионӣ шароити мусоидаткунанда фароҳам меорад, то ки мавҷеи худро дар бозор нигоҳ ва васеъ намояд ва ба афзоиши фоида оварда расонад. Рақобати озод ин худ мусоидаткунандаи асосии донишҳои нав, инноватсияҳо ва маҳсулоти самараноки инноватсионӣ дониста мешавад. Низоми инноватсионӣ (НИ) ва иқтисодиёт, бизнеси корхонавӣ дар мамлакатҳои пешрафта барои кишварҳои рӯ ба тараққие, ки кишвари мо ба он гурӯҳ дохил аст, ҳамчун модел ба ҳисоб меравад.

ИИ-и кишварҳои пешқадам дорои чунин хусусиятҳоянд: - дараҷаву сифати баланди СИ ва сармоягузориҳои зиёд баҳри рушду нумӯи он; - волоияти қонун, дараҷаи баланди амнияти шахсии шаҳрвандон ва бизнес; - сифати баланди зиндагӣ; - суботи иҷтимоӣ; - баргузижагони (элитаи) фаъол ва босалоҳият; - шохиси баланди ШРИИ ва озодии иқтисодӣ; - дараҷаи баланди пешравии илми бунёдӣ; - дараҷаи баланди рушди фанҳои амалӣ; - мавҷудияти марказҳои боқуввати зеҳнии рушди технологӣ ва маҷмааҳои тадқиқотӣ-таҷрибавӣ; - ҳиссаи назарраси иқтисодиёти нав; - таъсирҳои сахти кӯшишҳои ҳамҷоя дар кулли соҳаҳои фаъолияти зеҳнии одам; будани системаҳои тараққикарда ва самараноки инноватсионӣ, ки аз ҷониби давлат дастгирӣ меёбанд; - мавҷуд будани системаҳои (венчурӣ) илмӣ-технологии таваккалии рушдёфта ва самаранок, ки аз тарафи давлат дастгирӣ меёбанд; фазои ҷалбкунандаи сармоягузоӣ ва рейтингҳои баланди сармоягузоӣ; - муҳити мусоиди соҳибкорӣ; - иқтисодиёт ва саноати гуногуншакл; - маҳсулоти рақобатпазир дар бозорҳои технологии ҷаҳонӣ; - танзими самараноки давлатӣ аз болои иқтисодиёт ва тараққиёти кишвар; - мавҷуд будани иттиҳодияҳои байналмилалӣ, ки ба рақобатпазирии пешравии технологӣ ва илмии мамлакат мусоидат мекунанд; - сатҳи пасти таваррум (чун қоида, аз 3 фисад камтар). Мавҷуд доштани омилҳову шароити дар боло номбаршуда боиси тавлиди инноватсияҳо ва механизми самараноки расондани онҳо то ба сатҳи мҳсулоти рақобатпазир мегардад.

Шаш ҷузъи асосии ИИ, ки дар ташкил ва пеш бурдан то ба дараҷаи рақобатпазирӣ аз рӯи талаботҳои ҷаҳонӣ ҳатмӣ мебошанд, инҳоянд: 1) маориф; 2) илм; 3) сармояи инсонӣ дар маҷмӯъ, аз он ҷумла сатҳи баланди зиндагӣ ва кормандони баландихтисос; 4) низоми инноватсионӣ, ки аз инҳо иборат мебошад: - заинаи ҳуқуқӣ; - унсурҳои моддии низоми инноватсионӣ (марказҳои додани технологияҳо, бизнеси венчурӣ (бизнесе, ки бо навовариҳои илмӣ-тадқиқиотӣ ва таҷрибавӣ таваккал кардан ба роҳ монда шудааст), маҷмааҳои тадқиқотӣ-таҷрибавӣ, шаҳрҳои илмӣ-саноатӣ, марказҳои инноватсионӣ, кластерҳо, мавзеъҳои азхудкунии технологияҳои баланд, бизнеси венчурӣ ва ғ.); 5) саноати инноватсионӣ, ки навовариро тадбиқ менамояд; 6) муҳити мусоид баҳри амалӣ сохтани СИ.

Ихтисор намудани ҷузъҳои ИИ-и самаранок то ба чор аз манфиат холӣ нест: 1) СИ-и баландсифат бо мафҳуми васеъ; 2) СИ-ҳои самаранок; 3) саноати сермаҳсул, ки қобили истеҳсол намудани маҳсулоти инноватсиониро дорад; 4) муҳити мусоид барои СИ.

Марҳилаи баланд ва оянда ва усули иқтисодиёти инноватсионӣ ин иқтисодиёти дониш ва ҷамъияти донишҳо ё ҷамъияти иттилоотӣ ба шумор меравад.

Дар асл, фаҳмиши кадом намуди корҳоро анҷом додан барои таъсиси СИ-и миллӣ аз нуқтаи назари назария ва таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар тамоми зинаҳои давлат (онҳое, ки барномаву стратегияҳоро таҳия менамоянд) дарк гардидааст. Ба ин нигоҳ накарда, пешравии воқеӣ дар ҳаллу фасли проблемаҳо ҳанӯз ночиз мебошад.

Мағзи созанда, муҳаррики СИ ва иқтисодиёт ин бизнеси венчурӣ мебошад. Бизнеси венчурӣ – бизнеси аз рӯи хусусият таваккалӣ ва дорои дараҷаи баланди даромад (дар ҳолати муваффақ шудан). Ва дар чунин ҳолат иштироки давлат ба ҳайси танзимкунанда ва сармоягузор мақбули ҳамагон дониста мешавад. Як қисми таваккалро давлат ба души худ мегирад. Бизнеси венчурӣ ба пиёдасозии навовариҳо ва инноватсияҳои бузург, баъзан хеле чуқур, ки аз фанҳои бунёдӣ замина мегирад, равона шудааст. Бинобар ин, шарикии давлат дар он бар чаҳорчӯбаи шарикии хусусӣ-давлатӣ ҳам зарур ва ҳам манфиатовар мебошад.

Инноватсияҳо дар иқтисодиёти бозоргонӣ ин натиҷаи рақобати озод дар бозор маҳсуб меёбад. Дар мавриди набудани сарчашмаи ба миён овардани инноватсияҳо – рақобат – ё худи инноватсияҳои арзи вуҷуд надоранд ва ё хусусияти ногаҳон пайдошавиро доранд. Хоҳиш ва зарурати ба даст овардани фоидаи калон соҳибмулки хусусиро водор месозад, ки он гуна кори махсус ва манфиатоваре амалӣ созад, ки рақибони вай карда наметавонанд, ва дар ин сурат моли вай диққатҷалбкунанда шуда, беҳтар харидорӣ карда мешавад. Озодии иқтисодӣ, бозорҳои рақобаткунанда, волоияти қонун ва моликияти хусуӣ – ҳамон омилҳое, ки ба таври автоматӣ инноватсияро ба вуҷуд оварда, талабот ба онҳоро ба миён меоранд ва боиси ҷалби сармоягузорӣ дар маҳсулоти инноватсионӣ гардида, ҳамчун воситаи пайвасткунандаи идеяҳо ва молҳои инноватсионӣ хизмат мекунанд. Берун аз иқтисодиёти бозоргонӣ бо мавҷудияти бозорҳои рақобаткунда таъсис додани иқтиодиёти инноватсионӣ ва тавлидкунии худкӯмаккунандаи инноватсияҳо ва молҳои инноватсионӣ қатъи назар аз таҷриба ғайриимкон мебошад. Хусусияти иқтисодиёти инноватсионӣ, бизнеси венчурӣ ва ҷомеаи иттилоотӣ ин ҳолатест, ки шароити мусоид барои бизнеси венчурӣ, сифати хуби зиндагӣ бояд аз тараҷи мамлакатҳои нисбатан пешрафтаи дунё дар шароити ҷаҳонишавӣ, сарҳадҳо ва иқтисодиётҳои озод таъмин карда шаванд. Кормандони бизнеси венчурӣ ҳамчун коршиносони баландихтисос дар он ҷое кор мекунанд, ки ба онҳо қуллайтар буда, барои бизнес шроити мусоид ва рақобатпазир фароҳам оварда шудаанд. Дар даврони ИҶШС фароҳам овардани чунин шароит ба даст оварда нашуд. Ва бинобар ин он давлат дар рақобати илмӣ-технологӣ мағлуб гардид. Сабабҳои асосии ақибмонии фаъолияти илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ дар кишвар – ин сифати пасти СИ ва муҳити номусоиду вазнин барои корҳои инноватсионӣ. Сифати ҳамаи ҷузъиёти сармояи инсонӣ коҳиш ёфт: маориф, илм, бехатарии шаҳрвандон ва бизнес, одамони баланпоя ва мутахассисон.

8.3. **Институтҳои макроиқтисодии танзими захираи инсонии Тоҷикистон.** Захираи инсонӣ дар айни замон на танҳо афкори нави омили инсонӣ дар иқтисодиёт ба ҳисоб меравад, он худ ба худ аҳамияти бештарро доро мебошад, чунки он ҳам қувваи ҳаракаткунанда ва ҳам объекти таъсиркунандаро ифода менамояд. Бо доштани табиати дугонаи иҷимоию моддии худ захираи инсонӣ нисбат ба захираҳои моддиву ашёӣ дорои як қатор бартариҳои баҳснопазир мебошад, ки онро ҳамчун захираи муҳимтарин ва омили рушд ииқтисодӣ нишон медиҳад.

Сармояи асосии рақобаткунандаи кишвар ва сарчашмаи асосии тараққиёти он одамон ба шумор мераванд. Ва барои он, ки кишвар мустаҳкам ва пурсарват гардад, бо мақсади дар арсаи байналмилалӣ ҷои намоёнро ишғол намудани Тоҷикистон пеҳ ах ҳама бояд захираҳои андӯхтаи инсониро рушду равнақ додан зарур аст.

Ҷараёни ташаккулёбии захираҳои инсонӣ аз хароҷоти муайян иборатанд, ки ба нигоҳдории солимӣ, ба гирифтани маълумоти умумӣ ё махсус, ба ҷустуҷӯи кор, ба тайёрии касбӣ ва азнавтайёркунӣ ба истеҳсолот, ба муҳоҷирати бинобар сабабҳои аз одам вобаста ва новобаста, ба таваллуд ва тарбияи кӯдакон, ба ҷустуҷӯи иттилооти қобили қабул дар бораи нархҳо ва маошҳо равона шудаанд.

Чӣ хеле ки мебинем, фирма ё худи одам метавонанд анҳо як қисми ин хароҷотро пӯшонанд. Аксарияти хароҷот барои ташаккулёбии захираҳои инсонӣ, инчунин бунёд сохтани институтҳое, ки ба истифодаи оқилонаи заираҳои инсонӣ мусоидат менамоянд, бояд аз ҷониби давлат ба анҷом расонда шаванд. Дар масъалаи ташаккул додани захираҳои инсонӣ давлат дар муқоиса бо чӣ одамони алоҳида ва чӣ фирмаҳои алоҳида соҳиби афзалиятҳои зиёде мебошад. Аввал ин ки он метавонад ҷиҳати ташаккул додани захираҳои инсонӣ усули маҷмӯиро истифода намуд – аз даврони кӯдакӣ то шомил шудан ба синну соли меҳнатӣ, дуюм ин ки он метавонад ҷиҳати ташаккул додани захираҳои инсонӣ усули низомдорро роҳандозӣ намояд – аз рӯи активҳо (тандурустӣ, маориф, фарҳанг, муҳити иҷтимоӣ, экология ва ғ.), сеюм ин ки давлат барои сармоягузорӣ ба захираҳои инсонӣ соҳиби имкониятҳои бузурги молиявӣ ва (ки бисёр муҳим аст) қудрати маҷбурсозӣ мебошад. Бояд қайд намуд, ки давлат аз захираҳои инсонии баландсифат дорои манфиатҳои бузург низ мебошад (чӣ иқтисодӣ ва чӣ иҷтимоӣ). Фоидаҳои иқтисодӣ бо фоидаҳои фирма воқеан якхела мебошанд – ин афзоиши маҳсулнокии меҳнати ҷамъиятӣ, баланшавии қобилияти рақобатпазирии кишвар, таҳкими иқтидори илмӣ-техникӣ, азхудкунии босуръати инооватсияҳо ва технологияҳои нав. Фоидаҳои иҷтимоӣ бо беҳтаршавии вазъи саломатии миллат, таҳкими асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ривоҷу равнақи арзишу дастурҳои демократӣ ва меъёрҳои фарҳангӣ алоқаманд мебошанд.

**Ошкор сохтани асосҳои институтсионалӣ ва иқтисодии рушди захираҳои инсонӣ тавассути намудҳои зерини захираҳо анҷом мегирад:**

**Захираи саломатӣ.** Як қатор омилҳое, ки ба захираи саломатӣ таъсир мерасонанд, бо вазъи демографӣ ва сиёсати иҷтимоии давлат алоқаманд мебошад. Тарзи ҳайти инсон бо фаъолияти берун аз оила пайваст буда, бо омадани саноатишавӣ ва шаҳрдоршавӣ гузариш аз оилаи «одатӣ» ба оилаи «ҳозиразамон», аз оилаи калони таркибӣ ба оилаи хурди алоҳида мушоҳида мегардад. Таносуби шумораи аҳолии синну оли ғайри қобили меҳнат ва қобили меҳнат торафт бад шуда истодааст.

Нишондиҳандаҳои системавӣ …, ки инъикосгари дараҷаи вазъи иқтисодӣ, маънавӣ, равонӣ, дараҷаи шиддатнокии равандҳои ҷамъиятӣ мебошанд, нишондиҳандаҳои беморӣ ва фавти аҳолӣ аз бемориҳои дорои «хислати иҷтимоӣ», соқиопатия мебошанд. Дар натиҷаи тадқиқотҳои махсус вобастагии коррелятсионии солимии аҳолӣ аз як қатор шароити иҷтимоӣ-иқтисодии рафтори ҳаёту фаъолияти аҳолӣ, имконияти ғизои пурра, дараҷаи қобилияти пардохтпазирӣ, сатҳи амнияти шахсӣ ошкору муайян гардиданд.

Ҳадафи ислоҳоти тандурустӣ аз баланд бардоштани дастрасӣ ва сифати кӯмаки тиббӣ барои тамоми қишрҳои аҳолӣ тавассути мушахасгардонии кафолатҳои давлатӣ дар расондани кӯмаки тиббӣ ба аҳолӣ, азнавсозии системаи суғуртаи ҳатмии тиббӣ, гузарондани таҷдиди сохтории низоми расондани кӯмаки тиббӣ, таъмини дастрасии шаҳрвандон ба доруворихои натиҷабахш, бехатар ва босифат, таҳия сохтани барномаи маҷмӯии таъминоти имтиёзноки доруворӣ, беҳтар намудани сифати омодасозии касбӣ ва азнавтайёркунии кадрҳои соҳаи тандурустӣ иборат мебошад.

Муҳоҷират дар шароити демографӣ ҳамчун омили ташаккулёбӣ ва такрористеҳсолии аҳолӣ мебошад. Ҷараёни ҷобаҷогузории қувваи корӣ аз як давлат ба давлати дигар дорои миқёси боз ҳам бештар мегардад. Миқёси «рехтани ақл» яке аз нишондиҳандаҳои иқтидории зеҳнии мамлакат дониста мешавад. Се шакли асосии «рехтани ақл»-ро ҷудо намудан мумкин аст: дар шакли муҳоҷирати мустақим, ҷалони ватан кардан баҳри кори муваққатӣ дар асоси қарордод, ба кор гирифтани олимон ва мутахассисони аз тарафи ширкатҳои хориҷӣ ва корхонаҳои муштарак бо иштироки хориҷӣ, ки дар ҳудуди Тоҷикистон қарор доранд.

Ҳадафҳои асосии сиёсати муҳоҷират ин аз мусоидат ба рушди босуботи иқтисодӣ ва тараққиёти мутаносиби иҷтимоии кишвар, риоя намудани манфиатҳои амнияти миллӣва пешгирии терроризми байналмилалӣ тавассути танзим намудани равандҳои муҳоҷиратӣ иборат мебошанд. Сиёсат дар соҳаи муҳоҷирати иқтисодӣ бояд ба рушди муҳоҷирати мунтазам, танзими натиҷабахши ҷойвазкуниҳои меҳнатӣ, мубориза босамар алайҳи муҳоҷиратӣ ғайриқонунӣ мусоидаткунанда бошад. Тадбиру чораҳои вобаста ба рушди муҳоҷирати мунтазам бояд ба ҷалби кормандони ихтисосманд ва инвесторон равона гарданд.

**Захираи таълимӣ ва зеҳнӣ.** Ташаккулёбии захираи зеҳнӣ ва таълимӣ низ дорои як қатор хусусиятҳои хос ва умумӣ мебошад. Инак, сармояи таълимӣ тавассути инвеститсия ба низоми таҳсолоти миёна, техникӣ ва олӣ; зеҳнӣ – аксаран тавассути инвеститсия ба маҷмааи илмии ҷамъият ташаккул меёбад.

Ҳалли проблемаи нигоҳдории иқтидори касбии иқтисодиёт дар соҳаи идоракунии захираҳои инсонӣ тағйироти сиёсати давлатиро (истифодаи оқилона ва рушди онҳо) бо мақсади зерин тақозо менамояд: таъмини рақобатпазирии қувваи корӣ дар бозори ватанӣ ва ҷаҳонии меҳнат тавассути рушди системаи таҳсилоти дохилӣ; таҳия намудан ва минбаъд тадбиқ намудани низоми давлатии ҳифзи касбдонии кормандони ихтисосманд ва манфиати корфармоён ҳамчун муштариёни қувваи корӣ тавассути таҳияи меъёрҳои давлатии касбӣ ва сохтани механизми шаҳодатномаву иҷозатномагирии кормандон; инчунин таъмин намудани танзими давлатӣ аз болои бозори қувваи корӣ ва бозори хизматрасониҳои таълимӣ ба воситаи таҳиякунӣ, амалисозӣ ва ҳамоҳангсозии барномаҳои милӣ, минтақавӣ ва соҳавии рушди захираҳои инсонӣ; ривоҷ додани худмуайянкунии касбии кормандон, рушди муваффақиятҳои касбӣ бо роҳи таъсис ва равнақи низоми миллии ҷобаҷогузории касбӣ ва кӯмаки равонӣ ба аҳолӣ.

**Захираи иҷтимоӣ (фарҳангӣ).** Фарҳанг, айнан мисли маориф, барои такрористеҳсол ва пешбурди ҷомеа мусоидат намуда, рушди иқтисодиро метезонад. Воқеан тамоми моделҳои эконометрикӣ, ки суръати афзоиши давлатро ҳисоб менамояд, ба сифати чнаки аввалиндараҷа сатҳи фарҳангдории аҳолиро қабул менамоянд. Дар муқоиса бо дигар унсурҳои таркибии захираи инсонӣ, ки дар вазъи саломатӣ, маҳорату дониши ҳар як фард ифода мегарданд, захираи иҷтимоӣ камтар ба мушоҳида мерасад, чунки он танҳо дар муносибатҳои ҳамдигарии одамон арзи вуҷуд дорад. Захираи иҷтимоӣ (фарҳангӣ) фаъолияти истеҳсолиро сабук мегардонад. Масалан, гурӯҳе, ки дар дохили он эътимоди комил ва боварии мутлақ вуҷудо доранд, қобил аст корҳое зиёдеро нисбат ба гурӯҳе, ки чунин бартариҳоро надорад, ба субут расонад. Дар асоси шабакаҳои иртиботи иҷтимоӣ мансубият ба доираи муайяни иҷтимоӣ ва ё узвият ба гурӯҳи алоҳида замина мегирад. Омилҳои субективӣ-равонӣ метавонанд натиҷаҳои “шарикии иҷтимоӣ” ва идеяи ягона гарданд. Ин робита дорад ба мавҷудияти ҳолат ё идеяи пайвандкунандае, ки барои он тафовути фардӣ ва гурӯҳӣ ҷузъӣ ва ночиз мегарданд.

Ҳамин тариқ, се омили асосии ташаккулёбии захираҳои инсонӣ ҷудо карда шудаанд. Онҳоро шартан солимӣ, маориф ва фарҳанг меномем. Солимӣ бояд ҳамчун омиле баррасӣ гардад, ки дорои хусусияти дугона мебошад: чун омили аввалиндараҷа, ки

ҳангоми таваллуд ба даст оварда мешавад ва чун тағйирёбанда, ки дар давоми ҳайёт дида мешавад. Маълумот дар худ дониши дар ҷараёни таҳсил андӯхта мешавад ва малака (таҷриба)-и дар вақти фаъолияти меҳнатӣ ба даст овардашударо дарбар мегирад. Фарҳанг, ҳамчун омил ҳавасмандкунӣ ба фаъолияти меҳнатӣ, низоми арзишҳо ва дастрасӣ ба иттилоотро дарбар мегирад. Омилҳои мазкурро метавон чӣ дар сатҳи шахсӣ (марбут ба фарди алоҳида) ва чӣ дар сатҳи тамоми ҷамъият (ё ҷузъҳои алоҳидаи он).

**1. Саволҳо барои машғулиятҳои амалӣ:**

1. Функсияҳои бахши ҷамъиятӣ ва рушди инсонӣ аз чӣ иборат мебошанд?
2. Нақши шарики давлатӣ-хусусӣ дар раванди рушд?
3. Кадом шаклҳои иштирокро дар раванди рушди миллӣ метавон ҷудо кард?
4. Ҳаллу фасли проблемаҳои ташаккулёбии захираҳои инсониро дар чӣ дидан мумкин аст?
5. Кадом намудҳои фаъолиятҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ ба рушди иҷтимоӣ таъсири бевосита мерасонанд?
6. Иқтисодиёти инноватсионӣ чиро ифода менамояд ва ҷиҳати баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ барои пешбурди фаъолияти инноватсионӣ чӣ корҳоро анҷом додан зарур мебошад?

**2. Саволҳо ва тестҳои санҷишӣ**

1. Нақши шарики давлатӣ-хусусӣ дар ҷараёни тараққиёт.
2. Институтҳои ШДХ дар Тоҷикистон ва нақши онҳо лар рушди инсонӣ.
3. Ислоҳоти идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон ва таъсири онҳо ба равандҳои рушди миллӣ.
4. Худидоракунии маҳаллӣ ҳамчун омили рушди минтақавӣ дар Тоҷикистон.
5. Ғайримарказикунӣ (десентрализатсия): зарурат ва мушкилиҳо дар тадбиқи ин раванд.
6. Сармояи асосии рақобаткунандаи кишвар ва сарчашмаи асосии рушди он кист?
7. Аҳамияти мушоҷират дар шароити демографӣ ва ташаккулу такрористеҳсолии аҳолӣ аз чӣ иборат аст?
8. Кадом се омили асосии ташаккулёбии захираҳои инсоинро номбар кардан мумкин аст?

**3. Мавзӯҳои рефератҳо, презентатсияҳо:**

1. Нақши инсон дар раванди рушд?
2. Миссияи бахши давлатӣ дар марҳилаи гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ ва рушди сармояи инсонӣ?
3. Омилҳои ташаккулёбии захираҳои инсонӣ?
4. Нақши муҳоҷират дар шароити демографӣ?
5. Шариконро дар раванди рушди миллиро номбар кунед?

**4. Рӯйхати адабиётҳои ҳатмии тавсияшаванда:**


1. Стратегияи Миллии Рушди ҶТ барои давраи то соли 2015.
2. Фармони Президенти ҶТ аз 19 ноябри соли 2013, № 12.
3. Фармони Президенти ҶТ аз 17 январи соли 2014, № 116.
4. Сомонаи расмии Президенти ҶТ: www.pқӯsidӯnt.tj.


**5. Рӯйхати адабиётҳои иловагии тавсияшаванда:**


1. Ҳисобот оид ба рушди инсонии БРСММ барои солҳои охир.

2. Michael P. Todaro., Stephen C. Smith. Маҷаллаи Economic Development, нашри нӯҳум, Англия, 2006.
3. Профессор Tomaru Motomi, Ҳисобот оид ба арзёбии рушди иқтидори идоракунии Ҳукумати Тоҷикистон, Созмони ҷопонии JICA, Тоҷикистон, 2004.
4. Китоби дарсӣ: Рушди инсонӣ: Ченкуни нави тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, Барномаи рушди СММ /Факултаи иқтисодии ДДМ ба номи Ломоносов М.В., Москва 2008.

## Мавзӯи 9. Амнияти инонӣ дар заминаи Рушди Инсонӣ

**9.1. Мафҳум ва критерияҳои амнияти инсонӣ.**

**9.2. Маънохои мукаммали амнияти инсонӣ.**

**9.3. Амнияти инсонӣ ва Рушди Инсонӣ**

**1. Мафҳум ва критерияҳои амнияти инсонӣ.** Охирҳои асри XX дар тамоми дунё таваҷуҳи зиёд бештар ба бехатари ба назар мерасид. Ҷанбаҳои гуногуни вай таҳқиқ карда мешавад ва консепсияҳои нав коркард (тайёр) карда мешавад. Хосияти хоси омӯзиши муосири – пеш аз ҳама, афзалияти таваҷуҳи инсон дар муоинаи мавзӯи бехатарӣ: дуввум, сатҳи баланди коркарди нави методҳои миқдори арзиш.

Паст баҳодиҳии суннатии инсон ва беқадр будани ҳаёти инсони, ки мутаасифона, махсусан ҷомеаи мо, қаблан муҳокимаи мавзӯи бехатариро, пеш аз ҳама аз нуқтаи назари бехатарии милли (давлати) муайян намуданд.

Масъалаҳои бевоситаи инсон ҳамчунин дар чаҳорчуби бехатарии ичтимои таҳқиқ карда мешаванд. Ҳамзамон худи бехатарии иҷтимои на ҳамавақт ҷои хосеро дар маҷмуи масъалаҳои бехатарии милли таалуқдлштаро сазовор мешавад. Базе аз муаллифон нақши онро бо таъмини бехатарии иқтисодӣ баробар мекунанд. Чунин мавқеъ - мантиқист модели симои рушди ичтимои, ки дар он инсон – танҳо ҳамчун болоравии иқтисодист, на ҳадафи вай.

Дар робита бо ин муносибат диққати махсус нисбат ба бехатари дар контексти рушди инсон дида мешавад. Муносибат ба пешравии ҷомеа, инчунин пешравии иқтисоди, аз нуқтаи назари рушди инсони, ба консепсияи нави рушди бехатарии инсон таалуқ дорад. Дар ин ҷо назар ба бехатарии милли, бехатарии инсон васеъ муаян карда мешавад. Шаклҳои ниҳоии танзими бехатарии ҷамъияти - яке аз паҳлуҳои асосии бехатарии инсон баромад мекунад. Дар мувофиқа бо ҳолате, ки давлат ҳамчун ташкилот дар худ яке аз шаклҳои суннатии ҷамъиятии одамон мувофиқа мекунад.

Роҳи ҳалли масъалаҳои ичтимои-иқтисоди аз нуқтаи назари рушди инсон ин ивази афзалиятҳост (приоритети). Инсон – на бо мақсади дастовардҳои иқтисодии худ, балки иқтисод – ба манфиати рушди инсон аст. На инсон – баҳри ҳимояи марзҳои давлат, балки давлат – барои ҳимояи манфиатҳои инсон буда, таҳия ва истифодаи он имкониятҳои тарақиёт ба шарофати ягонагии ҷамъиятро фароҳам меорад.

Дар робита бо гуфтаҳои боло зарур аст, ки мафҳумҳо ва тасвияҳои марбут ба масъалаи умуман амният ва махсусан амнияти инсонӣ кушода шавад.

Тамаддуни инсонӣ аз замони пайдоишаш дар рӯйи Замин дар иҳотаи таҳдидҳои доимии чи хориҷӣ ва чи дохилӣ қарор дорад. Ин таҳдидҳо аз манобеи гуногуни хатар маншаъ мегирад.

Хатар – ин имконияти маълуми обйективии таъсири манфӣ ба организми иҷтимоӣ мебошад, ки оқибат метавонад ба вай зиёну зарар орад, вазъияти онро нооромсозад, рушди вайро ба самти ҷараёни инкишоф ва бузургиҳои (характер, суръат, шакл, вазъ) манфӣ равона созад. Аз рӯйи дараҷаи эҳтимолият ду навъи хатар фарқ карда мешавад: ҳақиқӣ ва эҳтимолӣ. Аз рӯйи самти инкишоф ва нақши омили инсонӣ дар фароҳам омадани шароитҳои номатлуб чунин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

Ситезаҷӯйӣ – маҷмӯи ҳолатҳое, ки характери таҳдидӣ надоранд, вале бидуни шубҳа бояд ба онҳо таваҷҷуҳ кард;

Хатар – эҳтимол дорад фаъолияти худи шахс оқибатҳои номусоид ва номатлуб ба бор орад;

Таҳдид – шакли мушаххастар ва бевоситаи хатар ё маҷмӯи шартҳо ва омилҳои хатарзо барои манфиатҳои шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат, инчунин барои сарватҳои миллӣ ва тарзӣ миллии ҳаёт.

Тибқи фарҳанги Робер истилоҳи «амният» аз соли 1190 мавриди истеъмол қарор гирифт ва маънои «ҳолати ороми руҳи инсон, ки худро аз ҳар гуна хатар эмин медонист» -ро дошт.

Дар фарҳанги тафсирии В.И. Дал истилоҳи «амният» ҳамчун «адами хатар, ҳифозат, эътимод» шарҳ дода шудааст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» мафҳуми мазкур чунин шарҳ ёфтааст: *«Амният – ин ҳолати таҳти ҳимоят қарор доштани манфиатҳои ҳаётан муҳими шахсият, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Манфиатҳои ҳаётан муҳим – ин маҷмӯи талаботҳоест, ки қонеъ гардонидани онҳо мавҷудият ва имконияти рушди босамари шахсият, ҷомеа ва давлатро таъмин месозад. Таҳдиди амният – маҷмӯи шартҳо ва омилҳоест, ки нисбат ба манфиатҳои ҳаётан муҳими шахсият, ҷомеа ва давлат хатарзо аст.»*

Дар рушди ҳуқуқии инсон соли 1994 мафҳуми бехатарии инсон ҳамчун «озоди аз тарс ва озоди аз эҳтиёҷ» ва «ҳимоят аз таҳдидҳои доими, ба мисли гуруснаги, маризи, ҷазо, инчунин ҳимоят аз ногаҳони ва вайронкунии моделҳои ҳаёти муқаррари – дар хона, ҷои кор ё ҷамоатҳои маҳалли» мухтасар ифода шудааст. Ин мафҳуми бехатарии инсон дар андешаи олам ва пешгирии низоъҳо, ҷунбиши радикалиро ба вуҷуд овардааст. Ин МРИ инчунин баҳри созмон додани хазинае, ки ба паҳншавии васеи таҳдиди глобалии муҳофизати инсон ва «андози Тобин»-ро барои харидуфурӯш (додугирифт) бо асъори хориҷӣ ба сифати маблағгузории рушдро дастгирӣ мекард.

*Амнияти инсонӣ* - ин консепсияест, ки ба ҳимояи сарватҳои ҳаётан муҳими инсонӣ равона карда шуда, ба пешрафт ва беҳбуди озодии инсон ва худтатбиқии он мусоидат мекунад. *А*мнияти инсон маънои ҳимояи озодиро дорад, ки он моҳияти ҳаёт аст, маънои ҳимояи инсон аз ҳолатҳои бисёр вазнин ва таҳдидҳои умумиинсониро дорад, таҳкими кӯшиш ва ғайрати инсониро дорад. Инчунин маънои бунёди системаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ ва фарҳангиро дорад, ки якҷо платформаи зинда мондан, арзи вуҷуд кардан ва ҳимояи шарафи инсониро месозанд.

**Тавсифи асосии Амнияти инсонӣ аз чӣ иборат аст?**

Амнияти инсонӣ аз се унсур – амният, таъмини ҳуқуқ ва рушд иборат аст. Ҳамин тариқ, он консепсияи байниинтизомӣ буда, тавсифҳои зеринро дорост:

- ба самти ҳимояи манфиатҳои одамон равона шудааст (одамонро дар маркази таваҷҷуҳ қарор додан ва таҳлил кардан дар сурати ошкор сохтани таҳдид нисбат ба амнияти инсонӣ).

- гуногунбахш (доираи васеи марбут ба пайдоиши мушкилотро меомӯзад, масалан, марбут ба амнияти иқтисодӣ, озуқавӣ, экологӣ ва шахсии инсон) ва ғ.

- гуногунҳаҷм (маҷмӯи муносибатҳои марбут ба таъмини амнияти инсонӣ мебошад, ки зарурати ҳамкории бисёр «бозигарон»- тарафҳои манфиатдор ва ҳамаи ширкаткунандагон, ки ба масъалаи амнияти инсонӣ машғуланд, инчунин ширкати бевоситаи аҳолиро дар ҳалли мушкилот таъйид месозад).

- заминавӣ (таҳдиди амнияти инсон вобаста ба авомили зиёд метавонад дар чанд шакл зуҳур кунад. Бо таъйиди ин дилел дар бартараф сохтани таҳдид вобаста ба ҳолатҳои ҷудогона метавон тарзи муносибатро истифода бурд).

- ба самти пешгирӣ аз таҳдид назар ба бартараф сохтани он равона шудааст (тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои одамон барои сари вақт ошкор сохтан ва пешгирӣ кардани сабабҳои таҳдид ба амнияти инсонӣ)[8].

Асоси ҳолатҳои консепсияи бехатарии инсон дар маърӯзаи БРСММ дар бораи рушди инсон дар соли 1994 оварда шудааст. Хусусиятҳои фарққунандаи консепсияро – омӯзиш ва таҳияи масъалаҳои бехатари аз нуқтаи назари рушди инсон ба амал баровара мешавад.

Консепсия 7 аспекти асосии бехатарии инсонро ҷудо мекунад:

- бехатарии иқтисодӣ ҳамчун манбаи даромад, барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти зарури тавзеҳ дода мешавад;

- бехатарии озуқа – ин дастраси ба маҳсулотҳои асосии хурока ба қадри кофи мавҷудияти шумораи онҳо ва дастрасии озоди аҳоли ба онҳо имконияти дастрасии харидорон буда;

- бехатарии экологи – ин озоди ва ҳимоят аз заҳролудшавии экологи, пеш аз ҳама мавҷудияти ҳавои тоза ва оби заҳролуднашуда; имконияти ба даст овардани ғазои аз ҷиҳати экологӣ тоза; имконияти дар шароити барои саломати бехатарии ҳаёт зиндагӣ кардан аз нуқтаи назари экологӣ (манзил, шароити меҳнат ва ғайра); ҳимоят аз офатҳои экологӣ;

- бехатари барои саломати – муҳофизати инсон аз хатари беморшави, яъне имконияти дар муҳити барои саломати бехатар зистан; дастраси ба хизматрасонии босамари тиббӣ;

- бехатарии шахсӣ – озодӣ ва ҳимояи инсон аз таҳдиди зулмовари;

- бехатарии сиёсӣ – имконияти зиндаги кардан дар ҷомеае, ки ҳуқуқҳои асосии инсон эътироф мешавад;

- бехатарии фарҳангӣ ва ҷамияти – муҳофизат аз фарҳангҳои гуногун ва ҳимояи рушди ҷомеа аз тамоюли деструктиви.

---

[8] Аз рўйи маводи лоињаи «Ба ањли Ҷомеа додани салоњиятњо, бењбудии манбаъњои њаёт ва њимояи иҶтимої» - Барномаи Рушди Ҷомеа (БРСММ дар ТоҶикистон) Фонди Трости СММ оид ба амнияти инсонї.

Ин андоза имкон медиҳад, ки маркази диқатро аз бехатарии давлат ба бехатарии инсони алоҳида иваз намоем. Дар ин сурат таҳдидҳо метавонанд барои ҳамаи инсонҳо як навъ бошанд, масалан ба монанди терроризм, ҳодисаҳои нохуши экологӣ, ҷиноят, маризҳо. Дигар таҳдидҳо метавонанд барои гурӯҳи хоси инсонҳо хатар биёрад – зулм ба занон ва наврасон; дискриминатсия ба мавҷудияти этникӣ таалуқдошта, ба сину сол ва ғайра. Омилҳои, ба бехатарии инсон таҳдидкунанда, аз давлат вобаста аст, талаботи давлат – иштироккунандаи низоъ, ба ҳар сурат,аз давлати ба фалокат ба мисли хушксоли гирифторшуда, фарқ мекунад. Маърӯзаи Рушди инсон имкон медиҳад бехатарии инсонро дар контексти шартҳои мухтасари давлати муайян намояд. Ҳамаи ҳолатҳо дар маҷмӯъ барои бартараф сохтанӣ хатари ба инсон таҳдидкунанда бо такя бо фаҳмиши рушди инсон ва ҳуқуқи инсон ҳал карда шавад.

Бо вуҷуди он, ки имрӯз дар олами илм доир ба истилоҳ ва унсурҳои консепсияи амнияти инсонӣ афкори гуногун мавҷуд аст, солҳои охир ба ҳукми қонун даровардани илм ва бунёди мактабҳои асосӣ ба мушоҳида мерасад. Роҳҳои дарёфти истифодаи амалии нав барои посухи муносиб ба таҳдидҳои ҷаҳонӣ бо истифода аз тамоми захираҳои мавҷуда ҷустуҷӯ карда мешавад. Ин раванд ба он боис шуд, ки имрӯз дар чаҳорчӯбаи консепсияи амнияти инсонӣ ду мактаби илмии пешқадам ташкил карда шавад: «Раҳоӣ аз тарс» (Fқӯӯdom fқom Fӯaқ) ва «Раҳоӣ аз эҳтиёҷ» (Fқӯӯdom fқom Want). Онҳо дар асоси идеяҳои Маърӯзаи фавқуззикри СММ дар соли 1994 рушд карданд. Дар он маърӯза гуфта мешавад, ки амнияти инсонӣ ҳам нисбат ба «раҳоӣ аз тарс» ва ҳам «раҳоӣ аз эҳтиёҷ» таваҷҷуҳи хосе мехоҳад. Чунин тарзи тақсимот ба таъйини равшантари асбобу абзори таъмини амният ва ҳимояи одамон аз ин таҳдидҳо оварда расонд.

- Мактаби «Раҳоӣ аз тарс», пеш аз ҳама, кӯшиш мекунад асбобу абзори амалии ҳимояи фардро аз низоъ ва зӯроварии ҳарбӣ ҷустуҷӯ намояд. Чунин тарзи рафтор таваҷҷухро танҳо ба масъалаи зӯроварӣ маҳдуд месозад, зеро бовар дорад, ки ин шакли маҳдуди таҳқиқот метавонад дар истифодаи амалии консепсияиамнияти инсонӣ оқибатҳои мусбат дошта бошад. Аз ҷумлаи асбобу абзоре, ки мактаби мазкур пешниҳод мекунад, кумак дар ҳолатҳои фавқулода, пешгирии низоъҳо ва ҳалли мусбати онҳо, сулҳофаринӣ, ки яке аз обйектҳои асосии таваҷҷуҳи мактаби мазкур мебошад, ба ҳисоб меравад. Маҳз чунин тарзи муносибат дар стратегия ва тактикаи сиёсати хориҷии Канада, бахусус дар ташаббуси он оид ба истифода накардани минаҳои зидди пиёдагард мушоҳида мешавад.

- Мактаби дувум – «Раҳоӣ аз эҳтиёҷ» аз идеяҳои калидии маърӯзаи СММ дар бораи он ки зӯроварӣ, қашшоқӣ, нобаробарӣ, беморӣ ва таназзули муҳити зист бояд дар маркази таваҷҷуҳи конепсия амнияти инсонӣ бошад, иборат аст. Баръакси мактаби якум самти мазкур, чуноне ки мебинем, манфиатҳои илмиро берун аз доираи зӯроварӣ тавзеъ мекунад ва ба рушду аҳдофи амният диққати махсус медиҳад. Нақшаи амалии мактаби мазкурро Ҷопон дастгирӣ карда, нуктаҳои калидии барномаро ба стратегияи сиёсати хориҷӣ дохил намуда ва аз соли 1999 инҷониб

фонди оид ба пешбурди идеяҳои амнияти инсониро зери ҳимояи СММ рушд медиҳад[9].

Дар вобастаги аз нишони, дар асоси классификатсия амнияти инсонӣ, шаклҳои таҳдид метавонанд гуногун бошанд: дар сатҳи универсали - хос ва умуми; бо муҳлати фаъолият – фаъолияти доими, дуру дароз, кӯтоҳмуддат; бо ҷойгиршавии ҳудуди – глобали, минтақави; милли (дар чаҳорчуби сарҳади муайяни милли), маҳалли; бо тарзи амал - кушода (айёни) ва пушида (латентные); бо сарчашмаҳои баамаломада – табии (офати табии), сунъи ( натиҷаи амали инсоният), омехта (фаъолияти инсон, мусоидат дар ба амал омадани офати табии) қасдан ва тасодуфи; бо табиати пайдоиш – (ҳамчун қонунӣ ё натиҷаи иловагии ғайричашмдошти муқарраршудаи амал ё пайдоиш); бо характери фаъолият – ногаҳон ё тадриҷан ба амал меояд; зарарасонии мустақиман (бевосита) ё бавосита; бо дараҷаи хавф – бартараф кардан, бартарафнашаванда, қисман бартарафшуда; бо имконияти пешгири – таҳдиде, ки пурра огоҳ мекунад, қисман ва то охар пешгири намудани он аз имкон берун аст.

Шумораи санҷиши бевоситаи бехатарии инсон аз имкон беру наст. Методҳои санҷишии мавҷудбуда, андозаи бавоситаро дар бар мегирад. Низоми санҷиши миқдори нисбатан васеъ ба рушди консепсияи хатар мусоидат карда, ҳолати аввалиндараҷае, ки табиати эҳтимоли дорад ба таври мувофиқ дар дастгоҳи аналитики назарияи эҳтимоли ва статистикаи математикист истифода мешавад.

Консепсия амнияти инсонӣ ба вуҷудоии ҳолатҳои хатарро дар бар гирифта ва натиҷаи онҳо, санҷиши сатҳи хавф ва ҳудуди имконпазирии он муайян карда мешавад.

Барои анализ илова намудан ва пешгуии масъалаҳои бехатарии тарҳсозии компютери, таҳлили системави ва методҳои ноҳамвори динамики имконияти аз эҳтимолият ба эҳтимолияти-муқаррари мегузарад.

Ин барои ба даст овардани миқдори санҷишҳо васеъ намуда ва андозаи саҳеҳии пешгуиҳоро, алалхусус дар робита бо офатҳои табии ва техногени ва ҳади ақал бо андозаи – фалокатҳои ичтимоии имкониятҳоро фароҳам меорад.

Бо вуҷуди ин бехатарии инсон на танҳо бо хатари васеъи садама ва фалокатҳо, балки тавасути хатари ҳаёти ҳарруза низ муайян карда мешавад. Ғайр аз ин «фалокатҳои хомуш (ногаҳони) » мумкин мавчуд дошта бошанд. Дар ба амал омадани санҷишҳои миқдори, хатари чунин методҳои илми муосир то кунун маҳдуд аст.

Базаи иттилооти барои пешаки огоҳ намудани имкони таҳдиди бехатари ва бамаалоии буҳрони иҷтимоии системаи муносиби индикаторҳоро дар бар дорад. Пешаки огоҳ намудани таҳдиди хатар ба бехатарии инсон роҳи осон намудани таъсири манфи, ё умуман пешгири намудани буҳрон роли муҳим мебозад. Ба ҳамагон маълум аст, огоҳии пешаки таъсирбахштар аст аз нест кардани оқибатҳои он.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ба масъалаи рушди инсонӣ ва амнияти инсонӣ диққати бештаре медиҳанд. Аз ҷумла, ҳукумати ҶТ соли 2013 барномаи

---

[9] Асташин В.В. Назариёти ҷадид ба масоили амният дар таҳқиқоти байналмилалӣ: муҳтаво, масоили методологӣ, дурнамо. Маводи Конвенти7 ҶТРБ (Ҷамъияти таҳқиқоти байналмилалии Русия). Маскав с. 2009.

ҳадафноки миллии илмӣ-тадқиқотиро оид ба масъалаҳои рушди инсон, таъмини минбаъдаи принсипҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ барои солҳои 2013-2028 тасдиқ намуд[10]. Ҳадафи Консепсия – таҳлили илмӣ замина барои ноил шудан ба тавозуни муносиби рушди соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, фарҳангӣ ва сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асос барои рушди комили инсон, ҷомеа, давлат, беҳбуди сатҳи зиндагӣ, таъмини принсипҳои демократӣ мебошад.

Дар Консепсия таъкид шудааст, ки рушди инсонӣ барои рушди бузурги ақлонӣ, ҷисмонӣ ва ахлоқии инсон, бунёди фарҳанг ва маориф, таъмини бештари молиявӣ, инчунин бунёди ҳисси масъулият дар ҷомеаи муосири тоҷик бояд ҳамчун асос хизмат кунад. Ба сифати принсипи асосӣ дар консепсия принсипи зерин қабул шудааст: сатҳи зиндагии аҳолӣ на аз рӯйи маоши ҳар як узви оила, балки аз рӯйи таъмини шароити қаноатманди зиндагӣ бояд баҳогузорӣ шавад. Дар ин маврид маош на ҳадафи охирин, балки василаи интихоби озоди хизматрасонӣ дар соҳаҳои тандурустӣ, маориф, фаолияти иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Интихоби озод ва васеъ дар ин маврид маънои озодии комил дар интихоби аҳдоф ва усули сатҳи рифоҳи ҳаёти фардро дорад. Аз нуқтаи назари илмӣ дар Консепсиясе нишондиҳандаи асосии рушди инсонӣ фарқ карда шудааст: дарозумрӣ, сатҳ ва сифати маориф, сатҳи зиндагӣ.

**9.2. Маъноҳои мукаммали амнияти инсонӣ.** Тамоюли муосири рушди инкишоф хавфи фалокатҳои бузурги табиӣ ва техногениро қувват медиҳад. Дигар хусусияти рушди муосир – афзоиши хатаре, ки пайваста ба инсоният таҳдид мекунад, мебошад. Зуд тағйир ёфтани тарзи ҳаёт ва афзоиши ноустувории рушд инсониятро рӯз ба рӯз заифтар гардонида истодааст. Хавфи аз даст додани ҷои кор, манбаи даромад, заҳролудшавии муҳити зист, касалиҳо, таҳдиди зуроварӣ барои инсоният актуалӣ гаштааст.

Таъсири таҳдиди бехатарии инсон интихобро маҳдуд гардонида, инчунин, метавонад оқибат ба рух додани бӯҳрон ё фалокат оварда расонад. Пешакӣ огаҳ шудан аз таҳдиди чунин хатарот имконият медиҳад, ки чораҳои зарурӣ баҳри пурра пешгирии бӯҳрон ё нармтар намудани оқибатҳои таъсири он андешида шаванд. Барои сари вақт хабардор шудан аз сар задани чунин хатарот системаи пешакӣ огоҳкунанда – мониторинги бехатарии инсон сохта шавад. Ду роҳи пешгирӣ – огоҳнамоии стратегӣ ва тактикӣ мавҷуд аст. Огоҳнамоии стратегӣ – ин ошкори ташаккули таҳдид ва дар оянда пешгирии эҳтимоли сар задани он мебошад. Огоҳнамоии тактикӣ – ошкор намудани таҳдидҳои алакай рухдода мебошад. Системаи огоҳнамоии стратегӣ таҳдид ба бехатари инсонро пеш аз ташаккулёбӣ ва амалишавии он муайян мекунад. Мутаносибан, он метавонад ба афзоиши спектри вариантҳои сиёсатмадорон ва интихоби чораҳои онҳо вобаста бошад.

Чанд роҳи ба гурӯҳҳо ҷудо намудани таҳдидҳо ва ташкили системаи нишондиҳандаҳои мониторинги он мавҷуд аст. Бояд қайд кард, ки васеъшавии системаи индикаторҳо масъалаи бехатариро ба масъалаҳои умумии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ омехта менамояд, аз ин рӯ, интихоб роҳи муносибат авлотар аст.

---

[10] Бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 2.07.2013 таҳти №288 тасдиқ шудааст.

Ба зиёд будани муносибат ба интихоби индикаторҳо нигоҳ накарда, метавон гурӯҳи нишондиҳандаҳоро, ки асоси системаи огоҳнамоиро ташкил медиҳанд, номбар кард.

Интихоби индикаторҳои мувофиқ ва дар асоси системаи огоҳнамоии пешакӣ ҳар як ҳолатҳои муайянро вобаста ба ҳадафи гузошташуда ва имконияти қабули маълумоти зарурии оморӣ, ташкил дод. Омори иҷтимоӣ бештари нишондиҳандаҳоро, ки дар сатҳи байналмилалӣ қабул шудаанд, доро намебошад.

Махсусан, ин ба он нишондиҳандаҳои масъалаҳои озуқаворӣ, экологӣ ва бехатарии сиёсӣ дахл дорад. Бо сабаби номукамаллӣ ва маҳдудияти маълумоти оморӣ масъалаи мониторинги бехатарии инсон дар сатҳи регионалӣ мушкилтар гардидааст.

Андӯхтани таҷрибаҳои назариявӣ ва амалии огоҳнамоии падидаи бӯҳронӣ имконияти коркарди муайяннамоии мазмуни индикаторҳои атрофро фароҳам сохт, ки тағйироти куллии рушдро ба миён овард. Дар натиҷаи ин эҳтимолияти мавҷудияти таҳдидҳо ба бехатарии инсон ва хатари рух додани бӯҳронро ба миён овард. Ҳадҳои меъёрӣ абзори муҳими таҳлили системавӣ, пешбинӣ ва банақшагирии иҷтимоӣ-иқтисодии индикативӣ мебошад. Ба сифати ҳад (ҳадди ниҳоӣ) аксаран дар адабиёти махсус нишондиҳандаҳои Институти таҳқиқоти иҷтимоӣ-сиёсии АИ Русия истифода мешавад.

Илова бар ин, дар чаҳорчӯбаи СММ, инчунин Шӯрои Аврупо нишондиҳандаҳои дигари сифати ҳаёт низ истифода мешавад. Масалан:

а) нишондиҳандаи неруи зеҳнии ҷомеа. Сатҳи маорифи аҳолӣ ва вазъи илмро дар кишвар инъикос мекунад;

б) сармояи инсонӣ ба сари ҳар як фарди аҳолӣ. Сатҳи маорифи давлат, ширкатҳо ва шаҳрвандонро ба маориф, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ ба сари ҳар як фарди аҳолӣ инъикос мекунад. Ҳар қадар сатҳи рушди иқтисодии кишвар боло бошад, ҳамон қадар сатҳи сармояи инсонӣ ва ҳиссаи вай дар сохтори сармояи умумӣ бештар аст;

в) коэффисиенти қобили зисти аҳолӣ. Имконпазирии ҳифзи генофонд, рушди зеҳнии аҳолӣ дар шароити сиёсати мушаххаси иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар назар аст. Ин нишондиҳанда аз рӯйи ҷадвали 5-балла чен карда мешавад. Агар бал аз 1,5 поён бошад, маънои онро дорад, ки вазъият бухронист, коҳиши сифатии ҳаёт то ҳадест, ки баъд аз он аҳолиро марг интизор аст.

Азбаски ченаки бисёр ҷанбаҳои амнияти инсонӣ характери шартӣ ва бевосита дорад, на ҳамеша метавон сатҳи ниҳоиро миқдоран муқаррар кард, бо вуҷуди он ки чунин кӯшишҳо карда шудааст. Ғайр аз ин бояд ба ҳисоб гирифт, ки истеъмоли мафҳуми «бузургии ниҳоӣ» ва бо усули риёзатӣ муайян кардани он аз нуқтаи назари рушди инсон ва ҷомеа баъзан метавонад аз ҷиҳати иҷтимоӣ қобили қабул набошад.

Аз ин рӯ, нисбати баъзе нишондиҳандаҳо истифодаи усули қиёс бо сатҳи ноилшуда (дар давраи гузашта, дар минтақаҳои дигаре, ки он ҷо сатҳи рушди инсонӣ беҳтар аст ва ғ.) ба шарти риояи принсипҳои муқоисавӣ бештар маълум аст.

Аксари коршиносон бар ин ақидаанд, ки ҳангоми баҳогузорӣ ба таҳдиди амнияти иқтисодии инсон нишондиҳандаҳои зеринро бояд ба ҳисоб гирифт:

- сатҳи пасти ММД ба сари ҳар як фарди аҳолӣ;
- сатҳи пасти ҳадди миёна ва минималии маош дар соҳаҳои гуногуни маҷмӯи хоҷагиҳои халқ, хусусан дар соҳаи иҷтимоӣ;

- тафовут дар даромади аҳолӣ;
- тафриқа дар даромади 10% сарватмандтаринҳо нисбат ба 10% қашшоқтаринҳо;
- сатҳи баланди бекории рӯшод ва пӯшида;
- кӯтоҳумрии пасттарини аҳолӣ;
- сатҳи баланди ҷиноят дар байни категорияҳои гуногуни одамон ба сари ҳар 1000 нафар.

Нишондиҳандаҳои мазкур ҳолати амнияти иқтисодии шахсро ҳамчун манбаи асосии истеҳсоли маҳсулоти фоидаовар ташхис медиҳанд, дар маркази диққати давлат бошад, бояд маҳз шахсияти фаъоли иқтисодӣ қарор гирад.

Коҳиши эътимоднокии сарчашмаҳои даромад – ноустувории нишондиҳандаи шуғлнокӣ, инчунин, беқурбшавиии хаҷми номиналии музди меҳнат мебошад.

Таҳдидҳои масъалаҳои бехатарии озуқаворӣ дар асоси нишондиҳандаҳои зерин баҳогузорӣ карда мешавад: истеъмоли шабонарӯзии калориянокӣ бо фоизҳои минемалии талабот; шохиси истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ба сари аҳолӣ; коэффисенти талабот ба маҳсулоти воридотӣ. Таҳдидҳо оид ба масъалаҳои экологӣ аз рӯи заҳролудшавии радиатсионӣ, заҳролудшавии кимиёии муҳити атроф ва афканишоти нурҳои геомагнитӣ ва электромагнитӣ муайян мегарданд.

Рушд ва ба кор андохатни биотехнологияи нав на танҳо манфиат дорад, балки ба муҳити атроф ва саломатии инсонҳо хатар эъҷод мекунад. Ба хотири манфиатҳои тиҷорӣ ширкатҳои содиркунанда, ки бозори биотехнологияи навро идора мекунанд, бе назарадошти мавҷудияти хатари он ба мавриди истифода қарор додани он шитоб мекунанд. Коркарди мушкилии биобехатарӣ ва қабули чораҳои зурурии ҳимояи манфиатҳои одамон, нисбат ба суръати мавриди истифода қарор гирифтани биотехнологияи нав хеле ақиб мемонад.

Таҳдидҳо оид ба бехатарии саломатӣ шароити носозгори ҳаётро дар бар мегирад: ғизогирии нодурӯст, меҳнати барои саломатӣ зарарнок, даромади ноустувор ва хурд, нодорӣ ва қашоқӣ, дастрасӣ надоштан ба хизматрасонии босамари тибӣ. Заҳролудшавии муҳити зист (замин, оби ошомиданӣ, ҳавои атмосфера, захролудшавии кимиёии ирадиатсионии масулоти хӯрока) – яке аз хатарҳои асосӣ ба саломатии инсонҳо мебошад.

Параметрҳои идоранашавандаи экологии шароитҳои манзил ва маишии аҳолӣ барои иловатан пайдо шудани хатар ба саломатии инсонҳо замина мегузорад. Ин пеш аз ҳама ба сифати маҳсулоти сохтмонӣ ва макони ҷойгиршавии манзил вобаста аст. Маълумотномаи экологии манзил дар шаҳрсозии муосири миллӣ риоя намешавад.

Хатари биотехникаҳои нав барои инсон ва перспективаи дарозмудати ҷомеа бозҳам хатарноктаранд. Масъала дар давлатҳое, ки демократия тараққи накардааст, сатҳи пасти дониш ва манаполизатсияи васоити ахбори омма авҷ мегирад. Ғайр аз ин тезонидани суръати ҳаёт ба ворид намудани технология бо натоиҷи ногуфтани оварда мерасонад.

Хатари махсусро фавти модарон таҳдид мекунад тафтиши зиёди маҷмӯи хатарҳо чунинанд: шароити ногувори зиндагӣ, набудани кӯмаки босамари тиббӣ, номусоидии экологӣ.

Хатари шахсии бехатарӣ ба худ садамаҳои табиию техногенӣ  ва фалокат; хатари холатҳои фавқулода дар истеҳсолот, дар нақлиёт, дар ҳасти; миқдори фавт аз садамаҳои дар роҳ рухдода ва ғайра.

Афзоиши ҷиноят – яке аз омилҳои асоси ва нишонаҳои афзоиши табии ва хавфи бехатарии шахсӣ мебошад. Мавҷудияти бешумори заминаи афзоиши ҷиноят (алалхусус шароити иқтисоди) муҳити  номусоиди ҷиноидоштаро ба вуҷуд меоварад.  Саҳми фаъолияти ҷинояти ташкилкардашудаи гуруҳи хеле зиёд аст.

Амалиётҳои ва муборизави (чангхо байни давлатхо, нажоди, динни, низоххои сиёси бо истифодабари аз куввахои харби) инчунин хатари бевоситаро барои ҳаёти инсонро эчод мекунанд.

Насилие государства (физические пытки, принудительные работы в зонах повышенной опасности для здоровья и жизни и т.д.), насилие над детьми и женщинами, насилие на работе, рост психического насилия - характерные черты современного развития, представляющие угрозу здоровью и жизни человека.

Ҷабри давлат (азобу шиканҷаи физики, корҳои маҷурсози дар минтақаҳои барои ҳаёт ва саломати хатарнок ва ғайра), ҷабр ба занҳо ва наврасон, ҷабр дар кор, болоравии аҳолии мушкилии руҳидошта – хусусиятҳои қавииродавии рушди муосир, ба ҳаёт ва саломатии инсон хатардошта.

Таҳдиди бехатари сиёси дар дунболагирии тавсифи сиёси, азоби мунтазам, муносибати дағалона; ҷазо додан аз ҷониби давлат дар муносибат бо шахсиятҳои мухталиф ва гурӯҳҳо; назорати самти идеология ва иттилоот.

Таҳдиди фарҳанги ва бехатарии ҷамъияти ҷомеаи суннатиро ба вайроншави мерасонад- оилаҳо, ҷамъият, ташкилотҳо, гурӯҳои этники дар рушди ҷомеа,  ки  шумораи миқдории он имконопазир аст, лекин таъсири вайронкунанда, ки метавонад оқибати фалокатовар расонад.

Фарҳанги гуногунҷабҳа дар ҳолати набудани сарчашмаи бозори, надоштани рушди ҷомеа кадр карда мешавад. Кам кардани вай окибатҳои зиёди  манфи барои инкишофи рушди инсон ва ҷомеа меоварад.

Монополи кардани ВАО дар ҷомеа муносибати қолаби чоп ва гузоришҳои боарзиш, бо талаботҳои ширкат ҷавобгу, ин васоит ва ба барои рушди инсон хеле хатарнок аст.

Ба шакли муайян даровардани шуури ҷамъияти ҷои муайянро ВАО ишғол мекунад. Афзалияти рушди муосири техникии иттилооти ва коммуникатсиони на танҳо бо мақсади манфиат: барои дигаргун сохтани шуури ҷамъияти имконияти муфид ба амал меояд. Манаполия ба ВАО ба шуури омма ба ворид намудани идеяҳо, арзишҳо, гузоришҳои ба манфиати шахсони назоратчи сабаб мешавад.

Таҳлили амиқи нобаробарии имкониятҳо байни ҷомеи, нажоди, гуруҳҳои динни, аҳолии шаҳри ва деҳот, байни аҳолии гуногунмарзе, ки  ба даст қайди махсус ба муташаниҷи ва низои ҷомеа оварда мерасонад, ки метавонад ба буҳрон мубадал гардад. Масалан низои нажоди ва динни ба ҳарби мубадал мегардад.

Гуногунии фарҳанги, нажоди ва динни, ки муҳоҷиратро ташкил медиҳад – на танҳо манфиати рушди ҷомеа аст, балки сарчашмаи шиддатнок ва низоъ мегардад. Нобаробарии иқтисоди, ичтимои ва сиёси байни муҳоҷирон ва аҳолии маҳали дар ҳолати зиёд шудани муҳоҷират ба сарзании низоъ сабаб мешавад. Аз ҳад зиёд фишори муҳоҷирати инчунин ба вайроншавии этносҳои алоҳида оварда мерасонад.

Дар шароити муосир хатарҳои зодаи ҷаҳонишавӣ, яъне рушди бозорҳои ҷаҳонӣ ва ҳамтобеии байни одамон аҳамияти махсус касб мекунад. Ҷаҳонишавӣ имконотро барои беҳбуди сифати ҳаёт ва рушди инсон фароҳам ва васеъ месозад. Дар айни замон вай таҳдидҳои наверо ба амнияти инсон ба бор меорад ва таҳдидҳои мавҷударо тақвият мебахшад. Тағйиротҳои дар шароити фаъолияти ҳаётии инсон зери таъсири ҷаҳонишавӣ рухдиҳанда характери чандтарафа дошта, моҳиятан ба тамоми ҷанбаҳои шароити ҳаёти одамон дахолат мекунад. Дар ҳар як ҳодисаи мушаххас танҳо дараҷаи таъсир ва характери тағйиротҳои рухдиҳанда фарқ мекунад.

Нисбати таҳдид ба амнияти инсон чунин тағйиротҳо дар шароити ҳаёти одамон маънои зеринро доранд: болоравии хатарзо, ки натиҷаи тағйиротҳои дур аз маҳалли зисти он рухдодаанд; болоравии хатарзо, ки онро наметавон дар сатҳи миллӣ баробар бартараф сохт; тавсеаи соҳа, зиёд кардани тасодуф ва тақвияти характери харобсозии фаъолияти хатарзо.

Чанд масоили таъсири ҷанбаҳои алоҳидаи ҷаҳонишавиро ба амнияти инсонӣ аз назар мегузаронем.

Бозорҳои муосири ҷаҳонии молиявӣ номуназзам арзёбӣ мешаванд. Махсусан сармояҳои кӯтоҳмуҳлат, аксаран сармояҳои ҳаннотӣ метавонанд маънои манфӣ касб кунанд.

Номуназзамии молиявӣ ва буҳронҳои иқтисодӣ ба ихтисоршавии ҷойҳои кор ва зиёд шудани бекорӣ, боло рафтани сатҳи камбизоатӣ, ихтисори масрафҳо ба барномаҳоти ичтимоӣ, инчунин зуҳури дигар таҳдидҳо ба амнияти инсон оварда мерасонад. Серҳаракат шудани аҳолӣ ва афзудани муҳоҷирон ба паҳншавии бемории ВИЧ/СПИД мусоидат мекунад.

Технологияи нав новобаста ба он, ки барои муҳити зист ва саломатии инсон чи оқибатҳое ба бор меорад, ҳарчи зудтар татбиқ мешавад.

Фоидаҳои бадастомадаи ширкатҳои тиҷоратӣ, ки таҳти назорати бозорҳои алоҳида қарор дорад, на ҳамеша манфиатҳои ҳифзи муҳити зист ва сиҳатии оммаро ба ҳисоб мегиранд. Аз ин рӯ, татбиқи биотехнологияҳои нав (масалан, зироатҳои аз ҷиҳати генетикӣ тағйир додашуда) маънои афзудани хавфи имконпазирро дорад.

Таҳдидҳои ҷаҳонии амнияти инсон марбут ба фаъолияти ҷиноятҳои муташаккили байналмилалӣ (истеҳсол ва фурӯши маводи мухаддир, терроризм, фурӯши занону кудакон ва ғ.), афзудани муҳоҷирати байналмилалӣ, зиёдшавии теъдоди фирориён, харобшавии муҳити зист мебошад.

Амнияти ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ низ ба таҳдидҳои нав дучор шуда истодааст. Рақобат имконоти одамонро ба хизмати парасторӣ ба аъзои оила ва наздикон маҳдуд мекунад. Ин ба вайроншавии оила ва ҳамрайъии ҷомеа мусоидат мекунад. Илова бар ин, бояд ба ҳисоб гирифт, ки хизмати парасторӣ манбаи ғайрибозории рушди ҷомеа ва болоравии иқтисодӣ мебошад.

Технологияҳои иттилоотӣ ва комуникатсионии ҷаҳонӣ барои бунёди фазои нави иттилоотии фарогири олам шароит фароҳам меоранд. Дар баробари таъсироти мусбат доштан он барои амнияти фарҳангӣ низ хатар эҷод мекунад, барои ҳамгунсозии фарҳанг, афкори ҷомеа, тамоюлҳои арзишманд, равиши сиёсӣ замина ба вуҷуд меорад. Системаҳои сарватҳои умумии анъанавӣ (оила, қабила, гурӯҳҳои этникӣ, колективи меҳнатӣ ва ғ.) зери таъсири хатарҳои зодаи васоити муосири ахбори умум нобуд мешаванд. Дар баробари ин, чуноне ки муаллифони Маъруза дар бораи рушди инсон дар соли 1999 қайд мекунанд, саноати шуғл ва васоити ахбори омма, ки ба бунёди афкори ҷомеа, фарҳанг ва сиёсат мусоидат мекунанд, дар сатҳи ҷаҳонӣ аз ҷониби гурӯҳи хурди ширкатҳои бузург пурра монополия карда шудаанд.

Ҷаҳонишавӣ имконоти пешравиро натанҳо тавсеа мебахшад, балки боз амиқ месозад ва таҳдидҳои нав ба амнияти инсон эҷод мекунад – миқёс ва суръати маргинализатсияро афзун месозад.

**9.3. Амнияти инсонӣ ва Рушди Инсонӣ.** Консепсияи рушди инсонӣ фаъолона истифода мешавад ва аз ҷониби як қатор олимон, коршиносон ва фаъолони ҷомеа дар робита ба Барномаи рушди СММ (БРСММ), Бонки умумиҷаҳонӣ, Комиссияи ҷамъиятии байналмилалӣ оид ба амнияти шахсият (Human Security Commission) пеш бурда мешавад. Моҳиятан масъалаҳои рушди инсонӣ, ҳуқуқи инсон ва амнияти шахсият дар як «майдони консентуалӣ» таҳия карда мешавад, бо вуҷуди он ки ҳар кадом махсусиятҳои худро доранд.Мафҳуми бехатарии инсон ба мафҳуми рушди инсон мансубият дорад, ва маърӯзаи рушди инсон, ки соли 1994 барои ҳамроҳ кардани ин ду консепсия роли муҳим бозид. Чихеле, ки дар ин маъруза муайян шуд, рушди инсон ва бехатарии инсон мафҳумҳои гуногунанд; якумаш алоқаманди дорад ба озодии пурраи инсон, дуюмаш бошад – ба муҳофизат аз таҳдид ба озодии асосии инсон.  Бехатарии инсон танҳо ба ҳолатҳои ба монанди низоъ, баъд аз низоъ ва давлатҳои ноустувор, балки диққати махсусро ба ҳама хатарҳое, ки ба озодии инсон таҳдид мекунад талаб мекунад. Ин ҳолат ҳифзи тамоми хатари доимиро ба монанди гуруснаги, бемори ва ҷазо, инчунин  ҳимоят аз моделҳои ногаҳони ва зарарасони ҳаёти ҳаррӯза дар натиҷаи зулм, заминҷумби ё ин ки бухрони молиявиро  дар бар мегирад.

Мафҳуми васеъи бехатарии инсон бо яке аз равияҳои қадими ва маҳдуд, барои ҳарбиён ва кормандони қисмати ташкилотҳои гуманитарии байналмилали ба назар гирифта шудааст. Парадигмаи суннати бехатариро ҳамчун ҳифзи сарҳадҳои кишвар шуморида, дигаргунии калиди ин агрессияи марзи буд. Парадигмаи нави бехатарии инсон предмети таҳлилро аз марз ба одамон омезиш дода, маҳаллҳои аҳолинишин ва ба хавфҳои беандоза диқати хос дода, метавонанд ба бехатарии номус ва сарчашмаи манбаҳои барои ҳаёти онҳо зарар расонад.

Ба ҳама хафҳое, ки барои рушди инсон таҳдид мекунад диққати махсус дода, қашшоқӣ чигуна зулм меоварад ва зулм ё хатари ҷабр чигуна ба қашшоқӣ оварда мерасонад, меомӯзад. Вай инчунин созиши байни инвиститсияҳо дар соҳаи ҳарбӣ ва маблағгузориро дар ҳаёти инсони ҳамчун мамбаи ҳаёт ва қадру қимат ба ҳисоб мегирад. Бехатарии инсон алтернативаи рушди инсон ба ҳисоб нарафта, балки қисмати муҳимтарини вай мебошад, ки ба шуури минималии ҷалби имкониятҳо ва ҳимояти онҳо аз хатарҳои таҳдидкунандаи паҳнгашта равона карда шудааст.

Консепсияи амнияти шахсият мисли консепсияи рушди инсонӣ гуногунсатҳ ва байниинтизомӣ буда, ҳуқуқ ва рушди шахсиятро дар маркази таваҷҷуҳ қарор медиҳад. Вале консепсияирушди инсонӣ ба пешрафти вазоифи нисбатан умумӣ ва дарозмуҳлати марбут ба имконоти рушди инсон ва таъмини ҳуқуқҳои он нигаронида шудааст, дар айни замон консепсияиамнияти шахсият дар қарорҳои доираи муайяни вазоифи дорои ҷанбаи доимии эҳтиётӣ инъикос ёфтааст.

Консепсияи амнияти шахсият марбут ба ошкор сохтан ва бартараф кардани вазъиятҳои буҳронӣ ва низоӣ, инчунин марбут ба бартараф кардани оқибатҳои зуҳуроти манфӣ мебошад. Фаъолият дар соҳаи таъмини амнияти шахсият аксаран характери каму беши кӯтоҳмуҳлат ва зудамалӣ дорад, ки натанҳо марбут ба рушди дарозмуҳлати неруи инсонист, балки инчунин ба амалиёти наҷотдиҳӣ ва сулҳофаринӣ ва ғ. марбут аст.

То имрӯз мафҳуми бехатарии инсон дар базе масъалаҳои глобалии маркази ба шумор рафта, аз ҷониби Ҳукуматҳои давлатҳо истифода бурда мешавад ва дар рузномаҳои ҷаласаҳо, дар баҳсҳои ташкилотҳои сиёсии минтақавии байниҳукуматии барраси шудааст. Мафҳуми номбурда таъсири худро то ҳол нигоҳ дошта, дар муддати начандон тулони дар соли 2010 дар Маърӯзаи котиби Генералии СММ ва баррасии вай дар сессияи Шӯрои Генералии СММ қайд гардида буд.

Ҳамин тариқ, амнияти инсонӣ – ҷанбаи муҳими сифати ҳаёт ва рушди инсонист. Дар айни замон тамоюлҳои муосири рушд хатар ва таҳдидҳоро ба амнияти инсон якбора афзун ва миқёси оқибатҳои имконпазири онро тавсеа мебахшад. Мутаносибан вазифаи таъмини амнияти инсон душвор гардида, масъалаи ошкор ва пешгирӣ кардани хатар ва таҳдидҳо актуалӣ боқӣ мемонад.

**1. Саволҳо барои машғулиятҳои амалӣ:**

1. Гурӯҳбандии хатарҳо ба амнияти инсонӣ
2. Нишондиҳандаҳои (индикаторҳои) амнияти инсонӣ ва меъёри муайншудаи он
3. Василаҳои сиёсатии давлатӣ оиди таъмини амнияти инсонӣ
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар Бораи Амният»

**2. Саволҳо ва тестҳои санҷишӣ:**

1. Мафҳум ва критерияҳои амнияти инсонӣ.
2. Хатароти асосӣ ба амнияти инсонӣ.
3. Василаҳои таъмини амнияти инсонӣ
4. Нишондиҳандаҳои асосии амнияти инсонӣ
5. Меъёрҳои муайянгардидаи амнияти инсонӣ
6. Ҷаҳоншавӣ ва амнияти инсонӣ
7. Амнияти инсонӣ ва Рушди инсонӣ: умумият ва тафовут

**3.Мавзӯҳои рефератҳо, презентатсияҳо:**

1. «Амният» чист ва «Амнияти инсонӣ» чист?
2. Ҷанбаҳои асосии консепсияи амнияти инсонӣ кадомҳоянд
3. Маънои меъёрҳои муайянгардидаи индикаторҳои амнияти инсонӣ чӣ мебошад?
4. Нишондиҳандаҳои амнияти инсонӣ, ки ба шумо маълуманд, номбар намоед
5. Раванди ҷаҳоншавӣ ба амнияти инсонӣ, чӣ тавр таъсир мерасонад.
6. Тафовут ва умумияти консепсияҳои амнияти инсонӣ ва рушди инсонӣ дар чист?
7. Кадом аз таърифҳои поёнӣ муайнкунандаи амнияти инсонӣ мебошад:

1. ҳолати ҳифзи манфиатҳои аввалиндарачаи шахс, ҷамъият ва давлат аз хатароти беруна
2. Амният аз хатарҳои бардавом ба монанди гуруснагӣ, бемориҳо, саркубиҳо ва инчунин амният аз ҳолатҳои нақзи ногаҳонии зараровари ҳаррӯза дар хона, коргоҳ, ва дар ҷомеъ
3. мавҷуд набудани хатар, аният ва эътимоднокӣ
4. маҷмуъи ҳолатҳо, шарт нест ки таҳдидкунада бошанд, балки ба онҳо вокуниш нишон бояд дод.

8. Чанд ҷанбаи асосии амнияти инсонӣ дар дар консепсияи амнияти инсонӣ, матраҳ гардидаанд, ва дар Ҳисоботи БРСММ доир ба рушди инсонӣ дар соли 1944 дарҷ гаштааст:

а) 3; б) 4; в) 5; г) 7.

9. Кадоми аз нишондодҳои дар поён омада, нишондоди рушди инсонӣ маҳсуб намегардад:

а) давомнокии умр; б) шуғли аҳолӣ; в) сифат ва сатҳи маориф; г) сатҳи зиндагӣ.

10. Кадоми аз нишондодҳои дар поён номбаргардида ба шохисҳои сифати зиндагӣ дохил намегардад:

а) шохиси зарфияти зеҳнии ҷомеа; б) сармояи инсонӣ ба сари аҳолӣ;
в) коэффисиенти қобилияти зиндагидории аҳолӣ ; г) шохиси Джини.

4. **Рӯйхати адабиётҳои ҳатмии тавсияшаванда:**


1. Рушди инсонӣ, курси лексияҳо. Душанбе, 2012
2. Рушди инсонӣ: ченаки нав пешравии иқтисодию иҷтимоӣ: дастури таълимӣ/ таҳти таҳрири профессор В.П. Колесов (факултаи иқтисолии ДДМ) ва Т. Маккинли (БРСММ, Ню-Йорк). –М.: Права человека, 2008.
3. БРСММ. Ҳисобот оид ба рушди инсон. Ню-Йорк, соли 1994.
4. Консепсияи миллии соҳавии илмӣ-пажуҳишӣ др бораи рушди инсонӣ таъмини принсипҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ барои солҳои 2013-2018, ба қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.07.2014 таҳти №288, тасдиқ гардидааст.
5. Тарасова Н. П., Кручина Е. Б. Шохисҳо ва нишондиҳандаҳои рушди усутвор
6. Indicators of Sustainable Development, UN Department or Policy Coordination and Sustainable Development, December, 1994.


5.**Руйхати адабиёти иловагии тавсияшаванда:**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар Бораи Амният»
2. Асташин В.В. Назариёти ҷадид ба масоили амният дар таҳқиқоти байналмилалӣ: муҳтаво, масоили методологӣ, дурнамо. Маводи Конвенти 7 ҶТРБ (Ҷамъияти таҳқиқоти байналмилалии Русия). Маскав с. 2009.
3. http://www.undp.org – Барномаи Рушди СММ
   http://www.undp.tj- Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон.


## Мавзӯи 10. Нақши Ташкилотҳои Ҷомеаи Шаҳрвандӣ, ҷамъиятҳои маҳаллӣ ва бахши хусусӣ дар пешбурди Рушди Инсонӣ

### 10.1. ТҶШ ва вазифаҳои он.

**10.2. Консепсияи иштирок ва чузъиётҳои стратегияи рушди он.**
**10.3. Шарикӣ дар пешбурди Рушди Инсонӣ.**

**10.1. ТҶШ ва вазифаҳои он.** Ҷамъияти шаҳрвандӣ - ин соҳаи худизҳорнамоии шаҳрвандони озод, ки бо хоҳиши худ ташкилот ва ҷамъиятҳоеро таъсис додаанд, ки аз дахолати ҳокимияти давлатӣ ва тартиботи мустақими он озод мебошанд. Мутобиқи нақшаи намунавии Д. Истона, ҷамъияти шаҳрвандӣ ҳамчун обполои (филтри) талаботҳо ва ҷонибдорӣ ҷамъият дар низоми сиёсат баромад менамояд.

Рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ барои таъсиси давлати ҳуқуқбунёд ва шарикони баробарҳуқуқи он заминаи муҳим мебошад.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ – дар замони муосир, маҷмӯъи муносибатҳои ғайри сиёсӣ ва муассисаҳои иҷтимоӣ (гурӯҳҳо, колективҳо), ки бо мақсадҳои махсуси (иқтисодӣ, этникӣ, фарҳангӣ ва ғайра) муттаҳид гардидаанд, ки татбиқи онҳо берун аз самти фаъолияти сохторҳои ҳокимияту давлат буда, имкон медиҳад, ки фаъолияти дастгоҳи давлатиро назорат намояд.

**Нишонаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ**

- Мавҷудияти озоди воситаҳои истеҳсолӣ дар ҷамъият;
- Демократияи рушдёфта;
- мавҷудияти ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон;
- сатҳи муайяни фарҳангии шаҳрвандон, сатҳи баланди маърифати шаҳрвандон;
- таъмини пурраи ҳуқуқ ва озодии инсон;
- худидоракунӣ;
- рақобати сохторҳои таъсисшуда ва гурӯҳи одамони мухталиф;
- сиёсати пурқуввати иҷтимоии давлат;
- иқтисоди бисёрсамта;
- мавҷудияти эътибори бузурги синфи миёна дар ҷамъият.

Ташаккули консепсияи ҷомеаи шаҳрвандӣ ба нимаи дуюми асри 18 ва авали асри 19 тааллуқ дорад. Фалсафаи маърифат, фалсафаи классикаи немис, ки дар эҷодиёти онҳо оғози зарурати фарқият байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба назар мерасад (ҳамчун соҳа алоқае, ки тамоми ҷомеаи гуногунро байни фард ва давлат мавҷуд аст), ба фаъолияти давлату ҷамъияти шаҳрвандӣ бартарият медоданд (махсусан Гегель).

Хусусияти муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ ин дастрасии ҷамъият ба сатҳи баланди худташкилкунӣ ва худтанзимкунӣ мебошад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ –худташкилёбии низоми иқтисодию иҷтимоии ва муносибатҳои сиёси, ки дар режими ҳуқуқии адолати иҷтимоӣ, озодӣ, қаноатмандии талаботҳои моддӣ ва руҳии инсон ҳамчун арзиши олии ҷамъият амал мекунад, ташкил гардидааст.

**Вазифаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ. Ҷомеаи шаҳрвандӣ** як қатор вазифаҳои муҳими иҷтимоиро иҷро менамояд.

Дар асоси қонунӣ ҳифзи ҳаёти шахсии инсон ва шаҳрвандро аз тартиботи беасаоси давлат ва дигар сохторҳои сиёсӣ таъмин менамояд.

Дар пояи ассотсиатсияҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ механизмҳои худидоракунии ҷамъиятӣ таъсис ва инкишоф меёбанд.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ яке аз омили муҳим ва тавоно дар низоми «худдориҳо, нобаробариҳо» кӯшиши ҳокимияти сиёси ба ҳукмронии мутлақ ба ҳисоб меравад. Он шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳоро аз дахолати ғайриқонунии ҳокимияти давлатӣ ба фаъолияти онҳо, ҳифз намуда, ҳамзамон дар ташаккул ва мустаҳкамгардонии сохторҳои демократии давлат ва ҳамаи дигар низоми сиёсии он мусоидат менамояд. Барои иҷрои ин вазифа вай дорои воситаҳои зиёд мебошад: иштирок дар маъракаҳои интихоботӣ ва референдумҳо, аксияҳои эътирозӣ ё ин ки ҷонибдории ин ё он талабоҳо, имкониятҳои бузург дар таъсиси афкори ҷамъиятӣ ба хусус бо кӯмаки васоити ахбори оммаи мустақил ва комуникатсия.

Мақсади пажӯҳишгоҳҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ин таъмини ҳақиқии кафолати ҳуқуқ ва озодии инсон, дастрасии баробар барои иштирок дар корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ мебошад.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчунин вазифаи назорати иҷтимоиро нисбат ба аъзоёни худ анҷом медиҳад. ӯ новобаста аз давлат дорои васоит ва санксияҳое мебошад, ки бо воситаи он метавонад шахсро барои риояи меъёрҳои ҷамъиятӣ маҷбур созад ва иҷтимоигардонии ва тарбияи ҷамъиятро таъмин намояд.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчунин вазифаи комуникатсиониро иҷро менамояд. Дар ҷомеаи демократӣ манфиатҳои мухталиф зуҳур меёбанд. Васеътарин спектр ин натиҷаи он манфиатҳое мебошанд, ки дар шароити демократӣ дар ихтиёри шаҳрванд гузошта шудаанд. Давлати демократӣ бояд ба шаҳрвандон талаботҳои таъмини қонеъгардонии куллии манфиатҳоро қонеъ гардонад.

Аммо дар чунин шароити плюрализми иқтисоди ин манфиатҳо бешумор, мухталиф ва чунон фарқият доранд, ки ҳокимияти давлатӣ маълумот дар бораи ин ҳама манфиатҳоро надорад. Вазифаи пажӯҳишгоҳо ва ташкилотҳои ҷомеаӣ шаҳрвандӣ ин огоҳсозии давлат оид ба манфиатҳои мушаххаси шаҳрвандон, ки қонеъсозии онҳо танҳо бо қувваи давлат имкон дорад.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ бо институтҳо ва ташкилотҳои худ нақши устуворкунандаро иҷро менамояд. Он структураҳои мураккабе, ки тамоми ҳаёти ҷамъиятиро дар паҳлӯ мегирад, ба амал мебарорад.

Бо вуҷуди бовари ба ташаккули беҳбудиҳои вазъи иқтисодӣ ва устувории сиёсӣ, ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ба маънои танқидӣ барои таъмини устувори рушди инсонӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳое, ки дар Декларатсияи ҳазорсола мавҷуд аст, нигоҳ дошта мешавад. Ба амалбарории самтҳои стратегии фаъолиятҳои зерин дар назар гирифта шудааст:

(а) мустаҳкамсозии дастовардҳо дар соҳаи адолат оид ба кори ноболиғон дар чаҳорчубаи дастгирии ислоҳоти умумии судӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва инсон. Мусоидат дар ташкили шартҳои сиёси ва институтсионали.

(б) мусоидат дар ташкили фазои тобовари ҳуқуқӣ ва адолат бо роҳи муайянсозӣ ва кам гардонидани шаклҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, гендерӣ ва дигар шаклҳои маҳдудкунии иҷтимоӣ, фӯруши одамон ва дигар зуровариҳо нисбат ба гурӯҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ

(в) мусоидат ба унификатсияи қонунгузории иҷтимоӣ, имкони таҳияи кодекси қонунҳои иҷтимоӣ бо назардошти шартҳои Россия. Фаъолияти мазкур таъсиси шароит барои иҷрои қонунгузориҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроияи минтақаҳо ва мунитсипалитетҳо ҳамчун шариконро дар бар мегирад. Мақсади фаъолият-зиёд намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ махсуб меёбад.

**10.2. Консепсияи иштирок ва элементҳои стратегии рушди он**. Вазифаҳои бахши иҷтимоӣ ба рушди нерӯи инсонӣ равона гардида на танҳо аз тарафи давлат ва институтҳои он, балки бештар аз ҷониби бахшҳои ғайридавлатӣ ва худи шаҳрвандон татбиқ мегарданд. Шаҳрвандон ва қисми ғайридавлатии бахшҳои ҷамъиятӣ дар баробари пажӯхишгоҳои давлатӣ бо истифода аз захираҳо ва ваколатҳои худ ӯҳдадориро ба души худ гирифта, метавонанд дар коркард ва татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои рушд самаранок иштирок намоянд.

Чи тавре, ки Л.Фон Мизес қайд кардааст: «одамон дар ҷомеа зиндагӣ ва фаъолит менамоянд. Лекин худи ҷамъият-ин ҳамчун комбинатсияи фардҳо барои фаъолияти муштарак мебошад. Вай дар ҳеч куҷо вуҷуд надорад ба ғайр аз дар фаъолияти инсони алоҳида». Идея (ё консепсия) ҳамчунон барои истифодаи потенсионали ҳар як инсон ва фаолияти муштараки одамон барои рушди ҷомеа, иқтидори инсон равона карда шудааст.

Консепсияи иштироки шаҳрвандӣ дар охири солҳои 40 асри 20 дар робита бо татбиқи барномаҳои кӯмакрасонии авалин ба кишварҳои дорои тараққиёти суст ба вуҷуд омадааст. Аллакай таҷрибаи аввал нишон дод, ки дастгирии берунӣ дар сурати фаъол будани тарафи манфиатгир метавонад самарабахш бошад.

Маълум гардид, ки пеш аз ба нақша гирифтани барномаи кӯмаки берунӣ, пеш аз ҳама бояд муайян сохт, ки одамон худ чи метавонанд кард ва онҳо чи норасоиҳоро дар худташкилдиҳӣ барои рушди устувор доранд. Маълум мешавад, ки ҷавоб ба ин масъалаҳо метавонанд фаҳмиши авалиндараҷаи кумаки муҳим ё дастгириро иваз намояд. Аксаран камбизоатӣ ва дигар проблемаҳои иҷтимоӣ ҳамчун натиҷаи хориҷ намудани одамон аз раванди қабули қарорҳо, набудани дастрасӣ дар онҳо ба захираҳо (ва назорат аз болои онҳо), ки метавонанд ва бояд рушди устувори онҳоро таъмин намоянд ба вуҷуд меоянд.

Дар миёнаҳои асри 20 дар кишварҳои рушдёфта истифодаи стратегияҳои иштирок дар сатҳи ҷамъиятҳои маҳаллӣ ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода шуд. Самаранокии шаклҳои мухталифи иштирок, фаъолияти муштараки махсус дар сатҳи маҳалл ба назар мерасад. Махсусан ба ин хотир пеш аз ҳама ташкилотҳои маҳаллии ғайритиҷорати ташкил карда шуданд, ки аҳолиро ба фаъолияти фаъолона ҷалб намуда, муносибатро бо ҳокимони маҳалли барқарор менамуданд. Бадтар шаклҳои милли ва байналмилалие, ки шаҳрвандонро мутаҳид мекунад ба амал омаданд.

Шаклҳои иштирок (ҷалби) шаҳрвандон дар татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои рушди инсонӣ спектри васеъ аз номиналӣ (мавҷудияти беҳаракатӣ), то ҳақиқие, ки нияти саҳмгузориро бо фаъолият доранд дар бар мегиранд. Аз ҳама бештар шакли соддаи номиналии иштирок ин муҳокима буда (манипулирование), ҳангоме, ки одамон танҳо барои талкин ё равшансозии ягон идея даъват мешаванд. Муҳокима метавонад элементи беҳтари шаклҳои фаъоли иштирок бошад.

Барои расидан ба ин ҳадаф нақши ниҳоят муҳимро баҳогузории эҳтиёҷот ва муайян кардани афзалиятҳои рушди маҳаллӣ ва албатта, дастгирии ташаббуси маҳаллӣ оид ба татбиқи афзалиятҳои мазкур мебозад. Татбиқи самараноки ташаббусҳои маҳаллӣ бешубҳа марбут ба таъмини захираҳо мебошад.

Дар ҷаҳон барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба хотири таъмини эҳтиёҷоти аҳолӣ роҳу равишҳои гуногун таҷриба карда шудааст. Ҳар як давлат механизмҳои хоси худро дорад, ки дар раванди рушд ва сатҳи беҳдошти сатҳи зиндагии шаҳрвандон истифода мекунад. Дар Тоҷикистон одатан барои татбиқи афзалиятҳои рушд дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ усулҳои гуногун ба кор бурда мешавад. Ин пеш аз ҳама, маблағҳои буҷети давлатии сатҳи гуногун, ёрии байналмилалӣ, маблағҳои бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Вале, тавре ки дар боло зикр кардем, имконоти буҷетӣ маҳдуд аст, ёрии байналмилалӣ характери муваққатӣ дорад ва сармоягузории хусусӣ дар маблағгузории бахши ҷамъиятӣ шарики боэътимод нест. Аз ин рӯ, зарурати ба ҳам овардани тамоми имконоти субъектҳои захирасози ҷомеа ба миён меояд. Танҳо ба ин тариқ метавон ҳалли якҷояи масъалаҳои иҷтимоию иқтисодиро таъмин намуд.

Ба ин мақсад Барномаи рушди СММ дар соли 2010 дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дар чаҳорчӯбаи иҷрои Барномаи рушди деҳот, ки аз ҷониби Вазорати рушди байналмилалии Британияи Кабир (DFID) маблағгузорӣ мешавад, дар 14 ноҳияи кишоварзии вилояти мазкур механизми фонди бовариро барои маблағгузории лоиҳаҳои афзалиятнок татбиқ кард, ки он аз барнома ва нақшаҳои рушди ноҳияҳо ва ҷамоатҳо бармеояд. Фондҳои боварӣ – ин абзорест, ки имкон медиҳад манбаъҳои гуногуни маблағгузорӣ ҷалб карда шавад ва он дар асоси боварӣ ва хоҳишҳои тарафҳои ҳамкорикунанда бунёд шудааст. Яъне механизми мазкур абзорест, ки захираҳоро аз манбаъҳои гуногун барои татбиқи афзалиятноки рушди маҳаллӣ ҷамъ оварда, ба танзим медарорад.

Дар давраи татбиқи механизми Фонди боварӣ дар вилоят 131 лоиҳаи хурд ба маблағи умумии қариб 20 млн сомонӣ амалӣ гардид, ки нисфи он маблағҳои саҳми аҳолии таҳҷоӣ ва бахши хусусӣ мебошад. Самаранокии механизми Фонди бовариро дар мисоли татбиқи он дар ноҳияҳои водии Зарафшон мушоҳида кардан мумкин аст. Дар давоми 2 сол дар даҳ деҳоти кӯҳистони вилоят инфрасохтори нақлиётӣ ва обёрӣ (ирригатсионӣ) барқарор карда шуд, системаи таъминоти ирригатсионӣ таҷдид гардид ва ҳамаи ин ба беҳбудии беш аз 1600 га заминҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, таъмини онҳо бо оби ирригатсионӣ, беҳбуди ҳолати обёрии заминҳо мусоидат кард. Ҳамчунин тавассути ташкили коргоҳҳои дӯзандагӣ соҳибкории хурд дастгирӣ ёфт. Дар натиҷаи татбиқи чунин фаъолият беш аз 70 ҷойи нави кор ташкил карда шуд, ки ин нишондиҳандаи муҳимест барои маҳалҳои дурдасти кӯҳистон[11].

Ҳангоми машварат иштирокчиён метавонанд пешниҳодҳо ва эътирозҳои худро баён созанд, лекин дар ҳақиқат кафолате, ки онҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимият ва шахсони қабулкунандаи қарор ба инобат гирифта мешаванд ё ин, ки шунида мешаванд, вуҷуд

[11] Аз рўйи мавод ва роњњои истифодаи Барномаи рушди љомеа (БРСММ Тољикистон) тавассути ташаббусњои гуногун.

надоранд (ин одатан гушдиҳии оммавӣ, ҷаласа, рӯзнома, ки аз тарафи даъватшудагон муайян карда намешавад).

Яке аз абзорҳо дар пешравии муҳити тиҷорати ва ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ ин муколамаи давлатӣ бо бахши хусусист, ки барои муҳокима ва ҳалли масъалаҳои беҳбуди тиҷорат ва фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва умуман иқтисод платформа ба ҳисоб меравад. Афзалияти ташкили чунин платформа аз ин иборат аст:

- Таъмини шаффофият ва ҳосил кунондани боварии комил байни бахшҳои ҷомеа:
- Тавсеаи имкониятҳои қабули афкор ва ташхиси намояндагони бахши хусусӣ оид ба масъалаҳои беҳбуди сиёсат.
- Таъмини мубодилаи амудӣ ва уфуқии иттилоот ва ҷалби институтҳои дигари давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар раванди муколама ва ҳалли масъалаҳои афзалиятнок.
- Пешбурди босамари ислоҳоти рӯ ба беҳбуди тиҷорат ва муҳити сармоягузорӣ дар заминаи рушди иқтисодӣ.

Дар моҳи декабри соли 2007 ташкил шудани Шӯро оид ба беҳбудии фазои сармоягузорӣ дар назди Президенти ҶТ ба муколамаи байни бахшҳо рушди ҷиддӣ бахшид. Шӯро дар сатҳи миллӣ, инчунин ташкили чунин платформаҳо баъдан дар назди раисони вилоятҳо ҷузъҳои асосии алоқамансозанда дар раванди гузаронидани ислоҳот гардиданд. Барои таъмини ҳамоҳангии амудии Шӯроҳои дар сатҳи ноҳиявӣ ташкилшуда ва пешбурди масъалаҳо аз рӯйи принсипи аз поён ба боло ва дар баробари ин таъмини шароити соҳибкорон дар маҳалҳо дар раванди қабули қарор ва гузаронидани ислоҳот зарурати фасилитатсия (сода) кардани чунин муколама дар сатҳи маҳаллӣ ба миён омад.

Муколамаи давлатӣ-хусусӣ дар сатҳи маҳаллӣ муҳим будани худро бо он собит сохт, ки манфиатҳои бисёр бахшҳоро ба ҳам наздик кард, эътимодро барқарор сохт, ширкати дигар бахшҳоро дар раванди рушди маҳаллии иқтисодӣ ба низом овард, мониторинг ва арзёбӣ ба татбиқи ислоҳоти миллиро дар сатҳи маҳаллӣ гузаронд, дар беҳбуди нишондиҳандаҳои иқтисодии ноҳияи алоҳида ба мақсади боло бурдани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ мусоидат кард[12]

Шакли дигарро метавон ноилшави ба консенсус ҳисобид – шарикон кӯшиш мекунанд, ки ҳамдигарро фаҳманд ва ба мавқеъҳои қобили қабули ҳамагон гузаранд (камбудии ин шакл дар он аст, ки бештари таҳқиршудагон фаъолии кам нишон дода, аз рӯи қоида мавқеъи беҳаракатиро ишғол мекунанд).

Қарорҳои муштараки қабулшуда чун давраи дигари рушди иштирок аз консенсуси қаблан бадастомада асос гирифта, маънои аввалин нишонаҳои ӯҳдадор буданро ба имкони пайдоиши натиҷаҳоро дорад.

Шакли аз ҳад зиёди ӯҳдадории иштирок, масалан ҳамкорӣ, зимнан тақсимоти таваккал ва на танҳо маънои қабули қарор, балки ба пуррагӣ масъул будан, ҳангоми натиҷаҳои мусбат ва манфии онҳо. Барои татбиқи чунин шакл арзёбии саҳми иштирокчиён, муайян сохтани соҳа ва андозаи масъулият ва бурдани мониторинг ва ҳисобу китоб зарур мебошад.

[12] Аз рўйи мавод ва роҳҳои истифодаи Барномаи рушди ҷомеа (БРСММ Тоҷикистон) тавассути ташаббусҳои гуногун.

Шакли комплексии иштирок ин худидоракунӣ мебошад, ки ҳамчун мукаммалкунандаи лозима дар идораи давлатӣ хизмат намуда, на танҳо салоҳияти хоҷагидорӣ ва вазифаҳо, балки элементҳои истифодаи ҳуқуқ ва қонунэҷодкуниро дар бар мегирад. Дар татбиқи стратегияи иштирок асосан бояд дарёфт ва ташхисҳои тарафҳои манфиатдор пешаки дида шаванд («стейкхолдерҳо»). Ин мафҳум одамон ва ташкилотҳое, ки ба ҳар восита бо ҳалли масъалаҳои муайяне машғуланд мутаҳид месозад. Мутолияи шавқу рағбати онҳо ва нерӯи таъсир расонидан онҳо имкон медиҳад, ки барномаи фаъолияти дорои эҳтимолияти баланди таҷассумро тартиб диҳад. Фаъолияти нерӯи тарафҳои манфиатдор, онҳоро ба иштироккунандагони барнома мубаддал додан аз бадастовари ва ё аз даст додани манфиятҳои онҳо вобаста аст.

**10.3. Шарикӣ дар пешбурди Рушди Инсонӣ.** Асоси мативатсияи форумҳои гуногун, иштирок дар он таваҷуҳи шаҳрвандон дар рушди элементҳои гуногуни нерӯи инсонҳо бо нақшаи махсуси худи онҳо барои ба даст овардани приоритети муайян намудаи худашон танҳо ба қувваи худ такя мекунанд. Агар элементи иштирок истифода нашавад, онгоҳ, инсон объекти «муҳофизати давлати» қарор гирифта ба гирандагони сусти батартибандозии манфиат ва хизматрасониҳо мубадал мегардад.

Норасоии асосии чунин «муносибати давлат» аз он иборат аст, ки дар он ташабуси одамон, маълумоте, ки онҳо доранд истифода бурда мешавад. Ҷори намудани намунаи миёна бисёриҳоро норози гузошта, пайдошавии инсон танҳо ба «нуқтаи тақсими фоида» қиматар шудани чунин сиёсат ва ҷавобгарии фоидагирандагонро озод мекунанд. Шаҳрвандони норозибуда аз давлат кумаки изофатан талаб намуда, лекин барои таъмин намудани худ, кушиш намекунанд.

Яке аз усулҳое, ки дар арзёбии босамари хизматрасонии ҷамъиятӣ дар аксари кишварҳои Осиё васеъ истифода мешавад, Усули кортҳои сабти ҷамъиятии арзёбии хизматрасонист, ки як навъи муколама байни истифодабарандаҳо ва таъминкунандагон маҳсуб мешавад.

Сифати ҳаёт одатан бо мавҷуд будан ё набудани омилҳое мисли таҳсилот ва тандурустӣ, шуғли касб ва даромади кофӣ, манзил ва озуқаворӣ муайян карда мешавад. Ба ибораи дигар мавҷуд будани чунин омилҳо моҳиятан раванди мусбати сатҳи некӯаҳволии мардумро замонат медиҳад. Вале далели дигарро низ бояд таъкид кард, ки ин таҳриккунандаҳои некӯаҳволии мардум дар навбати худ ба сифати хизматрасонии ҷамъиятӣ ба аҳолӣ марбутанд. Маҳз машғул будани мардум ба кор даромади басанда, манзил, маҷмӯи хизматрасонии коммуналӣ, ғизои солим, таҳсилоти дастрас ва ҳифзи тандурустӣ сифати ҳаёти инсонро ташкил мекунад.

Чун қоида «таҳиягари» асосии маҷмӯи хизматрасониҳои иҷтимоӣ-маишӣ давлат мебошад. Аз ин ҷо суол бармеояд: Оё сифати хизматрасониҳои давлатӣ талаботи истифодабарандагони онро, яъне аҳолиро қонеъ месозад?

Методология ва абзорҳои зиёде мавҷуданд, ки принсипҳои арзёбии сатҳ ва сифати хизматрасониҳои ҷамъиятӣ ва механизмҳои таъсиррасонро муайян мекунанд. Неруи асосии пешбаранда дар ин соҳа, ки хизматрасонии босифатро замонат медиҳад, дарки шаҳрвандӣ ва татбиқи механизми «робитаи мутақобила» мебошад. Ин механизм бо усулҳои гуногун амалӣ мегардад. Яке аз усулҳое, ки барои арзёбии самараноки

хизматрасонии ҷамъиятӣ дар бисёр кишварҳои Осиё васеъ истифода мешавад, усули кортҳои сабти ҷамъиятии арзёбии хизматрасонист. Бо мақсади арзёбии самараноки хизматрасонии ҷамъиятӣ ва сифати он усули мазкур бори аввал дар ниҳояҳои водии Рашт мавриди озмоиш қарор дода шуд.

Бо шарофати ташаббуси бо дастгирии барномаи Рушди СММ татбиқшаванда истифодабарандагони хизматрасонӣ, яъне худи аҳолӣ акнун имкон дорад ба сифати хизматрасоние, ки аз манбаъҳои гуногун дастрас намудааст баҳогузорӣ намояд. Беҳамтоии ин равиш дар он аст, ки камбудиҳои хизматрасонӣ якҷо бо таҳиягар ва истифодабарандаи хизматрасонӣ ошкор карда мешавад.

Дар соли 2013 дар ноҳияҳои Рашт ва Тоҷикобод бори аввал дар ҷумҳурӣ усули кортҳои сабти ҷамъиятии арзёбии хизматрасонӣ дар соҳаи маориф ва таъминоти об озмуда шуд. Усули мазкур ҷалби истифодабарандагон ва таҳиягарони хизматрасониро дар муайян кардани меъёрҳои арзёбии кори таҳиягарони хизматрасонӣ, арзёбии вазъияти ҷориро мутобиқи меъёрҳои мазкур ва таҳияи якҷояи нақшаи фаъолиятро оид ба беҳбуди кор дар назар дорад.

Усули нав имкон дод муколамаи байни таҳиягар ва истифодабарандаи хизматрасонӣ барқарор гардад ва фосилаҳо дар раванди пешниҳоди хизматрасонӣ барои андешидани тадбирҳо оид ба барқарор сохтани камбудиҳо ва бекор кардани сифати хизматрасонӣ якҷоя муайян карда шавад. Усули арзёбии дуҷониба ва банақшагирии дуҷониба метавонад абзори муҳими кор ва ҳамкории байни таҳиягарон ва истифодабарандагони хизматрасонӣ гардад.

Ҷанбаи асосии раванди идоракунии рушд дар маҳалҳо банақшагирӣ ва мониторинги рушд ба ҷалби васеи аҳолӣ мебошад. Дар баробари ин мониторинги муассири рушд бидуни таъқиби ҳолати воқеӣ дар риштаи пешниҳоди хизматрасонии бадавӣ ба аҳолӣ бо истифода аз механизмҳои робитаи доимии мутақобила ва муколамаи конструктивӣ байни истифодабарандагон ва таҳиягарони хизматрасонӣ имконпазир аст. Аз ин рӯ, яке аз чунин механизмҳои амалкунанда усули кортҳои сабти ҷамъиятии арзёбии хизматрасонӣ мебошад[13].

Аз назари рушди инсон вазифаи стратеги ва сиёси на танҳо ҳамчун тадбиқи барномаҳои мувофиқ амал мекунанд, балки ҳадафи бевоситаи ҳиссаи амиқи рушди инсон мебошад. Иштирок ҳамчун васила дар он ҳолат муайян мешавад, ки болоравии таъсири лоиҳаҳои давлати ё дигар лоиҳаҳо ҳамчун васила ба нақша гирифта мешавад. Иштирок яке аз ҳадафҳои рушди инсон бавоситаи аз назаргузаронии призма болоравии патенсиали вай дар рафти таҷрибаомузии иҷтимои – дар рафти иштирок дониш ва малакаи бадастоварда дар самтҳои гуногун мебошад.

Дар ин замина ширкати ҷомеаро метавон ҳамчун бархӯрди хизматчиёни давлатӣ бо шаҳрвандон ё истифодабарандагон хизматрасонӣ дар таҳияи сиёсати давлатӣ ва дар соҳаҳои гуногун арзёбӣ кард. Консепсияи такмили системаи рушди миллӣ, ки дар он

[13] Аз рўйи мавод ва роњњои истифодаи Барномаи рушди љомеа (БРСММ Тољикистон) тавассути ташаббушњои гуногун.

ширкати фаъоли се шарик оид ба рушд, махсусан бахши давлатӣ, тиҷорат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ муайян гардидааст, дар ин раванд нақши муҳимеро бозида метавонад.

**Дар бахши давлатӣ** шарикони зиёде ба раванди рушд дар нақшаҳои гуногун ҷалб шудаанд: **Таҳиягари стратегия** (дар ин маврид Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон), **Агентии банақшагирӣ** (Вазорати рушди иқтисод ва савдо), **Агентии маблағгузор** (Вазорати молия), Агентии иҷроия (вазоратҳои соҳавӣ), **Агентиҳои ёрирасон** (Агентии омор).

**Бахши хусусӣ** фаъолияти соҳибкориро дар чунини соҳаҳо ба монанди кишоварзӣ, истихроҷи маъдан, сохтмон, саноат, саноати тавлидотӣ, маркетинг, савдо, хизматрасониҳои ва дигари тиҷоратӣ таъйин мекунад.

**Ҷомеаи шахрвандӣ** аз гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯйи манфиатҳои гуногуни худ машғул нестанд: андозсупорандагон, худидоракунии маҳаллӣ, аҳолии таҳҷоӣ, Ташкилотҳои ғайри давлатӣ, аҳли ҷамоатчигӣ, инчунин дигар категорияҳои баҳрабарон аз ҷумлаи пиронсолон, кӯдакон ва аҳолии корношоям, иборат аст.

Дар давраи тағйирот дар марҳалаи фаъоле, ки Тоҷикистон дар он воқеъ аст, давлат нақши муҳимро дар шароити давраи гузариш касб мекунад, зеро вай ҳангоми татбиқи навовариҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар кишвар ҳамчун локомотив амал намуда, ҳамзамон барои рушди бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар рушди миллӣ шарики якдигаранд, шароити баробар фароҳам меорад.

Барои ба даст овардани ҳадафҳои рушди инсон ҳамоҳангии кушиши бахши давлати ва ғайридавлати, худидоракуни ва тиҷорат мебошад. Дар ин асос аз як тараф муайянкунии ҳадаф имконпазир мегардад ва ниёзи ҷамъиятӣ дар асоси барномаҳо ва стратегияҳои мувофиқи давлати ба амал бароварда мешавад. Аз тарафи дигар дар илова ба сарчашмаҳои давлати ҳамроҳ намудани нерӯи фаъолияти соҳибкории ташаббус ва назорати ҷомеа мебошад.

Бо ин тарз ҳадафи рушди инсон метавонанд дар асоси ҳамоҳангии кушиши давлат, шаҳрвандон, ташкилотҳои ғайридавлати, ғайритиҷорати ва тиҷорат **таъсири** амали расонад. Рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрванди ва девирсикацияи фаъолияти онҳо, васеъ намудани иштироки шаҳрвандон ва ташкилотҳои шаҳрванди метавонад ҳамзамон ҳамчун ҳадаф ва ҳамчун василаи дар ҳалли масъалаҳои рушди ичтимоиӣ-иқтисоди, боло бурдани нерӯи инсони. Идоракунии таъсирбахш дар бахши ҷамъиятӣ дар маҷмӯъ аз мавқеи рушди инсон барои таъмини мувозинати приоритетҳои сиёси, иқтисоди ва ичтимоии ҳамаи табақаҳои ҷомеа дар асоси консенсуси васеи ҷамъиятӣ, ки ба шакли пурра овози тамоми табақаи аҳоли ва инчунин аҳолии суст низ ба назар гирифта мешавад, хизмат мекунад.

Давлат дар муқоиса бо бахшҳои шахсии ғайритиҷорати ва савдо барои нерӯи рушди инсон ҷавобгарии муҳимро ба уҳда дорад. Вазифаи аввалиндараҷаи вай – шароити таъсирбахши тадбиқии барномаи рушди инсон, на танҳо ба тариқи буҷа маблағгузири карда мешавад, балки фондҳои хусуси низ дар навбати худ ба рушди бозорҳоро мувофиқи дархости одамонро таъмин менамоянд. Ин вазифа аз вазифаҳои беҳгардонидани ташкилотҳо ҷудонашаванда буда, на танҳо ба рушди инсон таалуқ дорад, балки ба болоравии босамари идоракунии давлати ва танзимкунанда, рушди

худидоракунии маҳалли ба ҳама спекторҳои имтиёзҳои онҳо низ таалуқ дорад. Бо ин мазмун ислоҳоти идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ шароити умумии пешрафти тадбиқи барномаи рушди инсон, ба даст овардани ҳадафҳои ҳазорсолаҳое, ки дар СММ мухтасар ифода меёбад, ба амал мебароранд.

**1. Саволҳо барои машғулиятҳои амалӣ:**

1. Созмони Ҷомеаи Шаҳрвандӣ чист?
2. Камом Созмонҳоро метавон ба Созмонҳои Ҷомеаи шаҳрвандӣ дохил кард?
3. Функсияи Созмонҳои Ҷомеаи шаҳрвандӣ
4. Консепсияи Иштирок чӣ маъно дорад?
5. Шарикони асосӣ дар пешбурди Рушди Инсонӣ

**2. Саволҳо ва тестҳои санҷишӣ:**

1. Мафҳум ва маҳакҳои Созмонҳои Ҷомеаи шахрвандӣ.
2. Нишондоди рушди Созмонҳои Ҷомеаи шаҳрвандӣ.
3. Идоракунии маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар системе Созмонҳои Ҷомеаи шаҳрвандӣ
4. Соҳибкорӣ ва синфи миёна ҳамчун урсури Созмонҳои Ҷомеаи шаҳрвандӣ
5. Воситаҳои ахбори омма ва нақши онҳо дар рушди Созмонҳои Ҷомеаи шаҳрвандӣ
6. Механизмҳои ҳамкорӣ дар роҳи ноил гаштан ба Рушди инсонӣ

**3. Мавзӯҳои рефератҳо, презентатсияҳо:**

1. Ҳамгироии Созмонҳои Ҷомеаи шаҳрвандӣ, Ташкилотҳои ғайри давлатӣ, ва Созмонҳои ғайри тиҷоратӣ .
2. Кадом созмонҳо ба сохтори Созмонҳои Ҷомеаи шаҳрвандӣ дохил мешаванд?
3. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз кадом салоҳият дар давлатӣ ягона бархурдор мебошанд?
4. Плюрализми сиёсӣ чист?
5. Функсияи асосии гуруҳи манфаитдор аз чӣ иборат аст?
6. Асоси иҷтимоии созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандиро чӣ ташкил мекунад?
7. Яке аз нишонаҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳсуб мешавад:
   а. муносибати шакли уфуқии субъектҳои иҷтимоӣ
   б. баробарии ҳуқуқии мардум
   с. мутамарказонидани ҳокимият
8. Ба манбаъҳои ҳокимияти сиёсӣ дохил мешаванд:
   1. мақоми баланди иҷтимоӣ, 2. имконитҳои иқтисодӣ,
   3. шуҳратмандӣ 4. зодгоҳ
9. Ба сохтори ҷомеаи шаҳрвандӣ дохил мешаванд:
   1. Гуруҳи таблиғгарон (лоббист) 2. Созмонҳои касбӣ (профессионалӣ)
   3. Ташклотҳои диннӣ 4. Қабилаи хешовандон

4. **Рӯйхати адабиётҳои ҳатмии тавсияшаванда:**


1. Рушди инсонӣ. Курси лексияҳо. – Душанбе, 2012.
2. Рушди инсонӣ: ченаки нави рушди иқтисодию иҷтимоӣ. Дастури таълимӣ бо таҳрири проф. В.П.Колесова (Факултаи иқтисодии ДДМ), ва Маккинли (БРСММ, Ню-Йорк). – М.: Права человека, соли 2008.

3. Консепсияи ҳадафноки миллии илмӣ-тадқиқотӣ оид ба масъалаҳои рушди инсонӣ, таъмини минбаъдаи принсипҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ барои солҳои 2013-2028, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.07.2013 таҳти №288 тасдиқ гардидааст.
4. Идоракуниии муносибатҳои ҷамъиятӣ: китоби дарсӣ / таҳти таҳрири В.С. Комаровский. – М. : Нашриёти РАГС, 2007.

5. **Рӯйхати адабиётҳои иловагии тавсияшаванда:**
   1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Созмонҳои ҷамъиятӣ»
   2. Гаврилов М.Л. Хусусиятҳои идоракунии ресурсҳои минтақаҳо. - М. : Нашриёти РАГС, 2004.
   3. Юсуфбеков Ю., Бабаджанов Р., Кунтувдый Н. Развитие гражданского общества в Таджикистане /Изд. 2-е, дополненное и переработанное. – Душанбе, 2009.

## Мавзӯи 11. Солимӣ ва давомнокии умр

**11.1. Солимӣ ва дарозумрӣ ҳамчун замина ва натиҷаи Рушди Инсонӣ.**
**11.2. Тафсири мафҳуми «солимӣ».**
**11.3. Усулҳои ченкунии сатҳи тандурустӣ**
**11.4. Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола дар соҳаи тандурустӣ**

**11.1. Солимӣ ва дарозумрӣ ҳамчун замина ва натиҷаи Рушди Инсонӣ.** Консепсияи рушди инсонӣ дарозумриро ҳамчун тавоноии зиндагии дароз ва солим ифода менамояд. Мафҳуми мазкур маҳз ҳамин тавр дар "Ҳисоботи рушди инсонӣ"-и соли 1990 тавзеҳ дода шудааст. Яқин аст, ки дарозумрии ҷисмонӣ худ танҳо барои рушди ҳамаҷонибаи нерӯи инсонӣ кифоя нест. Ғайр аз он, дар шуури одамизод умри дароз дар ҳолати беморӣ аслан ҳамчун бадбахтӣ маънидод карда мешавад.

Солимӣ ва дарозумрӣ дар Шохиси Рушди Инсонӣ (ШРИ) аз рӯи давомнокии пешбинишудаи умр (ДПУ) дар вақти таваллуд чен карда мешавад. Солимӣ ва дарозумрӣ ҳамзамон ҷузъиёт, натиҷа ва заминаи муҳими рушди нерӯи инсонӣ ба шумор мераванд. Инак, афзоиши давомнокии умр ва беҳдошти саломатӣ дар натиҷаи инҳо бармеоянд:

- рушди саноатӣ;
- тараққиёти илм (аз ҷумла илми тиб);
- афзоиши фарҳанги гигиенавии аҳолӣ ва умуман дараҷаи маърифатнокӣ;
- аз бақн бурдани нобаробарии иҷтимоӣ.

Аз дигар тараф, афзоиши давомнокии умр ва беҳдошти саломатии аҳолӣ шароити асосианд барои:

- баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва умуман маҳсулнокии меҳнат, пешравии иқтисодиёт;
- болоравии сатҳи маърфатнокӣ, пешравии илм ба мафҳуми васеи он (тавоноӣ ба таҳсил, робитаҳои байнинаслӣ, андӯхтани дониш);
- умуман «баробарӣ»-и аз аввал ва аз он ҷумла, баробарии мардону занон;
- ҳуқуқи ҳақиқии интихоб.

Афзоиши давомнокии умр имконияти андӯхтани донишро чӣ дар асоси таҷрибаи нисбатан дарозтари ҳаёти шахсӣ ва чӣ дар ҷараёни муносибаи ҳамдигарии наслҳо васеъ менамояд. Додани арзишҳои фарҳангӣ аз як насл ба насли дигар дорои эътимоди зиёдтар мегардад. Пешравии илм суръати баландтар пайдо мекунад. Ба қавли дигар, солимӣ шарти муҳими гирифтани маълумот дар ҷавонӣ ва такмили минбаъдаи он мебошад.

Алоқаманди байниҳамдигарӣ миёни солимӣ ва маҳсулнокии меҳнат дар беҳтар гаштани сатҳи некӯаҳволии шахсӣ ва ҷамъиятӣ аён мегардад. Сатҳи пасти солимӣ рушди

иқтисодиётро ақиб мемонад (маҳсулнокии пасти меҳнат, дараҷаи баланди маъюбшавӣ ва бар замми ин, эҳтимолан хароҷоти барзиёд ҷиҳати нигоҳдории зиндагӣ).

Дар ҳолати давомнокии пасти умр вазифаи аввалиндараҷаи нақшҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла одатҳои қолабии (стереотипҳои) падаршоҳии гендерӣ, ин шароити як муддат зиндагӣ кардани ҷомеа мебошад, чунки захираи вақт барои озмоишу таҷрибаҳо мавҷуд нест. Ҳаёти баӯоят дарозу солим – шароити заруриест натанҳо барои ҳуқуқ ба интихоб, балки имкониятест баҳри татбиқ намудани инсон ҳамчун фарди алоҳида ва узви ҷамъият. Коҳиши фавт ва афзоиши маҳсулнокии меҳнат – ду омиле, ки бе онҳо озодии интихоб аз имкон дур мебошад.

Ҳангоме ки давомнокии умр аз 35 сол боло намеравад, бо мақсади нигоҳ доштани зисти ҷомеаи одамӣ (аҳолӣ) ҳар як зан ба ҳисоби миёна бояд 6 кӯдак бизояд. Маъмул аст, ки дар чунин шароит баробарии ҳақиқии ҷинсҳо ғайриимкон аст, чунки занҳо маҷбур мешаванд, ки бо мақсади нигоҳ доштани аҳолӣ бе танаффус таваллуд кунанд.

Аз байни ҳуқуқҳои башар аз ҳама дида муҳимтаринаш ин ҳуқуқ ба зиндагӣ мебошад. Солимии ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ – ин шароити зарурӣ барои татбиқ намудани ҳуқуқ ба зиндагӣ. Одамон арзиши ҳаётро хеле қадрдонӣ мекунанд, чунки он беохир нест. Вале носолимӣ зиндагии инсонро метавонад ба шиканҷа табдил диҳад.

Нишондиҳандаи Давомнокии пешбинишудаи умр (ДПУ) инъикосгари вазъи умумии системаи тандурустӣ дар кишвар, инчунин дастрасӣ ба ин намуди хизматрасониҳо новобаста аз сатҳи даромад, ҷинс, нажод, синну сол, дараҷаи шарҳрдоршавӣ ва дигар омилҳое мебошад, ки дастрасӣ ба хизматрасониҳои тандурустӣ ба гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолиро метавонанд маҳдуд созанд. Дар рафти ҳисобҳои нишондиҳандаи ДПУ танҳо нишондиҳандаҳои демографӣ мавриди истифода қарор мегиранд, ба мисли сатҳи фавт дар гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ-демографӣ. Дараҷаи рушди хизматрасониҳои низоми тандурустӣ мустақиман арзёбӣ намегардад. Бо вуҷуди ин, давомнокии умр натиҷаи маҷмӯи мураккаби омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ маҳсуб меёбад.

Сарфи назар аз он ки нишондиҳандаи ДПУ паҳлӯҳои зиёди солимии аҳолиро дар бар намегирад, ба ин нигоҳ накарда, он ба хотири он қуллай мебошад, ки имкони муқоиса намудани вазъро дар дунё фароҳам меорад, чунки барои аксари давлатҳо дар ҷамъоварии баъзе намудаи маълумот оид ба чен намудани дараҷаи солимӣ монеаҳои ҷиддӣ ҷой доранд. Вале тағйир ёфтани нишондиҳандаи ДПУ ин аломатест барои таҳлил аз болои вазъияти низоми тандурустӣ дар зинаҳои миллӣ.

***Ҷадвали 11.1.1.***

***Шохиси давомнокии пешбинишудаи умр бо гурӯҳҳои кишварҳо, соли 2012[14]***

| Гурӯҳи давлатҳо аз рӯи дараҷаи ШРИИ | ДПУ, сол |
|---|---|
| Ҳисоби миёна дар ҷаҳон | 70.1 |
| Дорои дараҷаи хеле баланди рушди инсонӣ | 80.1 |
| Дорои дараҷаи баланди рушди инсонӣ | 73.4 |
| Дорои дараҷаи миёнаи рушди инсонӣ | 69.9 |
| Дорои дараҷаи пасти рушди инсонӣ | 59.1 |
| Тоҷикистон | 67.8 |

Дар Ҷадвали 11.1.1 қиматҳои миёнаи давомнокии пешбинишудаи умр аз рӯи гурӯҳҳои давлатҳои дорои дараҷаи гуногуни рушди инсонӣ оварда шудаанд. Тоҷикистон аз рӯи шохиси рушди нерӯи инсонӣ дар қатори давлатҳои дорои дараҷаи миёнаи рушд

[14] Ҳисобот оид ба Рушди Инсонӣ. Баландшавии Ҷануб: пешравии башарӣ дар Ҷаҳони гуногуншакл. БРСММ, 2013.

қарор дошта, нишондиҳандаи давомнокии пешбинишубаи умр аз дараҷаи миёнаи гурӯҳи мазкур хеле паст мебошад.

Дар маҷмӯъ, дар дунё дар натиҷаи заҳматҳои вобаста ба мубориза бо камбизоатӣ, пешбурди илми тиббӣ, инчунин беҳтар намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои тандурустӣ, давомнокии пешбинишудаи умр тамоюли рушдкунанда дорад. Таи ду даҳсолаи охир, шохиси ДПУ ба ҳисоби миёна дар сайёра 7.1 сол афзоиш ёфт, аз 63 сол дар соли 1993 то ба 70.1 сол дар соли 2012. Дар Тоҷикистон ин нишондиҳанда дар давоми ду даҳсола коҳиш ёфт ва ҳоло аз ҳисоби миёнаи ҷаҳонӣ дар сатҳи пасттар қарор дорад. Ин аз он хабар медиҳад, ки дар низоми тандурустии Тоҷикистон пробелмаҳои ҷиддӣ ҷой доранд.

Агар таърихи одамизодро аз нуқтаи назари тағйири давомнокии умр мавриди баррасӣ қарор диҳем, метавон таърихро ба марҳилаҳои дорои омилҳои муайяни иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҷудо намуд, ки ба давомнокии умр таъсири инқилобӣ расондаанд.

Муддати якчанд ҳазорсолаҳо дар Замин шакли одатии фавт ҳукмронӣ менамуд. Давомнокии умр на бештар аз 35 солро дарбар мегирифт. На камтар аз нисфи кӯдакон то ба синни калонсолӣ нарасида мефавтиданд. Дар давраҳои муҳорибаҳои ҳарбӣ, эпидемияҳои сироятҳои масусан хавфнок (вабо, нағзак, тоун /чума/ ва ғ.) ва гурӯснагиҳо давомнокии умр ногаҳон паст мегардид.

Дар Аврупои Ғарбӣ то миёнаҳои асри ҶVIII шакли одатии фавт ҳукмфармо буд. Пешравии истеҳсолот ба таъсис ёфтани захираҳои молии гандум оварда расонд, беҳтаршавии роҳҳо ва нақлиёти обӣ – ба имконияти ҳамлу нақли озӯқаворӣ ба масофаҳои дур, ки дар натиҷаи он беҳосилӣ дигар сабаби қатъии гурӯснагӣ шуда наметавонист. Бо пешравии тиб аҳолӣ ба азхуд намудани чорабиниҳои гигиенӣ ва карантиниро шурӯъ намуд. Чунин як назарияе мавҷуд аст, ки азхудкунии фаъоли кишоварзии заминҳо боиси ихтисоршавии миқдори хояндагон (мушҳо, каламушҳо ва ғ.) – ҳамчун паҳнкунандагони асосии тоун гардид.

Дар шароити саршавии инқилоби саноатӣ баландшавии сатҳи зиндагӣ, баландравии дараҷаи маълумот ва фарҳанги гигиении аҳолӣ қадами минбаъдаи коҳиши фавтро муайян намуданд. Фавт аз ҳисоби бемориҳои сироятии паҳнгашта (қабл аз ҳама – сироятҳои кӯдакона, сироятҳои меъдаву руда, сил, вараҷа), касалиҳои узвҳои нафаскашӣ (зуком, илтиҳоби шуш, бронхит) ва як қатор бемориҳои дигар коҳиш ёфта истодааст. Беҳтар шудани меъёрҳои нигоҳубини кӯдакон ва пешравӣ дар низоми ёрии тиббии таваллуд ба коҳиши назарраси фавти модарону кӯдакон оварда расонд.

Ихтирои сулфаниламидҳо ва анибиотикҳо ба мубориза алайҳи бемориҳои сироятӣ, бронхит ва илтиҳоби шуш, сепсис дар навзодагон ва сепсиси баъдиҷарроҳӣ хотима бахшид. Дар мамлакатҳои иқтисодашон пешрафта ин аз хотимаи ҷанги дуюми ҷаҳон дере нагузашта дар миёнаҳои қарни ҶҶ ба вуқуъ пайваст, сонияи муваффақиятҳо давра ба давра дар саросари дунё паҳн гардиданд.

Дар Тоҷикистон ҷараёни гузариши эпидемиологӣ дар тули таърих аз як тараф бо мамлакатҳои аврупоӣ умумият дошта, аз тарафи дигар – дорои хусусиятҳои худ мебошад. Ҷиҳати умумӣ ин аст, ки пай дар паии марҳилаҳои барои ҷараёни умумиҷаҳонӣ якела мебошад. Аммо гузаштан ба марҳилаи муосири гузариши эпидемиологӣ дар Тоҷикистон бо қафомонии на кам аз 150 сол оғоз гардид, яъне тақрибан дар аввали асри ҶҶ. Ҷой доштани дараҷаи баланди фавти кӯдакон ба ин марҳила хос буд, гурӯснагӣ, рӯй задани бемории нағзак, домана, вараҷа ва вабо аз ҷумлаи масоили умдатарин боқӣ мемонанд. Дар он давраҳо ба фавти аҳолӣ ҷангҳои шаҳрвандӣ таъсири калон расонданд. Ҳамин тариқ, Тоҷикистон дар марҳилаи аввали гузариши эпидемиологӣ то ба аввали асри ҶҶ қарор гирифта буд.

Танҳо пас аз несткунии ниҳоии босмачигарӣ дар солҳои 20-уми асри ҶҶ ва ташаккулёбии ҶШС Тоҷикистон соҳаи кишоварзӣ рӯ ба пешравӣ ниҳод, ки он боиси беҳбудшвии зиндагии мардум гардид. Дар баробари пешравии саноат синфи коргар низ ташаккул ёфта, рӯ ба пешравӣ ниҳод. Саноатишавӣ ба он оварда расонд, ки аллакай дар охири солҳои 30-уми қарни ҶҶ давомнокии умри мардон 56,4 сол ва аз занон бошад 60,7 солро ташкил дода медод. Чӣ хеле ки мебинем, омили ҳаракаткунанда ин тағйири вазъияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ гардид.

Охири солҳои 50-уми садсолаи ҶҶ-ро метавон хотимаёбии марҳилаи якуми гузариши эпидемиологӣ дар Тоҷикистон ҳисобид. Давомнокии умри мардон аллакай 72 сол ва аз занон бошад 75 солро ташкил менамояд[15]. Марҳилаи бомуваффақи коҳиши фавт солҳои 60-ум дониста мешавад. Фавт аз ҳисоби беморании сил кам гашта истодааст, гарчанде ки бемориҳои узвҳои нафаскашӣ чун пештара дар қатори аввали сабабҳои фавти одамон боқӣ мемонад. Барои дастрасӣ ба тамоми дастовардҳои асосии ҷамъияти ҳамонвақта шароити моддӣ хубу беҳтар шудаанд – манзили шоиста, ғизои кифоя, малакаҳои санитарӣ-гигиенӣ, дастрасӣ ба тандурустӣ ва таҳсил. Давомнокии умр дар соли 1964 барои мардон 72,8 сол ва барои занҳо 76,3 солро ташкил медод[16]. Аммо дар солҳои 70-ум ва то миёнаҳои солҳои 80-уми асри ҶҶ камшавии ногаҳонии давомнокии умр ба миён омад, ки он ба паст гардидани суръати рушди иқтисодӣ робита дошт. Суръати баланди афзоиши аҳолӣ, проблемаи шуғли захираҳои меҳнатӣ ва ба кор таъминкунии ҷавонон, алалхусус занҳо, проблемаҳои умдатарин шуда истодаанд. Давомнокии умри кулли аҳолӣ аз 68,6 то ба 66,1 сол каму зиёд гашта, барои аҳолии деҳот бошад он ба ҳисоби миёна 2,8 солро аз даст дод. Ҳолати мазкур асосан аз ҳисоби афзоиши фавти кӯдакони синну солашон 0-4 сола ба вуҷуд омад.

Қадамҳои минбаъдаи азнавсозӣ натиҷаҳои дилхоҳро надода, иқтисоди ҷумҳурӣ ҳанӯз дар асоси шиддатнокӣ рӯ ба пешравӣ намуд, яъне аз ҳисоби афзоиши шумораи кормандон ва истифодаи захираҳои моддӣ. Ба даст овардани истиқлолият ва баъд аз он ҷанги шаҳрвандӣ ба он оварда расонд, ки гузаштан ба марҳилаи сеюми гузариши эпидемиологӣ на танҳо ба миён наомад, балки дастоварди дуюм дар соҳаи давомнокии умр ба қадрӣ назаррас кам гардид. Давомнокии умри мардон дар соли 1993 56,5 сол ва аз занон бошад 68,2 солро ташкил медод, бояд қайд намуд, ки дар қишлоқҷойҳо ин нишондиҳанда ҳам хеле кам гардида, барои мардон 56,8 сол ва барои занҳо 68,2 солро ташкил дод. Сабабҳои фавт дар марҳилаи мазкур пеш аз ҳама мисли пештара бемориҳои системаи хунгард ва сонияи бинобар сабаби ҷанги шаҳрвандӣ фавт дар натиҷаи ҳодисаҳои нохуш ва дигар таъсирҳои беруна мебошанд.

Чӣ тавре ки мебинем, унсурҳои таркибии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва тиббӣ на фақат ба сифати қувваҳои пешбаранда, балки ҳамчун воситаҳои самараноки коҳиш додани фавт ва ҳамчун инъикосгари некӯаҳволии ҷомеа шуда метавонанд.

**11.2. Тафсири мафҳуми «солимӣ».** Мафҳуми «солимӣ» ҳамеша дар ҳоли пешравӣ қарор дорад ва ба пешравии илм вобаста буда, тавассути тафсирҳои боз ҳам дақиқтару нозуктари меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои дахлдори ченкунии сатҳи солимӣ муайян карда мешавад. Зарурати тағйироти фаҳмиши «солимӣ» ба шароити тағйирёбандаи ҳаёти одам, инчунин ба пешравии фарҳанге, ки ба вазъи саломатӣ арзишу талаботи навро эҷод мекунанд, вобастагӣ дорад. Душвории хосе ба ин масъала аз он зам мегардад, ки солимии инсон худ ба худ вуҷуд надорад, вале ҳаст солимии мардон ва занон, кӯдак ва одами калонсол, ки тарзи ҳаёт ва функсияҳои иҷтимоиашон гуногун мебошанд. Инчунин, фарқи байни шароити зист дар минтақаҳои мухталифи ҷуғрофӣ ва иқлимии дорои талаботи гуногун ба имкониятҳои функсионалӣ ва мутобиқшавии аҳолӣ, ки хеле тафовути зиёд

[15] Аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе соли 1999.
[16] Аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе соли 1999.

доранд, бояд ба назар гирифта шавад. Шаклҳои гуногуни солимӣ низ вуҷуд доранд, масалан, бемориҳои наслии аз волидайн гузашташуда ва бемориҳои аз ҳисоби таваллуд одам, ки дар натиҷаи иҷро намудани меъёрҳои тарзи ҳаёти солим сар мезананд.

Солимии ҷисмонӣ – ин ҳолати табии организм, ки бо шароити муътадили иҷро намудани функсияи ҳамаи узвҳо ва системаҳои он муҳайё мебошад. Агар ҳамаи узвҳо ва системаҳо ба таври хуб кор кунанд, пас тамоми организми одам (системаи худтанзимкунанда) ба тарзи дуруст функсияи худро иҷро менамояд ва рушду нумӯъ меёбад. Солимии равонӣ аз вазъи мағзи сар вобаста буда, он бо дараҷа ва сифати фикррони, пешравии диққат ва хотира, дараҷаи устувории эҳсосӣ, рушди сифатҳои матинародагӣ хос мебошад. Солимии иҷтимоӣ (маънавӣ) аз рӯи он принсипҳои ахлоқие муайян мегардад, ки асоси ҳаёти иҷтимоии одам дониста мешаванд, яъне ҳаёти ҷомеаи муайяни инсонӣ. Сифатҳои фарққунандаи солимии маънавии инсон пеш аз ҳама муносибати бошуурона ба меҳнат, аз худ намудани ганҷи фарҳангӣ, ба таври фаъол рад намудани урфу одатҳое, ки бархилофи тарзи ҳаёти муқаррарӣ мебошанд. Одами ҷисман ва равонан солим метавонад гоҷи бадахлоқ бошад, дар сурате ки агар вай меъёрҳои аҳлоқиро риоя накунад. Аз ин хотир, солимии иҷтимоӣ андозаи баландтарини солимии инсонӣ ба шумор меравад. Одамони аз ҷиҳати ахлоқӣ солим дорои як қатор сифатҳои умумибашарӣ мебошанд, ки онҳоро шаҳрвандони ҳақиқӣ месозанд.

Оинномаи Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ солимиро ҳамчун «ҳолати некӯаҳволии комили рӯҳонӣ, ҷисмонӣ ва иҷтимоӣ» маънидод менамояд. Бо чунин тафсири васеъ ва башарии солимӣ розӣ нашудан номумкин аст.

Дар баробари ин маъноҳо, дар адабиёти махсус хусусияти солимиро ҳамчун ҳолати оптималии фаъолияти ҳаёти инсон метавон вохӯрд, ки тадбиқи пурраи қувваҳои моҳиявии онро чун тавоноии организми инсонӣ баҳри иҷро намудани пурраи функсияҳои иҷтимоӣ дар шароити таъмини баробарвазнии динамикӣ чӣ дар дохили организм ва чӣ дар муносибатҳои ҳамдигарии организм бо муҳити зист таъмин менамояд. Эътироф намудани аҳамияти иҷтимоӣ ва равонии паҳлӯҳои солимӣ мафҳуми солимиро хеле тағйир ва васеъ намуда, онро аз талаботҳои клиникӣ берун баровард, вале бо вуҷуди ин ба саволи: киро шахси солим ҳисобидан мумкин аст, посухе пайдо нагашт.

Барои таъсис додани симои маҷмӯиву мукаммали ин ё он ҳолати марбут ба саломатии шахси алоҳида ё гурӯҳҳи иҷтимоии одамон олимон аз як қатор мафҳумҳо ва таърифҳои дигари заминавӣ истифода мебаранд. Ба қатори онҳо метавон мафҳумҳои “солимии инсон”, “солимии аҳолӣ”, “солимии ҷомеа” ва ғайраро дохил кард. Саломатии инсон – ин на танҳо будан ё набудани беморӣ, балки он чунин ҳолатест барои фард ва муҳити сукунати он, ки барои ӯ дар дастовардани ҳисси фаровонии ҳаёт ва имкони хеле зиёд барои саҳм гузоштани он дар фарҳангу тамаддуни инсонӣ шароит фароҳам меорад.

Таърифи “солимии аҳолӣ” маънои ҷараёнест, ки вазъи системаи биоиҷтимоии “Аҳолӣ”-ро ифода мекунад. Солимии аҳолӣ ҳамчун ҳодисаи давраи мушаххаси таърихӣ натиҷаи эволютсияи биологӣ ва рушди иҷтимоии аҳоли ибашарӣ таи тамоми давраи мавҷудияти он ба ҳисоб меравад, ки гузаронандаи он аҳолии муайяни башарӣ мебошад. Агар дар таърифи солимии инсон ба сифати нуқтаи ибтидоӣ нишондиҳандаҳое, ки солимии фардро инъикос менамоянд истифода гарданд, вале ҷиҳати муайянсозии солимии аҳолӣ ба сифати нишондиҳандаҳое, ки инъикосгари сатҳи солимии ҷомеа мебошанд, нишондиҳандаҳои тавлид ва фавт баррасӣ мегарданд. Ҳангоми гузариш аз низоми “Инсон” (фард) ба низоми “Аҳолӣ” (низоми фардҳо) маънои ҳамон як ҳодисаҳо тағйир меёбанд. Агар дар мавриди аввал нишондиҳандае, ки ҳодисаи фақат як бор рӯйдода (таваллуд, фавт, беморӣ) ифода менамояд, мавриди тадқиқ қарор гирад, дар мавриди дуввум бошад – нишондиҳандае, ки ҳодисаҳои оммавиро ифода менамояд (миқдори таваллуд, миқдори фавт, шумораи беморӣ). Мафҳуми “солимии ҷомеа” (ё дар вақтҳои

охир бештар ба он наздки истифодашаванд – “иқтисодиёти солимӣ”) баъзе хусусиятҳои дигарро доро мебошад. Он ҳамчун кӯшише буд барои гирифтани посух ба саволи таъсири давлат, муносибатҳои ҷамъиятӣ-иқтисодӣ ба сатҳи солимии аҳолӣ дар маҷмӯъ ва инчунин ба фарди алоҳида. Ба қавли дигар, он бояд тавоноии ҷамъиятро ба нигоҳдории нишондиҳандаҳои солимии аҳолӣ (миллат, синф, гурӯҳҳо ва ғ.) ифода намояд.

Вазъи саломатӣ ва фавти аҳолӣ аз шумораи зиёди омилҳо вобастагӣ доранд, ҳам биологӣ (ки аз ҳисоби рушди дохилии организми инсон ташаккул меёбанд) ва ҳам иҷтимоӣ (ки ба фаъолияти муҳити беруна алоқаманд мебошанд). Бо вуҷуди ин, бояд ба назар гирифт, ки таъсири муҳити беруна – ин на танҳо майли муҳити ҷисмӣ ва иҷтимоии сукунат ба организми инсон, балки фаъолияти водоркунандаи дарки фард низ мебошад, ки модели рафтору кирдору ӯро дар соҳае, ки бевосита барои ҳафзи саломатӣ вобаста аст, ташаккул медиҳад. Мувофиқи механизмҳои артаридоштаи таъсиррасонӣ, омилҳои биологӣ ва иҷтимоиро метавон ба намудҳои дохилӣ (аз ҳисоби рушди дохилии организми инсон ташаккул меёбанд) ва берунӣ (ки ба фаъолияти муҳити беруна алоқаманд мебошанд) ҷудо кард.

Нақши омилҳои дохилӣ аз ҳисоби пиршавии организм ба миён омада, бинобар ин дар тули ҳаёти инсон таъсири онҳо нобарбар мебошад ва дар синни калонсолӣ ба вазъи саломатӣ таъсири калон мерасонад. Ба намуди дохилӣ инчунин як қисми бемориҳо ва фавтҳо, ки бинобар сабаби касалиҳои аз таваллуд пайдошуда ва бемориҳои аз насл ба насл гузаранда, ки бештар дар синни кӯдакӣ ва ҷавонӣ рӯх медиҳанд, дохил мекунанд.

Омилҳои берунӣ иборатанд аз шароити табиӣ, ба мисли иқлим, дараҷаи ифлосшавии муҳити зист ва ғ, инчунин иҷтимоӣ, ба мисли дараҷаи эмгузаронӣ, дастрасӣ ба хизматрасониҳои тандурустӣ ва дигарон, ки паҳншавии ин ё он бемориҳое, ки сабабгори ихтисоршавии давомнокии умр мешаванд, муайян месозанд.

Бояд қайд кард, ки ҷудокунии сабабҳои фавт ба дохилӣ ва берунӣ усусияти шартӣ дорад. Чӣ хеле ки назарияи гузариши эпидемиологӣ тасдиқ менамояд, коҳиши фавти дар қарни ҶVIII саршуда ва то замони имрӯза идомаёфта аз яктарафкунии ботадриҷи омилҳои дохилии фавт ва бештару пурра тадбиқ намудани нерӯи берунии солимии инсон замина мегирад.

Маълум мегардад, ки масалан, ғалаба аз болои сироятҳои махсусат хавфнок ба коҳиши фавт оварда мерасонад, вале он маънои беҳбудшавии саломатиро надорад. Коҳиши фавт аз бемориҳои шадид метавонад боиси бад гардидани вазъи саломатии зиндамондагон гардад. Дар маҷмӯъ, он қадар айён нест, ки чӣ гуна дараҷаи миёнаи солимӣ дар раванди гузариши якуми эпидемиологӣ тағйир ёфт.

Ҳамзамон беҳбудии сатҳи солимӣ – унсури ҳатмӣ ва натиҷаи бечуну чарои гузариши дуюми эпидемиологӣ, ки бо ҳифзи муҳити зист ва беҳтаргардии муҳити иҷтимоӣ, солим гардондани шароити меҳнат ва паҳнкунии саросари тарзи ҳаёти солим якҷоя алоқаманд мебошад.

Дар давоми зиндагии худ ва дар ҳар як лаҳзаи мушаххаси ҳаёт инсон нақшҳои бисёру ҳархеларо иҷро менамояд, ки бо шаклҳои мухталифи фаъолияти иқтисодӣ, демографӣ ва ҷамъиятии вай алоқаманд мебошанд. Марди калонсол дар як вақт ҳам коргар, интихобкунанда, падар, шавҳар ва ғайраҳо ба шумор меравад. Ҳамзамон инсон ба ин ё он намудҳои ҳифзи иҷтимоӣ, кӯмак ё парасторӣ ниёз дорад. Солимии фардро метавон тавассути маҷмӯи нақшҳои иҷтимоӣ ва шаклҳои фаъолияти ба вай дастрас, ки метавонад бе расонидани зарар ба саломатии худ (яъне муътадил ва таи давраи дурудароз) иҷро кунад ва ба воситаи маҷмӯи маҳдудиятҳо ва эҳтиёҷоти махсус, ки қонеъгардонии онҳо

барои нигоҳдори зиндагии фард зурурӣ мебошад, маънидод кард. Маъмул аст, ки миқёси қобилиятҳову эҳтиёҷоти зикргардида аз синну соли фаврд вобастагӣ дорад.

Саломатӣ аз ҷумлаи масъалаҳои фаъолияти касбӣ (коршоямӣ) ба шумор намеравад. Тавоноии таваллуд ва тарбия намудани кӯдакон, иштирок намудани дар ҳаёти ҷомеа ва ғайрҳо низ дорои аҳамияти калон мебошанд. Дар баробари инҳо, инчунин маҳдудиятҳои ҷисмонӣ ва равонӣ, солимии бадан ва рӯҳ ҳам муҳим дониста мешаванд. Мафҳуми "эҳтиёҷоти махсус" (дар шароити солимӣ) ҳам хеле гуногун таъриф карда мешавад – аз муоличаи доругӣ ва назорати даврагии амбулаторӣ то табобати мукаммал дар беморхона. Дараҷаи қатъии носолимӣ – вақте ки инсон танҳо дар палатаи муоличаи бошиддатметавонад умр ба сар барад.

Бе муболиға гуфтан мумкин, ки ҳар як узви ҷомеаи имрӯз ба ҳифзи муайяни иҷтимоӣ ниёз дорад, як нафар ба қадри бештар, дигаре – камтар. Кӯдаки навзод парвариш ва нигоҳубини доимиро тақозо мекунад, новобаста аз вазъу дараҷаи саломатӣ. Солимии шахси калонсол бо доираи шаклҳои фаъолияти ба вай дастрас тавсиф карда мешавад – аз набудани маҳдудиятҳои касбӣ (дараҷаи олии саломатӣ) то қобилияти иҷро намудани мустақилонаи функсияҳои асосии маишӣ.

Ҳангоми гузарондани таҳлил аз болои солимии аҳолӣ ва низоми тандурустӣ дар кишвар ҷабҳаҳои зерин ба назар гирифта мешаванд:

1. Дастрасӣ ба ёрии тиббӣ;
2. Хароҷоти давлатӣ ва шахсӣ барои тандурустӣ;
3. Эмгузаронӣ;
4. Ҳифзи модар;
5. Ба нақшагирии оила;
6. Дастрасии нигоҳубини то таваллуд;
7. Миқдори фавт;
8. Миқдори фавт аз рӯи гурӯҳҳои синну солӣ;
9. Фавти модар;
10. Таҳлили сабаҳои фавт;
11. Миқдори бемори;
12. Бемориҳое, ки ба воситаи эмкунӣ дур карда мешаванд.

Ҳангоми баҳо додани дараҷаи саломатӣ барои ШРИИ дар аксари давлатҳо проблеми норасоии маълумотҳои оморӣ ба миён меояд. Дар чунин далатҳо баъзан аз ҷониби оҷонсиҳои байналхалқӣ, ба мисли Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (ТУТ), Бонки Ҷаҳонӣ (БҶ), Хазинаи Кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) ва ғайраҳо дар яквақт тадқиқотҳои баҳодиҳӣ гузаронда мешаванд.

**11.3. Усулҳои ченкунии сатҳи тандурустӣ.** Нишондиҳандаи давомнокии пешбинишудаи умр бо ахборотӣ будани худ яке аз нишондиҳандаҳои заминавии сатҳи дороии давлат ва некӯаҳволии мардум маҳсуб меёбад. Нишондиҳандаи ДПУ таъсири пешравии иҷтимоӣ-иқтисодиро дар худ ҳамҷоя месозад, аз ҷумла пешравӣ дар самти тандурустӣ, низоми маориф ва беҳдошти сифати зиндагӣ.
Мафҳуми демографии «давомнокии пешбинишудаи умр» барои баъзе маҷмӯи тавлидшудагон маънои онро дорад, ки онҳо ба ҳисоби миёна аз замони таваллуд то ба марг чанд сол умр диданд. Ҷиддан гуем, давомнокии пешбинишудаи умри инсон – ин синни марги он мебошад. Чен кардани ҳисоби миёнаи давомнокии умр барои баъзе наслро танҳо он дам анҷом додан мумкин аст, ки агар ҳамаи аъзоҳои маҷмӯъ аллакай вафот карда

бошанд, яъне бо сипарӣ гаштани солҳои зиёд (имрӯзҳо – зиёда аз 100 сол) баъд аз лаҳзаи таваллуд.

Айён аст, ки арзиши чунин нишондиҳанда барои арзёбии тараққиёт имрӯзҳо он қадар гарон нест, чӣ хеле ки дар гузашта буд. Дар ҳисоботҳо оид ба рушди инсонӣ, ченкунандаи дигар ва каме мураккабтар муайяншаванда истифода мегардад. *Давомнокии пешбинишудаи умр* ҳангоми таваллуд ин миқдори солҳоест, ки ба ҳисоби миёна як одам аз баъзе насли моделии таваллудшуда бо шарте, ки дар тамоми давраи ҳаёти насли мазкур сатҳи фавт аз рӯи ҳар як синну сол айнан мисли солҳои ҳисобшудаи нишондиҳанда боқӣ мемонад. Ин усулро дар илми демографӣ усули таҳлили қад номида мешавад. Бо чунин роҳ ба даст овардани нишондиҳандаи давомнокии пешбинишудаи умр ҳангоми таваллуд, аз рӯи моҳият хусусияти интегралии сатҳи синнусолии фавт ба ҳисоб рафта, бо давомнокии умре, ки наслҳои дар айни замон зиндагӣ дошта алоқамандии суст дорад.

Тибқи тавсияҳои ТУТ, фавти кӯдакон ба қатори нишондиҳандаҳои пешсафи на танҳо солимии аҳолӣ, балки умуман сатҳи зиндагӣ ва инчунин сифати кори низоми тандурустӣ дохил мебошад. Ҳатто дар ҷомеаҳои муосир фавти кӯдакон нисбат ба миқдори фавти тамоми гурӯҳҳои синнусолии минбаъдӣ то ба синни пиронсолӣ хеле баланд мебошад. Коҳиши он дар тамоми муддати асри ҲҲ барои афзоиши давомнокии умри аҳолӣ сарчашмаи бузург ҳисобида мешуд.

*Фавти кӯдакон* ин вафоти кӯдаконро аз тавлид то расидан ба синни яксолагӣ ифода мекунад. Он бо доштани аҳамияти хоси иҷтимоии худ дар байни ҳамаи проблемаҳои фавти аҳолӣ ҷудо карда мешавад. Дараҷаи он барои кардани солимии аҳолӣ дар умум, осоиштагии иҷтимоӣ, сифати расонидани хизматҳои муолиҷавӣ-пешгирӣ барои занҳо ва кӯдакон мавриди истифода қарор мегирад. Нишондиҳандаи фавти кӯдакон баробар аст ба шумораи кӯдакони дар синни то 1-солагӣ ба 1000 нафар кӯдаки дар соли тақвимӣ зинда таваллудшуда.

Фавти кӯдакон дар соли якуми ҳаёт аз рӯи давраҳои синну солҳои гуногун нобаробар тақсим гардидаанд. Нишондиҳандаҳои калонтарини ҳодисаҳои фавт дар шабонарӯзи аввали баъд аз таваллудшавӣ ба мушоҳида расида, баъдан он бо ҳар як рӯз, ҳафта ва моҳи аз сар гузашта ботадриҷ коҳиш меёбад. Фавти кӯдакон дар давоми ҳафтаи якум дар 80 фисади ҳодисаҳои фавти кӯдакони моҳи аввал ба қайд гирифта шудааст, фавт дар моҳи аввал бошад – зиёда аз 70 фисади миқдори умумии фавти кӯдакон.

Барои ҷӯстани чораҳои зарурӣ роҷеъ ба коҳиши фавти кӯдакон таҳлили сабабҳои фавти кӯдакон гузаронда шуда истодааст. Бартарии фавт дар ягон давраи алоҳида то дараҷаи муайян аз сатҳи расондани ёрии тиббӣ, сифати чораҳои пешгииркунанда дар марҳилаи ҳомиладорӣ, тавалудҳо дар ҳафтаи аввали зиндагӣ дарак медиҳад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ, дар баробари нишондиҳандаҳои фавти кӯдакон, ҳисоб намудани *коэффитсенти фавти кӯдакони синнашон то 5-сола* қабул шудааст. Ин нишондиҳанда аз ҷониби ЮНИСЕФ ҳамчун таснифкунандаи вазъи кӯдакон дар мамлакатҳои гуногун ва нишондиҳандаи осудаҳолии кӯдакон интихоб гардидааст. Нишондиҳандаи мазкур дар қатори нишондиҳандаи фавти кӯдакон (то 1-сола) дар ҳисоботҳо оид ба рушди нерӯи инсонӣ ҷузъи Шохиси нобаробарии гендерӣ (ШНГ) мебошад.

Коэффитсиенти фавти кӯдакони синашон то 5-сола ба шумораи кӯдакони синнашон то 5-сола, ки дар як сол аз байни 1000 кӯдакони зиндатаваллудёфтаи ҳамон сол вафот кардаанд, баробар аст.

Ба қатори нишондиҳандаҳои демографие, ки нишондиҳандаи умумии фавтро муқаррар намуда, дар ҳисоботҳо оид ба рушди нерӯи инсонӣ дарҷ карда мешавад, *фавти модар* дохил мешавад.

Мутобиқи муқаррароти ТУТ, зери мафҳуми фавти модар вафоти зан фаҳмида мешавад, ки сабабгораш ҳомиладорӣ буда (сарфи назан аз давомнокӣ ва локализатсияи он), вақте рӯх медиҳад, ки давраи ҳомиладорӣ аст ё дар муддати 42 рӯзи баъд аз итмоми он бинобар сабаби марбут ба ҳомиладорӣ ва аз сабаб ё ҳаракати он вазнинтар мегардад, рӯх медиҳад, вале на аз сабаби ҳодисаи нохуш ё сабаби ногаҳон пайдошуда. Аз рӯи тавсияи ТУТ, нишондиҳандаи фавти модар барои шумораи 100 000 зиудатаваллудшудагон ҳисоб карда мешавад.

Нишондиҳандаи фавти модарро бояд дар сатҳи ноҳия, шаҳр, вилоят, минтақа ва ҷумҳурӣ ҳисоб кард. Дар муассисаҳое, ки фавт рӯх додаст, бояд ҳар як ҳодисаи алоҳидаи фавтро (бе ҳисоб намудани нишондиҳанда) аз нуқтаи назари пешгирикунии он мавриди таҳлили муфассал қарор дод.

Ҳодисаи фавти модарро ба ду гурӯҳ ҷудо менамоянд. Фавте, ки бевосита ба сабабҳои момодоягӣ алоқаманд аст, яъне фавт дар натиҷаи нуқсҳои момодоягии ҳомиладорӣ, таваллудкунӣ ва давраи баъди таваллудкунӣ, инчунин дар натиҷаи дахолатҳо, хатогиҳо, муолиҷаи нодуруст ё маҷмӯи ҳодисаҳое, ки аз дилхоҳ сабабҳои номбаршуда рӯй медиҳанд. Фавти ғайримустақиман ба сабабҳои момодоягӣ алоқаманд буда, яъне фавте, ки дар натиҷаи беморӣ ё бемориҳои каблан вуҷуддоштае, ки дар давраи ҳомиладорӣ берун аз сабабҳои бевоситаи момодоягӣ сар зада, вале бо таъсири ҳомиладорӣ мураккаб гардидаанд. Дар баробари фавти модар боз фавти дери модар низ ҳаст, ки аз рӯи фавти зан бо сабабҳои бевоситаи момодоягӣ ва сабабҳои ба он бевосита алоқаманд дар давраи зиёда аз 42 рӯзи баъд аз таваллуд, вале камтар аз 1 соли баъд аз таваллуд кардан рӯй медиҳад, муайян карда мешавад.

**11.4. Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола дар соҳаи тандурустӣ.** «Ҳадафҳои рушди ҳазорсола»-и аз ҷониби СММ қабулгардида ва дигар нишондиҳандаҳои пешбинишудаи ба онҳо алоқаманд дар «Эъломияи ҳазорсола» муқаррар карда шудаанд, ки аз тарафи намояндагони 189 кишвари олам моҳи сентябри соли 2000 имзо гардид. Ин ҳадафҳо ва нишондиҳандаҳои пешбинишуда бо ҳамдигар алоқаманд буда, бояд ҳамчун ягонагии комил баррасӣ гардад. Онҳо шарикии байни мамлакатҳои мутараққӣ ва рӯ ба тараққиро ифода менамояд, ки ба фароҳам овардани шароит – чӣ дар зинаи миллӣ ва чӣ дар зинаи ҷаҳонӣ – равона гардида, барои пешравии кишварҳо ва аз байн бурдани камбизоатм мусоидат менамояд.[17]

Эъломия аз 8 ҳадаф иборат аст, ки 3-тои бевосита ба проблемаҳои тандурустӣ ва дарозумрӣ иртибот доранд. Дар ҷадвали 11.4.1. ҳадафу вазифаҳои марбут ба тандурустӣ ва давомнокии умр оварда шудаанд.

*Ҷадвали 11.4.1.*

*Ҳадафҳои рушди ҳазорсола: Тоҷикистон*

| Ҳадафҳо ва вазифаҳо | Нишондиҳандаҳои пешравӣ дар расидан ба ҳадафҳо |
|---|---|
| **Ҳадафи 4: Коҳиши фавти кӯдакон** | |
| **Вазифаи 5:** Ба дараҷаи 2/3 паст намудани фавт миёни кӯдакони синнашон то 5-сола то соли 2015. | 1. Миқдори фавт миёни кӯдакони то 5-сола;<br>2. Миқдори фавт миёни тифлони хурдсол;<br>3. Ҳиссаи кӯдакони синнашон то 1-сола, ки аз эмкунии заминавӣ (сурха, паротит (варами ғадуди паси гӯш), гулӯзиндонак, полиомелит (фалаҷшавии кӯдакона)) гузаштаанд; |

[17] Муфассалтар дар бораи «Эъломияи ҳазорсола» - http://millenniumindicators.un.org/unsd/mdg/Host.aspx?Content=Indicators/OfficialList/htm

| Ҳадафи 5: Бехтар намудани ҳифзи модар | |
|---|---|
| **Вазифаи 6:** То соли ба дараҷаи ¾ коҳиш додани коэффитсиенти фавти модар нисбат ба соли 1990. | 4. Коэффитсиенти миқдори фавти модар (ба 100 ҳазор кӯдаке, ки зинда таваллуд мешавад);<br>5. Ҳиссаи таваллудкунӣ бо ҷалби момодояи ихтисосманд; |
| **Ҳадафи 6: Мубориза алайҳи ВИЧ/СПИД, сил, варача ва дигар бемориҳо** | |
| **Вазифаи 7:** То соли 2015 манъ кардани паҳншавии ВИЧ/СПИД ва шурӯъ намудан ба тамоюли коҳишёбии миқдори сироятшавӣ. | 6. Коэффитсиенти сироятшудагони ВИЧ дар байни занҳои ҳомиладори синнашон 15-24 сола;<br>7. Коэффитсиенти истифодабарии рифолаҳо ҳамчун ҳиссаи коэффитсиенти умумии истифодабарии контрасептивҳо;<br>8. Ҳиссаи аҳолии синнашон 15-29 сола, ки дар бораи ВИЧ/СПИД дониши амиқ доранд;<br>9. Дараҷаи истифодабарии контрасептивҳо; |
| **Вазифаи 8:** То соли 2015 манъ намудани паҳншавии бемории сил ва дигар бемориҳои асосӣ, шурӯъ намудан ба тамоюли коҳишёбии миқдори сироятшавӣ. | 10. Миқдори сироятшавӣ ва фавт бо сабабҳои вараҷа;<br>11. Миқдори сироятшавӣ ва фавт бо сабабҳои сил;<br>12. Миқдори сироятшавии кӯдакони синну соли мактабӣ бо дараҷаи миёнаву вазнини сирояти дохилирудагӣ. |

Вазифаҳои дар ҷадвал овардашуда – хеле гуногун, чӣ аз нуқтаи назари имконияти иҷро намуданашон, чӣ аз нуқтаи назари имконияти бурдани назорат аз болои иҷроии онҳо.

Тамоюли коҳиш ёфтани дараҷаи фавти кӯдакону тифлон дар Тадқиқоти баъдинаи тиббӣ-демографие, ки соли 2012 дар Тоҷикистон (ТТДТ) гузаронида шуда буд, қайд гардидааст.[18] Мувофиқи натиҷаҳои мазкур, суръати коҳишёбии фавти кӯдакону тифлон суст гардида истодаанд. Дар давраи аз соли 2008 то соли 2012 фавти кӯдакон нисбат ба соли 1990 тақрибан ба дараҷаи 1/3 кам гардидааст, вале фавти тифлон дар ҳамин давра ҳамагӣ 16 фисад коҳиш ёфтааст. Бо ҷой доштани тамоюли суръати коҳишёбии фавти кӯдакону тифлон эҳтимолияти ноил шудан ба ҳадафҳо то соли 2015 хеле кам мебошад. Аммо барои ин пешравии ислоҳоти баши тандурустии кишвар бояд мавриди таҳлил қарор дода шавад, чунки ислоҳоти бомуваффақият метавонанд тамоюлро хеле тез тағйир диҳад.

Аз рӯи маълумотҳои омори давлатӣ, дараҷаи эмкунии кӯдакон баланд боқӣ монда, 97,0 – 97,7 фисади кӯдакони то 1-соларо дарбар мегирад. Мутобиқи иттилооти ТТДД-2012, 98,3 фисади кӯдакони синнашон 18-моҳа ваксина қабул намуданд.

Вобаста ба вазифаи 6 “То соли ба дараҷаи ¾ коҳиш додани коэффитсиенти фавти модар нисбат ба соли 1990”, нишондиҳандаҳои мазкур бояд зери мушоҳида қарор гиранд: миқдори фавти модар ва ҳиссаи таваллудкунӣ бо ҷалби момодояи ихтисосманд. Вазифаи 6 давлатро ӯҳдадор месозад, то ки он дараҷаи фавти модарро дар тӯли 25 сол ба 75 фисад коҳиш диҳад. Тибқи иттиллооти омории давлатӣ барои 15 сол, шурӯъ карда аз соли 1990 дараҷаи фавти модар анқариби 62 фисад поён рафт. Бо вуҷуди ин, маълумотҳои МИКИ

[18] Тадқиқиқоти тиббӣ-демографии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, measure DHS ICF International, 2012

қайд менамоянд, ки ин нишондиҳанда барои айнан ҳамон давра зиёда аз 2 маротиба афзоиш ёфт. Сабабгори чунин ихтилофҳо ин тарзу усули ҷамъоварии маълумот мебошад. Омори давлатӣ ба маълумтҳои мақомоти ҚАҲШ такя менамоянд. Шумораи зиёди занҳо дар Тоҷикистон, алалхусус дар деҳот, дар хона бе ёрии тиббӣ таваллуд карда, дар ҳолати фавти онҳо бошад хешовандон одатан ба мақомоти ҚАҲШ баҳри қайд намудани фавт муроҷиат намекунанд.

Ин тамоюли нигароникунанда нишон медиҳад, ки ба дастории ҳадаф метавонад муяссар нагардида, зарур аст барои ошкор сохтани сабабҳои тамоюли ба миён омада ва қабули тадбирҳои зарурӣ аз ҷониби давлат ҷиҳати дигаргун сохтани вазъият нишондиҳандаҳои дигар мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гиранд.

Барои ин як қатор нишондиҳандаҳоеро мавриди баррасӣ қарор медиҳем, ки дараҷаи дастрасӣ будани хизматрасониҳои тиббии марбут ба таъмини ёрии тахассусии тиббӣ ба занҳо ҳангоми ҳомиладорӣ ва таваллудро ифода менамоянд.

Мутобиқи омори давлатӣ, дар соли 2008, танҳо 64,4 фисади занҳои ҳомиладор дар зери назорати мутахассисони тиб дар марҳилаҳои аввали ҳомиладорӣ (то 12 ҳафта) қарор доштанд. Ва ин нишондиҳанда дар муқоиса ба солҳои қаблӣ каме коҳиш ёфтааст. Инчунин, тибқи омори давлатӣ, ҳиссаи таваллудҳо дар ҳузури мутахассисони касбии тиб аз 78,5 фисад дар соли 2000 то ба 89,4 фисад дар соли 2006 зиёд шудааст. Аммо тамоюли нишондиҳандаи таъминоти занҳои ҳомиладор ва таваллудкунанда бо катҳо имконияти зиёд намудани миқёси фаро гирифтани занҳои ҳомиладор ва таваллудкунандаро бо ёрии тахассусии тиббӣ зери шубҳа мегузорад. Инак, дар соли 2002, ба 10 ҳазор занҳои синнашон 15-49 сола 22,1 катҷойҳо дар муассисаҳои тиббӣ рост меомад, дар соли 2008 бошад, ин нишондиҳанда то ба 18,4 паст гардид. Боз як нишондиҳандаи дигаре аст, ки метавонад вазъи дастрасӣ ба хизматрасониҳои тахассусии ёрии тиббӣ ифода намояд – ин таъмин будани занҳо бо табибони соҳаи момодоягӣ ва бемориҳои занона. Дар соли 2004, ба ҳар 10 ҳазор зан 7,2 табиб рост меомад, дар соли 2006 – 6,6, дар соли 2008 – 6,2. Нишондиҳандаи таъмин будани занҳо бо момодояҳо (кормандони миёнаи тиббӣ) низ тамоюли камшавӣ дорад: ба ҳар 10 ҳазор зан 20,8 момодоя дар соли 2004 ва 19,7 момодоя дар соли 2008 рост меояд.

Умуман тамоюли коҳиш ёфтани дараҷаи фарогирии занҳо бо ёрии пурихтисоси тиббӣ дар давраи ҳомиладорӣ ва таваллудро мушоҳида намудан мумкин аст. Бадшавии вазъият дар бахши мазкур хавфи афзоиш ёфтани коэффитсиенти фавтро дар байни кӯдакони то 5-сола ва занҳо дар вақти ҳомиладорӣ ва таваллуд зиёд мекунад. Ин бошад дар навбати худ нишондиҳандаи умумии давомнокии пешбинишудаи умрро паст менамояд.

Инак сатҳи иҷроиши вазифаи 7 «то соли 2015 манъ кардани паҳншавии ВИЧ/СПИД ва шурӯъ намудан ба тамоюли коҳишёбии миқдори сироятшавӣ» аз назар мегузаронем. Агар дар тамоми соли 2000 7 ҳодисаи сироятёбии ВИЧ ба қайд гирифта шуда бошад, дар соли 2005 – 189 ҳодиса, дар соли 2009 – аллакай 1595 ҳодиса, ки 80,6 фисади онҳоро мардон ва 19,4 фисадашонро занон ташкил медоданд. Дар ин ҷо инчунин қайд кардан зарур аст, ки рақамҳои овардашуда ҳодисаҳои расман қайдшудаи гирифтори сирояти ВИЧ-ро ифода мекунанд. Коршиносон бар ин ақидаанд, ки миқёси воқеии паҳншавии ВИЧ/СПИД метавонанд аз ҳодисаҳои ба қайд гирифташуда 15-20 маротиба зиёд бошанд. Аммо дар асоси маълумотҳои мавҷуда метавон тамоюли паҳншавии эпидемияро дар тӯли даҳсолаи қаблӣ муайян кард:

13. 84 фисад сироятшудагони ВИЧ – ин ҷавонони синнашон 15-39 сола;

14. «Феминизатсия»-и эпидемия – афзоиши ҳиссаи занҳо дар миёни сироятшудагони ВИЧ (дар соли 2005 14,8 фисад зан, дар соли 2009 – 19,4 фисад);

15. Афзоиши ҳиссаи гузаштани ВИЧ ба воситаи алоқаи ҷинсӣ дар таркиби роҳҳои гузаранда (дар соли 2005 – 8 фисад, дар соли 2009 бошад – 26,5 фисад;

16. Афзоиши окоршавии ВИЧ дар миёни муҳоҷирони меҳнатӣ (дар соли 2009 20,2 фисади ҳодисаҳои ошкоршудаи сироятшуагони ВИЧ-ро муҳоҷирони меҳнатӣ ташкил доданд).

Яке аз самтҳои афзалиятноки ҳалли вазифаи мазкур ин пешгирии ВИЧ/СПИД тавассути баландбардории воқифнокии аҳолӣ дар бораи роҳҳои паҳншавии ин сироят, инчунин дар бораи усулҳои муҳофизатӣ. Ҷамъ намудани иттилоот оид ба воқифнокии аҳолӣ дар бораи ин ё он масъала бо усули омори давлатӣ номумкин мебошад. Чунин иттилоот бо усули гузаронидани пурсишҳои оммафӣ ба даст оварда мешаванд. Бинобар ин, ҷамъоварии чунин маълумотҳо номунтазам ба роҳ монда шудаанд.

Сарфи назар аз он ки ҳиссаи занҳое, ки дар бораи ВИЧ/СПИД донишҳои амиқ доранд аз ҳамаи гурӯҳҳои синну солӣ дар ин давра зиёда гардидааст, байни ҷавонони то 30-сола ҳиссаи занҳое, ки дар бораи ВИЧ/СПИД донишҳои амиқ доранд то кунун аз нисф камтарро ташкил менамоянд. Ин маънои онро дорад, зиёда аз нисфи занони ҷавон дар он гурӯҳе қарор доранд, ки дар он хавфи баланди гирифтори сирояти ВИЧ мавҷуд аст.

Нишондиҳандаи истифодаи контратсептивҳо дар маҷмӯъ (тамоми намудҳо) тамоюли камшавӣ дорад. Аз давраи соли 2000 то соли 2006, фарогирии занҳо бо котратсептивҳо коҳиш ёфта, аз 28,7 фисад то ба 18,5 фисад поён рафт. Нишондиҳандаи зикргардида аз рӯи минтақаҳои кишвар мухталиф мебошад. Аз ҳама дараҷаи пасти фарогирии занҳо бо контратсептивҳо дар Вилояти Суғд (15,0 фисад) ва Ноҳияҳои Тобеи Марказ (15,0 фисад) ба мушоҳида расиданд. Дараҷаи каме баландтари фарогирӣ бо контратсепсияҳо дар худи ҳамон давра дар шаҳри Душанбе (23,4 фисад) ва Вилояти Хатлон (21,0 фисад) мушоҳида гардиданд. Вале нишондиҳандаҳои номгиршуда аз рӯи тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ коҳиши назарраси истифодаи контрасептивҳоро аз ҷониби занҳо нисбат ба соли 2000 нишон медиҳанд.

Боз як нишондиҳандаи дигаре, ки барои мушоҳида намудани ҳалли вазифаи 7 таваҷҷӯҳ бояд зоҳир кард, ин таносуби нишондиҳандаи истифодабарии рифолаҳо ва нишондиҳандаи истифодабарии умуман ҳамаи контрасептивҳо ба ҳисоб меравад. Дар диграммаи 11.4.1 маълумотҳои МДИТ-2012 оид ба истифодаи рифолаҳо ва маҳдудияти ҳаёти алоқаи ҷинсӣ бо як шарики сироятношуда, ҳамчун пешгирии сари роҳи сирояти ВИЧ/СПИД аз рӯи минтақаҳо оварда шудааст. Азбаски тадқиқоти мазкаур дар Тоҷикистон аввалин маротиба гузаронда шуд, маълумот дар бораи динамикаи ин нишондиҳандаҳо вуҷуд надоранд.



**Диаграммаи 11.4.1. Дониш дар бораи ВИЧ/СПИД ва усулҳои пешгирӣ**

Аз ҳамаи нишондиҳандаҳои вазифаи 8 «То соли 2015 манъ намудани паҳншавии бемории сил ва дигар бемориҳои асосӣ, шурӯъ намудан ба тамоюли коҳишёбии миқдори сироятшавӣ», танҳо як нишондиҳандаро аз назар мегузаронем – миқдори сироятшавии аҳолӣ бо сили фаъол. Муддати 8 сол аз оғози ҳазорсола дараҷаи сироятшавӣ на танҳо манъ нашудааст, балки афзоиши он идома ёфта истодааст. Ин нишондиҳанда байни мардон дар давраи аз соли 2000 то соли 2008 қариб ду маротиба афзудааст, байни занон бошад – тақрибан якуним маротиба. Сарфи назар аз он ки дар солҳои алоҳида баъзе пастравиҳо дар сироятшавӣ ба мушоҳида мерасид, лекин тамоюли умумӣ афзоиши босуръати дараҷаи гирифторшавии аҳолӣ бо бемории силро нишон медиҳад.

Дар робит ба ин тамоюли нигароникунанда вазъиятро бояд бо назардошти имкониятҳои системаи тандурустӣ дар самти хизматрасонӣ ба аҳолӣ таҳқиқ кард. Дар Ҷадвали 11.4.2 тағйироту дигаргуниҳо дар системаи тандурустӣ барои давраи аз соли 2000

*Ҷадвали 11.4.2.*

***Муассисаҳои муолиҷавӣ-пешгирикунӣ ва кадрҳои соҳаи тиб***

| Нишондиҳандаҳо | 2004 | 2008 | Пастшавӣ(-)/ Афзоиш (+), фисад |
|---|---|---|---|
| Миқдори касалхонаҳо, ҳаз. | 453 | 421 | - 7.1 фисад |
| Миқдори катҳои касалхона ба сари 10 ҳазор нафар аҳолӣ | 59.8 | 52.5 | -12.2 фисад |
| Шумораи ташрифҳо дар вақти навбатдорӣ ба ҳар 10 ҳазор нафар аҳолӣ | 99.4 | 88.4 | - 11.1 фисад |
| Шумораи хонаҳои тиббӣ, воҳид. | 1710 | 1690 | - 1.2 фисад |
| Шумораи табибони тамоми тахассусҳо ба сари ҳар 10 ҳазор нафар аҳолӣ | 19.2 | 18.9 | - 1.6 фисад |
| Шумораи миёнаи кормандони тиб ба сари ҳар 10 ҳазор нафар аҳолӣ | 42.4 | 41.3 | - 2.6 фисад |

то соли 2008 оварда шудаанд.

Аз рӯи ҳамаи нишондиҳандаҳои номгиршуда, ки вазъу имконияти системаи тандурустиро дар расонидани хизмат ба аҳолӣ инъикос намуда, мо ҳолати пастшавиро

мушоҳида менамоем (сутунчаи охири ҷадвал). Дар ин ҷо, ду шакли гуногуни сабабҳои чунин тағйирот ҷой дошта метавонанд. Аз рӯи назария, яке аз сабабҳо ин паст гардидани талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои системаи тандурустӣ буда метавонад. Вале, чӣ гунае ки мо дар боло дида гузаштем, нишондиҳандаҳои беморишавӣ тамоюли баландшавӣ дошта, инчунин сатҳи давомнокии пешбинишудаи умр дар ШРИИ паст мегардад, ҳол он ки ин нишондиҳанда дар тамоми дунё рӯ ба афзоиш дорад. Сабаби дигар ин иқтидори нокифояи тамоми системаи тандурустӣ, ки ба маҳдудиятҳои дохили буҷет ва иқтисодиёти заифи кишвар марбут мебошанд, буда метавонад

Ҳамин тариқ, ҷузъҳои ШРИИ доир аз бадшавии вазъият дар соҳаи тандурустӣ, маъориф ва иқтисодиёт хабар медиҳан. Вале ин танҳо оғози кор аст, то ки дар сатҳи давлатӣ сабабҳои ҷойдошта мавриди омӯзиш қарор гиранд ва нисбати онҳо қарорҳои зарурӣ қабул карда шаванд.

Маълумотҳои барои солҳои гуногун дода шудаанд ва аз маъхазҳои мухталиф ба даст оварда шудаанд. Ҷиҳати гузаронидани мониторинг аз болои ҷараёни ба даст овардани ҳадафҳои ҳазорсола дар Тоҷикистон монеаи ҷиддӣ ин дар норасоии маълумотҳои оморӣ доир ба он нишондиҳандаҳое, ки бояд мавриди таҳқиқ қарор гиранд, ҷой дорад. Як қисми ин норасоиҳо аз ҳисоби тадқиқотҳои дар як вақт гузаронидашуда мукаммал карда мешаванд, аз ҷумла Тадқиқоти бисёрнишондиҳандадори кластерӣ (MICS), ки аз тарафи ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон солҳои 2003 ва 2007 гузаронда шудаанд, Тадқиқоти тиббӣ-демографии соли 2012 ва ҳоказо. Илова бар он, омори давлатӣ метавонад танҳо он маълумотҳоеро ба назар гирад, ки дар мақомоти дахлдор (мақомоти ҚАҲШ, муассисаҳои тиббӣ ва дигар сохторҳои давлатӣ) ба қайд гирифта шудаанд. Чӣ тавре ки дар боло қайд карда шуд, аксари ҳодисаҳои танҳо қисман ба қайд гирифта мешаванд. Масалан, аз рӯи иттилооти ТУТ дар Тоҷикистон, зиёда аз 40 фисади таваллудкунии кӯдак дар хона ва аксари вақт бе иштироку ҷалби кормандони тиб мегузаранд. Бисёриҳо шаҳодатномаи таваллуди кӯдаконро намегиранд, ҳангоми фавт дар синну соли тифлӣ ё дар вақти таваллуд бошад фавти кӯдакро низ мақомоти қайди ақди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайд намегиранд. Дар робита ба ин, маълумтҳои омори давлатӣ на ҳамеша ба вазъи воқеӣ мувофиқ ва якхела мебошанд. Бо вуҷуди ин, дигар манбаъҳои алтернативии иттилоотӣ оид ба миқдори фавт ва вазъи солимӣ дар кишвар мавҷуд ҳастанд.

**1. Саволҳо барои машғулиятҳои амалӣ:**

1. Гузариш аз ҷомеаи кишоварзӣ ба саноатӣ ба сатҳи солимии аҳолӣ чӣ гуна таъсир расонд?
2. Чаро солимӣ ва дарозумрӣ дар як замон ҳам ҷузъ ва ҳам заминаи рушди иқтидори инсонӣ маҳсуб меёбанд?
3. Кадом омилҳое ҳастанд, ки ақибмонии Тоҷикистонро дар соҳаи давомнокии умр нисбат ба мамлакатҳои аврупоӣ муайян менамоянд?
4. Нобаробарӣ аз рӯи солимӣ дар Тоҷикистон дар чӣ ифода мегардад? Чунин нобаробарӣ барои рушди иқтидору нерӯи инсонӣ чӣ гуна оқибатҳои дорад?

**2. Саволҳо ва тестҳои санҷишӣ:**

1. Омилҳои асосии (сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ) ба афзоиши ногаҳонии давомнокии умр таъсиркунандаро дар қарни 20 нисбат ба садсолаҳои қаблӣ номгир кунед?
2. Кадом тадбирҳои давлатӣ баҳри пешгирии солимии аҳолӣ зарур мебошанд?
3. Кадом тадбирҳои инфиродӣ баҳри пешгирӣ аз беморӣ зарур мебошанд?
4. Бо кадом тарзи ислоҳот дар соҳаи тандурустӣ метавон ба давомнокии умри аҳолӣ таъсир расонд?

5. Чӣ гуна нобаробарӣ (гендерӣ, дараҷаи шарҳрдоршавӣ, дар категорияҳои гуногуни синну солии аҳолӣ) дар дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ рушди иқтидори инсониро дар кишвар маҳдуд месозад?
6. Кадом нишондиҳандаи дохили ШРИИ дараҷаи солимиро дар давлат инъикос менамояд?
   А) Шумораи табибон ба сари 10 ҳазор аҳолӣ.
   Б) Шумораи ташрифи аҳолӣ аз муассисаҳои тиббӣ.
   В) Давомнокии пешбинишудаи умр.
7. Кадом намуди нишондиҳандаҳо барои арзёбии солимӣ дар ШГН истифода мегардад?
   А) Давомнокии пешбинишудаи умри мардон ва занон.
   Б) Фарқияти байни давомнокии пешбинишудаи умри мардон ва занон.
   В) Дараҷаи фавти тифлон, кӯдакон ва модарон.
8. Мафҳуми «солимӣ» аз инҳо иборат мебошад:
   А) Танҳо хусусиятҳои биологии инсон.
   Б) Хусусиятҳои биологӣ ва иҷтимоии инсон.
   В) Хусусиятҳои биологӣ, равонӣ ва иҷтимоии инсон.
9. Кадоме аз нишондиҳандаҳо дар пешгирии ВИЧ/СПИД муайянкунанда дониста мешавад?
   А) Дараҷаи истифодаи рифолаҳо.
   Б) Дараҷаи воқифнокии аҳолӣ дар бораи ВИЧ/СПИД.
   В) Коэффитсенти сироятшудагони ВИЧ.
10. Дар кадом гурӯҳи демографӣ дараҷаи аз ҳама баланди фавт ба мушоҳида мерасад?
   А) Дар байни занҳо. Б) Дар байни кӯдакони то 1-сола.
   В) Дар байни кӯдакони то 5-сола.

**3. Мавзӯҳои рефератҳо, презентатсияҳо:**

1. Динамикаи давомнокии умр дар Тоҷикистон таи 100 соли охир ва омилҳое, ки ба ин динамика таъсиркунанда.
2. Тамоюлҳои ҷаҳонии давомнокии пешбинишудаи ум рва омилҳои ба афзоиши ин нишондиҳанда таъсиркунанда.
4. Таҳлилиислоҳоти тандурустӣ дар Тоҷикистон таи 20 соли охир ва тағйири тамоюли нишондаҳиндаи солимӣ.
5. Пешравии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва тағйири таносуби сабабҳои берунӣ ва дохилии фавт дар Тоҷикистон.
6. Тамоюли фавти модару кӯдак ва таъсири онҳо ба нишондиҳандаи давомнокии пешбинишудаи умр.
7. Ҳадафҳои рушди ҳазорсола дар соҳаи тандурустӣ барои Тоҷикистон ва имкониятҳои ноил шудан ба онҳо.

**4. Рӯйхати адабиётҳои ҳатмии тавсияшаванда:**

1. Тарзи ченкунии рушди инсонӣ /Маводи таълимӣ. – Барномаи Рушди СММ. Шӯъбаи омодасозии Ҳисобот оид ба рушди инсонӣ, 2007. http://hdr.undp.org/nhdr/support/primer
2. Скотт Вулф. Рақамҳоро чӣ гуна хондан даркор? Рушди инсонӣ дар оинаи омор. – Дафтари минтақавии БРСММ оид ба кишварҳои Аврупо ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақим. Братислава, 2006.

5. **Рӯйхати адабиётҳои иловагии тавсияшаванда:**

1. Ҳисобот оид ба рушди инсонӣ барои соли 2003. Ҳадафҳои соҳаи рушд, ки дар Эъломияи ҳазорсола дарҷ гардидаанд: Созишномаи байниҳукуматӣ оид ба наҷотдиҳии башарият аз камбизоатӣ /БРСММ – 2003.
2. Арзёбии эҳтиёҷоти ҲРҲ барои Тоҷикистон, БРСММ, Тоҷикистон, 2005.

3. Тадқиқоти тиббӣ-демографии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, mӯsғқӯ DHS ICF Intӯқnational, 2012.
4. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015.
5. Санади Бонки Ҷаҳонӣ «Ҷумҳурии Тоҷикистон. Арзёбии андозаҳои камбизоатӣ» /Ҳисобот, октябри соли 2009.
6. Вазъияти занону кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Таҳлили қиёсии натиҷаҳои МИКС барои соли 200 ва МИКС барои соли 2005, ЮНИСЕФ, июни соли 2008.

## Мавзӯи 12. Маориф ва Рушди Инсонӣ.

**12.1. Маориф, Рушди Инсонӣ ва рушди иқтисодӣю**
**12.2. Сармоя дар маориф**
**12.3. Сармояи инсонӣ ва маориф**
**12.4. Мақсаду вазифаҳои системаи маориф**

1. **Маориф, Рушди Инсон ва Рушди иқтисодӣ.** Яке аз асосҳои назарявии консепсияи рушди инсонро назаряи сармояи фардӣ ташкил медиҳад. Дар доираи мафҳуми сармояи инсонӣ, соҳаҳои маориф ва ё тандурустӣ объектҳои инвеститсия бо мақсади аз як тараф баланбардории самаранокии меҳнат дар тавлиди бештари молу хизматрасонӣ, ва аз тарафи дигар баҳри ба даст овардани даромади бештари фард, мебошанд. Барои ҷонибдорони косепияи рушди инсон, дар рушди иқтисодӣ ҷойи асосиро худи инсон доро мебошад. Он нақши маркази инвеститсияи инсониро дар баланбарии самаранокии меҳнат эътироф менамояд, ва аммо ташкили чунин муҳити иқтисодию иқтимое, ки рушд ва истифадаи имконоти ҳар нафарро таъмин намояд, ҳамчун ҳадафи асосӣ муайян намудааст. Болоравии нерӯи инсонӣ метавонад ба афзоиши даромад ва самаранокии иқтисодиёт оварда расонад. Аммо гуфтаҳои охирон танҳо дар он сурат арзиш пайдо менамоянд, ки агар онҳо ба манфиати тамоми одамон таъсире дошта, барои пешравии риштаҳои гуногуни ҳаёти одамон мусоидат намоянд.

Шароитҳои нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки ҷомеа бар асоси он фаъолият мекунад ва аз ҷумла иқтисодиёт дар тамоми соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, аз ҷумла дар сохтори шуғли аҳолӣ, ки беш ҳама афзоиши ҳиссаи меҳнати фикриро дар истеҳсолот ва коҳиши талаботи ҷомеаро нисбат ба меҳнати пастихтисос инъикос мекунад, тағйиротҳо ворид намудааст.

Дар ҷомеаи пасоиндустриалӣ захираи асосӣ дониши ҳам назарӣ ва ҳам амалӣ ба ҳисоб меравад. «Иттилоот ва дониш дар ҷомеаи пасоиндустриалӣ нақши муҳимеро на чун ҷавҳар дар раванди истеҳсолӣ ё воситаҳои истеҳсолот, балки ҳамчун неруи бевоситаи истеҳсолӣ касб мекунад»[19].

Ин ба таври куллӣ нақши маорифро дар рушди иљтимоӣ-иқтисодии ҷомеа иваз менамояд. Омили инсонӣ ба неруи пешбарандаи истеҳсолии рушди ҷомеа табдил ёфта ба такмилу таҳким ва истифодаи воқеии омилҳои дигари истеҳсолот мусоидат мекунад.

Ҳамзамон тағйиротҳои ҷиддӣ дар худи омили инсонӣ ба вуҷуд омада истодааст. ҷомеа аз дараҷаи рушди сармояи инсонӣ, ки бе он фаъолияти минбаъдаи босамари соҳаҳои пешқадам номумкин аст, натанҳо манфиатдор, балки ҳатто пойбанди он шудааст. Маҳз қобилияти зеҳнии инсон, соҳибмаълумот будани ӯ, имкони ҳосил кардани донишҳои

[19] Мавҷи нави пасоиндустриалӣ дар Ғарб. Антология /зери таҳрири В.Л.Иноземсева.-М.: Academia, 1999, с.37.

нав, эҷодиёт ва ташаббусро ҷомеаи иттилоотии бар асоси донишҳо сохташуда талаб мекунад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки суръати болоравии иқтисодро имрӯз асосан инҳо муайян мекунанд:

- суръат ва миқёси рушди самтҳои афзалиятноки рушди илму техника;
- сатҳи омодагӣ ва ҳайати кормандони ихтисосманди ҳамаи соҳаҳо;
- дараҷаи пешқадами воситаҳои илмӣ-истеҳсолии меҳнат.

Иқтисоддонҳо кайҳо гумон доштанд, ки ҷузъи асосии сарватмандии кишвар сармояи физикӣ – яъне "арзишҳои моддӣ-ашёии ғуншуда", мебошад. Аммо тибқи баҳодиҳие, ки Бонки умумиҷаҳонӣ дар 192 кишвари ҷаҳон анҷом дод, ба ҳисоби миёна танҳо 16% аз ҳаҷми умумии сарват ба ҳиссаи сармояи физикӣ рост меояд. Сармояи инсонӣ, ки ба он маълумотнокӣ низ дохил мешавад, аҳамияти бештар дорад ва тақрибан 64 % аз ҳаҷми умумии сарватро ташкил медиҳад. Тақрибан 20 % сарват ба сармояи табиӣ рост меояд. Бартарияти нерӯи инсонӣ махсусан дар кишварҳое ба назар мерасад, ки сатҳи даромади баланд доранд. Дар баъзе кишварҳо, аз қабили Германия, Япония ва Швейтсария, ба он то 80 % аз ҳаҷми умумии сармоя рост меояд. Имрӯзҳо, ҳеҷ шубҳае вуҷуд надорад, ки аҳолии солим бо сатҳи балндари маълумот иқтисодиётро маҳсулноктар мегардонад. Дар теорияи анъанавии неокласикии рушд, идао мешуд, ки тавсеъаи иқтисодӣ натиҷаи ҷамъшавии сармояи моддӣ, афзоиши қувваи корӣ ва раванди технологӣ, ки самранокии истеҳсолот ва корро таъмин менамояд, мебошад. Аммо модели неокласикӣ ба раванди технологӣ ҳамчун омили экзогеннӣ назар мекунад ва онро шарҳ намедиҳад. Дар теорияҳои нави рушд бошад, тасдиқ мегардад, ки самаранокӣ бинобар омилҳои дохилие, ки ба рафтори одамон алоқаманданд ва сармояи инсонӣ афзоиш меёбад. Ин омилҳо қувваҳои пешбаранда зиёдшавии сармоя мебошанд. Тибқи назарияҳои дигар, рушди кунунии иқтисодӣ асосон бо андоза ва муҳтавои корҳои илмӣ-тадқиқоти ва таҷрибавию конструкторӣ муайян мегардад. Аммо охирон низ ба сатҳи рушди сармояи инсонӣ вобаста аст.

Ба тариқи мисол, «саҳми» тағйироти технологӣ дар болоравии иқтисодии ИМА ва дигар кишварҳои пешрафта то 20 – 40 % аз афзоиши ҳарсолаи истеҳсолоти миллӣ арзёбӣ мешавад. Ин исбот мекунад, ки маориф, бахусус таҳсилоти олӣ барои рушди корҳои илмӣ-тадқиқоти аҳамияти бузург дошта, қобилияти фаро гирифтани навгониҳо ва ба онҳо мутобиқ шуданро дорад.

Яке аз ҷузъҳои асосии шохиси рушди нерӯи инсонӣ шохиси сатҳи маълумотнокии бадастомада мебошад, ки онро саводнокии аҳолии болиғ ва ҳиссаи маҷмӯии хонандагони мактабҳои ибтидоӣ, миёна ва олӣ тавсиф мекунад. Аз рӯи ин нишондиҳанда, Русия дар тӯли солҳои зиёд дар қатори кишварҳои мутараққӣ боқӣ мемонад, ки ин боиси дар шохиси ҷамъбастӣ дар сатҳи "миёна" ҷой гирифтани он мегардад.

**Ҷадвали 12.1.1.**

**Манфиатҳои имконпазири маълумоти олӣ**

| Манфиатҳо | Хусусӣ | Ҷамъиятӣ |
|---|---|---|
| Иқтисодӣ | Музди меҳнати баландтар | Баланд шудан маҳсулнокӣ |
| | Бо кор таъмин будан | Рушди миллӣ ва минтақавӣ |
| | Пасандозҳои бештар | Такя камтар ба дастгирии молиявии давлатӣ |
| | Беҳтар шудани шароити | Баланд шудани сатҳи истеъмол |

| | | |
|---|---|---|
| | меҳнат | |
| | Таҳрики шахсӣ ва касбӣ | Таҳкими зарфияти гузариш аз иқтисодиёти саноатӣ бо меҳнати пастихтисос ба иқтисод ба донишҳо асосёфта |
| Иҷтимоӣ | Баланд шудани сифати зиндагии худ ва фарзандон | Мустаҳкамшавии миллат ва пешравии роҳбарони он |
| | Қабули қарорҳои оқилонатар | Иштироки демократӣ; баланд шудани сатҳи ваҳдат; дарки ҷомеа ҳамчун як сохтори ба адолат асосёфта, ки барои ҳама имкониятҳо фароҳам меорад |
| | Баланд шудани мақоми шахсӣ | Таҳрики иҷтимоӣ |
| | Васеъ шудани имкониятҳо дар самти маориф | Баланд шудани ҳамбастагӣ дар ҷомеа ва паст шудани сатҳи ҷинояткорӣ |
| | Тарзи ҳаёти солимтар ва | Беҳтар шудани саломатӣ |
| | дароз шудани умр | Беҳтар шудани низоми таҳсилоти заминавӣ ва миёна |

Зиёда аз 50 сол қабл, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳуқуқ ба таҳсилро ба сифати яке аз ҳуқуқҳои заминавии инсон эълом намуда буд. Дар баробари ин, дар остонаи ҳазорсолаи сеюм зиёда аз як миллиард одамон бесавод боқӣ мемонданд. Ин онҳоро ба қашшоқӣ ва беҳуқуқӣ маҳкум месозад ва дар назди ҳукуматҳо ва ҷомеаи ҷаҳонӣ вазифаи тағйироти инқилобиро дар соҳаи маориф мегузорад.

Рушди муназзами маориф дар сад соли ахир онро ба яке аз муҳимтарин омилҳои рушди инсон ва ҷомеа мубаддал гардонид. Муассисаҳои таълимӣ дар шароити муосир ба интиқолёбии мероси фарҳангии ҷомеа аз як насл ба насли дигар мусоидат мекунанд, дар онҳо донишу малакаҳои касбӣ ба даст меоранд, ки ба таври назаррас мақоми иқтисодӣ ва иҷтимоии инсонро муайяе менамоянд.

**12.2. Сармоя дар маориф.** Сармоягузорӣ ба рушди инсонӣ – масрафот барои ҳифзи саломатӣ ва ғизо, таҳсилот ва тарбияи касбӣ – аз лаҳзаи таваллуди инсон оғоз мешаванд ва дар тӯли умр идома ёфта, аксар вақт ҳамдигарро ба таври назаррас пурра мекунанд. Ғизои мувофиқ ва вазъи саломатӣ қобилияти омӯзиши кудаконро афзоиш медиҳанд. Таҳлили маълумоти тадқиқот дар Гватемала нишон медиҳад, ки кудаконе, изофаҳои ғизоии аз сафедаҳо бойро истеъмол карда буданд, 10 сол баъдтар ба натиҷаҳои беҳтари санҷишҳо дар доираи таҳсилоти ҳамагонӣ ноил шуданд. Баланд шудани сифати маълумоти умумӣ дар кишвар эҳтимолияти гузаштани омӯзиши касбии коргаронро пас аз хатми мактаб бештар месозад.

Ҳамин тариқ, ҳанӯз аз солҳои 60-ум консепсияи сармояи инсонӣ пешбинӣ карда буд, ки рушди маориф, эҳёи неруи зеҳнӣ амали хайрест дар паст кардани фишори изтироби иљтимоӣ-иқтисодӣ ба инсон ва љомеа.

Дар бораи аҳамияти маориф дар ҳаёти ҷомеаи муосир, таъмини сатҳи некуаҳволии аъзои он маълумотҳои зерин низ таъйид мекунанд: масрафи таҳсилот дар Ҷопон 80%, дар Люксембург 83%, дар Швейтсария 78%, дар Фаронса 76%, дар ИМА 59%, дар Олмон 79%-ро ташкил медиҳад. Ин маълумот далели қотеъ ба фоидаи рушди соҳаи маориф аст, зеро маҳз соҳаи маориф коргарро барои хоҷагии бозаргонӣ ташаккул медиҳад. Бозор ташаккули шахсиятеро талаб мекунад, ки ба технологияи нав унс гирад ва барои татбиқи он дар иқтисодиёт омода бошад. Афзалияти асосии сармоягузорӣ дар соҳаи маориф ин аст, ки сармоягузорӣ дар рушди «сармояи инсонӣ» имкон медиҳад натанҳо ба дастовардҳои кӯтоҳмуддати иқтисодӣ муваффақ шавем, балки барои ташкили тамоюлҳои мусбати дарозмуддат дар рушди иқтисоди миллӣ ва ҳар як корхонаи алоҳида бунёдгузор бошем.

Тибқи арзёбии мутахассисони хориҷӣ, бузургии боздеҳи сармоя дар таҳсилот 10–15%-ро ташкил медиҳад. Дар қиёс бо меъёри миёнаи фоида аз сармоя дар тамоми бахшҳои тиҷоратии иқтисодиёт, ки наздик ба 10% аст, сармоягузорӣ дар риштаи маориф хеле фоидаовар маҳсуб мешавад. Чунин меҳисобанд, ки кишварҳои пешрафта дар ивази 1 доллари ба системаи таҳсилоти олӣ воридкарда 6 доллар фоида ба даст меоранд. Тибқи баҳои коршиносон аз ҳисоби таҳсилоти олӣ кишварҳои мазкур тақрибан 30% даромади миллиро ба даст меоранд. Мутахассисони амрикоӣ бошанд, мунсифона чунин меҳисобанд, ки майдони навгонии маориф яке аз сермаҳсултарин роҳи бидуни сармоягузорист.

Табиат ва самаранокии сармоягузориро дар соҳаи маориф ҳам барои корхонаҳои алоҳида ва ҳам барои кулли ҷомеа таҳлил карда, бояд сусиятҳои чунин сармоягузориҳоро баррасӣ намуд.

Пеш аз ҳама, хусусияти хоси сармоягузорӣ дар соҳаи маориф аз он иборат аст, ки истифодаи ҳар гуна воситаи техникӣ, абзор ва ашёи кории бо шароитҳои истеҳсолот ва имкониятҳои илмӣ – техникӣ маҳдудшуда, ки баръакси он «сармояи инсонӣ» номаҳдуд аст ва неруи моддии иҷтимоӣ – меҳнатӣ маҳсуб мешавад, захираи беохири болоравии иқтисодиёт ба шумор меравад. Ҳар қадар сатҳи донишҳои умумӣ ва касбӣ, тахассус, масъулият ва шуури корманд баланд бошад, ҳамон қадар фаъолияти меҳнатӣ ва иҷтимоии ӯ бештар ошкор мегардад, захираи пурра ва истифодаи неруи иҷтимоӣ – меҳнатӣ ба вуҷуд меояд. «Сармояи инсонӣ» ҳамчун ҷанбаи босифати захираҳои меҳнатӣ танҳо дар шароити истифода ва тавсеаи он маҳдуд аст, зеро на ҳамеша ҷомеа ин шароитҳоро оқилона таъмин мекунад ва инчунин омили инсониро пурра ба кор мебарад.

Хусусияти сармоягузорӣ ба сатҳи маориф боз чунин аст, ки ҳосили он якбора не, балки бо гузашти вақти муайян (баъзан вақти тӯлонӣ) ба даст меояд. Аз ин рӯ, сармоягузорӣ ба маориф асосан ба манфиати давлат тамом мешавад, зеро он таркиби муҳими болоравии иқтисодиёт аст. Ширкатҳои хусусӣ ва сармоягузорон бо назардошти фоида дар татбиқи чунин сармоягузорӣ на ҳамеша даст ба кор мезананд.

Шубҳае нест, ки сатҳи баланди системаи маориф ва омодагии касбӣ яке аз омилҳои муҳими болоравии иқтисодиёт ба шумор меравад. Вале муайян кардани фоида аз сармоягузорӣ дар баланд бардоштани сатҳи маориф ва кордонӣ марбут ба ҳисобу китоби даромади коргар аст ва илова бар ин, даромад бояд барои тамоми давраи фаъолияти касбии инсон пешбинӣ карда шавад. Фарзияи асосӣ дар ҳисобҳои мазкур ин аст, ки пешравиии соҳаи маориф ба гирифтани даромадҳои бештаре оварда мерасонад.

Сармоягузорӣ дар риштаи маориф, тавре зикр кардем, як қатор хусусиятҳои хоси худро дорад, ки пайдарпайии баҳодиҳӣ ба натиҷаҳои онро муайян мекунад. Ҳамин тариқ, бо назардошти он ки аз чунин сармоягузорӣ, бешубҳа, фоидаи муайяне ба даст меояд, аз ҷиҳати миқдор муайян кардани он хеле мураккаб аст.

Ҳамин тариқ, чен кардани боздеҳ аз сармоягузорӣ ба соҳаи маориф ба назари мо мисли чен кардани тафовут дар пардохти музди меҳнат баъди хатми таҳсил аст, яъне он музди иловагие, ки инсони таҳсилкарда дар муқобили таҳсилнокарда мегирад. Душвории асосӣ ин ҷо дар пешбинии даромадҳои оянда аст, ки чунин инсон дар тӯли фаъолияти меҳнатии худ мегирад. Дар сурати набудани иттилооти мазкур яке аз роҳҳои осон чунин тахминест, ки тафовут дар даромади амалии имрӯзаи гурӯҳҳои синну соли гуногун ва дорои дараҷаҳои гуногуни таҳсилот дар оянда низ боқӣ хоҳад монд.

Аз ҳама мураккабтар дар муайян намудани боздеҳи сармоягузорӣ ба соҳаи маориф пешбинӣ кардани тафовут дар даромадҳои байни инсони таҳсилоти олӣ ва инсони таҳсилоташ ибтидоист.

Мутахассисони соҳаи иқтисоди меҳнат бар ин назаранд, ки соҳаи маориф ва омодагии касбӣ маоши баландтар дорад, вале мушкил дар муайян кардани сабабҳои он аст. Савол чунин аст, ки оё корфармоён ба кормандони таҳсилкардаи худ барои маҳорат ва малакаашон маоши зиёдтар таъйин мекунанд, ё таҳсилкардаҳо маоши бештаре ба он хотир мегиранд, ки дараҷаи таҳсилоташон корфарморо аз дорои сифатҳои муайян будани кормандон огоҳ месозад?

Ин суол бо роҳи амалӣ ба сабаби мураккабии тағйиротҳо дар малакаҳои азхудшудаи берун аз дониш, ки дар раванди таҳсилот ба даст омадааст, бо душворӣ ҳалли худро меёбад. Масалан, мо дар бораи дараҷаи омодагии духтур натанҳо ба санҷиши дониши тиббии вай такя мекунем, балки инчунин диплом, категория, унвони илмӣ ва дигар бартариҳои касбии ӯро ба ҳисоб гирифта, хулоса мебарорем.

Дуруст аст, ки қисми муайяни фоида аз соҳаи маориф ҳам «маҳорат ва малака» аст ва ҳам «интихоб». Вале имрӯз пешрафти техникӣ арзиши як малакаро нисбат ба дигараш зиёдтар мекунад. Ҳатто агар интихоб дар баъзе ҳиссаҳои арзёбӣ ба маориф масъул бошад ҳам, дониши компютерӣ, масалан, арзиши маҳорати ҳалли мушкилотро баланд мебардорад. Аз ин рӯ, тавзеҳи тафовути маош танҳо аз рӯйи таҳсилот ҳатто барои онҳое, ки муддати зиёд бо бозори меҳнат сарукор доранд, хеле душвор аст. Рушди бомуваффақияти малакаҳои зарурӣ натанҳо маошро зиёд мекунад, балки боз саҳми худро дар болоравии иқтисоди кишвар мегузорад.

Ғайр аз ин, дар бораи беҳбуди дурнамои музди меҳнат барои кормандони сатҳи миёнаи таҳсилот новобаста ба ин ки ояндаи онҳо чӣ гуна аст – омӯзиши малакаҳои нав ё талаботи нав ба дараҷаи таҳсил -, сухан ронда бояд қайд кард, ки ҳар гуна чунин сармоягузорӣ дурнамои онҳоеро, ки барои худмаблағгузорӣ захираҳои кофӣ надоранд, беҳтар месозад ва дар баробари ин сатҳи камбизоатиро дар кишвар коҳиш медиҳад.

Мутахассисони риштаи иқтисоди меҳнат дар посух ба ин суол то ҳол ба як фикр наомадаанд: дар ҳақиқат соҳаи маориф музди кори гуногун дорад ва ё онҳое, ки дурнамояшон музди меҳнати баланд аст (натиҷаи вазъи оилавӣ, қобилиятҳои табиӣ), барои худ ҳарчи бештар таҳсилот «мехаранд»?. Таҳқиқотҳои зиёд аксари иқтисоддонҳоро ба ин хулоса овард, ки таҳсилот дар ҳақиқат ба музди кори баландтар таҳрик медиҳад, бо вуҷуди он ки мубоҳисаҳо дар атрофи миқёси ин таъсирот давом дорад. Тибқи арзёбии мутахассисони ғарб ҳар як соли иловагии таълим ба афзоиши музди яксолаи кор ба миқдори аз 5% то 15% оварда мерасонад. Ҳатто агар дигар афзалиятҳоро аз доштани таҳсилот ба ҳисоб нагирем (мавқеи иҷтимоии мустаҳкам, камтар тобеи барномаҳои иҷтимоӣ будан, имкони ба илм ё тиҷорат машғул шудан), ин фоида барои исботи зарурати сармоягузории ҷамъиятӣ ва хусусӣ дар соҳаи маориф хеле муҳим аст.

Сармоягузорӣ ба соҳаи маориф дорои як қатор хусусиятҳои хос мебошад. Ин ва инчунин вижагии арзёбии он соҳаи махсуси сармоягузорӣ будани маорифро тавсиф мекунад. Афзоиши ҳаҷм ва самаранокии маблағгузорӣ ба соҳаи маориф ҳам барои баланд

бардоштани дараҷаи рақобатпазирии корхонаҳо ва ҳам барои ноил шудан ба болоравии дарозмуҳлати иқтисоди давлат нақши ҳалкунанда мебозад.

Сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ – ин хароҷотест, ки дараҷаи тахассусро баланд мебардорад, кобилият ба меҳнатро тавсеа ва такмил медиҳад, ба худтатбиққунӣ ё ба ибораи дигар, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнати коргар мусоидат мекунад. Монанди хароҷоти соҳибкорон барои дастгоҳ ва таҷҳизот харҷҳое, ки ба баланд бардоштани маҳсулнокии ин ё он ашё мусоидат мекунанд, метавон онҳоро ҳамчун сармоягузорӣ баррасӣ кард, зеро хароҷоти ҷорӣ ё умуман хароҷот бо мақсади дар оянда аз ҳисоби афзоиши даромадҳо чандбора ҷуброн кардан сарф карда мешавад.

Сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ се навъ мешавад:

1. Хароҷот ба соҳаи маориф, аз ҷумла ба мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва махсус, расмӣ ва ғайрирасмӣ, омӯзиш дар ҷойи кор ва ғ. яке аз навъҳои маълум ва муҳими сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ба шумор меравад. Соҳаи маориф неруи коргариеро ба вуҷуд меорад, ки баландихтисос ва сермаҳсултар аст.

2. Хароҷот ба ҳифзи тандурустӣ низ аҳамияти калонро дорост. Саломатии хуб ҳамчун натиҷаи хароҷот барои пешгирии бемориҳо, хизматрасонии тиббӣ, хӯроки парҳезӣ ва беҳтар кардани шароити зист, ки сабаби дарозии умр мешаванд, қобилияти корӣ ва маҳсулнокии меҳнати коргарро баланд мебардоранд.

3. Хароҷотҳои мобилӣ, ки туфайли он коргарон аз ҷойҳои маҳсулнокиаш нисбатан паст ба ҷойҳои маҳсулнокиаш нисбатан баланд муҳоҷират карда, шакли миёнаи сармоягузориро ба сармояи инсонӣ ташкил медиҳанд. Мисли хароҷоти маориф барои муҳоҷирати ҷуғрофии коргарон низ хароҷоти зиёд талаб карда мешавад, ба умеди дар оянда гирифтани фоида аз афзоиши нархҳои бозаргонии хизматрасонии меҳнатии онҳо.

Бояд қайд кард, ки боздеҳи иқтисодӣ аз сармоягузорӣ ба соҳаи маорифро метавон ҳамчун даромади иловагӣ дар тӯли умр, ки хатмкардаи мактаби таҳсилоти олӣ ё коллеҷ нисбат ба хатмкардаи мактаби миёна мегирад, баррасӣ намуд. Ин тафовутро дар даромадҳое, ки дар тӯли умр ба даст омадааст, метавон бо хароҷот ба соҳаи маориф муайян ва муқоиса кард ва ҳаҷми фоидаро аз сармоягузорӣ ба соҳаи маориф дар макотиби олӣ ё коллеҷ ҳисоб кард. Ин ҳамаро ҳар як кас барои аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок кардани сармоягузорӣ бо мақсади гирифтани таҳсилоти иловагӣ бояд донад. Ин барои ҷомеа низ хеле муҳим аст, зеро тавозуни байни сармоягузорӣ барои одамон ва сармоягузорӣ барои таҷҳизот бояд муайян карда шавад.

**12.3. Сармояи инсонӣ ва маориф.** Заминаҳои назарияи сармояи инсонӣ дар осори классикони назарияи иқтисод У.Петти, А.Смит, К.Маркс, А.Маршалл ва дигарон гузошта шуда буд.

Танҳо дар солҳои 1950-1960 консепсияи муосири сармояи инсонӣ ба туфайли асарҳои барандагони ҷойизаи Нобел Теодор Шултс ва Г.Беккер, инчунин Ҷеkob Минсер ба вуҷуд омад, ки дар он нақши институти оила дар ташаккули сармояи инсонӣ ва таъсири он ба даромадҳои минбаъда, ҳамчунин ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти инсон бо истифода аз мафҳумҳои сирф иқтисодӣ, мисли нудрат, нарх ва хароҷотҳои алтернативӣ таҳқиқ карда мешавад.

Тибқи назарияи мазкур сармояи инсонӣ – ин захираи аз сармоягузорӣ ва аз дониш, маҳорат, малака, далоил, қобилият ва солимӣ андӯхтаи инсон аст, ки ба рушди маҳсулнокии меҳнат ва даромадҳои ӯ мусоидат мекунад. Вай – инсонист, зеро дар шахсияти инсон таҷассум меёбад, вай – сармоя аст, зеро он манбаи даромадҳои минбаъда ё қаноатмандӣ дар оянда ва ё ҳарду мебошад.

Тибқи таъйиноти коршиносони Ташкилоти Рушди Иктисодӣ-иҷтимоӣ сармояи инсонӣ – ин «дониш, малака, маҳорат ва қобилияти дар инсонҳо таҷассумёфтаест, ки ба онҳо имконияти осудаҳолии шахсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро фароҳам месозад».

Маориф ва сармояи имрӯзаи инсониро метавон шартан ба ду марҳилаи татбиқшаванда тақсим кард: якум, ба зерсистемаи таҳсилоти миёна (умумӣ)-и ҷорӣ дар оила ва муассисаҳои махсуси томактабӣ ва мактабӣ, дувум, ба зерсистемаи мактабҳои таҳсилоти махсуси касбӣ, аз ҷумла таҳсилоти олӣ.

Моҳиятан дар марҳалаи аввал сифатҳои зарурии инсон ҷой дода мешаванд, ба ибораи дигар, марҳилаи андӯхти ибтидоии сармояи инсонӣ. Дар ин марҳила хатаре, ки сармояи инсонӣ бо он рӯбарӯ мешавад, назар ба марҳилаи баъдӣ хеле зиёд аст.

Коҳиши хатар дар ин маврид билкул ба афзоиши маблағгузорӣ дар системаи маориф ва муносибати сармоягузорон марбут аст, ки ҳам оила (волидайн), ҳам давлат ва ё дигар институтҳои ҷамъиятӣ ба ҳайси онҳо муаррифӣ мешаванд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки хатарро ё бо роҳи танзими раванди ташаккули сармояи ибтидоӣ, ё аз тариқи кам кардани маблағгузорӣ ба соҳаи маориф коҳиш диҳанд. Усули аввал бо роҳи ташкили системаи босамари идоракунии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, татбиқи баромадҳои гуногуни рушди қисматҳои муайяни он таъмин карда мешавад. Усули дувуми коҳиши хатар аз усули аввал беҳтар нест, махсусан агар ҳангоми ихтисори маблағгузорӣ дар системаи маориф зуҳур кунад, ки он хароҷоти оиларо дар ин самт зиёд мегардонад. Вале на ҳар оила қудрати аз ҳисоби захираҳои худ таъмин кардани ҳаҷми зарурии андӯхти ибтидоии сармояи инсониро дорад.

Дар натиҷа ҷомеа ба таври доимӣ сармояи андӯхтаи ибтидоии инсониро коҳиш медиҳад ва ниҳоят барои татбиқи талаботҳои муосири он корношоям мегардад.

Ислоҳот дар соҳаи маориф ҷуз кӯшиши ҷиддӣ дар бартараф кардани вазъияти бавуҷудомада чизи дигаре нест. Зеро дар марҳилаи аввали андӯхти сармояи инсонӣ пеш аз ҳама, ҳамон сармояи бунёдие ташаккул меёбад, ки баъдан имкон медиҳад, муайян карда шавад, ки оё захираи дониш, маҳорат, далоили инсон барои мустақилона истеҳсол кардани сармоягузорӣ дар вуҷуди худ ва аз ҳама муҳимтар, самаранок тағйир додани сармоягузорӣ аз манбаъҳои беруна кифоят мекунад ё на.

Акнун рӯ меорем ба марҳилаи дувуми андӯхти сармояи инсонӣ, ки марбут ба одамони дорои омодагии олии касбӣ, дониш, маҳорат, арзишҳо, навъҳои меҳнати зарурӣ ва махсусонида ҳастанд. Сармоягузорӣ дар ин марҳила асоснок ҳисобида шуда, натиҷаҳояш мусбат арзёбӣ мегардад. Вақте инсон одитарин касбро азхуд мекунад, метавонад амалиётҳои меҳнатии ба худаш мувофиқро дар сатҳи стандартҳо ва меъёрҳои мавҷуда анҷом диҳад.

Чӣ гуна метавон камбуду нуқсонҳои омодагии касбиро, ки марбут ба ақибмонии доимии техникӣ ва технологии раванди таълим дар мактабҳои таҳсилоти касбӣ аст, бартараф кард? Имрӯз чанд усул пешниҳод карда мешавад.

**Усули якум** – бо истеҳсолоти муосир иртиботи зиёдтар бояд барқарор кард. Барои ин аз ҷониби корхонаҳо сармоягузории махсус ба таъмини техникии раванди таълим дар мактабҳои касбӣ тақозо карда мешавад. Ҳоло чунин сармоягузорӣ хоҳишманд надорад, зеро он даромаднокии истеҳсолотро коҳиш медиҳад. Дар натиҷа ҳолати аз даст додани даромади имконпазир аз маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ ба вуҷуд меояд: мазмун ва ташкили раванди таълим ба қонунҳои равоншиносии ташаккул ва рушди фаъолияти шахси кордони оянда ҷавобгӯ нест.

**Усули дувуми** баланд бардоштани самаранокии ташаккули сармояи инсонӣ дар мактаби касбӣ ҳангоми тайёр кардани ихтисосҳои гуногунсоҳа аз шинохти фарҳанг, ки муҳтавои рушди умумии инсониро ташкил медиҳад, иборат аст. Ин кафолати муносибати минбаъдаи касбӣ дар раванди иҷрои вазифаҳои касбӣ мебошад.

Чунин тасаввур мешавад, ки вазифаи муҳими ислоҳоти мактаби олӣ бояд вусъат додани кордонӣ ҳамчун нишондиҳандаи сифати сармояи инсонӣ бошад. Танҳо кордонии

дараҷаи баланд ба хатмкунандагони мактаби олӣ имкон медиҳад, то дар бозори меҳнат ҷойгоҳи хоси худро пайдо кунанд.

Аз афташ, андӯхти сармояи инсонӣ ба хароҷоти муайяни ошкоро ё ғайримустақим, ки характери сармоягузорӣ дорад, марбут аст, зеро даромадҳои оянда бояд хароҷотро пӯшонанд. Баъзе аз инҳо ошкоранд. Масалан, ҳаққи таълим барои мактабҳои миёна ва олӣ, пардохти маблағи хобгоҳ ё хонаи шахсӣ, хӯрду хӯрок ва нақлиёт, инчунин хароҷот барои китобҳои дарсӣ, компютер – ҳамаи инҳо хароҷоти ошкоро ҳисоб мешаванд. Вале хароҷотҳои имконнопазир ҳам хеле муҳиманд: агар шумо дар синфи таълимӣ нишастаед, шумо наметавонед ҳамзамон кори дигареро низ анҷом диҳед ва музди кори иловагиро аз даст медиҳед, ки он низ хароҷоти алтернативии таълими шуморо пешниҳод мекунад.

Барои ҷонибдорони рушди инсонӣ ҳадафи асосӣ худи инсон аст, аммо дар чаҳорчӯби консепсияи сармояи инсонӣ соҳаи маориф обйекти сармоягузориест барои баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат бо мақсади афзудани истеҳсоли мол, хизматрасонӣ ва даромади коргарон.

Даромад аз сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ метавонад нақдӣ ё ғайринақдӣ бошад, он характери ҳам истеъмолӣ ва ҳам сармоягузорӣ дорад, ки ҳам ба худи барандаи он дастрас мешавад (маоши баланд ва имконияти бештар ба ҷойҳои кори муносиб, хатари камтари бекор мондан ва ғ.), ҳам ба шахси сеюм (масалан, ба кӯдакон, наберагон, хешу ақрабо ё талабагон) ё ба тамоми ҷомеа (таъсироти мусбати беруна – фарҳанги умумӣ, болоравии иқтисод тавассути маҳсулнокии баланди инсони таҳсилкарда ва ғ.). Метавон зикр кард, иқтисоди муосири инноватсионӣ – ин иқтисоди сармояи инсониест, ки ҳамчун иқтисоди иттилоот ва донишҳо фаҳмида мешавад.

Дар ҷаҳони муосир тағйиротҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва технологӣ рӯй медиҳанд, ки ба ҳолат ва рушди системаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бетаъсир намемонанд. Сифати соҳаи маориф ва сармояи инсонӣ омили асосии рушди иқтисоди кишвар ва кафолати иҷрои бомуваффақияти «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» ва «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» мебошад.

Дар матни барномаи рушди инсонӣ худи инсон, неру ва сармояи инсонии ӯ обйектҳои калидии сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат мегарданд, ки самаранокии ҳалли зиддиятҳои пухта расидаи иҷтимоӣ ва иқтисодиро қаблан муайян мекунанд. Категорияи «неруи инсонӣ» аз рӯйи мазмуни худ васеътар аз категорияи «сармояи инсонист», ки дар он баробари малакаҳои касбӣ, дараҷаи тахассус ва таҳсилот маънии бештареро ҷанбаҳои ахлоқию маънавии рушди инсон касб мекунанд. Ҳамин тариқ, агар сармояи инсонӣ (ки қобилияти фоида овардан дорад) дар худ танҳо унсурҳои иқтисодиро ҷой диҳад, неруи инсонӣ унсурҳои ғайрииқтисодиро низ мисли креативӣ будан, сарварӣ, сатҳи фарҳангӣ, тавсифи ахлоқию рафторӣ ба худ мегирад.

Асоси ҳар гуна рушди иқтисодиро се навъи сармоя ташкил медиҳад: сармояи инсонӣ (захираҳои меҳнатӣ), сармояи воқеӣ (сармоя), сармояи табиӣ (захираҳои табиӣ). Иқтисоддонҳои назарияи иқтисоди классикӣ чунин мепиндоштанд, ки ҷузъи асосии дороии кишвар сармояи воқеӣ ё арзишҳои моддӣ ба шумор мераванд.

Дар иқтисоди муосир маҳз сармояи инсонӣ, на ин ки фондҳои асосӣ ва захираҳои истеҳсолӣ, омили асосии пурқувват кардани рақобатпазирии ширкатҳо, болоравии иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодиёт, инчунин баланд бурдани сатҳи некуаҳволии мардум мебошад. Дар шароити воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Ҷаҳонии Савдо (с.2013) ва ташаккули иқтисоди инноватсионӣ сармояи инсонӣ омили сохторсози рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ мегардад, ки он мавқеи кишварро дар арсаи иқтисоди ҷаҳонӣ муайян месозад.

Сармоягузорӣ – ин фаъолиятест марбут ба хароҷот, ки баъдан даромад ба даст меорад. Мисли сармоягузорӣ ба сармояи воқеӣ (маблағгузорӣ ба бино, таҷҳизот, технология ва ғ.) ва сармояи молиявӣ (масалан, хариди коғазҳои қиматбаҳо), оила, ширкат ё давлат метавонанд ба сармояи инсонӣ маблағгузорӣ намоянд. Сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ҳамеша ба даст овардани даромади зиёдро дар оянда аз ҳисоби истеъмоли камтари имрӯз дар назар дорад.

Ин сармоягузориҳо ба эҳёи сармояи инсонӣ равона шудаанд, ки онҳоро метавон ба микросатҳ ва макросатҳ тақсим кард:

- дар микросатҳ хароҷот барои баланд бардоштани дараҷаи тахассуси кормандон, пардохти музди варақаҳои бемории корношоямӣ, хароҷот барои ҳифзи меҳнат, бимаи тиббии аз тарафи ширкат пардохташуда, пардохти ҳаққи хизматрасонии тиббӣ ва дигар хизматрасониҳо ба корманди ширкат ва ғ. дохил мешаванд;

- дар макросатҳ нақши сармоягузориро инҳо иҷро мекунанд: хароҷоти хоҷагии хона барои ҳифз ва барқарор кардани сармояи инсонӣ, трансфертҳои (интиқолоти) иҷтимоии давлатӣ ва имтиёзҳои иҷтимоии андоз.

Дар адабиёт навъҳои зерини сармояи инсонӣ ҷудо карда мешавад: солимӣ, меҳнатӣ, зеҳнӣ, соҳибкорӣ, фарҳангӣ-ахлоқӣ, иҷтимоӣ, сохторӣ ва ташкилотӣ ва ғ. Сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ аз рӯйи навъҳои хароҷот ба соҳаҳои иҷтимоӣ: ҳифзи тандурустӣ, маориф ва фарҳанг мушаххас карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2013 барои соҳаҳои мазкур беш аз нисфи буҷети давлатӣ маблағ харҷ гардид.

Тавре дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда мешавад, ҳаҷми умумии даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ дар 7 соли охир аз 1,7 млрд. сомонӣ то 12,2 млрд. сомонӣ дар соли 2013 афзуд, ки дар қиёс бо соли 2006 беш аз 7 маротиба зиёд аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки агар таносуби даромадҳои буҷети давлатӣ нисбат ба ММД дар соли 2000-ум 12,6%-ро ташкил медод, пас ин нишондиҳанда дар соли 2006 ба 19,4% ва дар соли 2013 ба 22% расид.

Консепсия ва усулҳои ташаккули сармояи инсонӣ иртиботи бевосита ба менеҷменти корманд дар ҳар гуна ташкилот дорад. Бо назардошти он ки афзалиятҳои рақобатпазири ширкатҳоро метавон дар иқтисоди муосир, асосан аз ҳисоби истифодаи самараноки сармояи инсонӣ ба даст овард, сармоягузорӣ дар рушди он нақши муҳимеро касб мекунад. Идоракунии сармояи инсонӣ аз интихоби кормандон шурӯъ мешавад. Дар баробари ин менеҷерҳои корманд ба се омили калидӣ такя мекунанд:

- мутобиқати донишҳои касбӣ;
- тавсифномаҳои шахсӣ;
- асосноккунии кор дар ширкати мазкур.

Дар идоракунии сармояи инсонӣ дар ташкилот ду шакли муносибат мавҷуд аст:

- муносибате, ки бар асоси ташаккул ва рушди корманди худ, қотеъ кардани далелҳои ӯ, сармоягузорӣ дар бозомӯзии ӯ, баланд бардоштани тахассуси вай (масалан, дар Coca-Cola, Рқостӯқgcӯamlcӯ) бунёд шудааст:

- муносибате, ки марбут ба ҷустуҷуи кормандони мутахассис дар бозори меҳнат, инчунин дар байни коргарони неруманд, мисли донишҷӯён ва хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти олӣ (Philips, Қӯӯmstama ва ғ.) мебошад.

Аз гуфтаҳои мазкур бармеояд, ки оила, ширкат, давлат ва умуман ҷомеа дар рушди сармояи инсонии ҳар як узви ҷомеа баробар манфиат доранд, зеро боздеҳи ҳар яки онҳо ба даромади худи инсон, оилаи вай, ширкате, ки дар он кор мекунад, болоравии иқтисоди кишвар ва таъсири мусбати беруна барои кулли ҷомеа табдил меёбад.

**10.4. Мақсад ва вазифаҳои системаи маориф.** Ҳадафҳои системаи маорифро сохти иҷтимоии ҷомеа муайян мекунад ва он дорои сохтори муайян мебошад. Ин ҳадафҳо дар

санадҳои меъёрии давлатӣ, санадҳои меъёрӣ ва назариявии системаи маориф, ки дар барномаҳои таълимӣ мухтасаран ҷой дода шудаанд ва ниҳоят дар дастурҳои таълимии методӣ дарҷ гардидаанд.

Системаи маориф бояд ин ҳадафҳоро пайгирӣ ва таъмин кунад:

- давомоти таърихии наслҳо, ҳифз, тавсеа ва рушди фарҳанги миллӣ;
- тарбияи ватандӯстон, шаҳрвандони давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва иҷтимоӣ, ки ҳуқуқ ва озодиҳои шахсро эҳтиром мекунанд ва дорои ахлоқи ҳамидаанд;
- рушди ҳаматарафа ва бамавқеи кӯдакону ҷавонон, ташаккули малакаҳои худомӯзӣ ва худтатбиққунии шахсият;
- дар мағзи кӯдакону ҷавонон ташаккул додани ҷаҳонбинии том ва ҷаҳонбинии илми муосир, рушди фарҳанги муносибатҳои байнинажодӣ;
- таҷдиди доимии ҳама ҷанбаҳои маориф, ки тағйиротҳоро дар соҳаҳои фарҳанг, иқтисод, илм, техника ва технология инъикос мекунанд;
- таҳсилоти доимӣ дар тӯли умри инсон;
- гуногуннавъӣ ва гуногуншаклии муассисаҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ, ки ягонагии системаи маорифро таъмин мекунанд;
- пайдарпайии дараҷа ва зинаҳои системаи маориф;
- рушди таълими фосилавӣ, таҳияи барномаҳое, ки технологияи иттилоотиро дар системаи маориф татбиқ мекунанд;
- ҳаракати академии хонандагон;
- рушди анъанаҳои миллӣ дар кор бо кӯдакону ҷавонони болаёқат, иштироки муаллимон дар фаъолияти илмӣ;
- тайёр кардани кормандон ва мутахассисони баландихтисосе, ки қобилияти рушд додани тахассусҳоро дар шароити иттилоотонии ҷомеа ва пешравии технологияҳои нави илмӣ доранд;
- тарбияи экологӣ, ки муносибати эҳтиёткоронаи аҳолиро нисбат ба табиат таҷассум мекунад.

Ҳадафи соҳаи маориф самтҳои хориҷӣ ва дохилии худро дорад. Ҳадафи хориҷии маориф ҳамчун институти давлатӣ аз таъмини фаъолияти ҷомеа дар шароитҳои мушаххаси таърихӣ, рушди неруҳои истеҳсолии он, фарҳанги ягона ва маданият, таҳкими мақоми граждании муносибатҳо ва пояҳои ахлоқию ҳуқуқии аъзои ҷомеа иборат аст. самти дохилии ҳадафноки соҳаи маориф аз рушди неруи шахсият, азхуд кардани дониш, маҳорат ва малакаҳои мукаммали дар амал татбиқшаванда иборат аст.

Ташкили ҳатмии раванди доимии таълиму тарбия бо такя ба донистани хусусиятҳои обйективии рушди шахсият ва қонуниятҳои умумии раванди азхудкунии дониш, маҳорат ва малака зарур аст.

Системаи маориф дар рафти таълиму тарбия, ки аз маҷмӯи омилҳои ҳадафноки педагогӣ иборат аст, татбиқ мешавад. Мақсади он ба насли ҷавон додани донишҳо дар бораи оламе, ки моро иҳота кардааст, дар бораи таҷрибаи иҷтимоии дар раванди рушди фарҳангию таърихии ҷомеа андӯхташуда, инчунин таҳияи шаклҳои муносиб ва мақбули ахлоқи иҷтимоӣ мебошад. Яъне дар чаҳорчӯби раванди таълим тавассути рушди ҳадафноки неруи зеҳнӣ, ахлоқӣ, зебоишиносӣ ва ҷисмонӣ вазифаҳои муҳими ҷомеа доир ба ташаккули шахсият ҳаллу фасл карда мешавад.

Фармоиши иҷтимоӣ, талаботи давлат ва ҷомеа дар соҳаи маориф. Нуфузи ин манбаъ ба рушди раванди педагогӣ фавқулода бузург аст. Таърихи педагогика нишон медиҳад, ки давлат тавассути системаи маориф қодир аст, дар ин ё он тамоюли раванди педагогӣ ташаббускор бошад, ба он мусоидат кунад ва ё онро беэътибор гардонад. Ҷомеаи рӯ ба рушд дар тарбияи мутахассисоне, ки метавонанд дар шароити нави сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ дархост карда шаванд, талаботҳои сахт пеш мегузорад. Ин, албатта,

ҳам ба вазифабандии таълиму тарбия, ҳам ба муҳтавои раванди педагогӣ ва ҳам ба интихоби баробари усулу воситаҳо бетаъсир намемонад.

**1. Саволҳо барои машғулиятҳои амалӣ:**

1. Ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии соҳаи маориф.
2. Маориф ва болоравии иқтисод.
3. Маориф ва рушди инсонӣ.
4. Нақши давлат дар рушди маориф.
5. Манбаъҳои асосии сармоягузорӣ ба соҳаи маориф.

**2. Саволҳо ва тестҳои санҷишӣ:**

1. Сармояи инсонӣ чист?
2. Омилҳое, ки дар ташаккули сармояи инсонӣ нақши муассир доранд.
3. Навъҳои асосии сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ.
4. Фарқи байни сармояи инсонӣ аз дигар сармояҳо дар чист7
5. Хусусиятҳои хоси сармоягузорӣ ба сармояи инсон дар чист?

**3. Мавзӯҳои рефератҳо, презентатсияҳо:**

1. Се омили калидие, ки дар интихоби кормандони ширкат нақши муассир доранд, кадомҳоянд?
2. Кадом манбаъҳои сармоягузориро ба сармояи инсонӣ медонед?
3. Боздеҳ аз маблағгузорӣ ба соҳаи маориф чӣ гуна муайян карда мешавад?
4. Мафҳуми «сармояи инсонӣ»-ро шарҳ диҳед.
5. Омилҳои асосиеро, ки дар ташаккули сармояи инсонӣ нақши муассир доранд, номбар кунед.
6. Саҳми сармояи инсонӣ дар иқтисоди кишварҳои пешрафта чӣ гуна аст?
7. Фарқи асосии сармояи инсонӣ аз дигар навъҳои сармоя дар чист?

4. **Рӯйхати адабиётҳои ҳатмии тавсияшаванда:**


1. Рушди инсонӣ / Курси лексияҳо.-Душанбе, 2012.
2. Рушди инсонӣ: ченаки нави раванди иҷтимой-иқтисодӣ: Дастури таҳлилӣ /зери таҳрири умумии проф. В.П.Колесова (факултаи иқтисодии ДДМ) ва Т.Маккинли (БРСММ, Нию-Йорк). – М.: Ҳуқуқи инсон, 2008.
3. Маърӯзаҳои глобалӣ дар бораи рушди инсонӣ. ҒNDP, Nӯw Yoқk: Oҷfoқd Ғnivӯқsity Pқӯss, с. 1994-2013.
4. Маърӯзаҳои миллӣ дар бораи рушди инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.


**5. Рӯйхати адабиётҳои иловагии тавсияшаванда:**


1. Галперин В.М., Игнатев С.М., Моргунов В.И. Микроиқтисодиёт. Дар 2 ҷилд. Институти «Мактаби иқтисодӣ», Санкт-Петербург, 2004.
2. Капелюшников Р.И. Қимати сармояи инсонӣ дар Русия чанд аст? М.: МОИ, Препринт WP3/2012/06. www.hse.ru/date/2012/10/10/1247084855/WP3_2012_06f.pdf
3. OECD. The well-being of Nations: The Role of Human and Social Capital. Paris: OECD, 2001.


**Мавзӯи 13. Ҷабҳаҳои гендерии Рушди Инсонӣ.**

**13.1.Таҳаввули нақшҳои гендерӣ ва Рушди Инсонӣ.**

**13.2. Ченкунии нобаробарии гендерӣ.**

**13.3. Шохиси нобаробарии гендерӣ дар Шохиси Рушди Инсонӣ.**

**13.4. Нобаробарии гендерӣ дар соҳаҳои мухталифи Рушди Инсонӣ.**

**13.5. Буҷетҳои гендерӣ ҳамчун омили Рушди Инсонӣ.**

**13.1. Таҳаввули накшҳои гендерӣ ва Рушди Инсонӣ.** Таҳаввули нақшҳои гендерӣ ва Рушди Инсонӣ. Муносибатҳои иҷтимоӣ байни ҷинсҳо на танҳо аз рӯи хусусиятҳои биологиашон шартгузорӣ карда мешаванд. Дар марҳилаҳои гуногуни рушди таърикб ва дар шароити мухталифи иҷтимоӣ нақши мардон ва занон ба таври он қадар хоси худ муқаррар карда мешуд, ки фаҳмонидани чунин гуногунии физиологиро аз доираи имкон тамоман дур буд. Ба қавли дигар, ба накшҳои иҷтимоӣ ҷудо намудан назар ба гуногунии физиологӣ хеле васеъ мебошад. Мафҳуми «гендер» чунин қайд менамояд, ки накшҳои мардон ва занон дар ҷамъият аз ҷиҳати иҷтимоӣ маънидод ва муайян карда мешавад. Бинобар ин тағйироти онҳо ба сӯи тақсимоти боз ҳам одилтари захираҳо ва даромадҳо, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо ва ғайраҳо барои ҷомеаи башарӣ он қадар заминаи зарурӣ замина фароҳам намеоранд, чӣ гунае ки тарафдорони принсипҳои одатӣ бовар мекунонанд, вале баръакс, онҳо воситаи ноил шудан ба талошҳои ҳақиқии ҳамҷоя ва таъмини ҳуқуқи башар ба ҳисоб мераванд. Таҳлили гендерии тақсимоти захираҳо тавассути захираҳои ба мисли вақт, даромад, моликият, дастрасӣ ба неъматҳои ҷамъиятӣ, ба замин, ба заираҳои истеҳсолӣ, ба қарорҳои сиёсӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар марҳилаи якум вазифаи аввалиндараҷаи ҳаракати занҳо гирифтани ҳуқуқҳои қонунӣ буд: ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ, ҳуқуқ ба иштирок дар овоздиҳӣ, ҳуқуқ ба дастрасӣ ба чунин хизматарсониҳои иҷтимоӣ, ба мисли маориф ва тандурустӣ. Ҳаракати мазкур дар таърих бо номи *суфражизм* боқӣ монд. Он ШМА, Русия, аксар кишварҳои Аврупоро дар охири садсолаи 19 - аввали садсолаи 20 фаро гирифт. Дар натиҷа, занҳо дар мақомоти қонунгузор ҳуқуқи интихоб намудан ва интихоб шудан, ҳуқуқи дар ихтиёр доштани моликият, ҳуқуқ ба моликият ва кӯдакон дар ҳолати ҷудо шудан, имконияти машғул шудан бо илм, фаъолияти ҷамъиятӣ, давлатӣ ва сиёсиро соҳиб гаштанд.

Танҳо аз охири асри ҶҶ сар карда, раванди ба занҳо додани ҳуқуқи овоз мисли мардҳо оғоз гардид. Зеландияи Нав, сониян Австралия аввалин кишварҳое гаштанд, ки ба занҳо додани мақоми шаҳрвандиро эътироф намуданд, аз соли 1893 шурӯъ намуда, ба онҳо ҳуқуқи интихоб намуданро жар сатҳи миллӣ ҷудо намуданд. Аммо ҳатто дар мамлакатҳои аз ҷиҳати саноатӣ пешрафта ҳуқуқи занҳо ба иштирок дар интихоботҳо он қадар муддати дароз арзи вуҷуд надорад. Занҳо ҳуқуқи овоз доданро дар Финляндия ва Норвегия дар солҳои 1906 – 1907, дар Дания – соли 1915, дар Олмон, дар Шветсия, дар ИҶШС ва Шоҳигарии Муттаҳид – соли 1918 ва дар ШМА – соли 1920 ба воситаи мубориза ба даст оварданд. Дар Фаронса барои занҳо лозим омад, ки ин лаҳзаро то соли 1944 мунтазир шаванд, дар Итолиё – то соли 1945, дар Швейтсари бошад – то соли 1971.

Ба даст овардани чунин ҳуқуқҳои қонунӣ барои занҳо ба мисли мардон на ҳамаи шаклҳои табйизро нисбат ба занҳо ба таври автоматӣ аз байн бурд. Дастрасии ҳаётан муҳим ин дастрасӣ ба дорогиҳо ва хизматрасониҳо эътироф карда шуд, аз он ҷумла замин, ашёи хом, қарзҳо, хизматрасониҳои молиявӣ ва техникӣ. Аз рӯи имконияти васеъ намудани миқёси иштироки занҳо дар фаъолияти иқтисодӣ зарурати дур намудани монеаҳо ва пешбарӣ намудани онҳо то ба сатҳи қабули қарорҳо ба миён омадааст.

Сатҳи қабул намудани қарорҳо то ҳол барои баробарии гендерӣ соҳа2012и аз ҳама диди кӯҳнапараст мебошад. Инак, ба ҳолати соли 2012 дар дунё танҳо 20,3 фисади ҷойҳои парлумонҳо ба занҳо таалluқ доштанд (ниг. ба Ҷадвали 13.1.1). Ҳатто дар мамлакатҳои дорои дараҷаи хеле баланди рушди инсонӣ, ки дар онҳо нобаробарии гендерӣ дар маориф ва шуғл дар сатҳи камтарин қарор дорад, намояндагии занҳо дар парлумонҳо ба ҳисоби миёна 25 фисад ва 18,5 фисадро муносибан барои кишварҳои дорои дараҷаи хеле баланд ва баланди рушди иқтидори инсонӣ ташкил менамояд. Вале кӯшишу талошҳои ҷомеаи байналмилалӣ ба пешравии босуръатро ин соҳа мусоидат менамоянд. Танҳо дар муддати ду сол, яъне аз соли 2010 то соли 2012 нишондиҳандаи намояндагии занҳо дар парлумонҳои дунё ба ҳисоби миён аз 16,0 фисад то ба 20,3 фисад боло рафт.

*Ҷадвали 13.1.1.*

***Нишондиҳандаҳое, ки нобаробарии гендериро бо гурӯҳҳои давлатҳои дорои дараҷаҳои гуногуни рушди инсонӣ, соли 2012.*[20]**

| **Гурӯҳи давлатҳо аз рӯи дараҷаи ШРИИ** | **% занҳо дар парлумонҳо** | **Аҳолие, ки ҳадди аққал маълумоти миёна дорад** | | **Коэффитсиенти фаъолияти иқтисодӣ** | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | **Занҳо** | **Мардҳо** | **Занҳо** | **Мардҳо** |
| Дараҷаи хеле баланд | 25.0 | 84.7 | 87.1 | 52.7 | 68.7 |
| Дараҷаи баланд | 18.5 | 62.9 | 65.2 | 46.8 | 74.3 |
| Дараҷаи миёна | 18.2 | 42.1 | 58.8 | 50.5 | 79.9 |
| Дараҷаи паст | 19.2 | 18.0 | 32.0 | 56.4 | 79.9 |
| Ҷаҳон дар маҷмӯъ | 20.3 | 52.3 | 62.9 | 51.3 | 77.2 |

Доираҳои кӯҳнапараст дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ҳаллу фасли проблемаҳои гендериро дар аксар мавридҳо ҳамчун проблемаҳои иҷтимоӣ, ки маблағгузориҳои иловагиро аз буҷет талаб менамоянд, баррасӣ менамоянд ва ба ин ақида ҳастанд, ки масоили иқтисодӣ дар мадди аввал меистанд. Намунаи равшани самаранок будани сиёсати гендерӣ баҳри тараққиёти иқтисодии давлат ин Шветсия мебошад. Бо саршавии босуръати афзоиши саноатӣ баъд аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳон, бисёре аз давлатҳои Аврупои Ғарбӣ норасоии қувваи корӣ рӯ ба рӯ гаштанд. Як қатор давлатҳо, ба мисли Олмон, Фаронса ва дигарон роҳи арзонтареро пешаи худ намуданд, ки маблағгузориҳои иловагии давлатиро талаб накарда, сарҳадҳоро барои муҳоҷирони меҳнатӣ кушода нигоҳ медоранд. Аммо дар натиҷа ба сари ин давлатҳо мушкилоте омад, ки сабабаш муҳоҷирони меҳнатӣ, вазъияти ба ҷиноят осебпазир ва дигар ҳолатҳо буданд. Ба ҳар ҳол дар натиҷаи минбаъдӣ онҳо маҷбур шуданд, ки захираҳои буҷетиро ба барномаҳои иҷтимоии марбут ба муҳоҷирони меҳнатӣ бо мақсади мутобиқ гардондани гурӯҳҳои мухталифи халқиятҳо ва ҳамгироии онҳо ба муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ сарф намоянд.

Ташаккулёбии ҳаракати фаъоли занҳо имкони тағйир додани вазъиятро ба даст овард. Дар бисёр кишварҳо занҳо барои эътирофи иҷтимоии ҳуқуқҳои ҷамъиятӣ ва шахсии худ ва инчунин барои соҳиб гаштан ба ҳуқуқҳои борабобар дар масъалаҳои ҷудошавӣ, меросхӯрӣ ва музди меҳнат хеста, баромад намуданд. Ин ҳаракат асосан аз ҷониби худи занҳо баҳри беҳтар намудани ҳолати худ дар ҷамъият роҳандозӣ карда мешуд. Чунин зуҳурот одатан зери як шиор ҳамҷоя мешавад, ки онро *феминизм* меноманд.

Танҳо таи 30 соли охир метавон муайян сохт, ки эътирофи зарурати пешбарии баробарии гендерӣ дар сатҳи умумиҷаҳонӣ бо кӯшишу заҳматҳои ҳамҷоя то кадом андоза ҳақиқӣ мебошад. Дар соли 2011 дар сарқонунҳои 139 кишвари олам аллакай кафолати ба даст овардани баробарии гендерӣ дарҷ гардидаанд, дар 125 мамлакат зӯроварии хонагӣ ҷавобгарии ҷиноӣ шуморида мешавад, дар 117 давлат қонунҳо оид ба пардохти якхелаи музди меҳнат амал мекунанд, дар 173 давлат рухсатии пардохтшавандаи ҳомиладорӣ кафолат дода мешавад, дар 117 кишвар бошад даъвоҳои шаҳвонӣ дар ҷойҳои корӣ ҷиноят маҳсуб меёбад. Дар 115 кишвари олам ба занҳо ҳуқуқҳои баробар ба соҳиб шудан ба моликият дода шуд, дар 93 кишвар бошад – ҳуқуқҳои баробар барои ба меросӣ додани он.[21]

Ченкунии миқдории нобаробарии гендерӣ, қатъи назар аз дараҷаи баланди маҷмӯисохташудаи нишондиҳандаҳои таркибии он, то кунун натиҷаҳои асосии

---

[20] Сарчашма: Ҳисобот оид ба рушди инсонӣ, соли 2013.

[21] Пешравии занҳои дунё дар ҷидду ҷаҳд барои адолат. 2011-2012/ СММ Занҳо http://progress.unwomen.org

нобаробари ҷойдоштаро дар кишварҳо ифода намуда, имкони зоҳир намудани таваҷҷӯҳи давлат ба он соҳаҳоеро ба даст меорад, ки дар онҳо ин нобаробарӣ пешрафти иқтидори инсониро маҳдуд месозад.

Дар Тоҷикистони имрӯза ҳолати баръаксии қувваи корӣ ба мушоҳида мерасад – сатҳи баланди бекорӣ. Ғайр аз он, ҳалли масоили рушди инсонӣ инчунин муносибати гендериро низ тақозо мекунад. Зиёда аз як миллион нафар тоҷикистонӣ ҳамасола ба хориҷи кишвар баҳри ҷустуҷӯи кор мераванд. Асосан – инҳо мардон. Маълум аст, ки на ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба оилаҳои мунтазам худ пул равон мекунанд. Барои занҳову кӯдакони муҳоҷирони меҳнатӣ дар аксари мавридҳои зарур мегардад, ки худашон аз барои зиндагӣ кор кунанд. Вале бо назардошти дараҷаи пасти маълумотнокӣ, аз ҷумла касбӣ, онҳо одатан ба корҳои вазнин ва муздашон кам машғул мешаванд. Дар чунин оилаҳо, хавфи набаромадан аз камбизоатӣ баланд аст, чунки онҳо наметавонанд ба маориф, аз ҷумла маълумоти касбӣ, маблағгузорӣ кунанд, кори баландихтисос ва муздаш баланде ба даст оранд, ки барои рушди иқтидору нерӯи инсонӣ мусоидат фароҳам меорад. Чунин оилаҳо камбизоатиро дар наслҳои нав дубора талид намуда, иқтидори инсонии кишварзаиф мегардад.

Тибқи натиҷаҳои ТСЗТ-2007[22] сардори ҳар яке аз панҷ оила дар Тоҷикистонро занҳо ташкил медиҳанд. Инчунин, тадқиқотҳо феминизатсияи камбизоатиро - чун дараҷаи қатъии нобаробарии гендерӣ қайд карда мегузаранд. Дар робита ба ин, давлат ба маориф ва тайёр намудани касбии занҳо, тағйири нақшҳои гендерӣ дар оила ва ҷамъият, инчунин ҷалби онҳо дар ҷараёни қабули қарорҳо дар тамоми зинаҳо таваҷҷӯҳи хоса зоҳир менамояд.

**13.2. Ченкунии нобаробарии гендерӣ.** Ченкунии нобаробарии гендерӣ дар ҳисоботҳо оид ба рушди инсонӣ аз соли 1995 оғоз гардидааст. Бо ин мақсад, ду шохис ҷорӣ карда шуд – Шохиси рушд бо назардошти омили гендерӣ (ШРОГ) ва Нишондиҳандаи рушди имкониятҳои занҳо (НРИЗ.) Ҷорӣ намудани ШРОГ ва ШРИЗ дар соли 1995 бо эътирофи баланди байналмилалӣ пайдо намудани аҳамияти мониторинги пешравӣ дар аз байн бурдани нобаробарии гендерӣ дар тамоми ҷанбаҳои ҳаёт рост омад. Гарчанде ки ШРОГ ва ШРИЗ дар баҳсҳои марбут ба масоили гендерӣ саҳми босазо гузоштанд, онҳо дорои маҳдудиятҳои мафҳумӣ ва методологӣ мебошанд.

Дар соли 2010б дар нашрияи идонаи 20-умин солгарди "Ҳисобот оид ба рушди инсонӣ" шохиси озмоишӣ ҷорӣ карда шуд – Шохиси нобаробарии гендерӣ (ШНГ). Он нобаробарии гендериро дар се андоза ифода менамояд – саломатии репродуктивии занҳо, васеъ намудани ҳуқуқҳо ва имкониятҳои онҳо, таносуби иштироки онҳо дар бозори меҳнат нисбат ба мардон.

Ба монанди ШРИ, ШНГ набудани дастовардҳо ва талафотро аз рӯи ҷанбаҳои калидӣ баҳри амиқтар нишон додани нобаробарии гендерӣ инъикос менамояд. Он дар фосилаи аз 0 (нобаробарӣ дар ҷанбаҳои нишондодашуда вуҷуд надорад) то 1 (нобаробарии куллӣ) қарор дорад.

ШНГ дар ҳолате зиёд мегардад, ки агар вазъияти номусоид аз рӯи ҷанбаҳои гуногун бо ҳамдигар мутобиқ мешаванд – яъне чӣ қадаре ки мутобиқшавӣ байни ҷинсҳо аз рӯи ҷанбаҳои гуногун рӯх медиҳад, ҳамон қадар шохис баланд мешавад (нобаробари гендерии баландтар). Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷанбаҳо хусусияти ҳамдигарро пурракунӣ доранд, масалан, нобаробарӣ дар маориф одатан бо имконияти пайдо намудани кор ва фавти модарон коррелятсия дорад. Монеаҳои бо ҳамдигар монанди марут ба беҳдошти шароити зиндагӣ ҷанбаи муҳими нобаробарии гендерӣ ба шумор мераванд ва ин

[22] Тадқиқоти Сатҳи Зиндагӣ дар Тоҷикистон. Аз рӯи методологияи Бонки Ҷаҳонӣ дар солҳои 1999, 2003 ва 2007 гузаронида шудаанд.

нобаробарие, ки ШНГ онро инъикос менамояд, афзалияти хоси он дониста мешавад. Ин хусусияти фарқкунандаи он нисбат ба НРИЗ мебошад, ки маҳдуд будани иттилоот барои гузаронидани муқоиса байни ҷанбаҳои гуногун монеаҳо ҷудо менамуд. Усули мазкур инчунин имкон медиҳад, ки набудани дастовардҳову пешравиҳо дар як ҷанба наметавонад комилан дастоварду пешравиҳоро марбут ба ҷанбаро ҷуброн намояд.

ШНГбо маҳдудиятҳои зиёде вобаста ба иттилоот рӯ ба рӯ мешавад, ки ин боиси мушкил гардидани интихоби нишондиҳанда мегардад. Масалан, намояндагӣ дар парлумони миллӣ иштироки занҳоро дар мақомоти маҳаллии давлатӣ ва идоракунии хоҷагӣ, инчунин дигар соҳаҳои ҳаёти рӯзмарра фаро намегирад. Ғайр аз он, ҷиҳати арзёбӣ намудани бозори меҳнат маълумот дар бораи даромадҳо, шуғл ва кори пардохтнашавандаи занҳо намерасанд. Дар ШНГ дигар ҷиҳатҳои муҳим ба назар гирифта нашудаанд, ба мисли истифодаи вақт – ба души шумораи зиёди занҳо вазнинии иловагӣ оид ба нигоҳдрӣ ва пешбарии хоҷагии хона вогузор шудааст, ки вақти онҳоро барои истироҳат итисор намуда, ҳолати ҷиддӣ ва хасташавиро меафзояд, ки ин аз мадди назар дур мемонад. Дороии сарватҳо, зӯроварии гендерӣ ва иштирок ҳангоми қабули қарорҳо дар сатҳи ҷамъиятҳои маҳаллӣ низ фаро гирифта нашудаанд, ки сабабгори он ҷой доштани маҳдудият дар дастрасӣ ба иттилооти соҳаҳои зикргардида.

Миёни мамлакатҳои дорои ҳолати начандон хуб дар боби нобаробарии табақагӣ ва нобаробарии гендерӣ, Ҳаитӣ, Мозамбик, Намибия ва Ҷумҳурии Африқои Марказиро номбар карда мумкин аст, ки дар ҳар кадоми он камшавии (талафи) ШРИ-ро ба андозаи аз 40 фисад зиёд дар натиҷаи нобаробарӣ ва 70 фисад дар натиҷаи нобаробарии гендерӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Мамлакатҳое, ки дар гурӯҳи дорои дараҷаи миёнаи рушди иқтидори инсонӣ қарор доранд, яъне Мексика ва Таиланд, ШРИ-ашон то 21 фисад аз ҳисоби нобаробарӣ ва 58 фисад аз ҳисоби нобаробарии гендерӣ талаф меёбад. Тоҷикистон бинобар сабаби нобаробарӣ 19 фисад ва бинобар сабаби нобаробарии гендерӣ 57 фисад талаф меёбад. Дар қатори давлатҳое, ки дар ду соҳаи нобаршуда ба натиҷаҳои беҳтар ноил гаштанд, ин Дания, Ҳолланд ва Шветсия мебошанд, ки дар онҳо талафи ШРИ бо сабаби нобаробарӣ камтар аз 10 фисад, бо сабаби нобаробарии генерӣ бошад, камтар аз 22 фисадро ташкил медиҳанд.[23]

Шохис омилҳои зеринро ба назар мегирад, ки қимати онро муайян месозанд – саломатии репродуктивӣ, ҳуқуқ ва имконияти занҳо ба маориф ва иштироки дар қабули қарорҳо, инчунин фаъолияти иқтисодии занону мардон.

**Саломатии репродуктивӣ** тавассути ду нишондиҳанда чен карда мешавад: дараҷаи фавти модарон ва коффитсиенти таваллуд бар байни наврасон. Дар ҳолати мазкур ҷиҳати ҳисоб намудани шохис нишондиҳандаҳои саломатӣ истифода мешаванд, ки барои онҳо ҳеҷ гуна эквивалентҳои мувофиқ вуҷуд надоранд. Аммо сабаби ворид намудани ин нишондиҳандаҳои аз он иборат аст, ки бехатарии модар ифода ифодагари он аст, ки то кадом андоза ҷомеа нақши репродуктивии занро муҳим меҳисобад. Саломатии репродуктивии духтарон ва занҳо барои ҳисоби шохис бо нишондиҳандаҳои идеалӣ қиёс карда мешавад: набудани фавти модарон ва ҳомиладории наврасон. Сабаби ин аз он иборат аст, ки таваллуди кӯдак худ ба зуд на танҳо бо хавф алоқаманд мебошад, балки инчунин агар он хеле барвақт шурӯъ мешавад, ба саломатӣ зарар расонда, имкониятҳои ояндаи занҳоро ва ғайр аз он имконятҳои шуғл ва пешравии касбиро маҳдуд менамояд. Ҳомиладории бармаҳал, ки бо коэффитсиенти таваллуди наврасон чен карда мешавад, бо хавфҳои зиёд ба саломатии модару кӯдак алоқаманд мебошад ва одатан сари роҳи иштироки занҳои ҷавон дар мактаб гардида, тақдир онҳоро қисман, ин ҳам бошад дар беҳтарин сурат, ба кори пастихтисос равона месозад.

---

[23] Сарчашма: Ҳисобот оид ба рушди инсонӣ, соли 2010.

**Васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳо.** Унсури мазкур шохис тавассути ду нишондиҳанда чен карда мешавад: намояндагии занҳо ва мардҳо дар парлумонҳои кишварҳо ва дараҷаи маълумотнокӣ миёни занҳо ва миёни мардон. Зиёдшавии шумораи занҳо дар парлумонҳои давлатҳо ифодагари баланд гардидани нақши зан дар роҳбарияти сиёсӣ ва дар умуман дар ҷомеа дониста мешавад.

**Фаъолияти иқтисодӣ** тавассути дараҷаи ишғоли занҳо дар он қисмати аҳолӣ, ки ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ машғуланд, яъне қувваи кориро дарбар мегирад.

Омилҳои тазйиққунанда ва ғалатҳо дар бозори меҳнат чунин маъно доранд, ки занон нисбат ба мардон ба дараҷаи нисбатан баланди беҳимоатии иқтисодӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Барои занҳо ёфтани ҷои кори бехатар мушкилтар буда, онҳо бинобар сабабҳои зиёд нисбат ба мардҳо даромади камтар ба даст меоранд. Ҳатто бо вуҷуди дараҷаи баланди маълумотнокӣ ҳам барои занҳо пайдо намудани кор душвортар буда, ба ҳисоби миёна боз ҳам тӯлонитар бекор мемонанд. Ин махсусан ба он занҳое дахл дорад, ки пас аз таваллуди кӯдак ё рухсатии баъди таваллудкунӣ ба ҷои кори худ бармегарданд. Қолабҳои одатӣ (стереотипҳо) нисбат ба маҳсулнокии пасти занҳо бинобар сабаби нигоҳубини кӯдак, дар баъзе мавридҳо боиси он мегарданд, ки занҳои синни таваллудкунӣ дар нигоҳдории ҷои кори худ бо мушкилот гирифтор мешаванд.

Шохиси нобаробарии гендерӣ дар панҷ қадам ҳисоб карда мешавад.

**Қадами 1. Ҳисоби қиматҳои сифрӣ ва ниҳоӣ.** Коэффитсиенти фавти модарон дар доираи дараҷаи 10 (қимати камтарин) ва 1000 (қимати калонтарин) ба таври симметрӣ ҷой дорад, то ки усули меъёриро нишон диҳад, масалан, ду давлати дорои коэффитсиенти аз 1000 болои фавти модарони дар тавоноии фароҳам овардани шароит ва таъмину дастгирии саломатии модар ва дар дақиқӣ ва саҳеҳии ченкуниҳо изҳори нигаронӣ намудан аз якдигар тафовут надоранд, аз ин хотир масалан, давлатҳои дорои аз 1-10 ҳолати фавт ба сари 100 ҳазор навтаваллудшудагон моҳиятан дар ҳамон як сатҳ амал менамоянд.

**Қадами 2. Маҷмӯисозӣ (агрегатсия) аз рӯи ченакҳо дар доираи ҳар як гурӯҳи гендерӣ** аввалан бо истифода аз қиматҳои миёнаи геометрӣ ҳосил карда шуда, ин қадами якуминест дар роҳи додани ҳассосияти алоқамандии ҳамдигарӣ ба Шохиси нобаробарии гендерӣ.

Барои занҳо ва духтарон формулаи маҷмӯисозӣ чунин мебошад:

$$G_F = \sqrt[3]{\left[\frac{1}{MMR} * \frac{1}{AFR}\right]^{1/2} * (PR_F * SE_F)^{1/2} * LFPR_F},$$

барои мардон ва писарон бошад:

$$G_M = \sqrt[3]{1 * (PR_M * SE_M)^{1/2} * LFPR_M},$$

ки дар инҷо, $G_F, G_M$ – шохиси саломатии занҳо ва мардҳо; $MMR$ – коэффитсиенти фавти модарон; $AFR$ – коэффитсенти таваллудкунӣ дар байни наврасон; $PR_F, PR_M$ – ҳиссаи намояндагии парлумонии занҳо ва мардҳо; $SE_F, SE_M$ – дараҷаи маълумоти миёна ва олии мардҳо ва занҳо; $LFPR_F, LFPR_M$ – нишондиҳандаи фаъолияти занҳо ва мардҳо дар бозори меҳнат.

**Қадами 3. Маҷмӯисозӣ аз рӯи гурӯҳҳои гендерӣ бо истифода аз қимати мутаносиби миёна.** Шохисҳо барои занҳо ва мардҳо бо миёнаи мутаносиб (НАҚМ) ҷиҳати таъсис додани шохиси баробартақсимшудаи гендерӣ маҷмӯӣ (умумӣ) карда мешаванд:

$$HARM(G_F, G_M) = \left[\frac{(G_F)^{-1} + (G_M)^{-1}}{2}\right]^{-1}.$$

Тадбиқ намудани қимати миёнаи мутаносиби миёнаҳои геометрии бузургиҳо дар дохили гурӯҳ нобаробариро байни занону мардон ба назар гирифта, ҳамзамон нишондиҳандаро бо назардошти алоқаи ҳамдигарии байни ченакҳо дуруст менамояд.

**Қадами 4. Ҳисоби миёнаи геометрии миёнаҳои бузургиҳои арифметикӣ барои ҳар як нишондиҳанда.** Меъёри референтӣ (мушоварагӣ) барои ҳисоб намудани нобаробарӣ тавассути усули маҷмӯисозии шохисҳои марбут ба мардону занон бо истифода аз вазнҳои баробар (яъне таҳти муносибатҳои якхела нисбат ба ҳар ду ҷинс), сонияш тавассути маҷмӯй сохтани ин шохисҳои ченакҳо ба даст оварда мешавад: Саломатӣ

$$G_{\overline{F,M}} = \sqrt[3]{\overline{Саломатӣ} * \overline{РПВ} * \overline{LFPR}},$$

ки $\overline{Саломатӣ} = \left(\sqrt{\frac{1}{MMR} * \frac{1}{AFR}} + 1\right)/2;$ $\overline{РПВ} = \left(\sqrt{PR_F * SE_F} + \sqrt{PR_M * SE_M}\right)/2;$

$$\overline{LFPR} = \frac{LFPR_F + LFPR_M}{2}.$$

Нишондиҳандаи $\overline{Саломатӣ}$-ро набояд мисли ҳисоби миёнаи шохисҳои мувофии мардон ва занон баррасӣ карда шавад, балки чун нисфи масофа аз меъёре, ки барои нишондиҳандаҳои саломатии репродуктивӣ муқаррар карда шудааст – миқдори камтари фавти модарон ва миқдори камтари ҳомиладоравӣ дар байни наврасон.

**Қадами 5. Ҳисоби шохиси нобаробарии гендерӣ.** Муқоисаи шохиси баробартақсимшудаи гендерӣ бо меъёри референтӣ (мушоварагӣ) барои мо имкон медиҳад, ки Шохиси нобаробарии гендериро ба даст биёрем:

$$ИГН = 1 - \frac{HARM(G_F, G_M)}{G_{\overline{F,M}}}.$$

ки бузургии он аз 0 (нобаробарии гендерӣ дар тамоми ченакҳо ҷой надорад) то 1 (нобаробарии комили гендерӣ дар тамоми ченакҳо) пасту баланд мешвад.

**Намунаи ҳисоби ШНГ (Тоҷикистон)**

| **Нишондиҳандаҳои оморӣ** | **Барои занҳо** | **Барои мардҳо** |
|---|---|---|
| Коэффитсиенти фавти модар | 65 | - |
| Коэффитсиенти тваллудкунӣ дар байни наврасон | 25,7 | - |
| Намояндагии парлумонӣ (фисад) | 0,175 | 0,825 |
| Дараҷаи маълумотнокии миёна ва олӣ (фисад) | 0,932 | 0,858 |
| Нишондиҳандаи фаъолнокӣ дар бозори меҳнат (фисад) | 0,574 | 0,785 |

Формулаҳои дар боло овардашударо тадбиқ намуда, инҳоро ба даст меорем:

$$G_F = \sqrt[3]{\sqrt{\left(\frac{1}{65} * \frac{1}{25{,}7}\right)} * \sqrt{0{,}175 * 0{,}932} * 0{,}574 = 0{,}177}$$

$$G_M = \sqrt[3]{1 * \sqrt{0{,}825 * 0{,}858} * 0{,}785 = 0{,}869}$$

$$HARM(G_F, G_M) = \left[\frac{(0{,}177)^{-1} + (0{,}869)^{-1}}{2}\right]^{-1} = 0{,}294$$

$$\overline{\text{Саломатӣ}} = \left(\sqrt{\frac{1}{65} * \frac{1}{25{,}7}} + 1\right)/2 = 0{,}512,$$

$$\overline{\text{РПВ}} = \frac{\left(\sqrt{0{,}175 * 0{,}932} + \sqrt{0{,}825 * 0{,}858}\right)}{2} = 0{,}620,$$

$$\overline{LFPR} = \frac{0{,}574 + 0{,}785}{2} = 0{,}679.$$

$$G_{\overline{F},\overline{M}} = \sqrt[3]{0{,}512 * 0{,}620 * 0{,}679} = 0{,}599$$

$$\text{ШНГ} = \mathbf{1} - \frac{\mathbf{0{,}294}}{\mathbf{0{,}599}} = \mathbf{0{,}509}.$$

**13.3. Шохиси нобаробарии гендерӣ дар Шохиси Рушди Инсонӣ.** Ҳеҷ яке аз нишондиҳандаҳое, ки ШНГ ба онҳо такя мекунад, ба дараҷаи умумии тараққиёти давлат иртиботе надоранд, бинобар ин, мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ метавонанд натиҷаҳои нисбатан хубро ба даст оваранд, дар ҳолате, ки агар омилҳои номусоиди гендерӣ дар ин мамлакатҳои маҳдуд бошанд. Дар диаграммаи 13.3.1 таносуби дараҷаи ШРИ ва ШНГ аз рӯи гурӯҳҳои давлатҳо нишон дода шудаанд – чор давлате, ки аз рӯи рейтинги ШИ 4 ҷойи аввалро ишғол менамоянд ва дар гурӯҳи давлатҳои дорои дараҷаи баланди рушди инсонӣ, чор давлате, ки дар гурӯҳи дорои дараҷаи миёнаи рушди инсонӣ ва аз рӯи рейтинги ШРИ ба Тоҷикистон наздик, ва гурӯҳи охирин – давлатҳое, ки дорои дараҷаи пасти иқтидори инсонӣ мебошанд.

Дар диаграммаи мазкур айён аст, ки ҳар қадаре дараҷаи рушди инсонӣ баланд бошад, ҳамон қадар нобаробарии гендерӣ камтар мешавад ва баръакс. Вале ба ин нигоҳ накарда, чб тавре ки мо дар боло гуфта гузаштем, нобаробарии гендерӣ аз дараҷаи рушди инсонӣ мустақиман вобастагӣ надорад. Ҳоло мо мебинем, ки ШМА аз рӯи рейтинги ШРИ ҷойи 3-юмро ишғол намуда, дар гурӯҳи давлатҳои дорои дараҷаи баланди ШРИ доиланд, вале аз рӯи ШНГ онҳо ҷойи 42-юмро ишғол намуда, аз давлатҳои дорои дараҷаи миёнаи ШРИ каме ақиб мондаанд, ба монанди Ветнам (аз рӯи ШНГ ҷои 48-ум) ва Тоҷикистон (ҷойи 57-ум аз рӯи ШНГ). Ба қавли дигар, даромадаи нисбат баланд дар давлат васеъшавии ҳуқуқҳои занҳоро кафолат намедиҳад. Маҳз барои ҳамин дар ҳисоботҳо оид ба рушди инсонӣ, ба проблемаҳои нобаробарии гендерӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мегардад.




**Диаграммаи 13.3.1. Таносуби ШРИИ ва ШНГ барои баъзе давлатҳо, соли 2012.**

,

Акнун нишондиҳандаҳоеро мавриди баррасӣ қарор медиҳем, ки ҷузъиёти ШНГ-ро ташкил медиҳанд. Чунин таҳлил барои ошкор намудани сабабҳои нобаробарии гендерӣ дар давлат муфид буда, ҷиҳати таҳия сохтани сиёсати паст намудани нобаробарии мазкур хизмат мекунад.

***Саломатии репродуктивии*** занҳо дар ШНГ тавассути ду нишондиҳанда чен карда мешавад: дараҷаи фавти модар (миқдори фавт ҳангоми таваллуд ба сари 100 ҳазор таваллуд) ва коэффитсиенти таваллудкунӣ миёни наврасон (миқдори таваллудкӣ ба сари 1 ҳазор нафар зани синни 15-19 сола). Осоиштагии занҳо дар лаҳзаи таваллуд аҳамияти хоса дошта, бонги маъмулест оид ба нақши занҳо дар ҷамъият. Хатари фавт дар сурати таваллуд намудани кӯдак паст мегардад, ки сабаби он аз доштани маълумоти заминавӣ, ғизои мувофиқ ва инчунин дастрасии котрасептивҳо, ёрии тиббии то таваллудкунӣ ва иштироки кормандони ихтисосманди тиб ҳангоми ҳомиладориву таваллудкунӣ иборат мебошанд.

**Ҷадвали 13.3.1.**

**Нишондиҳандаҳои фавти модарон ва миқдори таваллудкунии наврасон аз рӯи баъзе давлатҳо, соли 2012.[24]**

| Давлат | Рейтинги ШРИИ | Рейтинги ШНГ | Фавти модарон | Таваллудкунӣ аз ҷониби наврасон |
|---|---|---|---|---|
| Сингапур | 18 | 13 | 3 | 6.7 |
| Ливия | 64 | 37 | 58 | 2.6 |
| Тоҷикистон | 125 | 57 | 65 | 25.7 |
| Миср | 112 | 126 | 66 | 40.6 |
| Қазоқистон | 69 | 51 | 51 | 25.5 |
| Чад | 184 | … | 1100 | 138.1 |
| Нигер | 186 | 146 | 590 | 2.6 |

Дар Ҷадвали 13.3.1 маълумот дар бораи давлатҳое оварда шудаанд, ки нишондиҳандаҳои фавт модар (Миср) ва шумораи зудии таваллудкунии наврасонашон (Қазоқистон) ба Тоҷикистон наздик мебошанд. Ҳолати беҳтарро дар соҳаи саломатии репродуктивӣ дар Сингапур дидан мумкин аст - ҳамагӣ 3 ҳолати фавти модарон дар вақти таваллудкунӣ ба сари 100 ҳазор таваллуд, вале ҳолати сахти ногувор дар Чад ба мушоҳида мерасад, ки фавти модарон нисбат ба ин нишондиҳандаи Тоҷикистон қариб 20 маротиба зиёд мебошад. Барои Тоҷикистон таваллудҳои бармаҳал проблема мебошанд, ки ғайримустақиман имкониятҳои занҳоро барои васеъ гардондани имкониятҳои худ маҳдуд месозад. Чӣ хеле ки дар ҷадвал айён аст, нишондиҳандаи мазкур барои Тоҷикистон нисбат ба маълумоти монанди марбути Сингапур, Ливия ва Нигерияро 4-10 маротиба зиёд мебошад.

***Васеъ гардондани ҳуқуқу имкониятҳо.*** Занҳо одатан дар саҳнаи сиёсӣ дар тамоми зинаҳои идоракунӣ дар ҳолати маҳрумгашта қарор доштанд. Бо мақсади баҳогузории миқдорӣ намудани чунин маҳрумият коэффитсиент тадбиқ карда мешавад - ҳиссаи занҳое, ки намояндагони парлумон мебошанд.

**Ҷадвали 13.3.2.**

[24] Сарчашма: Ҳисобот оид ба рушди инсонӣ, 2013.

**Нишондиҳандаи намояндагии занҳо дар парлумонҳо ва дараҷаи маълумотнокии баъзе давлатҳо, соли 2012.**[25]

| Давлатҳо | Рейтинги ШРИ | Рейтинги ШНГ | Ҳиссаи занҳо дар парлумон, % | Дараҷаи маълумотнокӣ | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Занон,% | Мардон,% |
| Андорра | 33 | … | 50 | 49.5 | 49.3 |
| Канада | 18 | 12 | 28.0 | 100 | 100 |
| Тоҷикистон | 125 | 57 | 17.5 | 93.2 | 85.8 |
| ШМА | 3 | 42 | 17.0 | 94.7 | 94.3 |
| Миср | 112 | 126 | 2.2 | 43.4 | 59.3 |

Тақвият бахшидан ба дараҷаи маълумотнокӣ озодии занҳоро васеъ намуда, қобилияти онҳоро оид ба саволгузорӣ кардан, фикррронӣ намудан, фаъолона ба шароити ҳаёти худ нақши муассир бозидан ва беҳтар намудани дастрасӣ ба иттилоот таҳким мебахшад. Занҳои маълумотдор дорои имкониятҳои бештари пайдо намудани кори табъи дилашон, иштирок дар баҳсҳои ҷамъиятӣ, нигоҳубини саломатии худ ва саломатии оилаи худ, инчунин қасди дигар ташаббусҳо карданро доранд. Ба сифати нишондиҳандае, ки дараҷаи маълумотнокиро ифода мекунад, ҳиссаи аҳолии аз 25-сола боло, ҳадди аққал дорандаи маълумоти миёна, байни занҳо ва мардҳо гирифта мешавад. Дар Ҷадвали 13.3.2 мамлакатҳое нишон дода шудаанд, ки нишондиҳандаҳояшон марбут ба намояндагии занҳо дар саҳнаи сиёсӣ (17,5 фисад) ва дараҷаи маълумотнокӣ (93,2 фисад занҳо ва 85,8 фисад мардҳо дорои маълумоти на кам аз миёна ҳастанд) ба Тоҷикистон хеле наздиканд. Бармеояд, ки чунин давлат ШМА мебошад. Тафовут дар рейтинги ҷаҳонии ШНГ байни ин давлатҳо дар 15 банд фарқ карда мешавад, гарчанде ки тафовут дар рейтинги ШРИ 12 бандро дарбар мегирад. Нишондиҳандаи беҳтар оид ба вакилии занҳо дар парлумонро Андорра нишон медиҳад, ки дар он занҳо 50 фисади ҳайати вакилонро таҳкил менамоянд. Сарфи назар аз рейтинги баланди ин давлат оид ба ШРИ, дараҷаи маълумотнокӣ дар кишвар паст боқӣ мемонад, агарчӣ қариб ки баробарии комили гендерӣ дар маориф диди мешавад. Яке аз пасттарин нишондиҳандаҳои вакилии занҳоро мо дар парлумони Миср дида метавонем - ҳамагӣ 2,2 фисад, инчунин дараҷаи пасти маълумотнокӣ ва номутобиқии гендерӣ дар маориф ба андозаи 15,9 банд. Ба он нигоҳ накарда, ки Миср дар рейтинги умумиҷаҳонӣ аз рӯи ШРИ, дар муқоиса ба Тоҷикистон, мақоми каме беҳтарро ишғол менамояд, лекин аз рӯи ШНГ аз Тоҷикистон дида хеле паст қарор дорад.

***Бозори меҳнат.*** Нишондиҳандаи шуғл ҳамаи ба кор машғул будагон ва бекоронро (фаъолона ҷӯяндагони кор), инчунин ҷӯяндагони кори шуғли қисман доштаро дарбар мегирад. Бо вуҷуди тамоми муфиди нишондиҳандаи ҳиссаи занҳо дар қувваи корӣ, он тақсимоти касбҳоро дар бозори меҳнат ба "занона" ва "мардона" ва тафовут дар музди меҳнатро аз рӯи нишонаи гендерӣ ба назар намегирад.

**Ҷадвали 13.3.3.**

**Нишондиҳандаҳои гендерии шуғл барои баъзе давлатҳо, соли 2013.**[26]

| Давлатҳо | Рейтинг ИРЧП | Рейтинг ИГН | Дараҷаи маълумот | | Шуғли аз 15-сола боло | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Занҳо, фисад | Мардҳо, фисад | Занҳо, фисад | Мардҳо, фисад |

---

[25] Сарчашма: Ҳисобот оид ба рушди инсонӣ, 2013.

[26] Сарчашма: Ҳисобот оид ба рушди инсонӣ, 2013.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Танзания | 152 | 119 | 5,6 | 9,2 | 88,2 | 90,3 |
| Канада | 18 | 12 | 100 | 100 | 61,9 | 71,4 |
| Тоҷикистон | 125 | 57 | 93,2 | 85,8 | 57,4 | 78,5 |
| Қирғизистон | 125 | 64 | 81,0 | 81,2 | 57,4 | 75,1 |
| Афғонистон | 175 | 147 | 5,8 | 34,0 | 15,7 | 80,3 |

Дар Ҷадвали 13.3.3 нишондиҳандаҳои шуғл барои Тоҷикистон ва давлате, ки қиматҳои нишондиҳандаҳои зикргардида ба мо наздиктар аст - Қирғизситон, инчунин барои он давлатҳое, ки дар онҳо яке аз дараҷаҳои баланди нобаробарии гендерӣ дар бозори меҳнат мавҷуд мебошад - Танзания, аз ҳама дида даҷааи баланди нобаробарии гендерӣ - Афғонистон. Бояд ба кишвари Танзания, ки дар он шуғл дар сатҳи хеле баланд қарор дошта, қариб ки баробарии пурраи гендерӣ вуҷуд дорад. лекин дараҷаи маълумот дар ҳолати пасти хатарнок қарор дорад, чӣ байни занҳо ва чӣ байни мардҳо. Ин чунин маъно дорад, ки барои ҳама лозимаст, ки баҳри пешбурди зиндагӣ кор кунад, чунки бо доштан дараҷаи пасти маълумот чӣ занҳо ва чӣ мардҳо танҳо ба кори беихтисоси каммузд метавонанд таъмин гарданд. Иқтидори инсонӣ дар дараҷаи хеле паст қарор дорад. Танзания дар рейтинги ШНГ дар ҷои 119-ум ва дар ШРИ дар ҷои 152-юм қарор дошта, дар гурӯҳи давлатҳои дорои дараҷаи пасти рушди инсонӣ дохил аст. Дар кишвари Канада шуғл дар сатхи хеле паст буда, фарқияти байни шуғли занҳо ва мардҳо 9,5 бандро ташкил медиҳад, лекин дараҷаи маълумотнокӣ, чӣ дар байни занҳо ва чӣ дар байни мардҳо, ба 100 фисад расид, ин маънои онро дорад, ки занҳо ва мардҳо дар пайдо намудани кори арзанда ва тақвияти иқтидори инсонӣ дорои имкониятҳои баробар мебошанд. Канада аз рӯи ШНГ дар ҷои 12-ум ва аз рӯи ШРИ дар ҷои 18-ум қарор дошта, дар гурӯҳи давлатҳоест, ки дорои дараҷаи хеле баланди рушди инсонӣ мебошанд. Яке аз нишондиҳандаҳои баланди нобаробарии гендерӣ дар Афғонистонд дар бахши маориф ва дар бахши тандурустӣ ба мушоҳида мерасад. Мамлакат дар яке аз ҷойҳои охири рейтинги ШНГ ва айнан рейтинги ШРИ қарор дорад.

**13.4.Нобаробарии гендерӣ дар соҳаҳои мухталифи Рушди Инсонӣ.**Консепсияи рушди иқтидори инсонӣ аз чор унсури асосӣ иборат мебошад: *маҳсулнокӣ, баробарҳуқуқӣ, устуворӣ ва васеъ намудани имкониятҳо.* Аз ҳамин нуқтаи назар, бе ҳисоби омили гендерӣ дар бораи рушди ҳақиқии инсонӣ сухан гуфтан номумкин аст. Бар замми ин, занҳо воқеан дар ҳамаи давлатҳо нисфи аҳолӣ вабаъзан қисмати зиёди аҳолиро ташкил мекунанд. Ҳамзамон, имрӯзҳо онҳо дар ҳаёту фаъолияти иқтисодӣ ва сиёсӣ дар муқоиса бо мардҳо дида аз имкониятҳои зиёд маҳруманд. Бинобар сабаби тассуроту фаҳмишҳои қолабӣ (стереотипӣ) дар бораи мардҳо ва занҳо дар ҷамъият нобаробарии гендерӣ нигоҳ дошта мешавад.

**Солимии** мардуми кишвар дар ШРИ бо нишондиҳандаи маҷмӯишуда - давомнокии пешбинишудаи умр (ДПУ) муайян карда мешавад. Ҷиҳати гендерии солимӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои фавти модарон ва дараҷаи таваллуд миёни наврсон (то синни 18-сола) муқаррар карда мешавад. дар баробари ин нишондиҳандаҳои дохили



***Ҷадвали 13.4.1. Занҳо фикр мекунанд, ки шавҳар ҳуқуқ дорад занашро бо сабабҳои зерин занад ё ҷазо диҳад***

Шохиси маҷмӯишудаи нобаробарии гендерӣ, бо мақсади таҳлил намудани имконияту маҳдудиятҳои марбут ба беҳдошти саломатии мардум нишондиҳандаҳои фавти тифлон ва кӯдакон, миқдори беморишавии хусусияти эпидемиологидошта, чун сил ва вараҷа, миқдори сироятшавии ВИЧ/СПИД, инчунин воқифнокии аҳолӣ ва дараҷаи истифодаи усулҳои пешгирии чунин бемориҳо, таъмин будани кормандони ихтисосманди тиб дар вақти таваллуд ва расонидани нигоҳубини пешҳ аз таваллуд ба занҳо мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

| | МИКИ-2005 | ТТДТ-2012 |
|---|---|---|
| Агар хӯрок сӯхтааст | 44% | 28% |
| Агар зан бо шавҳар мубоҳиса менамояд | 68% | 40% |
| Агар зан аз хона бе иҷозати шавҳар берун баромадааст | 62% | 51% |
| Агар нигоҳубини кӯдаконро хуб ба ҷо намеорад | 61% | 44% |
| Агар хоҳиши шавҳарро барои алоқаи ҷинсӣ рад мекунад | 48% | 27% |

**Зӯроварии хонагӣ** ҳамчун яке аз маҳдудиятҳои ҷиддӣ барои таҳкими нерӯи инсонӣ баррасӣ карда мешавад. Ин омил бинобар сабаби норасоии маълумоти омории марбут ба ин мавзӯъ дар бисёр давлатҳо ба ШНГ-и маҷмӯишуда дохил намегардад. Вале бо вуҷуди ин, дар ҳисоботи миллӣ оид ба рушди инсонӣ таҳлили вазъият дар бораи дараҷаи зӯроварии хонагӣ амри зарурӣ мебошад.

Тамоми шаклҳои зӯроварӣ (ҷисмонӣ, шаҳвонӣ ва ҳиссиётӣ) нисбат ба занону кӯдакон дар оила ба саломатӣ зарар расонида, дар илова бар он, ҳуқуқу озодиҳои аъзоёни оиларо ба тараққиёт маҳдуд менамоянд. Тадқиқоти тиббӣ-демографӣ (ТТДТ)-и дар соли 2012[27] гузаронидашуда нишон медиҳад, ки фаҳмиши зӯроварии хонагӣ аз ҷониби худи занҳо, чун сифати меъёри ҳаёти оилавӣ, ба дар сатҳи хеле баланд боқӣ мемонад. Инак, ҳар се нафар аз панҷ зани мавриди пурсиш қарордошта чунин мешуморанд, ки агар зан ягон "гуноҳе содир намояд", он дам шавҳар ҳуқуқ дорад зӯроварии ҷисмониро нисбати зани худ татбиқ намояд. Дар Ҷадвали 13.4.1 ҳолатҳое номгир шудаанд, ки боиси зӯроварӣ дар оила мегарданд. Муқоиса намудани маълумоти соли 2012 боб натиҷаҳои МИКИ-2005[28] нишон медиҳад, ки сатҳи афкори занҳо оид ба зӯроварӣ ҳамчун меъёри ҳаёти оилавӣ дар Тоҷикистон ба қадри ҷашмрас коҳиш ёфтааст. Ба қавли дигар, шумораи бештари занҳо дарк карданд, ки амалҳои зӯровари шавҳар бархилофи ҳуқуқ дониста мешаванд. Ғайр аз он, муқоиса намудани посуххои ТТДТ-2012 нишон медиҳанд, ки дараҷаи зӯроварб дар оила паст гардидааст. Масалан, танҳо ҳар як зани чорум аз сари зиёда аз 9,5 ҳазор пурсидагон чунин изҳор намуд, ки мубталои ягон шакл ё якчанд шаклҳои зӯроварӣ (ҷисмонӣ, шаҳвонӣ ва ҳиссиётӣ) аз тарафи шавҳар гардидааст, лекин 43,1 фисади онҳо дар ёд доранд, ки падар нисбат ба модар зӯроварии ҷисмониро татбиқ менамуд.

Посух ба саволи оянда аз он хабар медиҳанд, ки дар айни ҳол зӯроварии хонагӣ проблемаи дохилии оила маҳсуб меёбад. Инак, миёни он нафароне, ки дар оила мубталои зӯроварӣ гаштанд, қариб нисфашон ба ҳеҷ куҷо барои кӯмак ё ҳимоя муроҷиат накарданд. Аз байни онҳое, ки муроҷиат намуданд, асосан барои дарёфти дастгирӣ ба оилаҳои худ (73,8 фисад), ба оилаи шавҳар (35,5 фисад), ба дӯстон (1,9 фисад), ба

[27] Тадқиқоти тиббӣ-демографии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, measure DHS ICF International, 2012.

[28] Тадқиқоти бисёрнишондиҳандаи кластерӣ, 2005. – Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ЮНИСЕФ.

ҳамсоягон (6,8 фисад) муроҷиат намуданд. Ҳамагӣ 4,2 фисадашон барои дарёфти кӯмак ба мақомоти ҳуқуқмуҳофизаткунанда, 2,8 фисад - ба табибон ва дигар кормандони соҳаи тиб ва 0,3 фисад - ба ҳимоягарон ва кормандони иҷтимоӣ муроҷиат карданд.

Гап дар сари он аст, ки заминаи ҳуқуқии давлат дар лаҳзаи гузаронидани ТТДТ-2012 тадбиру чораҳои пешгирикунандаро доир ба ҳимоя аз зӯроварии хонагӣ таъмин наменамуд. Қурбониҳои зӯроварӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё судяҳо аллакай дар ҳолатҳои гирифтани зарарҳои ҷисмонӣ, ки ба вазъи саломатӣ таҳдиди ҷиддӣ мекард, муроҷиат намуданд. Дар соли 2013, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи зӯроварии оилагӣ" қабул гардид, ки ба тамоми шаклҳои зӯроварӣ, ҳамчун "амали боидроконаи ба ҳуқуқ хилофаткунандаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, равонӣ, шаҳвонӣ ва иқтисодӣ, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби як аъзои оила нисбат ба дигар аъзои оила содир гардида, боиси вайроншавии ҳуқуқ ва озодиҳои вай, расондани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатии вай ё таҳдиди расондани чунин зарар ба саломатӣ мегардад.[29] Бояд таваҷҷӯҳ кард, ки ҳоло аз рӯи қонунгузорӣ муқаррар гардидааст, ки зӯроварӣ инчунин "расондани дарди ҷисмонӣ..... ё таҳдиди расондани зарар ба саломатӣ" низ ба ҳисоб меравад. Ин чунин маъно дорад, ки акнун қурбониҳои зӯроварӣ метавонанд ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми бонгҳои (таҳдидҳои) аввали зӯроварӣ муроҷиат кунанд, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бошанд, тадбирҳои пешгирикунӣ андешида шуда, ба шахси зӯроваранда дар ҳол ҷазо дода намешавад, баръакс ба вай фаҳмонда мешавад, ки кадом амалҳо бархилофи қонун мебошанд ва ӯро чӣ гуна оқибатҳои ҳуқуқӣ интизор шуданаш мумкин аст агар вай рафтори худро тағйир намедиҳад.

Ҳангоми муқаррар намудани дараҷаи **маълумот**, дар ШНГ таваҷҷӯҳ ба фарқият дар гирифтани маълумоти миёна ва олӣ байни марону занон ва васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои занҳо зоҳир карда мешавад. Яке аз Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ин "Таҳкими баробарии марду зан ва васеъ гардондани ҳуқуқ имкониятҳои занҳо" дониста шудааст.[30] Барои ноил шудан ба ин ҳадаф дар назди мамлакатҳои дунё вазифаи "Бехтараш то соли 2005, аз байн бурдани нобаробарӣ байни ҷинсҳо дар соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна, на дертар аз соли 2015 - дар тамоми сатҳҳои маориф".

***Ҷадвали 13.4.3. Ҳисоби миёнаи музди меҳнати моҳона барои кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо дар Тоҷикистон (сомонӣ)[31]***

| Солҳо | Ҳисоби миёнаи музди меҳнати моҳона | Таносуби музди меҳнати занҳо ва музди меҳнати мардҳо |
|---|---|---|
| **2008** | 231,53 | 59,8 % |
| **2009** | 284,35 | 59,7 % |
| **2010** | 354,44 | 56,0 % |
| **2011** | 442,13 | 49,1 % |

Дар соли таҳсили 2004/2005 дар Тоҷикистон баробарии ҷинсҳо дар сатҳи таҳсилоти ибтидоӣ (синфҳои 1-4) ва миёна асосӣ (синфҳои 9) қариб ба даст оварда шуд. Фарқият дар таносуби писарон ва духтарон дар мактаби ибтидоӣ ва миёна 5-6 банди фисадиро ташкил медод. Ҳисоби миёнаи таҳсилоти асосӣ дар Тоҷикистон ҳатмӣ мебошад. Бо гузариш ба сатҳи таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 10-11) зиёдшавии назарраси ҳолати нохуби гендерӣ дар соли хониши 2004-2005ба ҷамш мерасид, ки 21,6 банди фисадиро ташкил менамуд. Дар ҳафт соли пай дар пай коҳиши тафовути мазкур то ба андозаи

[29] Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварии оилагӣ», аз 19 марти соли 2013.
[30] Ҳадафи № 3. «Ҳадафҳои рушди ҳазорсола», «Эъломияи ҳазорсола» аз ҷониби намояндагони 189 кишвари олам моҳи сентбри соли 2000 муқаррар гардида, ба имзо расидаанд.
[31] Ҳисоботи миллӣ оид ба рушди миллӣ 2008-2009. Шуғл дар шароити рушди инсонӣ. Душанбе, 2010.

13,8 банди фисадӣ расид, ки ин аз ноил гаштан ба вазифаи пешбинишуда то соли 2015 умедвор шудан мумкин аст. Нобаробарии гендерӣ дар сатҳи таҳсилоти олӣ айён мебошад. Ва агарчӣ ҳиссаи духтарон дар байни донишҷӯёни макотиби таҳсилоти олӣ аз 25,8 фисади соли 2004/2005 то ба 28 фисад дар соли хониши 2011/2012 афзуд, айён аст, ки Тоҷикистон то соли 2015 ба ҳадафи 4-уми ҲРҲ ноил шуда наметавонад.

Нобаробарии гендерӣ, алалхусус дар сатҳи таҳсилоти касбӣ, барои **шуғл** оқибатҳои нохуб дорад, ба мисли сегретатсияи (ба категорияҳои хурд ҷудо намудан) уфуқӣ (соҳавӣ) ва амудӣ (касбӣ) дар бозори меҳнат, бинобар ин, дар байни маоши байни мардҳо ва занҳо фарқият вуҷуд дорад. Динамикаи тақсимоти мардону занон аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт нишон медиҳад, ки дар давраи аз соли 2000 то соли 2006 сегретатсияи гендерӣ шаддитар гаштааст. Инак, ҳиссаи занҳо дар соҳаи муздаш аз ҳама паст - кишоварзӣ - аз 55,3 фисад то 59,0 фисад. Ва дар соҳаҳои муздашон баланд, ба мисли саноат ва сохтмон, ҳиссаи занҳо зиёда аз 1,5 маротиба коҳиш ёфт. Истисноӣ назаррасро бахши идоракунии давлатӣ ва қарздиҳӣ ташкил медиҳад, ки шумораи шуғл дар онҳо таи ин солҳо зиёда аз 35 фисад афзудааст ва ҳиссаи занҳо дар ин бахши иқтисодиёт нисбат ба мрдҳо бо суръати баландтар рушд ёфт. Вале ин бахши иқтисодиёт ҳамашӣ 4 фисади шумораи умумии коргарони кироярo фаро мегирад. Шохиси сегрегатсияи уфуқӣ аз 16,5 фисад дар соли 2000 то ба 18,3 фисад дар соли 2006 баланд шуд. Гарчанде ки шохиси сегрегатсия нисбатан баланд нест, лекин тафовути гендерӣ ҳанӯз ҳам аз ҳисоби афзоиши ҳиссаи занҳо дар соҳаҳои муздашон паст ва афзоиши ҳиссаи мардон дар соҳаҳои муздашон баланди иқтисодиёт зиёд мегардад.[32] Тақвияти сегрегатсия дар бозори меҳнат тафовути гендериро дар музди меҳнат зиёда мегардонад (ниг. ба Ҷадвали 13.4.3). Танҳо дар тӯли чор сол, аз соли 2008 то 2011 дараҷаи музди меҳнати занҳо дар муқоиса бо мардҳо қариб 11 фисад коҳиш ёфта, ҳоло камтар аз нисфи музди меҳнати мардҳо камтарро ташкил менамояд.

Мувофиқи натиҷаҳои Тадқиқоти Қувваи Корӣ (ТҚК), сатҳи шуғл миёни мардон аз соли 2004 то соли 2009 аз 77,8 фисад то ба 72,2 фисад поён рафта, сатҳи шуғли занҳои қобили меҳнат бошад аз 55,4 фисад то ба 35,1 фисад кам гардид.[33] Монеаи ҷиддӣ дар ҷалби занҳо ба шуғл ин функсияҳои репродуктивии занҳо ба шумор меравад ва инчунин заминаи ҳуқуқие, ки модариро ҳавасманд менамояд (рухсатиҳои музднок аз рӯи ҳомиладорӣ ва таваллудкунӣ, рухсатиҳои музднок барои нигоҳубини кӯдакони то як сола ва рухсатиҳои бемузд бо нигоҳдории дарознокии умумии фаъолияти корӣ то лаҳзаи пур шудани синни якуним солагии кӯдак, рухсатиҳои музднок барои нигоҳубини кӯдаки бемор ва як қатор имтиёзҳо дар гирифтани рухсатиҳои ғайринавбатӣ, рӯзи кории ихтисоршуда ва ғ.). Дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ корфармои хусусӣ аз қабул намудани занҳои синни кӯдактаваллудкунӣ ба кор ҳарос дошта, кӯшиш менамояд, ки корхонаи худро аз рухсатиҳои зиёдатӣ дур созад. Инчунин, кам гардидани ҳиссаи занҳо дар бозори меҳнат бо саъю талош вусъат ёфта истодааст. Бо мақсади коҳиш додани табйиз нисбат ба занҳо дар вақти ба кор гирифтан, дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1997 тағйиру иловагиҳо ворид карда шуданд, ки мутобиқи онҳо модар, падар ва дигар аъзоёни оила (бобоҳо ва момаҳо) ҳуқуқ ба рухсатиҳои музднок барои нигоҳубини кӯдак бо нигоҳдории даврознокии умумии фаъолияти кориро доро мебошанд. Дар шароити ҳуқуқҳои баробар ба гирифтани рухсатии музднок корфармо ҳангоми ба кор гирифтан набояд аз рӯи мансуби ҷинсият хоҳишҳои худро дошта бошад. Сарфи назар аз он, ки тағйироту иловагиҳо зиёда аз 15 сол қабл ворид карда шуданд, то кунун низоми мониторинги таносуби занҳо ва мардҳо, ки аз ҳуқуқи мазкур истифода барад, вуҷуд надорад. Аз ин лиҳоз, вазъият норавшан мебошад. Аммо чунин фарз

[32] Ҳисоботи миллӣ оид ба рушди миллӣ 2008-2009. Шуғл дар шароити рушди инсонӣ. Душанбе, 2010.
[33] Сарчашма: Тадқиқоти Қувваи Корӣ /Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Ҷаҳонӣ. – солҳои 2004 ва 2009.

кардан мумкин аст, ки аксарияти .мутлақи аҳолӣ тибқи одат фикр мекунанд, ки нигоҳубини кӯдакони хурдсол бояд ба души занҳо бошад. Баъзе давлатҳо то ҳол натавонистанд ин қолаби одатиро оид ба вогузор намудани вазифаи нигоҳубини кӯдак ба модарро паси сар кунанд, агарчӣ давлатҳои зиёде дар боби ҷудо намудани рухсатиҳои баробар ҷиҳати нигоҳубини кӯдак аз ҷониби падар ва модар тағйирот ворид намуданд. Дар Шветсия пас аз тағйироти монанд ба қонунгузорӣ таи солҳои зиёд омор дар бораи афзоиши чашмраси шумораи мардоне, ки аз чунин ҳуқуқи худ истифода карданд, вуҷуд надорад. Он вақт дар доираи қонунгузорӣ квотаи махсусе ҷудо карда шуд, ки бо номи "рухсатии падарӣ барои нигоҳубини кӯдак" ("daddy's lӯavӯ") маъмул аст. Аз квотаи зикргардида (миқдори муайяни рӯзҳои музднок вобаста ба таваллуди кӯдак) танҳо падарон истифода бурда метавонистанд ва он ба модарон дода намешуд. Дар мавриде, ки агар падар аз квотаи мазкур истифода накард, он гоҳ оила ин қисми кӯмакпулиро аз даст медод.

**Ҷадвали 13.4.4.**

**Сохтори гендерии мансабҳои роҳбарикунанда дар вазорату кумитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (%)[34]**

| Мансаб | ба санаи 01.04.2003. | | Ба санаи 01.05.2009. | |
|---|---|---|---|---|
| | мардҳо | занҳо | мардҳо | занҳо |
| Ашхоси якум | 100 | 0 | 100 | 0 |
| Муовинони якум | 96 | 4 | 88 | 12 |
| Муовинон | 89 | 11 | 89 | 11 |

Ҳамин тариқ, ноил шудан ба баробарии гендерӣ дар боҳори меҳнат на танҳо тавассути қонунгузории бетабйиз муқаррар карда мешавад, балки он бо тағйири нақшҳои гендерӣ дар оила ва инчунин бо коҳиши тафовути гендерӣ дар таҳсил коррелятсия дорад.

**Васеъ гардондани имкониятҳои занҳо** дар ШНГ бо таносуби мардону занони аз 25-сола боло, ки ҳадди аққал, дорои маълумоти миёна ва ҳиссаи занҳо дар парлумони кишвар мебошанд, муайян карда мешавад. Намояндагии занҳо дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 17,5 фисадро ташкил медиҳад. Дар шохиси маҷмӯишуда танҳо намояндагии занҳо дар мақомоти олии давлат - парлумон ба назар гирифта мешавад. Бо мақсади таҳлили рушди нерӯи инсонӣ дар давлатҳо бояд намондагии занҳо дар зинаҳои гуногуни давлат мавриди таҳлил қарор дода шавад. Тибқи Ҷадвали 13.4.4 дидан мумкин аст, ки миёни ашхоси роҳбарикунанда дар вазорату кумитаҳо намояндагии занҳо нисбат ба намояндагии занҳо дар парлумони кишвар ба қадри назаррас камтар мебошад. Таи даҳ соли охир, миёни ашхоси якуми вазорату кумитаҳо ягон нафаре аз занҳо набуд.

Дар байни ашхоси якум дар мақомоти маҳаллии давлатӣ (ниг. ба Ҷадвали 13.4.5.) низ ягон нафаре аз занҳо нест. Ҳиссаи занҳо миёни муовинон бошад, дар соли 2009 нисбат ба соли 2003 коҳиш ёфт.

**Ҷадвали 13.4.5.**

**Намояндагии мардҳо ва занҳо дар мақомоти маҳаллии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (%)[35]**

| Вазифа | ба 01.04.2003. | | ба 01.05.2009. | |
|---|---|---|---|---|
| | Мардон | Занон | мардон | Занон |
| Раисони вилоятҳо | 100 | 0 | 100 | 0 |

[34] Сарчашма: Мардҳо ва занҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2012.

[35] Аз рӯи инҳо тартиб дода шудааст: Мардҳо ва занҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2012.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Муовинони раисони вилоятҳо | 82 | 18 | 82 | 18 |
| Раисони шаҳру ноҳияҳо | 91 | 9 | 94 | 6 |
| Муовинони аввали раисони шаҳру ноҳияҳо | 91 | 9 | 95 | 5 |
| Муовинони раисони шаҳру ноҳияҳо | 66 | 34 | 62 | 38 |

Ҳангоми таҳлили дурнамои рушди нерӯи инсонӣ дар давлат, инчунин коррелятсияи байни дараҷаи зӯроварӣ нисбати занҳо ва назорат аз болои рафтори ӯ дар сатҳи оила ва имкониятҳои иштироки занҳо дар тақсимоти даромадҳо ва кӯмак ба саломатӣ, озодӣ дар муомилот ва интихоби ҳаётӣ гузаронда мешавад. Дар посуххои байни занҳои дар иқтисодиёт машғул ва бекор парокандагии калон вуҷуд дорад. Аз байни аввалинҳо, 80,8 фисадашон дар тақсимоти даромад иштирок намуданд - якка ё дар ҳамҷоягӣ бо шавҳар, аз байни дуввуминҳо - ҳамагӣ 54,9 фисад. Дар ҳолатҳои боқимонда қарор дар бораи тақсимоти даромади оиларо шавҳар шахсан ё дигар хешу ақрабо, масалан волидайни шавҳар. Чӣ тавре ки мебинем, ҳатто аз миёни занҳои кори маошдор, ҳар як зани панҷум аз ҷараёни қабули қарори марбут ба тақсимоти буҷетӣ оилавӣ хориҷ карда шудааст.

***Ҷадвали 13.4.6. Занҳое, ки дар масоили зерини ҳаёти оилавӣ ва шахсӣ мустақилона ё якҷоя бо шавҳар қарор қабул менамоянд***[36]

| Масъалаи қабули қарорҳо | МИКИ?-2005 | ТТДТ-2012 |
|---|---|---|
| Кӯмак ба саломатӣ | 42% | 55% |
| Харидҳои асосӣ | 52% | 54% |
| Ташриф овардани волидайн ва дигар хешу табор | 55% | 56% |

Қолаби одатии (стереотипи) устувори падаршоҳӣ вуҷуд дорад, ки "мард пул кор мекунад, зан бошад кор накарда, дар хона менишинад", гарчанде ки занҳо ба оила он шакли хизматрасониҳоеро иҷро мекунад, ки дар мамлакатҳои мутараққӣ аз ҷониби муассисаҳои томактабӣ, низоми тандурустӣ, хизматгорзанҳо, дояҳо ва ғайра таъмин карда мешаванд ва ҳамаи онҳо аз ҳисоби буҷети оила пардохт карда мешаванд.

Меҳнатии хонагии занҳоро то кунун ҷамъият эътироф намекунад ва арзи пулӣ надорад. Муқоисаи натиҷаҳои тадқиқотҳо (ниг. ба Ҷадвали 13.4.6.) нишон медиҳанд, таи ҳафт сол пешравӣ дар таҳким намудани ваколати занҳо (иштирок дар қабули қарорҳо) дар сатҳи оила назарнорас буд. Нақши тобеии занҳо дар сатҳи афкори омма аллакай қариб дар нисфи оилаҳо нигоҳ дошта мешавад. Яке аз сабабҳои ҷиддии нигоҳ доштани муносибати кӯҳнапарастона ба ҳуқуқ ва озодиҳои занҳо ин дастрасии онҳо ба моликият мебошад. Ҳамин тариқ, аз байни занҳои мавриди пурсиш қарордошта, танҳо 52,6 фисадашон якка ё якҷоя бо ҳавҳарашон соҳибмулки хонае буданд, ки дар он умр ба сар мебурданд, 47,2 фисади занҳои пурсидашуда бошад соҳибмулк набуданд. Чунин ҳолат дар Тоҷикистон тез-тез рӯх медиҳанд, ки зан ба шавҳар мебароядва бо шавҳар дар хонае зинадгӣ мекунанд, ки ба номи волидайни вай (шавҳар) қайд карда шудааст. Никоҳ зуд-зуд аз қайди мақомоти САҲШ намегузарад ва дар ин сурат чунин никоҳ барои талаб намудани ягон қисми моликияти хонаи шавҳар ҳангоми ҷудошавӣ, инчунин дар вақти фурӯш ва дигар амалиёт асоси ҳуқуқӣ надорад. Чунин ҳолати беҳуқуқӣ занро маҷбур мекунад, ки ба назорат ва зӯроварӣ муросо кунад.

Ҳамин тавр, раванди васеъгардонии имкониятҳои занҳо як қатор омилҳоро дарбар мегирад, ба мисли тафовути гендерӣ дар таҳсилот, дараҷаи зӯроварӣ ва назорат дар оила, саломатӣ, бо таваҷҷӯҳи хоса ба саломатии репродуктивӣ ва ҳуқуқи репродуктивии занҳо, имконияти кордарои ва гирифтани даромади арзанда барои маблағгузориҳои

[36] Тадқиқоти тиббӣ-демографиии Тоҷикистон, 2012.

минбаъдӣ дар пешбурди иқтидори худӣ ва нерӯи кӯдакон, заминаи ҳуқуқӣ ва дигарон. Байни кулли омилҳо коррелятсияи ҳамдигарӣ ҷой дорад.

**13.5. Буҷетҳои гендерӣ ҳамчун омили Рушди Инсонӣ.** Дилхоҳ мушоҳида, назорат, аз он ҷумла дар чаҳорчӯбаҳои махсуси ваколати буҷет, ки тибқи қонунгузорӣ муқаррар карда шудаанд: Кодекси буҷет, қонун дар бораи буҷет ва қонунҳои онро ҳамроҳкунанда, қонунҳо дар бораи хизнаҳои суғуртавӣ ва буҷетҳои онҳо.

Вобаста бар ин, тарҳи сохтани буҷет гурӯҳҳои иҷтимоии мардумро бо нишондоди зан ва мард пешбинӣ накардааст. Хусусияти хоси вазъи ҷумҳурии мо дар ин ҷо - набудани ҳисоби омили гендерӣ дар идоракунӣ умуман ва дар идоракунии буҷетӣ, махсусан.

"Буҷети гендерӣ" - ин низоми дар буҷети давлатӣ пулҷудокунӣ барои ҷузъи иҷтимоии он, захираҳо ба сиёсати ҳуқуқҳои баробар ва имкониятҳои баробари мардҳо ва занҳо. Ин маҷмӯи воситаҳо, механизмҳо ва институтҳо гуногун дар доираи ҳадафи ягона муттаҳиданд - ҳатмӣ гардонидани усули гендерии идоракунӣ дар сиёсати миллӣ. Он низоми сарбастаи расмишудае нест, ки дар нишондиҳандаҳои муқарраршуда таҷассум ёфтааст. Он маҷмӯи серҳаракати воситаҳо, механизмҳо, равандҳо ва институтҳо, ки дар доираи ҳадафи умумӣ амал менамоянд - табдил додани принсипи гендерӣ дар идоракунии миллӣ ба яке аз принсипҳои ҳатмӣ.

Ташхиси гендерии қонунгузорӣ дар заминаи "буҷети гендерӣ" пешбинӣ шудааст. Аз он ҷумла, буҷетӣ, ки таҳлили масоили молиявӣ-иқтисодиро, ки дониши махсусро дар боби молия, иқтисодиёт ва сиёсат иҷтимоӣ ҷиҳати арзёбии оқибатҳои қарорҳои қабулшуда ва муайянсозии роҳҳои оптималии қарорҳо тақозо мекунад, пешбинӣ менамояд.

Дар назарияи буҷети гендерӣ се категорияи хароҷоти буҷетӣ аз рӯи нишонаи гендерӣ қайд карда шудааст.

**Категорияи А.** Хароҷоте, ки ба гурӯҳҳои мушаххаси занҳо ва мардҳо (барои даъват ба сафи артиш, пардохти рухсатӣ аз рӯи ҳомиладорӣ ва таваллуд ва ғ.) равона шудаанд, инчунин (ин саҳми мост дар назарияи масъалаи мазкур) маблағгузориҳои мустақим буҷет баҳри дастгирии ташкилотҳои занона ва ташаббусҳои иҷтимоии онҳо.

**Категорияи Б.** Хароҷоте, ки ба фароҳам овардани имкониятҳои баробар дар бахши ҷамъиятӣ марбут мебошанд: барномаҳои вобаста ба шуғл барои занҳои бекор; имтиёзҳо барои такмили ихтисоси занҳои дорои кӯдакони хурдсол; барномаҳо оид ба таълимоти менеҷмент; барномаҳо барои занҳои соҳибкор; равнақ додани муассисаҳои дастраси томактабӣ ва дигар шаклҳои дастгирии оилаҳо дар тарбияи кӯдакон; имтиёзҳои андозӣ барои корхонаҳои соҳаи маишӣ, ки меҳнати хонаро сабук менамоянд ва ғ.

**Категорияи В.** Самтҳои гендерӣ-бетарафонаи буҷетӣ, ки дорои оқибатҳои воқеан мухталифи иҷтимоианд барои занҳо ва мардҳо (пулҷудокунӣ барои маблағгузории функсияҳои гуногуни давлатӣ, танзими музди меҳнат дар бахши давлатӣ, кӯмакҳои иҷтимоии давлатӣ ва суғурта, нафақа ва кӯмакпулиҳо, меъёрҳои камтарини иҷтимоии давлатӣ доир ба хизматрасониҳо, пулҷудокуниҳо ба маориф ва тандурустӣ, имтиёзҳои, ҷубронпулиҳо ва ғ.).

Хароҷоти давлатии аз рӯи гендерӣ ба категорияҳо ҷудокардашударо метавон дар аксар маводҳои СММ, ЮНИФЕМ, ЕЭС ва коршиносони онҳо вохӯрд.

Дар Тоҷикистон, бо дастгирии созмонҳои байналмилалии СММ Занҳо ва САҲА як қатор чорабиниҳои омӯзишӣ-иттилоотӣ ва ташаббусҳо вобаста ба тадбиқи Нақшаи чорабиниҳо доир ба истифодаи ҷанбаҳои гендерӣ дар буҷети Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ дар соли 2013 баргузо гардиданд.

Марҳилаҳои ворид намудани буҷети гендерӣ дар таҷрибаи идоракунӣ ба андӯхтани донишҳо марбут ба ташаккулёбии низоми буҷетӣ ва усулҳои гендерӣ иртибот доранд. Бо вуҷуди ин, сиёсати давлатиро дар ин масоил дарк кардан лозим аст. Дар бораи инҳо, бо ин ё он восита дар паёмҳои Президенти ҶТ, Қонунҳои ҳарсола оид ба буҷет, ки бо буҷети

қонунҳо пайванданд (доир ба андозҳо, тарофаҳои суғуртавӣ, ҳадди аққали музди меҳнат, баландбардории музди меҳнати зизматчиёни давлатӣ, ҳарбиён, табибон, муаллимон ва дигар ашхоси аз ҳисоби буҷет пардохтшаванда), нақшаҳои гуногуни кории Ҳукумат, Созишномаи сеҷонибаи ҳукумат, корфармоён ва иттифоққҳои касаба гуфта мегузаранд.

Марҳилаҳои асосии ташаккулёбии буҷети гендерӣ ҳангоми ба нақшагирии он аз инҳо иборатанд:

1. Азхудкунии заминаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии низоми буҷети давлат, принсипҳои умумии амалигардии буҷет. Ин - марҳилаи аввалин, бе омӯхтани он ба пеш ҳаракат кардан бемантиқ мебошад: модели номгиршудаи буҷети гендерӣ зернизоми махсуси ҳадафнокеро мемонад, ки таҳти низоми умумии хароҷоти давлатӣ амал менамояд.

Аз ин ҷо, суботкорона тавсия мегардад, ки дар марҳилаи аввал Кодекси буҷети давлат, ки тарҳрезии буҷетро ба танзим медарорад, ва қонунҳои ҳарсола дар бораи буҷети давлатӣ муфассалан мавриди омӯхта шаванд. Бояд қонунгузорӣ оид ба чорабиниҳои ҳамроҳкунанда вобаста ба даромадҳо, андозҳо ва ӯҳдадориҳои давлатро донист.

2. Тасвияи вазифаҳо. Дар ин марҳила, чизи муҳим ин тадбиқи таҳлили гендерӣ баҳри баҳогузории оқибатҳои сиёсати буҷети давлатӣ барои гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ бо назардошти хусусияти гендерӣ (мардҳо ва занҳои синни қобили меҳнат, мардону занони нафақахӯр, мардону занони дорои ӯҳдадориҳои оилавӣ) мегардад. Дар Тоҷикистони имрӯза, ислоҳоти зиёд (маъмурӣ, иҷтимоӣ, муносибатҳои байнибуҷетӣ, андоз, замин, ҳарбӣ, маориф, тандурустӣ, манзилӣ, суғуртавӣ, нафақавӣ, кӯмаки иҷтимоӣ) шуда истодаанд, ки масъалаи оқибатҳои иҷтимоии (гендерӣ) онҳо ва суоли он ки кӣ аз аҳолӣ барои нархи табдилёфтаи зиёдшуда пардохт мекунал бояд мавриди таҳлилу таҳқиқи қарор дода шавад. Бе чуну чаро, инҳо мешаванд: занҳо бо кӯдакон аз оилаҳои маошашон буҷетӣ, зиёиён - табибон, муаллимон, кормандони музейҳо ва ғайраҳо. Дар сатҳи минтақаҳо марҳилаи мазкури кор бо таҳлили проблемаҳои умумии иҷтимоӣ (гендерӣ) дар ҳамҷоягӣ бо қонуну таҷрибаҳои барои минтақаи мазкур хос алоқаманд мебошад. Дар ин самт, таваҷҷӯҳи хосаро омӯхтани мавқеи ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия, барномаҳои маҳаллӣ, ваъдаҳои пеш аз интихобот додаи фаъол ва таҳияшавандаи номзадон, сиёсати воқеии вакилон тақозо менамояд.

3. Ҷамъоварии маълумот. Интихоб ва таҳлили ҳуҷҷатҳо (вобаста ба буҷет, андоз, кодекси меҳнат, қонунгузории иҷтимоӣ, қонунҳо дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва ғ.) дар ҷараён аст. Дар ин ҷо чизи махсусан муҳим ин воқифнокӣ дар бораи лоиҳаҳои буҷетҳо мебошад, бахусус вобаста ба сатҳи минтақавӣ, дар бораи ҳисоботҳо оид ба иҷроиши онҳо, дар бораи тасдиқи буҷетҳо. Дар таркиби иттилооти ҳуқуқии зарурӣ пеш аз ҳама, кодексҳои Буҷет, Андоз, Меҳнат, қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуққҳои иҷтимоӣ ва кафолати аҳолиро номбар мекунем. Бар замми он, қонунҳо дар соҳаи идоракунии иқтисодӣ, ки метавонанд ба сатҳи зиндагӣ, қонунгузории байналмилалӣ (конвенсияҳои СММ, ТБМ, санадҳои Созишномаи Шанхай ва ғ.), гузоришҳои СММ, ТБМ, ИА, маводҳои хориҷӣ доир ба проблемаҳои гендерӣ ва дигарон таъсири худро расонанд. Боз як блоки иттилоотӣ - ҳисобот ва гузоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар созмонҳои байналмилалӣ.

4. Гузаронидани таҳлил ва ташхиси иҷтимоӣ (гендерӣ)-и қарорҳои идоракунӣ. Дар чунин ҳолат, бояд ҳамеша талаботҳои интихобшудаи таҳлил, қайди категорияҳои шаҳрвандон аз рӯи сифати гендерӣ-иқтисодӣ (соҳибмулкон, соҳибкорон, корфармоён, кормандони кироя, худмашғулшудагон), аз рӯи гендерӣ-иҷтимоӣ (сарватмандон, камбағалон, синфи миёна, муҳоҷирон, нафарони зидди меъёрҳои умумиҷамъиятӣ), гендерӣ-касбӣ (хизматчиён, роҳбарон, иҷрокунандагони техникӣ, коргарон), гендерӣ-демографӣ (занҳо, мардҳо, калонсолон, кӯдакон, сиҳатмандон, касалмандон) риоя карда

шавад. Барои чунин тарзи таҳлил баррасии на танҳо санадҳои меъёрӣ, балки барномаҳои иҷтимоӣ ва хазинаҳои махсусгардонидашуда низ амри зарурӣ дониста мешавад.

**5.** Пешниҳоди тавсияҳо, асоснок намудани барномаҳо. Мутобиқи таҳлили гузарондашуда хулоса дар бораи тақсимоти дуруст ё нодурусти захираҳо (молиявӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ) бо назардошти сифати гендерӣ дода мешавад. Таҳлили сарчашмаҳои молиявӣ дар мадди аввал меистад. Он нишон медиҳад, ки чӣ қадар маблағ баҳри ислоҳоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба нафъи ин ё он ҷинс ҷудо мешавад, кадом категорияи гендерии аҳолӣ (модарони танҳо, бевазанҳо/занмурдагон, нафарони дорои ӯҳдадориҳои оилавӣ, мардону занони нафақахӯр ва ғ.) ҳангоми пиёда сохтани барномаҳои алоҳидаи иҷтимоӣ чӣ қадар маблағ мегиранд.

**1. Саволҳо барои машғулиятҳои амалӣ:**

1. Дар ҳолати маҳдуд будани маблағҳо барои зиндагӣ падару модарон ҷиҳати гирифтани маълумот ба кӣ (писарон /духтарон) бартарӣ медиҳанд?
2. Оё тавозуни гендерӣ ҳангоми муқаррар намудани нишондиҳандаи солимии репродуктивӣ ҳамчун унсури Шохиси нобаробарии гендерӣ ба назар гирифта шудааст? Дар бозори меҳнат чӣ гуна шароит барои ҷудокунии гендерӣ ва омилҳои таъсиркунандаи он ба иқтисоди кишвар мавҷуд ҳастанд?
3. Ҳиссаи иштироки занҳо дар ҷараёни қабули қарорҳо ва аз тарафи онҳо ишғол намудани вазифаҳои роҳбарикунанда чӣ гуна мебошад?
4. Ба ҳолати бартаридиҳии Соҳибкори инфиродӣ ҳангоми ба кор гирифтани корманди ихтисосманд (мард /зан) баҳогузорӣ намоед.

**2. Саволҳо ва тестҳои санҷишӣ:**

1. Оқибатҳои нохуби таъсири нобаробарии гендерӣ ба рушди инсонӣ кадомҳоянд?
2. Хусусиятҳои асосии ба даст овардани баробарии гендериро номбар кунед?
3. Дар бораи проблемаҳои гендерӣ дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақл кунед?
4. Тафовути гендерӣ дар давомнокии пешбинишудаи умр ва солимӣ чиро ифода менамояд?
5. Чӣ гуна ҳолатҳои нобаробарии гендерӣ дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ вуҷуд доранд?
5. Нишондиҳандаҳои асосии ченкунии нобаробарии гендериро номбар кунед?
7. Кадом намуди нишондиҳандаҳо баҳри ченкунии солимии репродуктивӣ истифода карда мешаванд?
8. Васеъ намудани ҳуқуқҳо ва имкониятҳо ба воситаи кадом нишондиҳандаҳо чен карда мешаванд?

**3. Мавзӯҳои рефератҳо, презентатсияҳо:**

2. Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола дар бораи нобаробарии гендерӣа (ҳадафи 3): баҳогузорӣ намудани дараҷаи ноилшавии Тоҷикистон ба ин ҳадаф то соли 2015...
3. Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола дар соҳаи тандурустӣ (ҳадафҳои 4,5 ва 6): баҳогузорӣ намудани дараҷаи ноилшавии Тоҷикистон ба ин ҳадафҳо то соли 2015.
4. Нобаробари гендерӣ дар бозори меҳнати Тоҷикистон ва таъсирҳои нобаробарӣ ба рушди иқтисодии кишвар.
5. Иштироки занҳо дар қабул намудани қарорҳо дар тамоми зинаҳо – оила, маҳалла, маҷлисҳои маҳаллӣ, мақомоти маҳаллӣ ва миллии давлатӣ, парлумон: тамоюл ва коррелятсия миёни зинаҳо.
6. Таъсири зӯроварии хонагӣ ба имкониятҳои васеъ намудани салоҳияти занҳо ва таҳкими иқтидори инсонӣ.

4. **Рӯйхати адабиётҳои ҳатмии тавсияшаванда:**

1. Ҳисобот оид ба рушди инсонӣ. Боигарии ҳақиқии халқиятҳо: роҳҳо бахри рушди инсон. /БРСММ. – 2010.
2. Рушди инсонӣ чӣ гуна чен карда мешавад /Дастури таълими. – Барномаи Рушди СММ. Шӯъба оид ба омодасозии Ҳисобот оид ба рушд иинсонӣ, 2007. http://hdr.undp.org/nhdr/support/primer
3. Вазъи занон ва кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Таҳлили муқоисавии натиҷаҳои МИКС барои соли 2000 ва МИКС барои соли 2005, ЮНИСЕФ, июни соли 2008.
4. Тадқиқоти тиббӣ-демографии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, measure DHS ICF International, 2012

**5. Рӯйхати адабиётҳои иловагии тавсияшаванда:**

2. Ҳисобот оид ба рушди инсонӣ. Баландшавии Ҷануб: пешравии башарӣ дар ҷаҳони гуногуншакл. /БРСММ. – 2013.
3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015.
4. Ҳисоботи «Арзёбии эҳтиёҷоти ҲРҲ барои Тоҷикистон», БРСММ, Тоҷикистон, 2005.
5. Санади Бонки Ҷаҳонӣ «Ҷумхурии Тоҷикистон. Арзёбии паҳлӯҳои камбизоатӣ» /Ҳисобот, октябри соли 2009.
6. Таҳқиқи Қувваи Корӣ /Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Ҷаҳонӣ. – 2009 г.

## Мавзӯи 14. Ҷиҳатҳои экологии Рушди Инсонӣ.

**14.1. Ҷиҳатҳои экологии устуворӣ.**
**14.2. Шохисҳои экологӣ.**
**14.3. Олатҳо ва усулҳои имконпазир барои таъмини суботи экологӣ.**
**14.4. Тағйири иқлим ва мутобиқшавӣ ба оқибатҳои он дар Тоҷикистон.**

**14.1. Ҷиҳатҳои экологии устуворӣ.** Рушди аз нигоҳи экологӣ устувор, дар маҷмӯъ, тавре зиндагӣ карданро баён мекунад, ки кӯдакони мо ва насли оянда дар ин сайёра ҳамон имкониятҳоеро дарёфт кунанд, ки мо дарёфт кардаем. Бинобар ин, ба мо лозим аст, ки аз нуқтаи назари иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ тарзи муносиби ҳаётро дошта бошем.

Яке аз самтҳои асосии сиёсати экологӣ ҳалли мушкилоти муҳити зист ва гузариш ба рушди устувор дар натиҷаи тағйироти куллии ҷаҳонбинӣ ва низоми арзишҳои ҷамъиятӣ, ва инчунин тасаввурот дар бораи ҳамаҷонибагии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз дидгоҳи муносибатҳо дар доираи ҷузъи экологӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ мебошад. Ин масъаларо тавассути ташкили самараноки таълим ва тарбияи экологии ҳамагонии бефосила дар ҳама сатҳҳои фаъолияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҳал намудан мумкин аст.

Ҳисоботҳои аввалин дар бораи рушди инсонӣ таваҷҷӯҳро ба хатарҳои ба муҳити атроф таҳдидкунанда, аз ҷумла ба бӯҳрони оби умумиҷаҳонӣ ва тағйирёбии иқлим, ҷалб намуданд. Аллакай дар ГРИ қайл карда шуда буд, ки муҳити зисти бехатар – «об, ғизо ва ҳавои тоза» – ҷузъҳои озодии инсон мебошанд. Дар Ҳисоботи Рушди Инсон соли 1994 бехатарии муҳити зист баррасӣ карда шуда, дар ҲРИ соли 1998 бошад беадолатии марбут бо инқирози экологӣ – боронҳои кислотагӣ, харобшавии қабати озон ва тағйирёбии иқлим – таъкид ёфтааст, ки аз он беш аз ҳама мардуми камбизоат азият мекашанд.

ҲРИ соли 2007 маҷмӯи василаҳои консепсияи рушди инсониро рӯи кор гирифт, то ки хисорот аз тағйирёбии иқлим, аз ҷумла домҳои камбизоатии байни наслҳо, ки сабабгорашон изтиробҳои иқлимӣ мебошанд ва инчунин падидаи “апартеиди мутобиқшвӣ”-ро нишон диҳад. Ин аввалин гузориши калонҳаҷм дар бораи рушд буд, ки

дар он оқибатҳои афзоиши ҳарорат дар тамоми ҷаҳон мавриди омӯзиш қарор гирифтанд, ки дар шакли обшавии яххҳои арктикӣ, тағйирёбии модели боришоти маҳаллӣ, баланд шудани сатҳи баҳрҳо ва мутобиқшавии маҷбурии гурӯҳҳои осебпазиртарини курраи Замин тазоҳур карданд. Ҳоло одамон дар сартосари олам гармшавии умумиҷаҳониро ҳамчун хатари ҷиддӣ ба некӯаҳволии худ меҳисобанд. Акнун ба таври васеъ эътироф шудааст, ки сайёра бо яке аз таҳдидҳои ҷиддитарин дар таърихи худ рӯбарӯ шудааст – яъне бо таҳдиди тағйирёбии антропогении иқлим бо пайомадҳои фалокатбори эҳтимолӣ, ки дар соли 1990 ҳанӯз пешгӯӣ карда намешуданд. ҲРИ-ҳои сершумор, дар баробари дигар гузоришҳои калонҳаҷм, дар тағйир додани сиёсат дар бисёр соҳаҳо и ва эътироф крада шудани аҳамияти масъалаҳои муҳити зист ва устуворӣ, аз ҷумла масъалаи тағйирёбии иқлим, саҳм гузоштанд.

Баъзеҳо ҷонибдори ченкунии фарогири устуворӣ ҳастанд, ки он ба ҳисоб гирифтани онро дар назар дорад, ки оё иқтисодиёт муҳити табиӣ ва захираҳои моддиро хароб мекунад. Дигарон бошанд, чунин мешуморанд, ки устувории экологӣ бояд аз дигар намудҳои устуворӣ ҷудо баррасӣ карда шавад. Дар сатҳи баландтари фалсафӣ бошад, одамон наметавонанд ба мувофиқа оянд, ки оё ҷамъшавии арзишҳои моддӣ инқирози муҳити атрофро ҷуброн мекунад ё на.

Индикаторҳои мавҷудбуда ҷабҳаҳои мухталифро дарбар мегиранд. Нишондиҳандаи пасандозҳои софи ислоҳшудаи Бонки умумиҷаҳонӣ ба ченкунаки маҷмӯии сармоя асос ёфтааст, ки ҳамаи намудҳои дороиҳоро ба ҳам меорад ва ба ҳамин тариқ дар назар дорад, ки мо метавонем баъзеи онҳоро бо дигарҳояшон иваз кунем. Изҳои экологӣ ва карбонӣ, ки онҳоро ташкилотиъ Global Footprint Network меомӯзад, ва шохиси устувории экологӣ, ки ба омӯзиши он донишгоҳи Йел машғул аст, танҳо ба муҳити атроф нигаронида шудаанд.

Бо вуҷуди ин, ин нишондиҳандаҳои алтернативӣ нишон медиҳанд, ки бо гузашти вақт устувории ҷаҳон коҳиш ёфтааст. Пасандози соф бо назардошти ислоҳ дар асоси иттилооти ҷаҳонӣ тақрибан ду маротиба кам шуда, аз 11% даромади умумии миллӣ (ДУМ) дар соли1970 то сатҳи  камтар аз 5% дар соли 2008 расидааст; дар худи ҳамон давра партови гази оксиди карбон зиёда аз ду маротиба афзужааст.

Дар заминаи ин тамоюлоти глобалӣ тафарруқи фарогири минтақавӣ қарор дорад, гарчанде ки манзара вобаста аз индикатори истифодашаванда тағйир меёбад.

Ин вазъият мушкилоти азимеро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ комилан зарур аст, ки кишварҳои дорои ИРЗИ-и паст ба сатҳи баланди даромадҳо ноил шаванд – аммо, тавре ки мо дар дигар соҳаҳо итминон ҳосил кардем, паҳншавии ғояҳои нав ва навовариҳои техникӣ барои ба “рушди сабз” ноил шудани кишварҳо аҳамияти калидӣ дорад.

Оқибатҳои истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ ноустувор аллакай ба чашми оддӣ аён ҳастанд.

Осебпазирии бештар дар пешорӯи ингуна таҳрикҳо, аз қабили хушксолӣ, обхезиҳо ва стресси экологӣ, монеаи ҷиддитарин дар роҳи амалӣ шудани орзуву омоли одамон аст. Натиҷаҳои дилсардкунандаи гуфтушунидҳои охирини байналмилалӣ таассуротеро ба вҷуҷуд меоранд, ки зарурияти садоқати бештари ҳамаи кишварҳо дар самти ҳифзи табиат ба миён омадааст, то ин ки мо ба таҳдиди ҷиддитарин дар таърихи ҷаҳон муқобилият карда тавонем. Ба ҳайси хулоса, бояд қайд намоем, ки бо гузашти ду даҳсола аз вақти нашри ГРИ-и аввалин, аломатҳои пешрафт дар самти усутвортар кардани ҷаҳон ё муҳофизати самараноки одамони осебпазир аз таконҳо он қадар зиёд ба назар намерасанд.

Оқибатҳои бӯҳрони молиявии бузургтарини даҳсола шояд ҳоло ҳам эҳсос шаванд ва вазъи то ҳол мавҷудаи такя ба намудҳои сӯзишвории канданӣ боиси таҳдиди расонидани

хисороти бебозгашт ба муҳити атроф ва рушди зарфияти инсонии наслҳои оянда мегардад. Ингуна ҳолат саволҳои ҷиддиро дар мавриди мувофиқати дарозмуддати амалии истеҳсолот ва истеъмоли ҷорӣ дар ҷаҳон ба миён меорад.

Масъалаи ба даст овардани устувории экологӣ ба таври органикӣ ба барномаи глобалии рушди инсонӣ дохил карда шуда, дар ҳуҷҷати «Ҳадафҳои рушди ҳазорсола», ки онро Ассамблеяи Генералии СММ дар моҳи сентябри соли 2000 қабул кардааст, инъикоси худро ёфтааст. Дар соли 2012 вазифаи мазкур ҳамчун яке аз вазифаҳои калидӣ дар Рӯзномаи рушд ва ҲРҲ пас аз соли 2015 тасдиқ шуда буд (Семинари байналмилалӣ, сентябри соли 2012, Алмаато, Қазоқистон). Тибқи маълумотҳои дастрас, дар Тоҷикистон 97 дарсади заминҳои кишоварзӣ то андозае аз эрозия хароб шудаанд. Аз харобшавӣ ба сабаби эрозия, ки боиси аз истифода баромадани чарогоҳҳо гардидааст, тақрибан 3 млн. гектар ё 85 дарсади чарогоҳҳо зарар дидаанд (Бонки осиёгии рушд, соли 2004[37]). Дар асоси арзёбиҳои таҳқиқот, ки дар соли 2011 дар чорчӯби Ташаббуси БРСММ-Барномаи СММ оид ба муҳити зист «Камбизоатӣ ва муҳити зист» гузаронида шудааст, зарари иқтисодӣ аз харобшавии заминҳо вобаста ба фоидаи истифоданашуда дар натиҷаи харобшавӣ ва корношоямӣ барои корҳои кишоварзӣ тақрибан 1 946 млн. сомонӣ (42 млн. доллари ИМА) ё 7,8 дарсади ММД-и Тоҷикистонро ташкил медиҳад (дар соли 2010). Аммо зарари воқеӣ, эҳтимол, аз ин рақам ҳам зиёд аст, зеро андозаи зарарро аз харобшавии замин берун аз қитъаи замин ба назар намегиранд, ба таври мисол, дараҷаи зарари ба инфрасохтор расонидашуда.

Дар байни ҳамаи кишварҳои узви Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) дараҷаи аз ҳама пасти ММД дар Тоҷикистон мебошад ва тақрибан 43 дарсади аҳолии деҳот бо сарфи камтар аз 2,15 доллари ИМА дар як рӯз зиндагӣ мекунанд (Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2010).

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз сифат ва миқдори заминҳои Тоҷикистон вобаста мебошад. Харобшавии заминҳо ба иқтисод зарари калон мерасонад, ки дар коҳиш ёфтани ҳосилнокии соҳаи кишоварзӣ ва/ё дар хароҷоти баланди истеҳсолот ифода гардида, барои коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ монеа эҷод мекунад.

Таҳқиқоти мазкури Ташаббуси «Камбизоатӣ ва муҳити зист» - ин кӯшиши нахустин барои нишон додани аҳамияти дарки кулли ҳаҷми зарар мебошад, ки ба ҷамъият дар робита ба истифода намудани таҷрибаҳои мавҷудаи идоракунии захираҳои замин расонида мешавад. Он барои дастгирӣ кардани саъю талошҳои оянда ҷиҳати муайян намудани фоидаҳои иқтисодӣ аз қабули вариантҳои интихобии идоракунии устувори захираҳои замин дар Тоҷикистон сафарбар шудааст[38].

Афзоиши бемайлони истеҳсолот ва истеъмол дар ҷаҳон дар тӯли 50 соли охир ба муҳити атроф таъсири беназир мерасонад:

• ҳаҷми сӯхтани намудҳои кандании сӯзишворӣ дар муқоиса бо соли 1950 тақрибан 5 маротиба афзудааст;

• истеъмоли оби нушокӣ дар муқоиса бо соли 1950 тақрибан 3 маротиба афзудааст;

• ҳаҷми истихроҷи маҳсулоти баҳрӣ чор маротиба зиёд шудааст;

• ҳаҷми чӯби барои мақсадҳои саноатӣ ва маишӣ сӯзонидашаванда аз нишондиҳандаи 25 сол пештар 40 % афзудааст;

---

[37] Дар соли 2010 масоҳати умумии заминҳои кишоварзӣ 3746000 гектарро ташкил додаст, ки аз онҳо 859500 гектар (ё 22 дарсад) масоҳати коркардшавандаро ташкил медиҳад (Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон).

[38] Таҳқиқоти хулосавии «Иқтисоди харобшавии заминҳо барои соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон», ки дар чорчӯби Ташаббуси «Камбизоатӣ ва муҳити зист», Барномаи рушди ҷамъиятҳо/БРСММ дар Тоҷикистон гузаронида шудааст.

• дар 50 соли охир партови солонаи гази оксиди карбона 4 маротиба афзудааст, ки ин сабабгори гармшавии ҷаҳонӣ гаштааст.

Агар тамоюлҳои мавҷудбуда боқӣ монанд, ҳаҷми истеъмол танҳо дар кишварҳои мутараққӣ дар ним асри оянда 4–5 маротиба афзоиш хоҳад ёфт. Дар баробари ин дар самти рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба назар гирифтани ақаллан се маҳдудияти возеҳтарини экологӣ зарур аст:

• имконоти маҳдуди муҳити атроф барои қабул кардан, фурӯ бурдан ва таҷзия кардани ҳаргуна партовҳо ва ифлосиҳое, ки системаҳои иқтисодӣ ба вуҷуд меоранд;

• инқирози захираҳои барқароршавандаи табиӣ дар натиҷаи истифодаи аз ҳад зиёд (замин, ҷангал, захираҳои моҳӣ, гуногунии биологӣ);

• хусусияти тамомшавии захираҳои барқарорнашавандаи табиӣ (канданиҳои фоиданоки гуногун, нафт, металлҳо ва ғ.).

Сарфи назар кардани ин маҳдудиятҳо ва рушди бемайлони техногении иқтисоди ҷаҳонӣ боиси пайдо шудани **мушкилотҳои иқтисодии ҷаҳонӣ** гаштааст, ки ҳар яки онҳо метавонанд ба инқирози тамаддуни инсонӣ оварда расонанд. Дар байни ин мушкилотҳо инҳоро ҷудо кардан мумкин аст: тағйирёбии ҷаҳонии иқлим, табдилёбӣ ба биёбон (аридизатсия), нестшавии ҷангалҳо, нарасидани ашёи хом, харобшавии қабати озон, боронҳои кислотагӣ, норасоии оби нушокӣ, ифлосшавии уқёнуси ҷаҳонӣ, коҳишёбии гуногунии биологӣ ва ғ. Пайомади боқӣ мондани тамоюлҳои инқирози экологии сайёра дар асри ҶҶI тағйиротҳои бебозгашт дар муҳити атроф ва биосфера хоҳанд шуд, ки ба оқибатҳои пешгӣинашаванда оварда мерасонанд ва ба мавҷудияти худи инсон ҳамчун намуд боис таҳдид хоҳанд кард.

Мушкилоти экологии умумиҷаҳонӣ бо мушкилоти рушди инсонӣ ва мушкилоти глобалии дигар зич алоқаманд буда, ба ҳамдигар таъсир мерасонанд ва пайдоиши яке аз онҳо сабабгори пайдоиш ё тунду тез шудани дигарашон мегардад. Масалан, чунин як мушкили печидатарини ҷаҳонӣ ба мисли мушкили д**емографӣ**, ки онро афзоиши таркишмонанди аҳолии сайёра ба амал овардааст, боиси зуд зиёд шудани фишор ба муҳити атроф мешавад, зеро талаботи одамон ба ғизо, энергия, манзили зист, молҳои саноатӣ ва ғайра меафзояд. Возеҳ аст, ки бе ҳал кардани мушкилоти демографӣ, бе муътадил кардани шумораи аҳолӣ пешгирӣ кардани тавсеаи равандҳои бӯҳронии экологӣ дар сайёра имкон надорад. Дар навбати худ, мушкилоти экологии мубаддалшавӣ ба биёбон, нестшавии ҷангалҳо, дар баробари инқироз ва нобудшавии заминҳои кишоварзӣ ба тезу тунд шудани **мушкили умумиҷаҳонии хӯрокворӣ** оварда мерасонанд.

Хатари таҳдиди экологии чунин як мушкилоти ҷаҳонӣ ба мисли таҳдиди **ҷанг** хеле бузург аст. Ҷанги соли 1991 дар халиҷи Форс бо сӯхторҳои нафтии азими он инро бори дигар исбот намуд.

**14.2. Шохисҳои экологӣ.** Шохисҳои экологӣ метавонанд вобаста аз мавҷудияти иттилоот ва мавзуи асосии РУИ ташаккул ёбанд. Ҷузъи экологӣ унсурҳои биосфера ва нишондиҳандаҳои заминавиро дарбар мегиранд, ки якчанд ҷабҳаҳои истифодаи захираҳои табииро муайян мекунанд.

Бо мақсади чен кардани сифати муҳити атроф, ба наздикӣ якчанд шохисҳои маҷмӯӣ таҳия карда шуданд. Гарчанде ки баъзеи онҳо бо маҳдудиятҳои возеҳ алоқаманданд, онҳо барои таҳлили таъсири муҳити атроф ба рушди инсонӣ муфиданд.

Дар ҷаҳон ба таври фаъолона кӯшишҳо ба харҷ дода мешаванд, ки шохисҳои интегралии аггрегатсияшударо ҳисоб карда бароянд, ки пеш аз ҳама ба параметрҳои экологӣ такя мекунанд. Шохиси аггрегатсияшудаи «сайёраи зинда» (ИЗС) (Living Planӯt Indӯҷ) барои баҳодиҳии вазъияти экосистемаҳои табиии сайёра дар доираи гузориши солонаи Хазинаи умумиҷаҳонии табиати ваҳшӣ (Woқld Wild Fғnd) ҳисоб карда мешавад.

Инчунин як нишондиҳандаи ба қадри кофӣ конструктивӣ бо номи “изи экологӣ” (фишор ба табиат) (ИЭ) (Thӯ Ӯcological Footpқint) таҳия карда шудааст.

Аегнтии энергетикии байналмилалӣ шохиси рушди энергетикиро (ИРЭ) таҳия кардааст, ки бори аввал дар Woқld Ӯnӯқgy Oғtlook 2004 муаррифӣ карда шуд. Усули ҳисоб кардани ин шохис ба усули муайянкунии ИРИ шабоҳат дорад.

Дар баробари ин, ин шохисро дар контексти ИРИ таҳлил кардан мумкин аст. Дар тӯли вақти зиёд ҳангоми омӯзиши рушд таваҷҷӯҳи асосӣ ба натиҷаҳои иқтисодии фаъолият дода мешуд, вале ба мушкилоти экологе, ки дар раванди рушд ба амал меомаданд, диққати бояду шояд дода намешуд. Бе ҳал кардани ин мушкилот, ки воқеан умумиҷаҳонӣ мебошанд, ноил шудан ба рушди устувор ғайриимкон аст.

Инсоният ҳудудҳои экологии рушди иқтисодиётро боз ҳам шадидтар эҳсос мекунад. Ифлосшавии об  ва ҳаво, коҳишёбии захираҳои табиӣ, нестшавии намудҳои биологӣ бо суръати афзоянда идома меёбад. Бадшавии вазъи экологӣ ба яке аз омилҳои арзишманд табдил меёбад, ки ба саломатӣ ва некӯаҳволии кишварҳо ва халқҳои гуногун таъсир мерасонад, қашшоқии аҳолӣ ва рушди нобаробари минтақаҳоро амиқтар месозад. Инқирози биосфераи сайёра аз он сабаб махсусан хатарнок аст, ки он натанҳо ба рушди наслҳои муосир балки ба наслҳои оянда низ таъсир мерасонад ва дар баробари ин пешгӯӣ кардани оқибатҳои ингуна таъсирот аз бисёр ҷиҳатҳо номумкин аст.

Дар айни замон, дар сатҳи байналмилалӣ эътироф карда мешавад, ки  захираҳои эколгӣ захираҳои умумиҷаҳонӣ мебошанд, ки барои онҳо «истисно нашудан ва рақобатпазир набудан барои тамоми инсоният, ҳамаи кишварҳо ва наслҳо» хос аст. Ҳамаи кишварҳо аз ин захираҳои глобалӣ ба таври баробар истифода мебаранд ва ҳама барои истифода ғайриоқилонаи он масъул ҳастанд.

Дар айни змон ҳамоҳангсозӣ дар имкёси байналмилалӣ зарур аст. Ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд механизмҳои махсусеро барои пешгирӣ ва хунсо сохтани оқибатҳои манфии таъсирот ба экология созмон диҳад. Дар айни замон бо дастгирии СММ ва Бонки умумиҷаҳонӣ Хазинаи ҷаҳонии экологӣ созмон дода шудааст, ки он сохтори бузургтарини байналмилалӣ буда, ҳалли мушкилоти экологиии ҷаҳониро маблағгузорӣ мекунад: дар соҳаи тағйирёбии иқлим, нигоҳдории гуногунии биологӣ, ҳифзи обҳои байналмилалӣ ва нигоҳдории қабати озон.

Оқибатҳои бадшавии экология пеш аз ҳама дар шароити зисти аҳолии камбизоат зоҳир мешаванд. Аксарияти кулли ҳолатҳои фавт аз ифлосшавии ҳаво дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ба қайд гирифта шудаанд. Аҳолии ин кишварҳо бештар аз инқирози хок, офатҳои табиӣ, камҳосилӣ зиён мебинанд. Ва ин ҳама дар сурате ба амал меояд, ки қисми зиёди партовҳо дар натиҷаи фаъолияти кишварҳои мутараққӣ ба амал меоянд.

Аммо, маҷмӯи мушкилоти экологие вуҷуд дорад, ки бо амиқтар шудани қашшоқии аҳолӣ марбут мебошанд. Дар натиҷаи қашшоқшавӣ ва набудани имкониятҳои интихоб, одамон боз ҳам бештар ба экосистемаҳои мавҷудбуда таъсир расонда, онҳоро вайрон мекунанд. Ин дар набати худ ба боз ҳам бештар қашшоқ шудани аҳолӣ сабабгор мешавад. Ҳамин тариқ, қашшоқӣ ва хисороти экологӣ ба ҷузъҳои доираи сарбаста мубаддал мешаванд: инқирози захираҳои экологӣ дар солҳои қаблӣ имрӯзҳо қашшоқиро ба вуҷуд меорад, ва ин қашшоқӣ бошад, ба барқароршавии захираҳо хала мерасонад ва боиси хароб

шудани онҳо мегардад. Аз рӯи баҳодиҳии СММ, зиёда аз 500 млн. одамон ҳоло дар заминҳое зиндагӣ мекунанд, ки дар натиҷаи истифода амалан пурра хароб шудаанд.

*Ифлосшавӣ ва сироятёбии об* мушкили умумиҷаҳонӣ аст, вале он дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ оқибатҳои бениҳоят ҷиддитар дорад. Дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ зиёда аз 1,3 млрд. одамон (29% аҳолӣ) ба оби бехатар ва 2,5 млрд. одамон (58% аҳолӣ) ба шароити санитарии оддӣ дастрасӣ надоранд.

*Ифлосшавии ҳаво* бо партовҳои саноатӣ, дуди газҳои хориҷшавандаи автомобилҳо ва маҳсулоти сӯзишворӣ боиси бад шудани вазъи саломатии аҳолӣ, коҳиш ёфтани дарозии умри одамон мегардад. Ҳамасола дар ҷаҳон аз ифлосшавии ҳаво зиёда аз 2.7 миллион одамон мефавтанд. Бемориҳое асосие, ки дар натиҷаи ифлосшавии ҳаво пайдо мешаванд, бемориҳои роҳи нафас, дилу роҳҳои хунгард, шуш ва саратон мебошанд.

*Ҳаҷми партовҳои маишӣ ва саноатӣ* дар тамоми ҷаҳон ба афзоиши худ идома медиҳад. Бо баланд шудани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ таркиби партовҳо тағйир меёбад: вазни хоси партовҳои органикии худ аз худ таҷзияшаванда паст мешавад ва вазни хоси маводи синтетикӣ, ки таҷзия намешаванд ё дар вақти тӯлонӣ таҷзия мешаванд меафзоянд.

Ба зумраи мушкилоти ҷиддии экологии сайёра он мушкилоте дохил мешаванд, ки оқибатҳои онҳо дар давоми давраҳои тӯлонии вақт зоҳир мегардаднд. Ба ингуна мушкилот *инқирози заминҳо ва мубаддалшавӣ ба биёбон* мансубанд.

Инқирози заминҳо ба ҳайти инсон таъсири сахт мерасонад: миқдори замини киштбоб ба сари аҳолӣ кам мешавад, одамон ба гурезагони экологӣ табдил меёбанд.

*Нестшавии ҷангалҳо* ба одамон зиёни назаррас мерасонад. Ҷангалҳо ҳамеша яке аз муҳимтарин манбаи маводи ғизоӣ, хӯроки чорво, сӯзишворӣ, наххои техникӣ, чӯб ва ғайра буданд. Ҷангалҳо пеши обхезиҳо, эрозияи хокро мегиранд, дар минтақаҳо ва умуман дар сайёра иқлими оптималиро ба вуҷуд меоранд. Буридани ҷангалҳо ба инқирози хок, аз байн рафтани захираҳои об ва гуногунии билогии ҳудудҳо оварда мерасонад. Одамон аз манфиатҳои азими бо ҷангалҳо алоқаманд маҳрум мешаванд.

Мушкили аз байн рафтани *гуногунии биологии* сайёра бо буридани ҷангалҳо, инқирози хок ва ифлосшавии об ва ҳаво иртиботи зич дорад. Гуногунии биологӣ дорои аҳамияти истиноӣ дар нигоҳ дошатни имконоти таъмини хуроквории аҳолӣ мебошад. Танҳо доруҳое, ки бо истифода аз намудҳои гуногуни растаниҳо ва ҳайвонот истеҳсол мешаванд дар як сол маблағи 100 млрд. долл. ИМА-ро ташкил мекунанд. Барои ҳолии камбизоаттарини ҷаҳон гуногунии биологӣ манбаи асосии хурока мебошад. Тақрибан 3 млрд. одамон ба сифати воситаҳои табобатӣ аз доруввориҳои маъмулии табиӣ истифода мекунанд.

Мушкилоти экологии дорои характери глобалӣ махсусан ҷудо шуда меистанд. Ба зумраи онҳо дохил мешаванд:

– *Гармшавии ҷаҳонӣ*, ки сабагори вайрон шудани мувозинати иқлимӣ, зери об мондани баъзе минтақаҳо ва хушкшавии минтақаҳои дигар мегардад. Дар натиҷаи гармшавии ҷаҳонӣ ҳосилнокӣ паст шуда, боиси боз ҳам амиқтар шудани қашшоқӣ мешавад;

– *Харобшавии қабати озон* боиси ба атмосфераи Замин ворид шудани нурпошии ултрабунафш мегардад. Нурпошии ултрабунафш сабагори асосии саратони пӯст буда, системаи масъуниятро тазъиқ медиҳад ва ба паҳншавии ҳуҷайраҳои саратон мусоидат менамояд. Ғайр аз он, нурпошии ултрабунафш сабагори касалии катаракта аст, ки аз он ҳар сол17 миллион одамон  нобино мешаванд;

– *Боронҳои кислотагӣ* воқеан як мушкилоти умумҷаҳонианд, пзеро ҳавои атмосфера бемамониат аз сарҳадҳои миллӣ мегузарад. Сатҳи таҳшинҳои сулфурдор дар 60% ҷангалҳои Аврупо ба қимати критикии худ расидааст;

– *Сӯхтори ҷангалҳо* ва ғайра.

Дар солҳои охир, ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳарчӣ бештар ба созмон додан ва тавсеаи ба истилоҳ ҷойҳои кории "сабз", яъне ҷойҳои корие ки шуғл дар онҳо ба муҳити атроф таъсири мусбӣ мерасонад.

Баъзе муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки маҳз "иқтисодиёти сабз" қувваи пешбарандаи рушди иқтисодии асри ҶҶI хоҳад буд.

Ташаббуси иқтисоди сабз се зербино дорад:

– Баҳодиҳӣ ва ба мавқеи аввал баровардани аҳамияти захираҳои табиӣ;

– Таъмин намудани шуғли аҳолӣ аз ҳисоби созмон додани ҷойҳои кории сабз ва таҳияи сиёсати мувофиқ;

– Истифодаи механизмҳои мувофиқ ва аломатҳои конъюнктураи бозор, ки ба гузариш ба "иқтисодиёти сабз" мусоидат мекунанд.

Бухрони ҷаҳонии молиявӣ ноустувории системаи молиявию иқтисодиро ба таври равшан нишон дода, дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ вазифаи ҷиддӣ барои ҷустҷӯ намудани модели интихобии ба даст овардани рушди иқтисодиро бо дарназардошти омилҳои амнияти экологӣ гузоштааст.

Консепсияи «Рушди сабз», ки бори аввал дар соли 2005 дар шаҳри Сеул дар панҷумин Конференсияи Вазирони ҳифзи муҳити зисти минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором муаррифӣ карда шудааст, яке аз рӯйкардҳое мебошад, ки баробарии рушди экологию иқтисодиро таъмин менамояд. Он ба истифодаи чаҳор принсип асос меёбад:

- ***принсипи самаранокии экологӣ,*** ки ба ҳадди аксар расонидани хосиятҳои муфиди маҳсулот ва хидматрасонӣ ҳангоми ҳамзамон ба ҳадди ақал расонидани таъсир ба муҳити зист дар тӯли тамоми доираи ҳаёти махсулот пешбинӣ шудааст;
- ***принсипи ҳифзи захираҳо,*** қарорҳои идоракунии қабулшударо бо дарназардошти зарурати ҳифзи захираҳои табиӣ дар назар дорад;
- ***принсипи ягонагӣ,*** мувофиқати амалҳои ҳамаи субъектҳои иқтисоди миллиро дар назар дорад, ки дар раванди рушд иштирок мекунанд;
- ***принсипи байнисоҳавӣ будан*** ҷалб шудани намояндагони бахшҳои мухталифи ҷомеаро дар раванди қабули қарорҳо ифода мекунад.

Истифодаи принсипҳои номбурда барои хулоса баровардани он имконият медиҳанд, ки «Рушди сабз» ба сифати марҳалаи аввали гузариш ба рушди устувор ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ хидмат мекунад.

Тибқи Консепсияи «Рушди сабз» принсипҳои зикршуда дар раванди барномарезии стратегии рушди иқтисоди кишвар тавассути механизмҳои зерин ҳамоҳанг мешаванд:

- ислоҳоти системаҳои муносибатҳои буҷетӣ тавассути ҷорӣ намудани андозҳои экологӣ;
- ҷорӣ намудани моделҳои истеҳсол ва истеъмоли устувор;
- рушди «тиҷорати сабз»;
- ташкил намудани инфрасохторҳои устувор.

Вазифаи асосии ҷорӣ намудани андозҳои экологӣ – ин азнавтақсимкунии бори (вазнинии) андоз аз фаъолияти муҳими иҷтимоӣ (ба таври мисол, шуғли аҳолӣ) ба фаъолияте, ки ба муҳити зист зарар мерасонад. Ғайр аз ин, азнавтақсимкунии маблағҳои буҷетӣ барои зиёд намудани сармоягузориҳо дар рушди намудҳои фаъолияти аз нигоҳи экологӣ бехатар, ба таври мисол, дар беҳтар намудани инфрасохтори нақлиётӣ ва рушди

наклиёти ҷамъиятӣ барои коҳиш додани сатҳи ифлосшавии ҳавзаи ҳавоии шаҳрҳои калон ҳамчунин яке аз иқдомот ҷиҳати ислоҳоти системаи андоз мебошад. Ҳадаф на дар зиёд намудани бори андоз, балки дар қабул кардани иқдомоти муассир ва амалкунандаи ҳифзи муҳити зист ва муҳофизати сармояи табиӣ барои наслҳои оянда мебошад.

Механизми дигари ҷорӣ намудани принсипҳои «рушди сабз» - ин ташкил кардани моделҳои истеҳсол ва истеъмоли устувор мебошад. Тавре маълум аст, методҳои истеҳсол ва истеъмол муҳаррикҳои асосии ҳар навъ иқтисод мебошанд ва воқеан сифати рушди иқтисодиро муайян мекунанд. Таҳия намудани чорчӯб ва стандартҳои танзимкунанда ва баланд бардоштани арзиши ашёи хом мумкин аст боиси ҳавасмандии истеҳсолкунандагон дар раванди истеҳсолоти нисбатан тоза ва аз нигоҳи экологӣ устувор гарданд.

Ин самти «рушди сабз» чунин абзорҳоро дар бар мегирад, ба монанди: харидориҳои давлатии аз нигоҳи экологӣ тоза; арзёбии давраи ҳаёти маҳсулот ва идоракунӣ, ки ба талабот бо дарназардошти тамоюлоти истеъмоли устувор асос ёфтааст; ҳавасманд кардани тарзи устувори истифодаи захираҳо ва баланд бардоштани сатҳи ҳавасмандӣ ба истеҳсолоти тоза тавассути истифодаи такрорӣ ва истифодаи партовҳо.

Бо ин механизми «рушди сабз» рушди «тиҷорати сабз» сахт алоқаманд мебошад, ки ба истифодаи устувори захираҳои табиии аз нав барқароршаванда, истеҳсоли маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тоза ва истифодаи технологияҳои кампартов ва сарфакунандаи захираҳо равона шудааст. Ҳамчун қоида, ширкатҳои татбиқкунандаи сиёсати «тиҷорати сабз» дар бозорҳои ҷаҳонӣ обрӯю мартабаи мусбат доранд, маҳсулоти онҳо бо сатҳи баланди навоварона будан фарқ мекунанд ва ҳамзамон рақобатпазир мебошанд.

Ҳамчунин шаклҳои мухталифи шарикиҳои давлатӣ-хусусӣ, аз ҷумла шарикии экологӣ ба рушди тиҷорати сабз мусоидат мекунанд, ки дар ҳоли ҳозир бо суръат рушд менамоянд ва дастгирии институтҳои хусусӣ ва ҷамъиятиро ба монандаи бонкҳо, ширкатҳои суғурта ва ғайра дарёфт мекунанд. Ташаббуси мазкури ҳукуматҳо дар байни аҳолӣ низ дастгирӣ меёбад, зеро он на танҳо барои коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ, балки барои ҳифзи муҳити зист мусоидат мекунад.

Рушди «тиҷорати сабз» тавассути пешниҳод намудани имтиёзҳои андоз, сабук кардани монеаҳои маъмурӣ барои ҳавасманд кардани соҳибкорон ҷиҳати дар истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияҳои аз нигоҳи экологӣ тоза ва истеҳсол маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ бехатар ба даст оварда мешавад.

Амалан ҳамаи созмонҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла ширкатҳои давлатӣ дар татбиқи сиёсати «тиҷорати сабз» бо мушкилоти ба ҳам монанд рӯбарӯ мешаванд, ки мумкин аст ба таври зер пешниҳод карда шаванд:

- тақсим кардани сармоя байни ба даст овардани фоидаи кӯтоҳмуддат ва сармоягузориҳои дарозмуддат дар рушд;
- тасаввуроти нодурусти соҳибкорон, аз ҷумла дорандагони саҳмияҳо ва идоракунандагон, ки «стратегияҳои сабз» муҳим мебошанд, аммо на барои наслҳои ҳозира, балки барои наслҳои оянда;
- рушди стратегияҳои устуворӣ, аз ҷумла мониторинг;

- эҷод намудани системаи идоракунӣ, ки барои зудтар зиёд намудани сатҳи даромаднокии ширкат имконият медиҳад, нисбат ба зиёд шудани хароҷот дар рушди сабзи тиҷорат ва хидматрасониҳои аудиторӣ.

Дар маҷмӯъ, «тиҷорати сабз» ва истеъмоли устувор унсурҳои асосӣ барои баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ ва ҳифзи муҳити зист мебошанд. Абзори муҳими «рушди сабз» ташкил намудани инфрасохтори устувори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки барои дуруст ва оқилона истифода намудани захираҳои табиӣ имконият медиҳад, то ин ки наслҳои оянда дар мавриди захираҳои мазкур норасоиро эҳсос накунанд. Ҳамин тавр, равандҳои урбанизатсия (шаҳришавӣ) на ҳама вақт бо рушди муассири инфрасохтор ифода меёбанд, ҳол он ки сармоягузориҳо дар инфрасохтори усутувор метавонанд ҳифзи муҳити табиӣ ва ҳамчун натиҷа, рушди устувори иқтисодро таъмин намоянд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки сохтмони биноҳо бо самтгирии экологӣ барои беш аз 30 дарсад коҳиш додани сатҳи хароҷоти захираҳои энергия ва об дар тамоми давраи фаъолияти объекти мазкур имконият медиҳад. Сарфи назар аз ин, ҳангоми лоиҳакашии биноҳо ва инфрасохтори нақлиётӣ афзалиятҳои имконпазири (потенсиалии) истифодаи принсипҳои самаранокии экологӣ ба назар гирифта намешаванд. Ғайр аз ин, хароҷотҳо барои сохтани инфрасохтори усутувор имконият медиҳанд, ки дар маҷмӯъ бо дарназардошти ҳифзи муҳити зист, саломатии аҳолӣ ва захираҳои табиӣ, минералӣ ва ашёи хом сатҳи рақобатпазирии стратегии кишвар баланд бардошта шавад.

Мутаасифона, ҳоло Тоҷикистон ба зумраи кишварҳои дорои “иқтисодиёти сабз” дохил намешавад. Ин соҳаҳо дар кишвар ба қадри ночиз вуҷуд доранд. Дар роҳи “инноватсияҳои сабз” монеаҳое ба мисли огоҳии нокифояи аҳолӣ, камбудиҳои қонунгузорӣ дар робита бо татбиқи ин технологияҳо, набудани механизмҳои ҳавасмандгардонии тиҷорат ва нокифоягии маблағгузорӣ истодаанд.

Вазъ бояд беҳтар карда швад ва ин раванд бояд тезонида шавад, то ки дар баробари саҳмгузорӣ ба мубориза бо тағйирёбии иқлим, шароити шоистаи шуғл фароҳам оварда шавад.

Дар барномаҳои стратегии худ, Тоҷкистон, ки ба масъалаҳои бехатарии экологӣ таваҷҷӯҳ зоҳир мекунад, имкониятҳои бениҳоят васеи ташкил кардани ҷойҳои кории “сабз”-ро дорост.

Ин ҳамчунин дар доираи амалисозии МЧР – лоиҳаҳо дар ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ имконпазир аст, зеро дар соли 2008 Тоҷикистон протоколи Киоторо ратификатсия кардааст. Самтҳои дорои дурнамои беҳтарин электроэнергетика, кишоварзӣ, барқароркунии ҷангалҳо ва экотуризм мебошанд. Амалисозии онҳо имкон медиҳад, ки ба иқтисоди миллӣ захираҳои иловагии сармоягузории байналмилалӣ ҷалб карда шаванд ва барои татбиқ кардани технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва сарфаҷӯии энергия ҳавамандӣ ба вҷуҷуд ояд.

Илова бар ин, дар Тоҷикистон ингуна шуғли «сабз» дар самти рушди минтақаҳои табиии махсусан муҳофизатшаванд, экотуризм, истифодаи сӯзишвории биологӣ, коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ ва ғайра имконпазир аст.

Рӯзномаи экологии асри ҶҶІ ба қисми ҷудонашавандаи рӯзномаи рушди иқтисодиву иҷтимоии ин садсола табдил ёфта истодааст. Тоҷикистон бояд ба ин рӯзнома шомил шавад, зеро бо ҳал кардани мушкилоти партовҳои хатарнок, инқирози экосистемаҳо,

тағйирёбии иқлим ва доираи васеи масъалаҳои дигари марбут ба рушди устувор, инсоният мушкилоти марбут ба нобаробариро низ ҳал хоҳад кард, ки онҳо аз қашшоқӣ, набудани бехатарӣ ва субот бармеоянд ва кишвар бояд онҳоро бартараф кунад, то ки ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ноил гардад.

Дар қатори Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсолаи СММ ҳадафи экологӣ ғ Ҳадафи 7 низ ҳаст, ки ба таъмини устувории экологии сайёраи мо ва кишварҳои ҷудогона нигаронида шудааст. Вазифаҳо ва нишондиҳандаҳои ин ҳадаф зарурияти ҳалли ду мушкили асосиро дар роҳи таъмини устувории экологӣ инъикос мекунанд:

• коҳиш додани таъсири инсон ба муҳити атроф ва хароб кардани захираҳои табиӣ аз ҷониби он;

• беҳтар кардани шароити экологӣ барои рушди инсонӣ, коҳиш додани таҳдидҳои экологӣ барои бехатарӣ, саломатӣ ва ҳаёти он.

Аҳамияти ҳалли мушкили дуввуми ҲРҲ-ро, ки бо шароити экологӣ барои инсон ва саломатии он алоқаманд аст, қайд кардан зарур аст. Ин мушкил аксар вақт ҳангоми баррасии масъалаҳои рушди устувор аз мадди назар дур мемонад, ва таваҷҷӯҳ танҳо ба масъалаҳои ҳифзи муҳити табиӣ ва истифодаи захираҳои табиӣ равона карда мешавад.

Бинобар ин, дар семинарии байналмилалӣ, ки ба ҲРҲ ва Асосҳои рушд пас аз соли 2015 бахшида шуда буд ва моҳи сентябри соли 2012 дар шаҳри Алмаато (Қазоқистон) баргузор гардид, масъалаҳои пешрафт барои ба даст овардани ҲРҲ дар бахшҳои калидӣ, монеаҳо барои ба даст овардани ҲРҲ дар ҳар бахш, пайомадҳо барои асосҳои рушди ҲРҲ пас аз соли 2015 мавриди баррасӣ қарор гирифта, афзалиятҳои кишварҳо барои давраи пас аз соли 2015, чорчӯбҳои мувофиқ барои қонеъ гардонидани талаботҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ дар кишварҳо муайян карда шудаанд.

Дар байни омилҳои боздорандаи дастёбии ҲРҲ дар Тоҷикистон метавон мавридҳои зеринро ҷудо кард:

- ноустувории рушди иқтисодӣ
- нақши пасти ҳавасмандкунандаи давлат дар раванди муҳоҷират;
- падидаи коррупсия (фасод);
- пешбинии марҳала ба марҳалаи баланд бардоштани таърифаҳо.

## 14.3. Олатҳо ва усулҳои имконпазир барои таъмини суботи экологӣ.

### *3.1. Абзорҳои сиёсати экологӣ*

Абзорҳои мухталифи сиёсати экологӣ вуҷуд доранд, ки аз истифодаи дуруст ва оқилонаи онҳо дар сатҳи мувофиқ таъмин намудани рушди аз нигоҳи экологӣ устувор вобаста мебошад.

Аз рӯи манбаъи худ абзорҳои зерини сиёсати экологӣ вуҷуд доранд:

а. стандартҳои (меъёрҳои) фармондеҳию назоратӣ, манъкуниҳо, иҷозат ва квотаҳо, минтақабандӣ, масъулият, ҷубронҳои ҳуқуқӣ ва ғ;

б. таъмини мустақим аз тарафи Ҳукумат – инфрасохтори экологӣ, минтақаҳо ё паркҳои экологӣ-саноатӣ, паркҳои миллӣ, мамнӯъгоҳҳо ва минтақаҳои тафреҳӣ, барқарор намудани экосистема;

в. ҷалб намудани ҷомеа ва бахши хусусӣ – иштироки ҷомеа, ғайримарказисозӣ, паҳн кардани иттилоот, нишонгузории экологӣ, қарордодҳои ихтиёрӣ;

г. истифода намудани бозор – халос шудан аз субсидияҳои нодуруст, андозҳо ва пардохтҳои экологӣ, системаҳои амонатӣ-ҷубронӣ, субсидияҳои ҳадафмандона, мониторинги дохилӣ (ба таври мисол, ISO 14000);

ғ. ташкил кардани бозор – ҳуқуқҳои моликиятӣ, иҷозатномаҳои бозорӣ ва ҳуқуқ, барномаҳои мукофотдиҳӣ, харидҳои аз нигоҳи экологӣ тоза, фондҳои экологии сармоягузориҳо, фондҳои тухмипарварӣ ва омилҳои пешбаранда, пардохтҳо (ҳавасмандкуниҳо) барои хидматрасониҳои системаҳои экологӣ.

***3.2. Пардохт барои хидматрасониҳои системаҳои экологӣ***

Ситемаҳои экологӣ манбаъи хидматрасониҳои зиёд мебошанд, ки барои фаъолияти зарурии муҳити зист ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳамзамон барои рушди инсонӣ арзиши бебаҳо доранд.

Таърифи СММ: «**Хидматрасониҳои системаҳои экологӣ** – ин фоидаҳое мебошанд, ки аз тарафи экосистемаҳо ба инсон пешниҳод карда мешаванд».

**Чаҳор навъи хидматрасониҳои экосистемавӣ** вуҷуд доранд:

- Таъминкунанда (маҳсулоти озуқаворӣ ва об)
- Танзимкунанда (назорати иқлим ва саломатии одамон)
- Дастгирикунанда (ташаккули хок, табодули моддаҳои ғизодиҳанда ва гардолудкунӣ)
- Фарҳангӣ (манфиатҳои маънавӣ ва тафреҳӣ)

***3.3. Арзёбии экологии стратегӣ ва арзёбии таъсир ба муҳити зист***

Истилоҳи арзёбии экологии стратегӣ барои ифода кардани раванди таҳлили системавии пайомадҳои сиёсатҳо, нақшаҳо ва барномаҳои экологӣ ба таври васеъ истифода мешавад. Арзёбии экологии стратегӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳамчун абзори муассир баррасӣ карда мешавад, ки ба рушди устувор мусоидат мекунад.

Ду санади асосӣ «Рӯзнома барои асри ҲҲI» ва «Эъломияи Рио-де-Жанейро оид ба муҳити зист ва рушд» аҳмияти Арзёбии экологии стратегиро барои рушди устувор инъикос менамоянд. Дар Рӯзномаи асри ҲҲI «ҳамоҳангии муҳити зист ва рушд дар раванди қабул кардани қарорҳо» ҳамчун яке аз соҳаҳои барномавии асосӣ муайян карда шудааст. «Эъломияи Рио-де-Жанейро оид ба муҳити зист ва рушд» асосан муайян мекунад, ки «барои расидан ба рушди устувор ҳифзи муҳити зист бояд ҷузъи ҷудонашавандаи раванди рушд бошад ва наметавонад берун аз он баррасӣ карда шавад».

Арзёбии экологии стратегӣ – ин маҷмӯи рӯйкардҳое мебошанд, ки дар марҳалаҳои ибтидоии таҳияи санади стратегӣ (сиёсатҳо, нақшаҳо, барномаҳо) имконият медиҳанд то пайомадҳои имконпазири манфӣ ва мусбати ҷорӣ намудани санади мазкур барои муҳити зист ва пешниҳод кардани чорабиниҳо оид ба коҳиш додани сатҳи таъсири манфӣ ва мусбат мавриди арзёбӣ қарор дода шаванд.

Арзёбии экологии стратегӣ дар Тоҷикистон дар ҳоли ҳозир абзори ҳатмӣ намебошад ва Тоҷикистон ҳоло Конвенсияи Комиссияи иқтисодии СММ барои Аврупоро оид ба арзёбии таъсир ба муҳити зист дар чорчӯбаи фаромарзӣ тасдиқ накардааст. Ҳамзамон системаи арзёбии миллии таъсири аз тарафи одам расонидашуда (антропогенӣ) ба муҳити зист ва равандҳои барномарезии кӯтоҳ ва дарозмуддат барои татбиқи арзёбии экологии стратегӣ шароити мусоид фароҳам меоранд.

Асоси методӣ барои гузаронидани Арзёбии экологии стратегӣ Протоколи Арзёбии экологии стратегӣ (Комиссияи иқтисодии СММ барои Аврупо, соли 2003), Дастурамал барои татбиқ намудани Протоколи арзёбии экологии стратегӣ (РЭК, соли 2006) ва Дастурамал оид ба гузаронидани арзёбии экологии стратегӣ (ОЭСР, соли 2006) ба ҳисоб мераванд.

Арзёбии экологии стратегӣ бояд бо иштироки васеъи ҷомеа ва истифода аз чунин шаклҳо ба монанди муҳокимаҳои ҷамъиятӣ, баҳс ва гуфтушунидҳо, машваратҳо бо тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла сохторҳои давлатӣ ва ҳамчунин маҳаллӣ, Кумитаи ҳифзи муҳити зист гузаронида шавад.

Арзёбии экологии стратегӣ абзори муассири идоракунии экологӣ мебошад, ки татбиқ намудани он барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор ва амнияти экологӣ мусоидат мекунад. Бо дарназардошти вазнинии маъалаҳои экологӣ барои Тоҷикистони имрӯза ва ҳамчунин вазъияти душвори иҷтимоию иқтисодӣ, Тоҷикистон ба татбиқ намудани методҳои муосири интегралии идоракунии истифодаи табиат ниёз дорад, ки барои баланд бардоштани сатҳи афзалиятнокии мавзӯъи экологӣ ҳангоми қабул кардани қарорҳои идорӣ  имконият медиҳанд.

**14.4. Тағйири иқлим ва мутобикшавӣ ба оқибатҳои он дар Тоҷикистон.** Тағйироти ҷаҳонии иқлим яке аз чолишҳои ҷиддӣ барои инсоният мегарданд, ки зарурати андешидани иқдомоти пешгирикунандаро нисбат ба пайомадҳои манфии ин ҳодисаи ҷаҳонӣ таъкид менамояд. Ҳаҷмҳои партоби газҳои гармхонаӣ, ки дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидорӣ ба вуҷуд меоянд, афзоиш меёбанд ва метавонанд ба оқибатҳои ғайри қобили бозгашт оварда расонанд.

Масъалаҳои тағйирёбии иқлим ҳангоми таҳия намудани стратегияҳои минтақавӣ ва миллӣ барои сабук кардан ва мутобиқ шудан ба пайомадҳои имконпазири он мавқеи марказӣ доранд.

Дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон дар ҳаҷмҳои умумии партоби газҳои гармхонаӣ танҳо 2-3 дарсадро ташкил медиҳад, ки шохиси камтарин барои Осиёи Марказӣ мебошад. Ин бо он шарҳ дода мешавад, ки 98 дарсади қувваи барқ дар Тоҷикистон тавассути нерӯгоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешавад. Ҳатто дар сурати дар оянда ба кор андохтани Марказҳои гармидиҳии шаҳри Душанбе ва Ёвон эмиссияи газҳои буғӣ аз 5 дарсад аз ҳаҷми умумии қувваи барқи истеҳсолшаванда зиёд намебошад.

Партоби газҳои гармхонаӣ барои 1 шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан 5 маротиба камтар аз андозаи миёнаи ҷаҳонӣ ва барои як сокини кишвар тақрибан 30 кг. дар як сол ташкил медиҳад.

Тоҷикистон дар мавриди масъалаҳо ва мушкилоти вобаста ба тағйирёбии иқлим чӣ корҳоро анҷом додааст:

- соли 1998 – Тоҷикистон ба Конвенсияи чорчӯбавии СММ оид ба тағйирёбии иқлим ҳамроҳ шуд;
- соли 2003 – Нақшаи миллии амал оид ба паст кардани оқибати тағйирёбии иқлим қабул карда шуд, ки санади асосии стратегии кишвар барои ҳал кардани масъалаҳои марбут ба тағйирёбии иқлим мебошад;
- соли 2003 – Нахустин паёми миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои Конвенсияи чорчӯбавии СММ оид ба тағйирёбии иқлим тайёр кард;
- соли 2008 – Тоҷикистон Протоколи Киоторо тасдиқ намуд;
- соли 2008 – Ҳукумати кишвар «Маркази тағйирёбии иқлим»-ро ташкил дод;
- соли 2008 -  Дуюмин паёми миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои Конвенсияи чорчӯбавии СММ оид ба тағйирёбии иқлим тайёр карда шуд;
- соли 2012 – Кор оид ба тайёр кардани Сеюмин паёми миллӣ шурӯъ шуд;
- дар соли 2010 Барномаи давлатӣ оид ба омӯзиш ва ҳифзи пиряххои Тоҷикистон то соли 2030 қабул шуд;
- соли 2010 – Тоҷикистон яке аз кишварҳои ҳадафманд барои татбиқ намудани Барномаҳои озмоишӣ оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим интихоб шуда буд. Дар ҳоли ҳозир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи марҳалаи аввал ва дуюми Барномаҳои озмоишӣ оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим оғоз шудааст, ки барои он беш аз  100 млн. доллар аз тарафи Фонди байналамилалии иқлим ҷудо шудааст.

Рушди оянда бояд маҳз ҳамчун рушди аз нигоҳи экологӣ баробари иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ карда шавад, ки дар он сифати иқтисодии рушд (самаранокӣ, даромаднокӣ) бояд бо сифати иҷтимоӣ (сатҳи баланд ва давомнокии умр, бомаърифатӣ) бо дарназардошти талаботҳои тавозуни (балanси) ҳифзи табиат якҷо карда шавад.

Яке аз афзалиятҳо дар ҳоли ҳозир – ин **коҳиш додани сатҳи партоби газҳои гармхонаӣ тавассути рӯйкардҳои зерин** мебошад.

Сарфи назар аз маҳдудиятҳо, ки ба бахши воқеии иқтисод дар алоқамандӣ бо зарурати татбиқ намудани барномаҳо оид ба коҳиш додани сатҳи партоби газҳои гармхонаӣ ва бадтар шудани шароити обу ҳаво гузошта мешавад, ҳукуматҳои шаҳрӣ бояд вазифаҳои сершуморро ҳал намоянд, ки дар назди онҳо истодаанд, ба таври мисол, ба монанди заминсозӣ, сохмони манзил, идоракунии партовҳо ва ҳамчунин беҳтар намудани вазъияти нақлиётӣ.

Афзалияти дигар **мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим** мебошад, ки метавон ба таври зер ба даст овард:

- гузаронидани таҳқиқотҳо оид ба омӯзиши тағйироти иқлим, пайомадҳои онҳо барои захираҳои табиӣ, иқтисод ва саломатии аҳолӣ ва дар асоси онҳо таҳия намудани иқдомоти ҳадафмандонаи мутобиқшавӣ;
- такмил додани системаҳои пешбиникунӣ, моделсозӣ ва хабардоркунии бармаҳал оид ба ҳодисаҳои стихиявии гидрометеорологӣ;
- баланд бардоштани сатҳи самаранокии истеҳсолот ва истифода намудани энергияи гармӣ ва қувваи барқ; баланд бардоштани сатҳи сарфакории гармии воситаҳои нақлиёт;
- инкишоф додани сафаҷӯии энергия дар объектҳои таъйини истеҳсолӣ ва инфрасохторӣ, аз ҷумла коҳиш додани сатҳи талафоти энергия ва ҳомилони энергия ҳангоми ҳамлу нақл; баланд бардоштани сатҳи самаранокии энергиявии бино ва инкишоф додани сарфаҷӯии энергия дар хона;
- истифода намудани пешбиниҳои обу ҳаво ва иқлим барои баланд бардоштани сатҳи самаранокии энергиявӣ ҳангоми татбиқ намудани иқдомот оид ба мутобиқшавӣ ва паст кардани сатҳи таъсири антропогенӣ ба иқлим;
- зиёд намудани ҳиссаи манбаъҳои алтернативӣ (аз ҷумла, ғайрикарбонӣ) дар истеҳсоли энергия;
- ба таври мантиқӣ ва оқилона истифода намудани ҷангалҳо ва заминҳои кишоварзӣ.

**1. Саволҳо барои машғулиятҳои амалӣ:**

1. Устувории экологӣ чист?
2. Рушди инсонӣ ва устувории экологӣ чӣ гуна ба ҳам алоқаманд мебошанд?
3. Кадом масъалаҳои марбут ба навъи техногении иқтисодро шумо метавонед номбар кунед?
4. Кадом шохисҳои экологиро шумо метавонед номбар кунед?
5. Кадом принсипҳо ва асосҳои “рушди сабз” вуҷуд доранд?
6. Кадом механизмҳои ҷорӣ намудани принсипҳои “иқтисоди сабз” ва “рушди сабз” вуҷуд доранд?
7. Кадом абзорҳои сиёсати экологӣ вуҷуд доранд?
8. Мафҳуми арзёбии экологии стратегиро шарҳ диҳед?
9. Хидматрасониҳои экосистемавӣ чист ва кадом навъҳои хидматрасониҳои экосистемавӣ вуҷуд доранд?
10. Пайомадҳои тағйирёбии иқлим барои рушди инсонӣ чӣ гуна метавонанд бошанд?

**2. Саволҳо ва тестҳои санҷишӣ:**

1. Саҳми "иқтисоди сабз" дар рушди инсонӣ
2. Хусусияти абзорҳои асосӣ барои мусоидат дар устувории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
3. Таъсири пайомадҳои тағйирёбии иқлим ба иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорчӯби рушди инсонӣ
4. Масъалаҳои устувории экологӣ дар ҳисобот оид ба рушди инсонӣ
5. Таъсири масъалаҳои экологӣ ба рушди инсонӣ

**3. Мавзӯҳои рефератҳо, презентатсияҳо:**

1. Меъёрҳо ва шохисҳои рушди устувори ҷамъият
2. Маҳдудиятҳои экологии рушди иқтисодӣ
3. Арзёбии экологии стратегӣ чист?
4. Шохисҳои экологии рушди устувор
5. Алоқаи рушди иқтисодӣ бо вазъияти муҳити зист, некӯаҳволӣ ва камбизоатӣ
6. Принсипҳои иқтисодии ташаккули масъалаҳои экологӣ
7. Робитаи мутақобилаи ҳадафҳои иқтисодӣ ва экологии рушди ҷомеа
8. Роҳи техногении рушд – ин:

   1) роҳест, ки дар ҷалб намудани захираҳои сершумор ба гардиши хоҷагӣ асос ёфтааст;
   2) роҳи рушди сарфаҷӯии захираҳо бо истифода намудани дастовардҳои навини техника;
9. чизест, ки ба ташаккулёбии масъалаҳои экологӣ таъсир мерсонад;
   1. шумораи аҳолӣ; 2. шароити зиндагонии аҳолӣ; 3. санъат; 4. илм; 5. дин.
10. Масъалаҳои ҷаҳонии экологӣ:
    1. Хусусияти сайёравӣ дорад ва тамоми инсониятро фаро мегирад
    2. Танҳо кишварҳои аз нигоҳи саноат рушдкардаро фаро мегирад
    3. Ттанҳо он кишварҳоеро фаро мегирад, ки ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир намекунанд.

4. **Рӯйхати адабиётҳои ҳатмии тавсияшаванда:**


1. Ҳисоботҳои ҷаҳонӣ ва миллӣ оид ба рушди инсонӣ
2. Акимова Т.А., Кузьмин А.П., Хаскин В.В. Экология. Природа- Человек – Техника: учебник для вузов. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2001. – 343 с.
3. Василенко В.А.Экономика и экология: проблемы и поиски путей устойчивого развития. – М.: Наука, 2000. – 247с.
4. Гирусов Э.В. Основы социальной экологии: М.: Просвещение, 2000. – 250 с.
5. Олейник Е.М. Гармонизация экономического и экологического развития. М.: Наука, 1999. – 348с.
6. Яншин А.Д. Научные проблемы охраны природы и экологии. М.: Экология и жизнь. - 1999.- 143с.


**5. Рӯйхати адабиётҳои иловагии тавсияшаванда:**


1. Review of Business and Economics Studies, Financial University Moscow, Volume 1, Number 1, 2013
2. Рябчиков А.К. Экономика природопользования. Учебное пособие. –М.: «Элит - 2000», 2002. – 192 с.
3. Экономическая и глобальная безопасность: Учебник./ Под ред. Е.А.Олейникова. – М.: Издательство «Экзамен», 2004.

**Мавзӯи 15. Масъалаҳои идоракунии молияҳои давлатӣ дар шароити Рушди Инсонӣ.**

15.1. **Шарҳи хароҷоти давлатӣ дар соҳаҳои афзалиятноки бахши иҷтимоӣ.**
15.2. **Арзёбии мқсадҳои асосии ғайримарказикунии фискалӣ.**
15.3. **Маблағгузории давлатии мақомоти маҳаллии давлатӣ.**

15.1. **Шарҳи хароҷоти давлатӣ дар соҳаҳои афзалиятноки бахши иҷтимоӣ.** Рушди инсон аз бисёр ҷиҳат аз ташаккули механизми маблағгузории ҷараёни он вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, маблағгузории рушди инсон истифодаи мақсадноки тамоми захираҳои мавҷуда ва захираҳои дастрасро барои қонеъ сохтани талаботи худ барои некӯаҳволии ҷомеа ва татбиқи тадбирҳои тақсимотиро дар бар мегирад, ки аз рӯи адолат аз нуқтаи назари адолати иҷтимоӣ собит гаштаанд. Ибтидои мақсаднок ва ғояҳои ба он муттасилан алоқаманди самаранокӣ бояд самтҳо, шаклҳо, сохтор ва ҳаҷми ин маблағгузориро муайян созанд. Мушкилот дар он аст, ки воситаҳо бояд тибқи манфиатҳо ва афзалиятҳои оммаи асосии андозсупорандагон-интихобкунандагон истифода бурда шаванд, инчунин бояд натиҷаҳои дилхоҳро зимни хароҷоти нисбатан кам ба даст оварда шавад.

Яке аз ҳадафҳои муҳимтарини рушди макроиқтисодии кишвар – ин расидан ба «шуғли пурра» мебошад. Ба даст овардани ҳадафи мазкур бевосита аз барномаҳои давлатии иҷтимоӣ ва барномаҳо оид ба дастгирии аҳолӣ дар соҳаи шуғл вобаста мебошад. Дар навбати худ аз сатҳи шуғл (касбу кор андозсупорандагони имконпазир мебошанд) ҳаҷми пуркунии буҷет вобаста мебошад. Дар робита ба ин, баъзе аз шохисҳоеро меорем, ки аз тарафи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд:

Ҷадвали 15.1.1.

**Нишондихандаҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011 ва 2012**

| | **Нишондихандаҳо** | Соли 2011 Нақша | Соли 2011 Иҷро | Соли 2012 Нақша | Соли 2012 Иҷро |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳаҷми буҷети давлатӣ | 8329 млн. сомонӣ *(1811 млн. долл. ИМА)* | 8496 млн. сомонӣ *1847 млн. долл. ИМА)* | 9435,8 млн. сомонӣ *(1981,1 млн. долл. ИМА)* | 9596,2 млн. сомонӣ *(2014,8 млн. долл. ИМА)* |
| | дар % аз нақша | | 102 | | 101,7 |
| | Хароҷоти буҷети давлатӣ | 6711 млн. сомонӣ *(1459 млн. долл. ИМА)* | 8254 млн. сомонӣ *(1794млн. долл. ИМА)* | 9588,2 млн. сомонӣ *(2013,2 млн. долл. ИМА)* | 9070,9 млн. сомонӣ *(1904,млн. долл. ИМА)* |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 4 | дар % аз нақша | 123 | | 94,6 | |
| 5 | Профитсит/<br>дефитсити буҷети давлатӣ | +1618 млн. сомонӣ<br>*(+ 252 млн. долл. ИМА)* | +242 млн. сомонӣ<br>*(+53 млн. долл. ИМА)* | -152,4 млн. сомонӣ<br>*(-32,1 млн. долл. ИМА)* | +525,3млн. сомонӣ<br>*(+110,2 млн. долл. ИМА)* |

Воридшавии андоз ба буҷет 1508,3 млн. долл. ИМА-ро дар соли 2012 ташкил додааст, ки 21,9 дарсад нисбат ба соли 2011 зиёдтар мебошад. Ҳиссаи воридшавии андоз ба ҳаҷми умумии даромадҳои буҷет 74,9 дарсад ва 103 дарсадро аз нақшаи муайяншуда дар соли 2012 ташкил додааст. Аз андозҳои асосӣ – андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) 714,5 млн. долл. ИМА ё 35, 5 дарсадро аз ҳаҷми умумии воридот ба андоз ташкил додаанд. Воридшавиҳои ғайрибуҷетӣ ба ҳаҷми умумии даромадҳо 7,1 дарсад ё 142,5 млн. долл. ИМА-ро ташкил додааст. Хароҷотҳои буҷети давлатӣ 1904,6 млн. долл. ИМА-ро дар соли 2012 ташкил додааст. Моддаҳои асосии хароҷот дар мавридҳои зерин мебошанд: суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ (19,2 дарсад), маориф (13,9 дарсад), маҷмӯи сӯзишворию энергетикӣ (11,3 дарсад), тандурустӣ (6,1 дарсад), бахши ҳукумати давлатӣ (5,8 дарсад), ХМК, экология ва хоҷагии ҷангал (5,5 дарсад). Дар шароити хоҷагии бозорӣ набудани механизми таъминкунандаи шуғли пурра, пайомадҳои манфии иқтисодӣ ва иҷтимоии бекорӣ шуғлро ба объекти назорати давлатӣ табдил медиҳад.

Маблағгузории хароҷот ҷиҳати татбиқ намудани кафолатҳои давлатии ҳуқуқҳои шаҳрвандон барои гирифтани таҳсилоти умумии дастрас ва ройгон бевосита аз буҷети давлатӣ вобаста ба пакети пешниҳодшавандаи хароҷоти ҳар мактаб иҷро карда мешавад.

Ташкил додани навъи мазкури хароҷот дар асоси принсипи маблағгузории меъёрию сарикасӣ ба ҳисоби ба як хонанда (минбаъд - маблағгузории меъёрию сарикасӣ) иҷро карда мешавад.

Гузариш ба маблағгузории меъёрию сарикасӣ барои маблағгузории одилона новобаста аз нобаробарии молиявии шаҳру ноҳияҳо равона карда шудааст. Методи мазкур баланд шудани самаранокии маблағгузории буҷетӣ, баланд шудани сифати хидматрасониҳои буҷетии таҳсилоти умумиро якҷо бо иқдомоти роҳ надодан ба пастшавии маблағгузории мавҷудаи муассисаҳои алоҳидаи таълимӣ дар тӯли давраи гузариш (мутобиқшавӣ) ба принсипҳои меъёрию сарикасии маблағгузорӣ (ба истиснои ҳолатҳои коҳиш ёфтани ҳаҷми хидматрасониҳои таҳсилотии аз тарафи муассиса расонидашаванда) таъмин менамояд.

Вазифаи баробаркунии маблағгузориро барои як хонанда дар назар дошта мешавад, ки ба андозаи зиёд шудани маблағгузории таҳсилоти умумӣ ҳал карда шавад, на дар як вақт аз ҳисоби азнавтақсимкунии якбораи маблағҳои буҷетӣ дар дохили соҳа дар лаҳзаи ҷорӣ кардани принсипҳои меъёрию сарикасии маблағгузорӣ.

Маблағгузории меъёрию сарикасӣ дар таҳсилот тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2007, № 505 «Оид ба тасдиқ кардани Тартиби маблағгузории меъёрии (сарикасии) муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» анҷом дода мешавад.

Дар Тоҷикистон ҷорӣ намудани маблағгузории меъёрию сарикасӣ дар таҳсилот тавассути ҷорӣ кардани маблағгузории мустақим бидуни субвенсияҳо ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва махсусан мақомоти худидоракунии маҳаллӣ анҷом дода мешавад. Такмили минбаъда ва рушди методҳои маблағгузории меъёрию сарикасӣ зарурати такмил додани идоракунии молиявиро дар сатҳи минтақавӣ дар назар дорад.

**15.2. Арзёбии мақсадҳои асосии ғайримарказикунии фискалӣ.** Дар Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ вазифаҳои асосии ғайримарказисозии молиявӣ барои давраи миёнамуддат ва дарозмуддат муайян карда шудаанд. Ин вазифаҳо ба арзёбии иҷрои воқеӣ ниёз доранд.

Ғайримарказисозии масъулият ва салоҳиятҳо барои пешниҳод ва танзими хидматрасониҳо ва идоракунӣ ё мусоидат дар рушди маҳал мумкин аст ба такмил ёфтани хидматрасониҳои давлатӣ дар сатҳи маҳаллӣ оварда расонад ва ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ мусоидат намояд.

На ҳамаи вазифаҳо мумкин аст ба таври баробар ғайримарказисозӣ карда шаванд. Масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоие вуҷуд доранд, ки дорои арзиши ҷумҳуриявӣ мебошанд. Дар ин чорчӯба, ғайримарказисозии молиявӣ тақсимоти дурусти вазифа ва мақсадҳои давлатӣ ва сохтори дуруст ва кофӣ, мувофиқ ба вазифаҳои маблағгузории иҷрои онҳоро ифода мекунад.

Сохтори вазифаҳо ва масъулиятҳои маҳаллӣ дар ҳар кишвар мухталиф мебошанд ва бинобар ин, ҳангоми ҳаллу фасл кардани масъалаҳои ғайримарказисозии молиявӣ дар гумон аст, ки интихоб намудани роҳи ин ё он кишвар новобаста аз муваффақияти ҳалли онҳо ва ба даст овардани натиҷаҳои мусбат мумкин мебошад. Ҳар кишвар бояд роҳи беназири татбиқи сиёсати молиявии худро бо пайгирии ҳадафи самаранокии ҳалли вазифаҳои давлатӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо ва кишварро дар маҷмӯъ дошта бошад.

Дар шароити муосир ғайримарказисозии молиявӣ яке аз самтҳои асосии рушди муносибатҳои баёнибуҷетӣ дар кишварҳои мухталиф мебошад.

Дар байни як қатор далелҳо ба манфиати ғайримарказисозии молиявӣ метавон ба таври алоҳида дутои оҳоро ҷудо намуд:

- ғайримарказисозии салоҳиятҳо барои пешниҳод кардани хидматрасониҳои давлатӣ сатҳи самаранокии хароҷотҳои буҷетиро афзоиш медиҳад, зеро ҳукуматро ба аҳолӣ наздик менамояд, онро тобеъи интихобкунандагон мекунад ва барои ба назар гирифтани афзалиятҳои аҳолӣ имконият медиҳад (дар асоси «теоремаи ғайримарказисозӣ»);

- ғайримарказисозии салоҳиятҳо барои ташаккули даромадҳои буҷет имконият медиҳад, ки хусусият ва таркиби асоси андоз (даромад) нисбатан дақиқтар ба назар гирифта шаванд ва ҳамин тавр сатҳи нисбатан баландтари ҷамъшавии андозҳо ва дигар даромадҳои буҷетро таъмин менамояд.

Ҳаҷми оптималии (беҳтарини) неъматҳои ҷамъиятӣ дар ҳолате ба даст оварда мешавад, ки вақте ҳосили ҷамъи меъёрҳои ниҳоии иваз (ҷойгузин) кардани неъматҳои хусусӣ ба ҷамъиятӣ аз ҷониби ҳамаи фардҳои ҷомеа, ки дар ноҳия ё шаҳр зиндагӣ мекунанд, бо меъёрҳои ниҳоии гузариши неъматҳои хусусӣ ба ҷамъиятӣ баробар бошанд. Бо дарназардошти он, ки дар ҳар ноҳия одамони гуногун зиндагӣ мекунанд, маҷмӯи неъматҳои ҷамъиятӣ ва сатҳи оптималии пешниҳоди онҳо дар ҳар ноҳия фарқ мекунанд. Пас, барои ба ҳадди аксар расонидани некӯаҳволии ҷамъият зарур аст, ки дар ҳар ноҳия маҷмӯи неъматҳои ҷамъиятӣ бо афзалиятҳои шаҳрвандони дар он зиндагикунанда мувофиқ оянд.

Ҳангоми баррасӣ намудани шаклҳои ғайримарказисозии молиявӣ зарур аст, ки мавридҳои зерин дар назар гирифта шаванд:

-деконсентратсия (квазидесентрализатсия), ки парокандашавии як қатор вазифаҳои ҳукумати марказиро дар соҳаи молиявӣ дар сатҳҳои мухталифи сохтори ҷамъиятӣ ҳангоми ҳифзи салоҳиятҳо барои назорат ва маблағгузорӣ дар назар дорад. Моҳиятан, меъёри мазкур бештар маъмурӣ мебошад, зеро ҳуқуқ барои қабули қарорҳои ниҳоӣ дар соҳаи татбиқи сиёсати молиявӣ ба ҳукуматҳои федералӣ боқӣ мемонад.

- деволютсия (десентрализатсияи воқеӣ), ки дар вогузор кардани салоҳиятҳои хароҷотӣ ва манбаъҳои маблағгузории онҳо ба сатҳи поёнии ҳокимияти давлатӣ асос ёфтааст, мухторияти молиявии ҳукуматҳои зермиллӣ ва маҳаллӣ ва ҳамчунин баланд бардоштани сатҳи шаффофият ва ҳисоботдиҳии раванди пешниҳоди неъматҳои ҷамъиятиро таъмин менамояд.

Ҳангоми мавҷуд будани таҳқиқотҳои сершумори эмперикӣ оид ба масъалаи ғайримарказисозии молиявӣ, таъсири он ба суръати рушди иқтисодӣ (ҳамчунин ба даст овардани ҳадафҳои анъанавии мақомоти давлатӣ: самаранокии аллокатсионӣ, азнавтақсимкунии даромадҳо ва таъмини устувории макроиқтисодӣ) ба таври кофӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки моделҳои нисбатан пешрафтаи рушди минтақавӣ ба сифати шарти ҳатмӣ сатҳи бисёр баланди мухторияти молиявии ҳукуматҳои зермиллиро дар бар мегирад, ки ба онҳо барои мустақилона барномарезӣ кардани стратегияҳои худ барои рушд ва якбора мувофиқ кардани онҳо бо ҳиссаи зарурии маблағҳои буҷетӣ барои амалисозии онҳо имконият медиҳанд. Ин воқеъӣ будан ва сифати стратегияҳои татбиқшавандаи рушдро баланд мебардорад. Даромадҳои «шахсӣ»-и буҷетҳои ноҳиявӣ ва маҳаллӣ асоси ғайримарказосозии молиявӣ мебошанд, зеро маҳз онҳо робитаи мутақобили байни воридшавиҳои андоз ва истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятиро таъмин мекунанд.

Ҳамин тавр, метавон қайд кард, ки таъсироти мусбати ғайримарказисозии молиявӣ танҳо дар фазои аз нигоҳи иқтисодӣ якхела пайдо мешаванд, ки сатҳи бисёр баланди истеҳсоли ММД-ро ба ҳар сари аҳолӣ ҳангоми рушди мувофиқи муҳити институтсионалӣ дар назар дорад. Дар ин ҳолат, вогузор кардани салоҳиятҳои хароҷот ва даромад ба сатҳҳои поёнтари системаи буҷетӣ метавонад таъсири бисёрҷонибаи рушди иқтисодиро таъмин намояд ва сифати зиндагии аҳолиро баланд бардорад.

Баррасӣ намудани масъалаҳои вазифаҳо ва масъулиятҳои маҳаллӣ бо он мушкил мегардад, ки дар ҳар кишвар истилоҳоти мухталиф истифода мешаванд. Чунин печдарпечӣ ҳам дар адабиёт ва ҳам дар омор оид ба масъалаҳои вазифаҳо ва масъулиятҳои маҳаллӣ вуҷуд дорад. Роҳи соддаи ҳалли масъалаи мазкур вуҷуд надорад. Дар рафти таҳлили сиёсат ё дар мусоҳиба ба таври дақиқ муайян кардани ҳар истилоҳ муҳим ва мувофиқи мақсад мебошад, ки дар ҳолати баррасишаванда истифода мешаванд.

Ғайримарказисозӣ (десентрализатсия). Истилоҳи мазкур аксари вақтҳо ба маъниҳои мухталиф истифода мешаванд. Он мумкин аст истилоҳи умумӣ бошад, ки ҳамаи чизҳои боқимондаро дар бар мегирад, яъне он метавонад ба ҳамаи шаклҳои тақсимкунӣ ё вогузор кардани салоҳиятҳо ё масъулиятҳо байни ҳукумати марказӣ ва ҳар сатҳи мақомоти давлатии дигар, аз ҷумла мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дахл дошта бошад. Истифодаи алтернативии истилоҳ маҳдудтар мебошад ва танҳо вогузор кардани

салоҳиятро барои вазифаҳои муайян аз мақомоти миллии давлатӣ ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаро мегирад. Чунин истифодабарии истилоҳ вогузор кардани салоҳиятро дар дохили институти миллии мазкур истисно менамояд.

Деконсентратсия. Истилоҳи мазкур маъмулан ба салоҳиятҳо барои хидматрасониҳо ё масъулиятҳо дахл дорад, ки ба зиммаи сатҳи нисбатан пасттари идоракунӣ дар дохили созмони бузург вогузор шудааст. Ба таври мисол, ин ҳолат бо муассисаи маҳаллӣ ё ноҳиявии вазорати марказӣ (миллӣ). Истилоҳи мазкур дар ин санад ба ин маънӣ истифода мешавад. Мушкилии истилоҳи мазкур дар он аст, ки он дар бештари кишварҳо мавриди истифода қарор намегирад.

Вогузор кардани уҳдадориҳо ва салоҳиятҳо. Истилоҳи мазкур маъмулан танҳо ба он ҳолатҳое дахл дорад, ки як муассисаи давлатӣ ба муассисаи дигар барои иҷрои баъзе аз вазифа ё масъулиятҳои худ такя мекунад. Ин ҷо вогузор кардани вазифаҳо сурат намегирад. Идораи аввал барои иҷрои ин вазифа салоҳият ва масъулияти пурраро ҳифз менамояд. Вогузор кардани уҳдадориҳо ва салоҳиятҳо мумкин аст ҳамаи ҷанбаҳои вазифаи мазкурро дар бар гирад. Ба таври мисол, Вазорати маориф метавонад ба мақомоти ҳокимиятӣ барои пардохти музди меҳнати омӯзгорони маҳаллӣ ё гузаронидани тендер барои таъмири ҷории мактаб ва ғ. салоҳиятҳои марбутаро вогузор намояд. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ наметавонад ба кормандони мактаб ва ҳайати омӯзгорон нуфуз дошта бошанд. Он метавонад ҳамчун намояндаи Вазорат ба онҳо музди меҳнат пардохт намояд ё вазифаҳоро дар асоси вогузор кардани уҳдадориҳо ва салоҳиятҳо иҷро кунад. Дар санади мазкур «вогузор кардани уҳдадориҳо ва салоҳиятҳо» барои ифода кардани чунин ҳолатҳо истифода мешавад, ки ҳукумати марказӣ, мақомоти марказии идоракунии давлатӣ ба мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ барои иҷрои ҳамаи ё қисми вазифаҳои худ бидуни додани салоҳиятҳо ё масъулиятҳо барои вазифаи мазкур такя кунад.

Баробаркунии молиявӣ – азнавтақсимкунии даромадҳо ва маблағгузориҳо аз буҷети давлатии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

Дотатсияҳо – маблағҳои буҷетӣ, ки ба буҷети сатҳи дигари системаи буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси беподош ва бебозгашт барои ҷуброн кардани хароҷотҳои ҷорӣ пешниҳод мешавад.

Субвенсия – маблағҳои буҷетӣ, ки ба буҷети сатҳи дигари системаи буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахси ҳуқуқӣ дар асоси беподош ва бебозгашт барои иҷрои хароҷотҳои муайян пешниҳод мешавад.

Субсидия – маблағҳои буҷетӣ, ки ба буҷети сатҳи дигари системаи буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин ба шахсони инфиродӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси маблағгузории ҳиссагии хароҷоти ҳадафмандона пешниҳод мешавад.

Грантҳо – воситаҳои пулӣ, ки аз мақомоти давлатӣ ё аз мақомоти ҳокимияти давлатии кишварҳои хориҷӣ ва ё аз созмонҳои байнамилалии молиявӣ беподош ва бидуни қабули уҳдадорӣ нисбат ба бозпардохт кардани онҳо барои дастгирии самти муайяни сиёсати иқтисодӣ гирифта шудаанд.

Сармоягузориҳо – воситаҳои пулӣ, ки ба сохтмони капиталӣ, харидории воситаҳои асосӣ ва коғазҳои қиматдор, пур кардани захираҳои моддии давлатӣ сафарбар карда мешаванд.

Трансфертҳо – маблағҳои буҷетӣ барои маблағгузории пардохтҳои ҷорӣ ва капиталӣ ба аҳолӣ, ба монанди нафақаҳо, стипендияҳо, кӯмакпулиҳо, ҷубронпулиҳо, дигар пардохтҳои иҷтимоӣ, ки аз тарафи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд, пардохтҳои ҳиссавӣ барои иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар созмонҳои давлатӣ ва ҳамчунин маблағҳои ҷудошуда барои хароҷоти ширкатҳо, муассисаҳои

хусусии ғайритиҷоратӣ, ки ба аҳоли хидматрасонӣ мекунанд, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва барои онҳое, ки ҷиҳати бозпардохти онҳо уҳдадорӣ вуҷуд надорад.

Таъмин будани ҳадди ақали буҷетӣ – арзиши ҳадди ақали имконпазири хидматрасониҳои давлатӣ ва маҳаллӣ, ки аз тарафи мақомоти давлатӣ ва ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти маҳалии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоби ба ҳар сари аҳолӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети дахлдор.

<u>Деволютсия</u>. Ҳамчун десентрализатсия, истилоҳи мазкур раванди гузариши салоҳиятҳо ва масъулиятҳоро барои вазифаҳои муайян аз ҳокимияти марказӣ ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ифода мекунад. Истилоҳ мумкин аст маънии маҳдуд дошта бошад, ки танҳо ба он ҳолатҳое дахл дорад, ки дар онҳо вогузоркунии пурраи салоҳиятҳо ва масъулиятҳо ба сатҳҳои поёнтари мақомоти давлатӣ сурат мегирад. Бо ин маънӣ, он дигар шаклҳои нисбатан маҳдуди гузаштани салоҳиятҳо ва масъулиятҳоро ба монанди «вогузор кардани уҳдадориҳо ва салоҳиятҳо» истисно мекунад. Дар санади мазкур ин истилоҳ ба маънии нисбатан маҳдудтар истифода шудааст. Моҳиятан, «деволютсия» мумкин аст ҳамчунин ба ҳолатҳое дахл дошта бошад, ки дар онҳо ҳукумати миллӣ афзалиятҳоро барои хидматрасониҳо муқаррар менамояд, ки аз тарафи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иҷро мешаванд.

<u>Навъҳои вазифа</u>. Теорияи иқтисодӣ вазифаҳои муайянро ба бахши ҷамъиятӣ нисбат медиҳад. Он истеҳсоли молҳои «ҷамъиятӣ» ё ««квази-ҷамъиятӣ»-ро ба монанди хидматрасониҳои кӯчагӣ, маориф ва тандурустӣ дар бар мегирад. Вазифаи дигар, ки ба бахши ҷамъиятӣ дахл дорад, азнавтақсимкуниро дар бар мегирад. Он чунин фаъолиятҳоро ба монанди кӯмаки иҷтимоӣ дар бар мегирад, ки боигариро аз як қисмати аҳолӣ ба қисмати дигар тақсим мекунад. На ҳамаи вазифаҳо, идоракунии мақомоти ҳокимияти миллӣ (марказӣ) ва ҳамчунин мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ. Истифодаи алтернативии истилоҳ бештар маҳдуд мебошад ва танҳо вогузор кардани салоҳиятҳоро барои вазифаҳои муайян аз мақомоти ҳокимияти миллӣ ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаро мегирад. Чунин истифодабарии истилоҳ гузариши салоҳиятҳоро дар дохили институти мазкури миллӣ истисно мекунад. Он дар маънии мазкур дар ин санад истифода мешавад.

<u>Хидматрасониҳои зерваколатӣ ва ҳатмӣ.</u> Истилоҳи мазкур дар чанде аз қонунҳои кишварҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ дучор мешавад. Он ба хидматрасониҳое дахл дорад, ки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд дар ҳар соли буҷетӣ маблағгузорӣ кунанд. Ба таври мисол, хароҷотҳои маҳаллӣ барои маориф мумкин аст ҳатмӣ бошанд, бо дарназардошти он, ки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд онҳоро ҳар сол ба буҷети худ дохил кунанд. Печдарпечӣ бо ин истилоҳ дар ҳолате сурат мегирад, ки вақте он бо дигар истилоҳот якҷо карда мешавад, ба монанди десентрализатсия ё деволютсия, ки сатҳи муайяни худмухтори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро ҳангоми қабули қарорҳо барои хидматрасониҳо дар назар доранд. Дар ин ҳолат, як истилоҳ ба истилоҳ дигар мухолиф аст. Дар санади мазкур истилоҳи «хидматрасониҳои зерваколатӣ» истифода намешавад.

Тағйирёбии ғайримуқаррарӣ дар истифодаи истилоҳ дар он ҳолатҳое дахл дорад, ки вақте ҳукумати миллӣ уҳдадориро ба мақомотҳои тобеъи ҳокимиятӣ давлатӣ барои иҷрои кадом як хидматрасонӣ вогузор мекунад, аммо молия барои ҷуброн кардани хароҷоти марбута таъмин намекунад. Ҳолати хос субсидияҳоеро дар бар мегирад, ки аз тарафи ҳукумати миллӣ ҷудо шудааст, ба монанди пардохти истифодаи об ё барои нақлиёт. Ҳукумати миллӣ ҳамаи параметрҳои субсидияҳоро муайян мекунад ва сипас ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои пардохти субсидияҳо аз ҳисоби буҷетҳои худ, бидуни пешниҳод кардани маблағҳои иловагӣ барои ҷуброн кардани хароҷотҳои марбута, амр

медиҳад. Онҳоро «мандатҳои маблағгузоринашуда» меноманд. Дар санади мазкур ин истилоҳ ба маънии маҳдуд истифода мешавад.

**15.3. Маблағгузории давлатии мақомоти маҳаллии давлатӣ.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ» принсипи ташкили молияи давлатиро муайян мекунад, ки яке аз онҳо принсипи мустақилияти буҷетҳо мебошад. Принсипи мустақилияти буҷетҳо барқарор кардани тақсимоти устувори воридшавиҳоро байни буҷетҳои сатҳҳои мухталиф ифода мекунад; ҳуқуқи ҳамаи сатҳҳои мақомоти давлатиро раванди буҷет мустақилона ва дар асоси муқаррароти Қонуни мазкур иҷро мекунад, роҳ надодан ба гирифтани даромадҳо, ки ба таври изофӣ дар рафти иҷрои буҷетҳои маҳаллӣ ба даст оварда шудаанд, бақияҳои маблағҳои буҷетии буҷетҳои маҳаллӣ дар буҷетҳои болоӣ, роҳ надодан ба гузоштани хароҷотҳои иловагӣ ба буҷетҳои поёнӣ бидуни ҷубронҳои мувофиқи онҳо.

Самаранокии ҳалли вазифа ва мақсадҳои давлатӣ дар сатҳи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз вогузории мантиқӣ ва дурусти вазифаҳо ба сатҳи мазкури идоракунӣ ва маблағгузории мувофиқи онҳо вобаста аст. Зарурат дар таъмини ҳукуматҳои маҳаллӣ бо захираҳои молиявии кофӣ принсипи асосии ғайримарказисозӣ мебошад. Дар амалия ва умуман, захираҳои молиявӣ ба ҳукуматҳои маҳаллӣ аз манбаъҳои мухталиф ворид мешаванд. Мо метавонем табақабандии зеринро истифода намоем.

Захираҳои молиявии хусусӣ, аз ҷумла:

- андозҳо ва пардохтҳои маҳаллӣ;
- қарз;
- дигар манбаъҳои маҳаллии маблағгузорӣ, ба монанди ҳадяҳо;
- ё фурӯши моликият;

Трансфертҳо, аз ҷумла:

- грантҳо;
- даромадҳои андози миллии ҷудошуда.

Масъалаҳои сиёсӣ ва техникие вуҷуд доранд, ки ба ҳамаи кишварҳо хос мебошанд. Кишварҳо кӯшиш менамоянд, ки роҳи беҳтарини маблағгузории системаҳои ҳукуматҳои маҳаллиро бо истифода аз мувофиқати ин се манбаъи мухталиф пайдо намоянд. Ҳар кишвар дорои сохтори мухталиф аст.

Баҳс ва гуфтугӯ дар мавриди захираҳои молиявии маҳаллӣ дар натиҷаи набудани якрангӣ дар истифодаи истилоҳоти асосӣ дар кишварҳои мухталиф душвор мегардад. Чунин печдарпечӣ ҳам дар адабиёт ва ҳам дар омор оид ба масъалаи захираҳои молиявии маҳаллӣ вуҷуд дорад. Роҳи соддаи ҳалли масъалаи мазкур вуҷуд надорад, ғайр аз ин, чӣ гуна донистани вуҷуд доштани масъала ва дар назар гирифтани онҳо ҳангоми истифодаи истилоҳот.

<u>Захираҳои «худӣ»</u>. Дар санадҳои ҳуқуқӣ, ҳисоботи таҳлилию оморӣ нисбат ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ истилоҳи мазкур ба маъниҳои мухталиф истифода мешавад. Аксари вақтҳо тафовут дар он аст, ки истилоҳи мазкур ё ба ҳамаи захираҳои молиявӣ дахл дорад, ки дар ҳукуматҳои маҳаллӣ вуҷуд доранд ва ё танҳо ба он захираҳое дахл дорад, ки ба онҳо раҳбарони интихобшудаи маҳаллӣ барои иваз кардани маблағи даромади аз манбаъи муайян воридшаванда салоҳиятҳои муайян доранд.

Вазъияти иқтисодии ноҳия аз сохтори даромадҳои худии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва аз сохтори муносибатҳои байнибуҷетӣ вобаста мебошад. Аз ин, системаи нисбатан такмилёфтаи арзёбии рушди ноҳияи мазкур бастагӣ дорад. Аз ҷумла, агар ҳиссаи субсидияҳо дар сохтори манбаъҳои маблағгузории ноҳия зиёд бошад, пас маълум аст, ки сатҳи ҳиссавии иштироки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ баланд мебошад ё новобаста аз субъект дар маблағгузории хароҷотҳои ҳадафмандона, яъне бо вазифаҳои муайян ва мувофиқашуда. Ва ҳамчунин баръакс, агар ҳиссаи маблағҳои

дотатсионӣ дар манбаъҳои маблағгузории хароҷотҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ зиёд бошад, пас ин шохиси имкониятҳои потенсиалии пасти ноҳия дар рушди худ мебошад.

«Андозҳои маҳаллӣ. Ин истилоҳи дигаре аст, ки аксари вақтҳо дар ҳисоботи ҳуқуқӣ, таҳлилӣ ва омории ҳукуматҳои маҳаллӣ ба маъниҳои мухталиф истифода мешавад. Тафовут дар истифодаи истилоҳ маъмулан ба ҳамон як маънӣ дахл дорад; ба монанди «захираҳои худӣ», ин сатҳи салоҳиятҳои маҳаллӣ барои тағйир додани меъёри андоз мебошад.

Пардохтҳо, боҷҳо аз истифодабарандагон ва таърифаҳо. Ҳамаи ин истилоҳоти мухталиф пардохтҳоро бар ивази хидматрасониҳо ифода менамоянд, ки ба як шахс ё ба ширкати пардохткунанда пешниҳод карда шудааст. Печдарпечӣ маъмулан ҳангоми истифодаи ин ё он истилоҳ барои дохил кардани истилоҳоти дигар ва дар вақти истифодаи ин ё он истилоҳ дар чорчӯбаи таҷрибаи муайяни кишвар ба вуҷуд меояд.

Дотатсияҳо, субсидияҳо, субвенсияҳо, трансфертҳо, грантҳо ва дигар даромадҳои тақсимшаванда. Ин истилоҳоти мухталиф барои тасвири он воситаҳои молиявие истифода мешаванд, ки ба ҳукуматҳои маҳаллӣ аз сохтори дигари давлатӣ, аз ҷумла ҳукумати марказӣ, ҳукуматҳои ноҳиявӣ (дар ҳолати кишварҳои дорои сохтори бисёрсатҳаи ҳукуматӣ) ё аз дигар ҳукуматҳои маҳаллӣ ҷудо шудаанд. Печдарпечӣ маъмулан ҳангоми истифодаи ин ё он истилоҳ барои дохил кардани истилоҳоти дигар ва дар вақти истифодаи ин ё он истилоҳ дар чорчӯбаи таҷрибаи муайяни кишвар ба вуҷуд меояд. Дар мавриди Тоҷикистон чунин масъала амалан вуҷуд надорад, зеро ин мафҳумҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ» бисёр возеҳ баён шудаанд.

**1. Саволҳо барои машғулиятҳои амалӣ:**

1. Шохисҳои асосии молиявӣ, ки вазъиятҳои макроиқтисодиро арзёбӣ мекунанд.
2. Манбаъҳои маблағгузории роҳҳои ҳалли мақсад ва вазифаҳои давлатиро дар сатҳи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мавриди бознигарӣ қарор диҳед.
3. Асоси ҳуқуқии принсипҳои муносибатҳои байнибуҷетӣ.
4. Кӯмаки молиявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ ба кадом шаклҳои ҳуқуқӣ иҷро карда мешаванд?
5. Манбаъҳои хусусии захираҳои молиявиро барои ҳал кардани мақсад ва вазифаҳои давлатӣ дар сатҳи маҳаллӣ номбар кунед?
6. Давраҳои раванди омодагӣ ва тасдиқи буҷети маҳаллиро муайян кунед?
7. Вазифаҳои миёнамуддат ва дарозмуддати рушди муносибатҳои байнибуҷетиро муайян кунед?

**2. Саволҳо ва тестҳои санҷишӣ:**

1. Вазъияти макроиқтисодӣ бо кадом истифодабарандагон арзёбӣ карда мешавад?
2. Таърифи мафҳуми ғайримутамарказисозии молиявиро пешниҳод кунед?
3. Муносибатҳои молиявии байнибуҷетӣ чӣ гуна муайян карда мешаванд?
4. Вазифаҳо ва салоҳиятҳои асосии мақомоти маҳаллии худидоракунӣ.
5. Муносибатҳои ҳуқуқии молиявӣ, хусусиятҳо ва навъҳои онҳо дар сатҳи маҳаллӣ.
6. Мундариҷаи асосии қонунҳо дар бораи маблағгузории давлатӣ ва буҷети давлатӣ.
7. Эътимоднокии буҷети давлатӣ аз чӣ вобаста мебошад?
    1. Аз пешбинии ҳадди ақал ва воқеии шохисҳои асосии макроиқтисодӣ.
    2. Аз вазифаҳои асосии мақомоти молиявии ҳокимияти давлатӣ.
    3. Аз ҳаҷми буҷети давлатӣ.
8. Сифати хидматрасониҳои ба аҳолӣ пешниҳодшавандаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро чӣ гуна метавон арзёбӣ кард?

1. Аз рӯи миқдори хидматрасониҳои пешниҳодшаванда аз ҷониби ҳамаи сатҳҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.
2. Аз рӯи соддагӣ ва дастрасии хидматрасониҳои ҳамаи сатҳҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои аҳолӣ.

9. Салоҳияти мақомоти маҳаллии худидоракунӣ тавассути кадом қонунҳо муайян карда мешаванд?
   1. Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон.
   2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи худидоракуниии маҳаллӣ ва хоҷагии маҳаллӣ».
   3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ».

10. Салоҳиятҳои молиявии мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ тавассути кадом қонун муайян карда мешавад?
   1. Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон.
   2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ»
   3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»

**3. Мавзӯҳои рефератҳо, презентатсияҳо:**

1. Самтҳои асосии такмили афзоиши иқтидори институтсионалии идоракунии молияи давлатӣ.
2. Бознигарии шохисҳои асосии макроиқтисодӣ дар сатҳи ноҳиявӣ (дар мисоли як ё якчанд ноҳияҳои ҷумҳурӣ).
3. Арзёбии шохисҳои асосии молиявӣ дар сатҳи маҳаллӣ.
4. Пешшартҳо ва самтҳои асосии ғайримутамаркзисозии молиявӣ.
5. Давраҳои асосии раванди омодагӣ ва тасдиқи буҷети маҳаллӣ.

4. **Рӯйхати адабиётҳои ҳатмии тавсияшаванда:**


1. Рушдӣ Инсонӣ. Курси лексияҳо. – Душанбе, 2012.
2. Колесов В.П.. Рушди инсонӣ: андозагирии нави пешрафти иҷтимоӣ-иқтисодӣ. Дастури таълимӣ, нашри 2, бо иловаҳо ва таҳрир. - М.: Ҳуқуқи инсон, 2008. – 636 с.
3. Ҳисоботҳои Миллӣ Рушдӣ Инсонӣ дар Тоҷикистон – 2010-2013.


**5. Рӯйхати адабиётҳои иловагии тавсияшаванда:**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ»
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»
3. Бонки миллӣ http://www.nbt.tj/


**Мавзӯи 16. Идоракунии Рушди Инсонӣ.**

**16.1. Масъалаҳои калидӣ ва алоқамандии байниҳамдигарӣ.**

**16.2. Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои идоракунии Рушди Устувори Инсонӣ.**

**16.1. Масъалаҳои калидӣ ва алоқамандии байниҳамдигарӣ.** Дар замонҳои охир саъю талошҳо барои бештар асосноккунии омили маркази мақоми инсон дар раванди рушд ба харҷ дода мешаванд. Масъалаҳои баробарҳуқуқӣ ва камбизоатӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ аз ҳама бештар муҳим шудаанд. Мафҳуми рушди инсон аз ҳудудҳои рӯйкардҳое, ки қаблан ҳукмфармо буданд ва дар онҳо алоқаҳои байни аҳолӣ ва рушд таъкид мегаштанд, берун рафтаанд. Мафҳуми нави рушди инсонӣ истеҳсолоту тақсимоти молҳо ва вусъатдиҳиву истифодаи иқтидори инсониро бо ҳам меорад. Ин мафҳум таҳлили

ҳамаи масъалаҳои рушди ҷамъият – хоҳ озодии сиёсӣ бошад хоҳ арзишҳои фарҳангӣ, афзоиши иқтисодӣ, шуғл ва тиҷоратро аз нуқтаи назари манфиатҳои инсон пешбинӣ менамояд. Яъне он вусъатёбии имкониятҳои интихоби инсонро ба ҳадаф мегирад ва ба таври баробар ҳам дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва ҳам дар кишварҳои саноаташон тараққикарда татбиқ мегардад.

Дар ҳисоботи рушди инсонии Барномаи рушди СММ ба пешрафти башар ва стратегияҳои миллии гуногуни истифодашаванда барои ноил гаштан ба накӯаҳволии инсон, баҳои глобалӣ дода шудааст.

Дар маҷрои тамоюлоти умумиҷаҳонӣ, дар таҳқиқоти мазкури марбут ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми идоракунии рушди инсонӣ баррасӣ мешавад, ки аҳамияти он пеш аз ҳама бо он муайян мешавад, ки аввалан тарансформатсияи низоми ҷамъиятӣ-иқтисодӣ ба таври бунёдӣ вазъи инсонро дар иқтисодиёт тағйир додаст. Сонияи, дар ин шароитҳо мушкилоти зиёде пайдо шуданд, ки бо онҳо дар марҳилаи ташаккулёбии муносибатҳои бозор бо танзими параметрҳои муҳимтарини рушди инсон алоқаманданд.

Чунин вазъ андешаронии ҳои назариявиро доир ба масаъалаҳои идоракунии рушди инсонӣ дар шароитҳои нави идоракунии иқтисодӣ тақозо менамояд.

Мушкилоти рушди инсон, камбизоатӣ ва нобаробариҳои иҷтимоӣ ҳамеша таваҷҷӯҳи ҷомеашиносон, файласуфон, иқтисодшиносон ва сиёсатмадоронро ҷалб месохт. То ба ҳол, корҳои Афлотун, Арасту, Руссо, Гегел, Лок ва дигарон воқеӣ мебошанд. Дар сотсиологияи ғарб П. Гуидичини, Ҷ.Перетти, А. Ди Лутсио, С. Лене, Б. Вилямс, Ҷ.Брейтвейт, К. Суббарао, О. Левис ва дигарон таҳиягарони он маҳсуб мешаванд. Ин муаллифон хусусиятҳои зуҳуроти камбизоатии мосир, сабабҳои он, таркиби иҷтимоӣ, миқёс ва таъсироти факр ба иқтидори зеҳнии миллатро таҳқиқ намудаанд.

Аз таҳлили  нашрияҳои имрӯзае, ки ба ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии рушди инсон бахшида шудаанд, аз ҷумла ба масъалаҳои камбизоатӣ, дар корҳои олимони рус ба монанди А. Р. Берывалд, С. Н. Быкова, В. Воронков, Л.Гордон, А.Ф.Зубкова, Б.Н.Казанцев, В.П.Любин, М.А.Можина, Ю.Г. Одегов, А.Подузов, Л.С.Ржаницына, Н.М.Римашевская, Г.Г.Руденко, В.С.Сычева, Э.Фомин, Н.В.Чернина, С.Ярошенко ва дигарон, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки бар асоси маводҳои аввалияи эмпирикӣ, онҳо ба таври назариявӣ ин проблемаро ҷиддӣ баррасӣ намудаанд, иттилооти ҷамъшуда системагузорӣ шудааст, аз лиҳози таърих, марҳалаҳои асосии ин масъала нишон дода шудаанд ва мафҳумҳову категорияҳои асосӣ дақиқ гаштаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷанбаҳои кишварии рушди инсонӣ дар корҳои илмии Д.С. Амонова, Р.М. Бобоҷонов, С.И. Исломов, С.Д. Комилов, М. Нурмахмадов, Р.К. Рахимов, Х.У. Умаров ва дигарон инъикос ёфтаанд.

Дар занҷираи ба ҳам алоқаманд ва печидаи табиӣ, инсон ҳамчун унсури ин система ҷой гирифтааст; он ба равандҳои табиӣ бо унсурҳои ба таври сунъӣ эҷодсохта дахолат менамояд, аммо вай ин равандҳоро танҳо метавонад то андозае танзим намояд.

Ҳамаи илмҳо доир ба инсон, яъне илмҳои ҷамъиятшиносӣ фаъолияти инсон, муносибати инсон бо ашё, инчунин робитаҳои байни одамонро меомӯзанд.

Инсонро тавсиф намуда, К. Маркс қайд карда буд: «Инсон мустақиман мавҷудоти табиат аст. Ба сифати мавҷудоти зиндаи табиат, вай …. дорои қувваҳои табиӣ, қувваҳои ҳаётӣ …. мебошад. Ин қувваҳо дар вай ҳамчун истеъдод ва қобилият, дар шакли майлу рағбат вуҷуд доранд»[39].

Дар ин зимн, табиати инсон дар вай ба таври иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Дар ин маънӣ вай биосотсиалӣ мебошад. Вале инсонро ҳамчун мувҷуди ҷамъиятӣ баррасӣ намуда, мо хусусиятҳои биологии онро сарфи назар карда, ба хусусиятҳои иҷтимоии вай аҳамият

[39] Маркс К. Дастнависҳои иқтисодӣ-фалсафӣ, с 1844.//Маркс К., Энгельс Ф. Осор. Ҷ.42. - С. 162-163.

медиҳем: «моҳияти «шахсияти махсус» на ришу хун ва ё табиати ҷисмонӣ, балки сифати иҷтимоиро ташкил менамояд...»[40].

Ба туфайли сифатҳои иҷтимоӣ инсон ҳамчун узви ҷомеа арзи ҳастӣ дорад, сифатҳои иҷтимоӣ моҳияти амиқи он мегарданд.

Талаботи инсон сарчашмаи самти фаъолияти вай мебошанд. Одамро тавсиф намуда истода, К. Маркс қайд намудааст, ки дар тафовут аз ҳайвонот, ки барои дигарон чизе истеҳсол карда наметавонанд, як одам «метавонад ашёи мавриди талаботи дигар одамро истеҳсол намояд ва ҳар як нафар бо дигаре ҳамчун соҳиби ашёи мавриди ниёзи дигарон муқобилият нишон медиҳад, - ҳамаи ин нишон медиҳад, ки ҳар як фард ба сифати инсон аз ҳудуди талаботи махсуси худ ва ғайраҳо берун меояд ва онҳо нисбат ба ҳамдигар ҳамчун бо одам муносибат менамоянд, моҳияти наслии умумии онҳоро ҳама дарк кардаанд»[41].

Дар назарияи Маслоу[42] ҳам омилҳои биогенӣ ва ҳам омилҳои иҷтимоӣ бо ҳам меоянд, ки онҳо дар сатҳҳои мушаххаси худ ҷой мегиранд. Бар замми ин, хусусиятҳои сатҳҳои номбаршуда ниҳоят бешакланд (аморфианд). Ин марбут ба он аст, ки Маслоу, ба монанди Мак Грӯгор ва Гертсберг, фардро аз системаи муносибатҳои иҷтимоӣ берун мекашад ва талаботи вайро сарфи назар аз мансубияти вай ба як ё дигар синф, ҳамчун постулат баён мекунад. Чунин саволҳо ба монанди «Чаро тадллаботи одамон аз сатҳ ба сатҳ боло мераванд?», «Кадом қувваҳо ба ин кор мусоидат менамоянд?» аз мадди назари Маслоу дур мемонанд.

Иқтисодшиноси олмонӣ Г. Госсен ду қонуни талаботро ифода намудааст: қонуни мусбатгароӣ, чунин аст, ки агар одам баъзе қаноатмандиҳоро доимӣ ҳис намояд, пас шиддати он талабот, ки дар ибтидо баланд аст, коҳиш меёбад ва ба сатҳи сифр мерасад. Қонуни такрор, ки он чунин ифода мешавад: дараҷаи шиддати такроршаванда - қаноатмандии одам ва муддати он бо суръате, ки такроран ба амал меояд, бо ҳамон суръат коҳиш меёбад.

Ба андешаи В.С.Автономов, дар соҳаи талабот, пешравии босифати баррасишаванда дар нақши одами иқтисодӣ чунин маъно дорад - «ҷаҳиши хос аз сатҳи талаботи мавҷудаи бозори молу хизматрасониҳо ба сатҳи «талаботи перспективӣ», ки пайдо шудани молу маҳсулот ва хадамоти навро дар назар дорад»[43].

Рушди инсонӣ ҷараёни васеъшавии имконоти интихобкунӣ мебошад. Дар асл, интихоб метавонад номаҳдуд бошад, аммо параметрҳои он бо мурури замон тағйир меёбанд. Вале дар ҳамаи сатҳҳои рушд, аз ҳама муҳимтаринаш барои инсон имконияти умри дарози солим доштан, аз худ намудани донишҳо ва дастрасӣ доштан ба захираҳо барои ба таври шоиста арзи ҳастӣ кардан аст. Бидуни он, бисёр имкониятҳои дигар амалӣ нашуда боқӣ мемонанд.

Аммо бо ин рушди инсон маҳдуд намешавад. Дигар имкониятҳое вуҷуд доранд, ки бисёриҳо онҳоро баланд арзиш мекунанд, шурӯъ аз имкониятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва озодиҳои умумӣ то шароитҳои мусоид барои эҷодиёт ва халлоқият, худэҳтиромкунӣ ва ҳуқуқҳои кафолат додашудаи инсон.

Мувофиқан метавон хулоса баровард, ки талаботи одам ҳад надорад, субъективист ва вобаста ба фарди мушаххаси баррасишаванда ва марҳалаҳои рушди ҷомеа тағйир меёбанд. Ҳаёти оянда дар шароити бозаргонӣ ба назар ниҳоят пурфишор, мураккаб ва пуршиддат ба назар мерасад. Дар баробари ин, чӣ тавр зинда мондан дар чунин шароит

[40] Маркс К. Ба интиқоди фалсафаи ҳуқуқи Гегел./ Маркс К., Энгельс Ф. Осор. Ҷ. 1 – С.242.

[41] Маркс К. Маҷмӯаи осор. Ҷ.46., қ. I. - С. 189.

[42] Moslow Л. Motivation and Personality. N.Y., 1954.

[43] Автономов В.С. Инсон дар оинаи назарияи иқтисодӣ - М.: «Наука», 1993. – С. 18.

масъалаи аввалдараҷа мегардад. Кӯшиш барои зиндагии беҳтаре, ки дар он одам тавонад то ҳадди имкон талаботи худро қонеъ созад, дуюмдараҷа мегардад. Афзоиши доимии талаботи инсон, аз як тараф маҳдуд будани воситаҳои дар ихтиёри инсонбуда барои қаноатманд шудани вай аст, аз тарафи дигар, он имкон медиҳад то мӯҳтавои фаъолияти иқтисодии вай муайян гардад.

**16.2. Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои идоракунии Рушди Устувори Инсонӣ.** Ба умумитарин аломатҳои ҳадафии рушди устувор дохил мешаванд: сифати зиндагӣ, сатҳи рушди иқтисодӣ, субботи экологӣ.

Феълан барои муайян намудани меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои идоракунии рушди устувор ва рушди устувори инсонӣ тарзҳои гуногун вуҷуд доранд. Онҳо метавонанд асос дошта бошанд бар: сифати зиндагии итнсон; тафриқаи устувории заиф ва қавӣ; таснифи захираҳо ва олудагиҳои табиӣ; нишондодҳои зарфияти табиат ва динамикаи онҳо дар вақт ва ғ.

Муҳимтарин меъёри идоракунии рушди устувор ва рушди устувори инсон идоракукнии сифати зиндагӣ мебошад. Дар байни нишондиҳандаҳои асосии идоракунии сифати зиндагӣ механизмҳои идоракунии нишондодҳои зерин таъкид мешаванд:

• тӯли умри одам (интизорраванда ҳангоми таваллуд ва воқеӣ);
• вазъи саломатии одам;
• инҳирофи вазъияти муҳити зист аз меъёрҳо;
• сатҳи донишҳо ё малакаҳои таҳсилӣ;
• даромад;
• сатҳи шуғл;
• сатҳи амалигардонии ҳуқуқи инсон.

Дар шакли умумитарин, идоракунии рушди устуворро дар вақт бо назардошти параметрҳои асосӣ метавон дар намуди зерин тасаввур намуд[44]:

$$Ft (L, K, P, I) = Ft+1 (L, K, P, I), \quad (1)$$

ки дар ин ҷо Ft (L, K, P, I) – функсияи рушди устувор аст;
L – захираҳои меҳнатӣ;
K – капитали ҷисмонӣ/сунъӣ;
P – захираҳои табиӣ;
I – омили институтсионалӣ;
$t < 0$.

То андозаи муайян, функсияи рушди устувор дар (1) «вусъати» функсияи истеҳсолӣ мебошад. Вале параметрҳои (бузургиҳои) нави воридшуда принсипиалӣ мебошанд: онҳо захираҳои табиӣ ва омили институтсионалиянд.

Таносуби (1) зарурати нигаҳдорӣ ва зиёд карданро нишон медиҳад, яъне дар фазои вақт идоракунии баъзе иқтидори истеҳсолоти маҷмӯиро, ки асосан аз тариқи се намуди капитал муайян мешаванд. Ин муҳимтарин меъёри идоракунии рушди устувор аст.

Дар ин ҷо, капитали табиӣ то дараҷае метавонад коҳиш ёбад, ки ин коҳишёбӣ аз ҳисоби афзоиши истифодаи воситаҳои истеҳсолии ба таври сунъӣ эҷодшуда (истеҳсолот, технолгогияҳо, роҳҳо ва ғ.) ҷуброн гардад.

Дар бисёр ҳолатҳо омили институтсионалӣ аз баррасӣ истисно карда мешавад, аммо барои идоракунии рушди устувор ин таркиб ниҳоят муҳим аст. Урфу одатҳои фарҳангӣ, дин, ниҳодҳои хусусӣ ва ғайраҳо ба интихоби сиёсати экологию иқтисодӣ таъсири бузург мерасонанд. Масалн, дар баъзе кишварҳои шарқӣ об мӯъҷизаи худодод ҳисоб меравад ва

---

[44] Колесов В.П. Рушди инсонӣ: андозагирии нави пешрафти иҷтимоӣ-иқтисодӣ. Дастури таълимӣ, нашри 2, бо илова ва таҳрир. - М.: Ҳуқуқи башар, 2008. - 636 с.

ба ҳамин хотир муайян намудани қиммат ва пардохти маблағ барои истифодаи он мумкин нест, яъне он абзорҳои иқтисодиеро, ки барои истифодаи оқилонаи табиат заруранд, ҷорӣ намудан мумкин нест. Дин ба қолабҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ таъсири калон дорад. Аз як ҷониб дини протестантӣ бо авлавиятҳои рафтори инфиродӣ, соҳибкории фаъол ва фоидаҳои имрӯза вуҷуд дорад. Аз ҷониби дигар бутпарастӣ бо таъомил, пайванди вақтҳо ва наздикӣ бо табиат вуҷуд дорад. Ҳамаи ин, бидуни шарт дар ҳамаи кишварҳо ташаккулёбии навъи рушди устуворро ҳангоми нигаҳдории принсипҳои умумӣ ба таври кофӣ инфиродӣ месозад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ дар соҳаи коркарди нишондиҳандаҳои рушди устувор ва идоракунии ин раванд нишон медиҳад, ки барои бунёди онҳо ду тарз вуҷуд дорад:

1) **Бунёди системаи нишондиҳандаҳо (индикаторҳо),** ки ҳар кадоми онҳо ҷанбаҳои ҷудогонаи рушди устуворро инъикос менамоянд. Бисёрии вақтҳо дар чорчӯбаи системаи умумӣ зерсистемаҳои зерини нишондиҳандаҳо ҷудо карда мешавад:

- экологӣ
- иқтисодӣ
- иҷтимоӣ,
- ниҳодӣ.

2) бунёди **нишондиҳандаи интегралӣ, маҷмӯӣ,** ки дар асоси он метавон доир ба дараҷаи рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ хулоса кард. Ҷамъбасткунӣ маъмулан дар асоси се гурӯҳи нишондиҳандаҳо сурат мегирад:

- o иҷтимоӣ-иқтисодӣ,
- o экологӣ-иҷтимоӣ-иқтисодӣ,
- o экологӣ.

Системаи нишондиҳандаҳои (индикаторҳои) аз ҷониби Комиссияи СММ доир ба рушди устувор таҳияшуда.

Яке аз системаҳои нишондиҳандаҳои аз лиҳози фарогирӣ комилтарини таҳияшуда аз ҷониби Комиссияи СММ доир ба рушди устувор.

Нишондиҳандаҳо ба гурӯҳҳои асосӣ тақсим шудаанд:

- нишондиҳандаҳои ҷанбаҳои иҷтимоии рушди устувор,
- нишондиҳандаҳои ҷанбаҳои иқтисодии рушди устувор,
- нишондиҳандаҳои ҷанбаҳои экологии рушди устувор (бо шумули хусусиятҳои об, хушкӣ, атмосфера, дигар захираҳои табиӣ ва партовҳо),
- нишондиҳандаҳои ҷанбаҳои институтсионалии рушди устувор (барномарезӣ ва банақшагирии сиёсат, нақшаҳои илмӣ, санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ироаи иттилоот, тақвияти нақши гурӯҳҳои асосии аҳолӣ).

Нишондиҳандаҳои пешниҳодшуда табодуллоти махсус, мутобиқгардонӣ ба шароитҳои мушаххас ва дар баъзе ҳолатҳо барои баъзе кишварҳо тавсеаро талаб менамоянд.

Нишондиҳандаҳо бо назардошти самтҳои ҳадаф ба се категория тақсим шудаанд:

- нишондиҳандаҳо - қувваи ҳаракаткунанда, тавсифкунандаи фаъолияти инсон, равандҳо ва хусусиятҳое, ки ба рушди устувор таъсир менамоянд;
- нишондиҳандаҳои ҳолат, тавсифкунандаи ҳолати кунунии ҷанбаҳои мухталифи рушди устувор;
- нишондиҳандаҳои акскуламал, ки ба нишон додани аксуламали сиёсӣ ё дигар тарзи вокуниш барои тағйир додани ҳолати кунунӣ имкон медиҳанд.

Интихоби нишондиҳандаҳо дар ибтидо аз рӯи схемаи Созмонҳои кишварҳои ҳамкорӣ ва рушди иқтисодӣ сурат мегирифт, ки дар он 4 намуди нишондиҳандаҳо нишон дода мешуданд: фишор (ба муҳити зист), ҳолат (муҳити зист), таъсир (ба муҳити зист), аксуламал (тадбирҳои лозимӣ). Рӯйхати ниҳоӣ аз 134 нишондиҳанда иборат буд.

Мубоҳисаҳо ва лоиҳаҳои озмоишӣ нишон доданд, ки рӯйхат ниҳоят дароз аст ва корро доир ба баҳодиҳӣ ва таҳлил дар сатҳи миллӣ мураккаб менамояд. Қисман аз схемаи нишондиҳандаҳо аз рӯи намудҳояшон ба нафъи схемаи «мавзӯ – зермавзӯ – нишондиҳанда» (Indicators of Sustainable Development, UN, 2001) даст кашида шуд. Нисбат ба ҳар як соҳа мавзӯҳои калидӣ муайян карда мешаванд, ки онҳо ба зермавзӯҳо тафсил шуда, баъдан маҷмӯи минималии нишондиҳандаҳо ҳосил мешавад. Таъкиди асосӣ ба имконияти қабули тасмимҳои сиёсӣ карда шуд. Дар соҳаи иқтисодиёт ду мавзӯ: сохтори иқтисодӣ ва истеҳсол-истеъмол. Сохтори иқтисодиро се зермавзӯ намояндагӣ менамояд: иқтисодиёт, савдо, молия. Истеҳсол ва истеъмол 4 зермавзӯро дар бар мегирад: истеъмоли захираҳои моддӣ, истеъмоли энергия, пайдоиш ва нобудсозии партовҳо, нақлиёт. Рӯйхати нишондиҳандаҳо кӯтоҳ аст:

- ММД ба ҳар нафар аҳолӣ,
- ҳаҷми инвеститсияҳо, бо % аз ММД,
- тавозуни тиҷоратӣ дар молу хизматрасониҳо,
- ҳаҷми қарз, бо % аз ММД,
- қабул намудан ё пешниҳод кардани кӯмак, бо % аз ММД,
- 4 нишондиҳанда доир ба мавод ва шиддати энергия,
- 4 нишондиҳанда доир ба партовҳо,
- истифодаи нақлиёт.

Рӯйхати минималии нишондиҳандаҳои асосӣ ба кишварҳо барои санҷиш ва таҳияи барномаҳои миллӣ пешниҳод мегардад.

**1. Саволҳо барои машғулиятҳои амалӣ:**

1. Асосҳои консептуалии рушди инсонӣ.
2. Таҳавуллот ва назми (қонунияти) рушди инсон.
3. Рушди инсонӣ дар чорчӯбаи стратегияи рушд.
4. Андозагирии самарабахшии идоракунии рушди инсонӣ.
5. Моҳияти рушди инсонӣ ва ташкилдиҳии категорияҳои рушди инсонӣ.
6. Меъёрҳои идоракунии рушди устувори инсонӣ.

**2. Саволҳо ва тестҳои санҷишӣ:**

1. Мафҳуми рушди инсониро таъриф диҳед. Моҳияти он аз чӣ иборат аст?
2. Таҳти мафҳуми рушди устувори инсонӣ чӣ фаҳмида мешавад?
3. Ба таври мухтасар назарияи пеш аз мафҳуми рушди инсонӣ вуҷуддоштаро фаҳмонед.
4. Мундариҷаи меъёрҳои асосии рушди инсониро изҳор намоед.
5. Мундариҷаи нишондиҳандаҳои асосии рушди инсониро номбар намоед.
6. Хусусиятҳои компонентҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди устувор кадомҳоянд?
7. Нишондиҳандаҳои рушди устувор чиянд ва онҳо барои чӣ лозиманд?
8. Компонентҳои асосии (3) рушди устувор бо ҳамдигар пайвастагии зич доранд. Ҷавобҳои дурустро қайд кунед:

   1. Мубориза бо факр 2. Адолати иҷтимоӣ 3. Рушди иқтисодӣ
   4. Сифати баланди муҳити зист 5. Мушкилиҳои истифодаи муассири захираҳо.
9. Варианти бештар дақиқи тарҷумаи ибора аз забони англисӣ «Sustainable Development». Ҷавобҳои дурустро қайд намоед:

   1. Рушди нигаҳдоришаванда 2.Рушди бардавом, тӯлонӣ ва доимӣ

3. Рушди устувор муҳофизатшаванда 4. Рушди худкифо 5. Рушди тақвиятшаванда, 6. Рушди ҳамеша нигаҳдоришаванда (ҳамчун раванди идорашаванда) 7. Рушди ноосферӣ.

**3. Мавзӯҳои рефератҳо, презентатсияҳо:**

1. Инсон дар чорчӯбаи рушди устувори инсонӣ.
17. Рушди инсонӣ дар чорчӯбаи рушди устувор.
18. Моҳияти рушди инсонӣ ва ташкилдиҳии категорияҳои рушди инсонӣ.
19. Афзоиши иқтисодӣ ва рушди инсонӣ.
20. Саволҳои асосӣ ва робитаҳои мутақобилаи идоракунии рушди инсонӣ.
21. Зарурати идоракунии рушди устувори инсонӣ.
22. Системаи нишондиҳандаҳои идоракунии рушди устувори инсонӣ.

4. **Рӯйхати адабиётҳои ҳатмии тавсияшаванда:**

1. Бобылев С. Н., Гирусов Э. В., Перелет Р. А. Иқтисодиёти рушди устувор. Дастури таълимӣ. – Москва, 2004. – 303 с.
2. Миркин Б. М., Наумова Л. Г. Рушди устувор. Дастури таълимӣ. – Уфа: РИЦ Баш ГУ, 2009. – 148 с.
3. Колесов В.П.. Рушди инсонӣ: андозагирии нави пешрафти иҷтимоӣ-иқтисодӣ. Дастури таълимӣ, нашри 2, бо иловаҳо ва таҳрир. - М.: Ҳуқуқи инсон, 2008. – 636 с.
4. Асосҳои рушди устувор: Дастури таълимӣ/таҳти таҳрири доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Л. Г. Мельник. – Сумы: ИТД «Университетская книга», 2005. – 654 с.

**5. Рӯйхати адабиётҳои иловагии тавсияшаванда:**

1. Тарасова Н. П., Кручина Е. Б. Индексҳо ва нишондиҳандаҳои рушди устувор. // Маводҳои конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи «Рушди устувор: табиат – ҷомеа - инсон». Ҷилди 1. – М., 2006.
2. Ананд С. ва Сен. А. (1994 г.) «Индекси Рушди инсонӣ: Методология ва Андозагирӣ», Occasional Papers, Ню Йорк: Дафтари таҳияи ҳисобот оид ба Рушди инсонӣ.
3. Ҳисобот оид ба рушди инсонӣ барои солҳои 1990 – 2007, БРСММ.
4. Фостер Ҷ, Лопез-Калва Л. ва Сзекели М. (2003 г.) «Андозагирии тақсимоти рушди инсонӣ: Методика ва татбиқ дар Мексика», санадҳои ёрирасон барои ҳисоботи аввали рушди инсонӣ дар Мексика.
5. Эмз Ҷ. ва Хан Т. (2001 г.) «Андозагирии рушд – Индекси Пешрафти инсон», A Frazer Institute Occasional Paper, Public Policy Sources #36.